# Даҳ гуфтор

*Муртазо Мутаҳҳарӣ*

**Баргардон ва таҳия аз:**

***Сайидюнуси Истаравшанӣ***

# Феҳрист


**Тақво (1) .......... 6**

Луғати тақво .......... 6

Тарс аз Худо .......... 9

Маъно ва ҳақиқати тақво .......... 10

Иҷбори амалӣ .......... 12

Тақво дар “Наҳҷул-балоға” .......... 12

Тақво ва озодӣ .......... 14

Маҳдудият ё масуният .......... 15

Ҳиросати тақво .......... 17

Арзиш ва асари тақво .......... 18

Тақво ва беҳдошт .......... 21

**Тақво (2) .......... 23**

Ду асари бузурги тақво .......... 23

Тақво ва равшанбини .......... 23

Тақво ва ҳикмати амалӣ .......... 27

Душмани душманони ақл .......... 29

Рози таъсири тақво дар равшанбинӣ .......... 29

Оё ҳуш ғайр аз ақл аст? .......... 33

Тақво ва талтифи эҳсосот .......... 34

Тақво ва нерӯи пирӯзӣ бар шадоид .......... 35

Ду навъ мазиқа ва тангно .......... 35

**Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар .......... 41**

Масоиле, ки фуқаҳо тарҳ мекунанд .......... 41

Ҳисба ва эҳтисоб дар таърихи ислом .......... 43

Қаламрави доираи эҳтисоб .......... 45

Амр ба маъруф, хориҷ аз доираи эҳтисоб .......... 46

Қадосат ва эҳтироми эҳтисоб .......... 46

Сиъаи назариёти ислоҳии мусалмонон дар гузашта .......... 46

Тавсия ва таъкиди ислом .......... 47

Иллати бетафовутии мардум дар ислоҳот .......... 48

Вазъи амр ба маъруф дар давраҳои ахир .......... 49

Асли фаромӯшшуда .......... 49

Асли “панд ё банд“ .......... 50

Роҳи ихлос ва амал .......... 51

Интизори беш аз ҳадд аз забон ва гӯш .......... 53
Амали ҷамъӣ ва гурӯҳӣ .......... 54
Мантиқ ё таъаббуд? .......... 54
**Асли иҷтиҳод дар ислом .......... 59**
Иҷтиҳод чист? .......... 59
Иҷтиҳоди мамнӯъ .......... 59
Иҷтиҳоди машрӯъ .......... 62
Пайдоиши ахборигарӣ дар шиъа .......... 64
Мубориза бо ахборигарӣ .......... 65
Як намуна аз ду тарзи тафаккур .......... 67
Тақлиди мамнӯъ .......... 68
Ҳадиси Имом Содиқ (а) дар бораи тақлиди мамнӯъ .......... 69
Андешаи авоммонаи куррият ва эътисоми уламо .......... 71
Тақлиди машрӯъ .......... 72
Чаро тақлиди майит ҷоиз нест? .......... 73
Таъсири ҷаҳонбинии фақеҳ дар фатвоҳояш .......... 75
Идроки заруратҳо .......... 76
Як пешниҳоди муҳим .......... 76
Тақсими кори тахассусӣ дар улум .......... 77
Такомули ҳазорсолаи фиқҳ .......... 77
Шӯрои фиқҳӣ .......... 78
**Эҳёи фикри динӣ .......... 81**
Фарзияи “ҳар сад сол як муҷаддиди дин“ .......... 84
Таҷдид дар ҳар ҳазор сол .......... 87
Инҳитоти мусалмонон дар асри ҳозир .......... 89
Имтиёзи шиъа аз мурҷиъа .......... 91
**Фаризаи илм .......... 95**
Вазъи милали мусалмон .......... 96
Иллатҳои матрук мондани фармони ислом .......... 102
Кадом илм? .......... 103
Фаризаи таҳайюъӣ .......... 103
Асли истиқлол ва иззати ҷомеаи исломӣ .......... 104
Илм, пояи иззатҳо ва истиқлолҳо .......... 105
Фаризаи илм, мифтоҳи соири фароиз .......... 105
Натиҷа .......... 105
Улуми динӣ ва улуми ғайридинӣ .......... 105

Таҳсили зан ........ 107
Гуноҳкор кист? ........ 109
Ҷиҳоди муқаддас ........ 110
Чу илм омӯхтӣ… ........ 110
Муборизаи инсон бо ҷаҳл ........ 112
Мусобиқа дар хидмат ва хайр ........ 114
Раҳбарии насли ҷавон ........ 118
Ду навъ масъулият ........ 118
Нисбият ва муваққат будани василаҳо ........ 120
Иллати ихтилофи мӯъҷизоти пайғамбарон ........ 122
Равиши паёмбарона ........ 123
Беҳтарин шогирдон ........ 124
Насли ҷавон ё андешаи ҷавон? ........ 126
Олими замони хештан бош ........ 127
Чӣ бояд кард? ........ 128
Намунаи ду насл ........ 129
Насли ҷавони имрӯз ........ 131
Дарди ин наслро бояд дарк кард ........ 132
Иллатҳои гароиш ба мактабҳои илҳодӣ ........ 134
Нишонаи рушди фикрӣ ........ 135
Қуръон ва маҳҷурияти он ........ 135
**Хитоба ва минбар (1) ........ 138**
Пайванди хитоба бо ислом ........ 138
Таъсири ислом дар таҳаввул ва такомули хитоба ........ 139
Хитоба дар матни дин ........ 140
Намози ҷумъа ........ 141
Манзури аслӣ аз иҷтимоъи ҷумъа ........ 142
Муҳтавои хитобаҳои ҷумъа ........ 143
Ривояти имоми ҳаштум дар бораи хутбаи ҷумъа ........ 144
Мавъиза дар ислом ........ 146
Чаро дар миёни мо мавъиза аз хитоба роиҷтар аст? ........ 147
Ваъз ва хитоба дар “Наҳҷул-балоға” ........ 147
Хитобаҳои ҳусайнӣ ........ 149
**Хитоба ва минбар (2) ........ 151**
Пайванди хитоба дар шиъа бо ҳодисаи Ошуро ........ 151
Зарурати ислоҳи вазъи марсияхонӣ ........ 158

Зарурати ислоҳи амр ба маъруфҳо........................................................................................159
Вазоифи хатиб ........................................................................................................................159
Мавъиза ..................................................................................................................................160
Огоҳии динӣ ва огоҳии иҷтимоӣ.............................................................................................161
Ҳидоят яъне чӣ? ....................................................................................................................161
Ихлос .....................................................................................................................................163
Даллолии шахсиятҳо..............................................................................................................164
Мизоҷгӯӣ................................................................................................................................165
Хатиб бояд мардумро дар ҷараёни вақойеъ бигузорад .........................................................166
Фоҷеаи Андалус......................................................................................................................167
Бародарони мусалмон дар нуқоти мухталифи ҷаҳон..............................................................168
Хатиб, сухангӯи ислом.............................................................................................................168
**Мушкили асосӣ дар созмони руҳоният ..................................................................... 170**
Алоқа ва масъулият.................................................................................................................170
Решаи аслӣ.............................................................................................................................171
Созмон ва низоми солеҳ..........................................................................................................172
Имтиёзҳои ҳавзаҳои улумии динии мо ...................................................................................173
Навоқис .................................................................................................................................176
Масъалаи будҷа .....................................................................................................................177
Тамаркуз ва қудрат ................................................................................................................179
Нуқтаи қувват ва нуқтаи заъф ................................................................................................180
Руҳонияти шиъа ва руҳонияти суннӣ.......................................................................................181
Қудрат ва ҳуррият...................................................................................................................182
Авомзадагӣ ............................................................................................................................182
Роҳи ислоҳ..............................................................................................................................185
Маъишат ...............................................................................................................................187
Асари имон ва тақво ..............................................................................................................188
Арзиши назму низому созмон .................................................................................................188
Ваъз ва таблиғ.........................................................................................................................189
Ҳушдор ва инзор ...................................................................................................................190
Умед ва интизор......................................................................................................................192

# بسم الله الرحمن الرحيم

## Тақво (1)

بسم الله الرحمن الرحيم

أَفَمَنْ أَسَّسَ بُنْيَانَهُ عَلَى تَقْوَى مِنَ اللَّهِ وَرِضْوَانٍ خَيْرٌ أَمْ مَنْ أَسَّسَ بُنْيَانَهُ عَلَى شَفَا جُرُفٍ هَارٍ فَانْهَارَ بِهِ فِي نَارِ جَهَنَّمَ وَاللَّهُ لَا يَهْدِي الْقَوْمَ الظَّالِمِينَ

(*Сураи Тавба, ояти 109*) "*Оё он кас, ки бинои худро бар асоси тақвои аз Худо ва хушнудии ӯ ниҳода беҳтар аст ё он ки бинои худро бар лабаи партгоҳи, ки наздики фурӯ рехтан аст ниҳода, ки дар ин сурат вайро дар оташ дӯзах меафканад? Ва Худованд гуруҳи ситамгаронро ҳидоят намекунад.*"

Мавзӯъи сухан, тақво аз назари ислом аст. Вазъи ин ҷаласа, ки қарор аст феълан дар ҳар моҳ як бор ташкил шавад, барои эроди як суханронӣ ба маънои фаннӣ нест, балки ҳадафи ин ҷаласот таҳқиқ ва мутолеаи ҷиддӣ дар атрофи як силсила мавзӯъоти динӣ аст. Бинобар ин агар аҳёнан аз маросими оддӣ дар суханрониҳои маъмулӣ хориҷ шудем, аз вазъе, ки худамон тасмим гирифтаем, хориҷ нашудаем. Масалан, мумкин аст эҳтиёҷ пайдо кунем дар васати суханронӣ қисматҳоеро аз рӯйи китоб бихонем. Ва ё он ки дар як суханронӣ бар ҳасби мутолеоте, ки кардаем, матлаберо бигӯем ва баъд дар асари мутолеаи бештар ва ё тазаккури дигарон, дар як суханронии дигар бо камоли сароҳат ба иштибоҳи худамон эътироф кунем ва сухани аввали худро рад кунем. Ва мумкин аст ин корро як нафари дигар, ки дар ҳамон мавзӯъ суханронӣ мекунад, анҷом диҳад ва бо далелу мантиқ сухани моро рад кунад. Чун қаблан суханрони мавзӯъ суханронии худро эълом карда, ночор аст худро ҳатталимкон омода кунад. Ва шунавандагон низ аз аввал медонанд, ки чӣ мавзӯеро мехоҳанд гӯш кунанд. Онҳо ҳам ба навбаи худ, худро омодаи шунидани як мавзӯъ муайян мекунанд. Ва аз ин рӯ ифода ва истифодаи бештаре мешавад.

## Луғати тақво

Ин калима аз калимоти шойеъ ва роиҷи динӣ аст. Дар Қуръони Карим ба сурати исмӣ ва ё ба сурати феълӣ зиёд омадааст. Тақрибан ба ҳамон андоза, ки аз имон ва амал ном бурда шуда ва ё намоз ва закот омада ва беш аз он миқдор, ки масалан номи рӯза зикр шуда, аз тақво исм бурда шудааст.

Дар “Наҳҷул-балоға” аз ҷумла калимоте, ки зиёд рӯйи онҳо такя шуда, калимаи тақво аст. Дар “Наҳҷул-балоға” хутбае ҳаст тӯлонӣ ба номи “Хутбаи Муттақин” (Хутбаи Паҳезгорон). Ин хутбаро амирулмӯъминин дар ҷавоби тақозои касе эрод кард, ки аз ӯ хоста буд тавсифи муҷассамкунандае аз муттақиён (парҳезгорон) бикунад. Имом ибтидо худдорӣ кард ва ба зикри се-чаҳор ҷумла иктифо фармуд, вале он шахс, ки номаш Ҳаммом ибни Шурайҳ буд ва марде мустаъид ва барафрӯхта буд, қонеъ нашуд ва дар тақозои худ исрор ва симоҷат кард.

Амирулмӯъминин (а) шурӯъ ба сухан кард ва бо баёни беш аз сад сифат ва тарсими беш аз сад расм аз хусусиёти маънавӣ ва мушаххасоти фикрӣ ва ахлоқӣ ва амалии муттақиён суханро ба поён расонид. Муаррихин навиштаанд, ки поён ёфтани сухани Алӣ ҳамон буд ва қолаб тиҳӣ кардани[1] Ҳаммом баъд аз як фарёд ҳамон.

Мақсуд ин аст, ки ин калима аз калимоти шойеъ ва роиҷи динӣ аст. Дар миёни оммаи мардум ҳам ин калима зиёд истеъмол мешавад. Ин калима аз моддаи:

وقى

— (вақо) аст, ки ба маънои ҳифз ва сиёнат ва нигаҳдорӣ аст.

Маънои:

اتقاء

— (иттиқоъ) эҳтифоз аст. Вале то кунун дида нашуда, ки дар тарҷумаҳои форсӣ ин калимаро ба сурати ҳифз ва нигаҳдорӣ тарҷума кунанд. Дар тарҷумаҳои форсӣ, агар ин калима ба сурати исмӣ истеъмол шавад, мисли худи калимаи” тақво” ва ё калимаи” муттақин” ба парҳезкорӣ тарҷума мешавад. Масалан, дар тарҷумаи:

هدى للمتقين

— гуфта мешавад: ҳидоят аст барои парҳезкорон. Ва агар ба сурати феълӣ истеъмол шавад хусусан агар феъли амр бошад ва мутаъаллақаш зикр шавад, ба маънои хавф ва тарс тарҷума мешавад. Масалан, дар тарҷумаи:

اتقوا الله

— ё:

اتقوا النار

— гуфта мешавад: аз Худо битарсед! Албатта касе муддаъӣ нашуда, ки маънои ”тақво” тарс ё парҳез ва иҷтиноб аст, балки чун дида шуда лозимаи сиёнати худ аз чизе, тарк ва

[1] *Қолаб тиҳӣ кардан: киноя аз мурдан ва бехуд шудан.*

парҳез аст ва ҳамчунин ғолибан сиёнат ва ҳифзи нафс аз умуре, мулозим аст бо тарс аз он умур, чунин тасаввур шуда, ки ин модда маҷозан дар баъзе маворид ба маънои парҳез ва дар баъзе мавориди дигар ба маънои хавф ва тарс истеъмол шудааст.

Ва албатта ҳеч монеъе ҳам дар кор нест, ки ин калима маҷозан ба маънои парҳез ва ё ба маънои хавф истеъмол бишавад, аммо аз тарафи дигар мӯҷиб ва далеле ҳам нест, ки таъйид кунад, ки аз ин калима як маънои маҷозӣ масалан тарс ё парҳез қасд шуда.

Чӣ мӯҷибе ҳаст, ки бигӯем, маънои:

اتقوا الله

— ин аст, ки аз Худо битарсед ва маънои:

اتقوا النار

— ин аст, ки аз оташ битарсед?! Балки маънои ин гуна ҷумлаҳо ин аст, ки худро аз газанди оташ ҳифз кунед ва ё худро аз газанди кайфари илоҳӣ маҳфуз бидоред.

Бинобар ин, тарҷумаи саҳеҳи калимаи тақво "худнигаҳдорӣ" аст, ки ҳамон забти нафс аст ва муттақин яъне "худнигаҳдорон". Роғиб дар китоби" муфрадотул-Қуръон" мегӯяд:

الوقاية حفظ الشيء مما يؤذيه، والتقوى جعل النفس في وقاية مما يخاف، هذا تحقيقه، ثم يسمى الخوف تارة تقوى والتقوى خوفا، حسب تسمية مقتضى الشيء بمقتضيه والمقتضي بمقتضاه، و صار التقوى في عُرف الشرع حفظ النفس مما يوثم وذلک بترک المحظور

Яъне: "*Виқоя иборат аст аз муҳофизати як чизе аз ҳар чи ба ӯ зиён мерасонад. Ва тақво яъне нафсро дар виқоя қарор додан аз он чи бим меравад. Таҳқиқи матлаб ин аст. Аммо гоҳе ба қоидаи истеъмоли лафзи мусаббиб дар мавриди сабаб ва истеъмоли лафзи сабаб дар мавриди мусаббиб, хавф ба ҷойи тақво ва тақво ба ҷойи хавф истеъмол мегардад. Тақво дар урфи шаръ яъне нигаҳдории нафс аз он чи инсонро ба гуноҳ мекашонад ба ин ки мамнӯъот ва муҳаррамотро тарк кунад*."

Роғиб сареҳан мегӯяд, тақво яъне худро маҳфуз нигоҳ доштан ва мегӯяд, истеъмоли калимаи тақво ба маънои хавф, маҷоз аст ва албатта тасреҳ намекунад, ки дар мисли:

اتقوا الله

— маънои маҷозӣ қасд шуда ва чунонки гуфтем, далеле нест, ки таъйид кунад дар мисли он ҷумлаҳо маҷозе ба кор рафтааст.

Чизе, ки нисбатан аҷиб ба назар мерасад, тарҷумаи форсии ин калима ба "парҳезгорӣ" аст. Дида нашуда то кунун аҳаде аз аҳли луғат муддаъӣ шуда бошад, ки ин калима ба ин маъно ҳам истеъмол шуда, чунонки дидем Роғиб аз истеъмоли ин калима ба маънои хавф

исм бурд, вале аз истеъмоли ин калима ба маънои парҳез ном набурд. Маълум нест аз кучо ва чӣ вақт ва ба чӣ ҷиҳат дар тарҷумаҳои форсӣ, ин калима ба маънои парҳезкорӣ тарҷума шудааст? Гумон мекунам, ки танҳо форсизабонон ҳастанд, ки аз ин калима мафҳуми парҳез ва ичтиноб дарк мекунанд. Ҳеч арабизабоне дар қадим ё чадид ин мафҳумро аз ин калима дарк намекунад. Шак нест, ки дар амал лозимаи тақво ва сиёнати нафс нисбат ба чизе, тарк ва ичтиноб аз он чиз аст, аммо на ин аст, ки маънои тақво ҳамон тарк ва парҳез ва ичтиноб бошад.

## Тарс аз Худо

Зимнан ба муносибати ин ки аз хавфи Худо зикре ба миён омад, ин нуктаро ёдоварӣ кунам: мумкин аст ин суол барои баъзе матраҳ шавад, ки тарс аз Худо яъне чӣ? Магар Худованд як чизи муҳиш (ваҳшатнок) ва тарсоваре аст? Худованд камоли мутлақ ва шоистатарин мавзӯе аст, ки инсон ба ӯ муҳаббат биварзад ва ӯро дӯст дошта бошад. Пас чаро инсон аз Худо битарсад?

Дар ҷавоби ин суол мегӯем: матлаб ҳамин тавр аст. Зоти Худованд мӯҷиби тарсу ваҳшат нест, аммо ин ки мегӯянд аз Худо бояд тарсид, яъне аз қонуни адли илоҳӣ бояд тарсид. Дар дуо ворид аст:

يا من لا يرجى إلا فضله، ولا يخاف إلا عدله

Эй касе, ки умедворӣ ба ӯ, умедворӣ ба фазлу эҳсони ӯст ва тарс аз ӯ, тарс аз адолати ӯст!

Ҳамчунин дар дуо аст:

جللت أن يخاف منک إلا العدل، وأن يرجى منک إلا الإحسان والفضل

Яъне, ту муназзаҳӣ аз ин ки аз ту тарсе бошад ҷуз аз ноҳияи адолатат ва аз ин ки аз ту ҷуз умеди некӣ ва бахшандагӣ тавон дошт!

Адолат ҳам ба навбаи худ амри мувиш (ваҳшатнок) ва тарсоваре нест. Инсон, ки аз адолат метарсад, дар ҳақиқат аз худаш метарсад, ки дар гузашта хатокорӣ карда ва ё метарсад, ки дар оянда аз ҳудуди худ ба ҳуқуқи дигарон таҷовуз кунад. Бинобар ин дар масъалаи хавфу раҷоъ, ки мӯъмин бояд ҳамеша, ҳам умедвор бошад ва ҳам хоиф, ҳам хушбин бошад ва ҳам нигарон, мақсуд ин аст, ки мӯъмин ҳамвора бояд нисбат ба туғёни нафси аммора ва тамоюлоти саркаши худ хоиф бошад, ки зимомро аз кафи ақлу имон нагирад ва нисбат ба зоти Худованд эътимод ва итминон ва умедворӣ дошта бошад, ки ҳамвора ба ӯ мадад хоҳад кард. Алӣ ибни Ҳусайн (Саломуллоҳи алайҳ!) дар дуои маъруфи Абӯҳамза мефармояд:

مولاي إذا رأيت ذنوبي فزعت، وإذا رايت كرمک طمعت

Яъне ҳар гоҳ ба хатоҳои худам мутаваҷҷеҳ мешавам, тарсу ҳарос маро мегирад ва чун ба карами вуҷуди ту назар меафканам, умедворӣ пайдо мекунам. Ин нуктае буд, ки лозим донистам зимнан ва иститродан гуфта шавад.

## Маъно ва ҳақиқати тақво

Аз он чи дар атрофи луғати ”тақво“ гуфта шуд, то андозае метавон маъно ва ҳақиқати тақворо аз назари ислом донист, вале лозим аст ба мавориди истеъмоли ин калима дар осори динӣ ва исломӣ бештар таваҷҷӯҳ шавад, то равшан гардад, ки тақво яъне чӣ.

Муқаддимае зикр мекунам: инсон агар бихоҳад дар зиндагӣ усуле дошта бошад ва аз он усул пайравӣ кунад, хоҳ он ки он усул аз дину мазҳаб гирифта шуда бошад ва ё аз манбаъи дигаре, ночор бояд як хатти машйи муайяне дошта бошад, ҳарҷу марҷ бар корҳояш ҳукмфармо набошад. Лозимаи хатти машйи муайян доштан ва аҳли маслаку марому ақида будан ин аст, ки ба сӯйи як ҳадаф ва як ҷиҳат ҳаракат кунад ва аз умуре, ки бо ҳавову ҳавасҳои онии ӯ мувофиқ аст, аммо бо ҳадафи ӯ ва усуле, ки иттихоз карда мунофот дорад, худро “нигаҳдорӣ“ кунад.

Бинобар ин тақво ба маънои омми калима, лозимаи зиндагии ҳар фарде аст, ки мехоҳад инсон бошад ва таҳти фармони ақл зиндагӣ кунад ва аз усули муайяне пайравӣ намояд. Тақвои динӣ ва илоҳӣ яъне ин ки инсон худро аз он чи аз назари дин ва усуле, ки дин дар зиндагӣ муайян карда, хато ва гуноҳ ва палидӣ ва зиштӣ шинохта шуда, ҳифз ва сиёнат кунад ва муртакиби онҳо нашавад. Чизе, ки ҳаст, ҳифз ва сиёнати худ аз гуноҳ, ки номаш тақво аст ва ба ду шакл ва ду сурат мумкин аст сурат бигирад ва ба таъбири дигар, мо ду навъ тақво метавонем дошта бошем: тақвое, ки заъф аст ва тақвое, ки қувват аст.

Навъи аввал ин ки инсон барои ин ки худро аз олудагиҳои гуноҳон ҳифз кунад, аз мӯҷиботи онҳо фирор кунад ва худро ҳамеша аз муҳити гуноҳ дур нигаҳ дорад, шабеҳи касе, ки барои риояти ҳифзи тандурустии худ кӯшиш мекунад худро аз муҳити мараз ва микроб ва аз мӯҷиботи интиқоли беморӣ дур нигаҳ дорад, саъй мекунад масалан ба муҳити маларияхез наздик нашавад, бо касоне, ки ба навъе аз бемориҳои вогирдор мубтало ҳастанд муошират накунад.

Навъи дуввум ин ки дар руҳи худ ҳолат ва қуввате ба вуҷуд меоварад, ки ба ӯ масунияти руҳӣ ва ахлоқӣ медиҳад, ки агар фаразан дар муҳите қарор бигирад, ки васоил ва мӯҷиботи гуноҳ ва маъсият фароҳам бошад, он ҳолат ва малакаи руҳӣ ӯро ҳифз мекунад

ва монеъ мешавад, ки олудагӣ пайдо кунад, монанди касе, ки ба васоиле дар бадани худ масунияти тиббӣ эҷод мекунад, ки дигар натавонад микроби фалон мараз дар бадани ӯ асар кунад.

Дар замони мо, тасаввуре, ки умуми мардум аз тақво доранд, ҳамон навъи аввал аст. Агар гуфта мешавад фалон кас одами ботақвое аст, яъне марди мӯҳтоте (эҳтиёткоре) аст, инзиво ихтиёр карда ва худро аз мӯҷиботи гуноҳ дур нигаҳ медорад. Ин ҳамон навъи тақво аст, ки гуфтем заъф аст.

Шояд иллати пайдоиши ин тасаввур ин аст, ки аз аввал, тақворо барои мо "парҳезкорӣ" ва "иҷтинобкорӣ" тарҷума кардаанд ва тадриҷан парҳез аз гуноҳ, ба маънои парҳез аз муҳит ва мӯҷиботи гуноҳ талаққӣ шуда ва кам-кам ба инҷо расида, ки калимаи тақво дар назари оммаи мардум маънои инзиво ва дурӣ аз иҷтимоъ медиҳад, дар муҳовироти умумӣ вақте, ки ин калима ба гӯш мерасад, як ҳолати инқибоз ва по пас кашидан ва ақибнишинӣ кардан дар назарҳо муҷассам мешавад.

Қаблан гуфтем, ки лозимаи ин ки инсон ҳаёти ақлӣ ва инсонӣ дошта бошад ин аст, ки тобеъи усули муайяне бошад ва лозима ин ки инсон аз усули муайяне пайравӣ кунад ин аст, ки аз умуре, ки бо ҳавову ҳаваси ӯ мувофиқ аст, вале бо ҳадафи ӯ ва усули зиндагонии ӯ мунофот дорад парҳез кунад. Вале лозимаи ҳамаи инҳо ин нест, ки инсон иҷтинобкорӣ аз муҳит ва иҷтимоъро пеша созад. Роҳи беҳтар ва олитар ҳамон тавре, ки баъдан аз осори динӣ шоҳид меоварем ин аст, ки инсон дар руҳи худ малака ва ҳолат ва масунияте эҷод кунад, ки он ҳолат ҳофиз ва нигаҳдори ӯ бошад.

Иттифоқан гоҳе дар адабиёти манзум ё мансури мо таълимоте дида мешавад, ки каму беш тақворо ба сурати аввал, ки заъф ва аҷз аст нишон медиҳад. Саъдӣ дар "Гулистон" мегӯяд:

*Бузурге дидам андар кӯҳсоре,*
*Қаноат карда аз дунё ба ғоре.*
*Чаро, гуфтам, ба шаҳр — андар наёӣ,*
*Ки боре банде аз дил баркушоӣ?*
*Бигуфт: он ҷо парируёни нағзанд,*
*Чу гил бисёр шуд, пилон билағзанд!*

Ин ҳамон навъ аз тақво ва ҳифзу сиёнати нафс аст, ки дар айни ҳол заъф ва сустӣ аст. Ин ки инсон аз муҳити лағзанда дурӣ кунад ва налағзад, ҳунаре нест, ҳунар дар ин аст, ки дар муҳити лағзанда худро аз лағзиш ҳифз ва нигаҳдорӣ кунад. Ё ин ки Бобо Тоҳир мегӯяд:

*Зи дасти дидаву дил ҳар ду фарёд,*

*Ҳар он чи дида бинад, дил кунад ёд.*
*Бисозам ханҷаре нешаш зи фӯлод,*
*Занам бар дида, то дил гардад озод.*

Шак нест, ки чашм ба ҳар ҷо биравад, дил ҳам ба дунболи чашм меравад ва "дасти назар риштакаши дил бувад". Вале оё роҳи чора ин аст, ки чашмро аз байн бибарем? Ё ин ки роҳи беҳтаре ҳаст ва он ин ки дар дил қуввате ва нерӯе ба вуҷуд биёварем, ки чашм натавонад дилро ба дунболи худ бикашонад. Агар бино бошад барои озодӣ ва раҳоии дил аз чашм, ханҷаре бисозем "нешаш зи фӯлод", як ханҷари дигар ҳам барои гӯш бояд таҳия кунем, зеро ҳар чиро ҳам гӯш мешунавад, дил ёд мекунад ва ҳамчунин аст зоиқа ва ломиса ва шомма. Он вақт инсон дуруст мисдоқи ҳамон шери бе думу сар аст, ки Мавлавӣ достонашро овардааст.

## Иҷбори амалӣ

Дар китобҳои ахлоқӣ гоҳе аз дастае аз қудамо ёд мекунанд, ки барои он ки зиёд ҳарфназананд ва сухани лағв ё ҳаром ба забон наёваранд, сангреза дар даҳони худ мегузоштанд, ки натавонанд ҳарф бизананд, яъне иҷбори амалӣ барои худ дуруст мекарданд. Маъмулан дида мешавад, ки аз ин тарзи амал ба унвони намунаи комили тақво ном бурда мешавад, дар сурате, ки иҷбори амалӣ ба вуҷуд овардан барои парҳез аз гуноҳ ва он гоҳ тарк кардани гуноҳ, камоле маҳсуб намешавад.

Агар тавфиқи чунин коре пайдо кунем ва аз ин роҳ муртакиби гуноҳ нашавем, албатта аз гуноҳ парҳез кардаем, аммо нафси мо ҳамон аждаҳост, ки будааст фақат аз ғами беолатӣ афсурда аст. Он вақт камол маҳсуб мешавад, ки инсон бидуни иҷбори амалӣ ва бо доштани асбобу олоти кор, аз гуноҳ ва маъсият парҳез кунад. Ин гуна иҷтинобҳо ва паҳлӯ тиҳӣ карданҳо агар камол маҳсуб шавад, аз ҷанбаи муқаддамотӣ аст, ки дар мароҳили аввалия барои пайдо шудани малакаи тақво мумкин аст дошта бошад, зеро пайдоиши малакаи тақво баъд аз як силсила муморасат ва тамринҳои манфӣ аст, ки сурат мегирад. Аммо ҳақиқати тақво ғайр аз ин корҳост. Ҳақиқати тақво ҳамон руҳияи қавӣ ва муқаддаси олӣ аст, ки худ ҳофиз ва нигаҳдорандаи инсон аст. Бояд муҷоҳидат кард, то он маъно ва ҳақиқат пайдо шавад.

## Тақво дар "Наҳҷул-балоға"

Дар осори динӣ, хусусан дар "Наҳҷул-балоға", ки фавқулъода рӯйи калимаи тақво такя шудааст, ҳама ҷо тақво ба маънои он малакаи муқаддас, ки дар руҳ пайдо мешавад ва ба

руҳ қувват ва қудрату нерӯ медиҳад ва нафси аммора ва эҳсосоти саркашро рому мутеъ месозад ба кор рафта. Дар хутбаи 112 мефармояд:

إِنَّ تَقْوَى اللَّهِ حَمَتْ أَوْلِيَاءَ اللَّهِ مَحَارِمَهُ وَأَلْزَمَتْ قُلُوبَهُمْ مَخَافَتَهُ، حَتَّى أَسْهَرَتْ لَيَالِيَهُمْ وَأَظْمَأَتْ هَوَاجِرَهُمْ

Яъне тақвои Худо дӯстони Худоро дар ҳимояти худ қарор дода ва онҳоро аз таҷовуз ба ҳарими муҳаррамоти илоҳӣ нигаҳ доштааст ва хавфи Худоро мулозими дилҳои онҳо қарор додааст, то он ҷо, ки шабҳои онҳоро зинда ва бедор нигаҳ дошта ва рӯзҳои онҳоро қарини ташнаги (ташнагии рӯза) кардааст.

Дар ин ҷумлаҳо, бо сароҳати комил тақворо ба маънои он ҳолати маънавӣ ва руҳонӣ зикр карда, ки ҳофиз ва нигаҳбон аз гуноҳ аст ва тарс аз Худоро ба унвони як асар аз осори тақво зикр карда. Аз ҳамин ҷо метавон донист, ки тақво ба маънои тарс нест, балки яке аз осори тақво ин аст, ки хавфи Худоро мулозими дил қарор медиҳад. Дар оғози сухан арз кардам, ки маънои:

اتقوا الله

— ин нест, ки аз Худо битарсед.

Дар хутбаи 16 “Наҳҷул-балоға” мефармояд:

ذِمَّتِي بِمَا أَقُولُ رَهِينَةٌ وَأَنَا بِهِ زَعِيمٌ، إِنَّ مَنْ صَرَّحَتْ لَهُ الْعِبَرُ عَمَّا بَيْنَ يَدَيْهِ مِنَ الْمَثُلَاتِ حَجَزَتْهُ التَّقْوَى عَنْ تَقَحُّمِ الشُّبُهَاتِ

Яъне зиммаи худро дар гарави гуфтори худ қарор медиҳам ва сиҳҳати гуфтори худро замонат мекунам. Агар ибратҳои гузашта барои шахсе ойина оянда қарор гирад, тақво ҷилави ӯро аз фурӯ рафтан дар корҳои шубҳанок мегирад… то он ҷо, ки мефармояд:

أَلَا وَإِنَّ الْخَطَايَا خَيْلٌ شُمُسٌ حُمِلَ عَلَيْهَا أَهْلُهَا وَخُلِعَتْ لُجُمُهَا فَتَقَحَّمَتْ بِهِمْ فِي النَّارِ، أَلَا وَإِنَّ التَّقْوَى مَطَايَا ذُلُلٌ حُمِلَ عَلَيْهَا أَهْلُهَا وَأُعْطُوا أَزِمَّتَهَا فَأَوْرَدَتْهُمُ الْجَنَّةَ

Яъне масали хилофкорӣ ва зимомро ба кафи ҳавас додан, масали аспҳои саркаш ва ҷамуше аст, ки лаҷомро пора карда ва ихтиёрро тамоман аз кафи он, ки бар ӯ савор аст гирифта ва оқибат онҳоро дар оташ меафкананд ва масали тақво масали маркабҳои раҳвор ва мутеъу ром аст, ки маҳори онҳо дар ихтиёри он касоне аст, ки бар онҳо саворанд ва онҳоро вориди биҳишт месозад.

Дар инҷо дуруст ва бо сароҳати комил тақво як ҳолати руҳӣ ва маънавӣ, ки мо аз он ба забти нафс ва ё моликияти нафс таъбир мекунем, муаррифӣ шуда. Зимнан дар инҷо ҳақиқати бузурге баён шуда. Он ин ки лозимаи мутеъи ҳавову ҳавас будан ва ъинонро ба нафси саркаш вогузордан, забунӣ ва заъф ва бешахсият будан аст. Инсон дар он ҳол

нисбат ба идораи ҳавзаи вуҷуди худаш монанди савораи забуне аст, ки бар аспи саркаше савор аст ва аз худ ирода ва ихтиёре надорад. Ва лозимаи тақво ва забти нафс, афзоиши қудрати ирода ва шахсияти маънавӣ ва ақлӣ доштан аст, монанди савори моҳир ва мусаллате, ки бар аспи тарбиятшудае савор аст ва бо қудрат фармон медиҳад ва он асп бо суҳулат итоат мекунад. Он кас, ки бар маркаби чамуши ҳавову ҳавас ва шаҳват ва ҳирсу тамаъ ва ҷоҳталабӣ савор аст ва такягоҳаш ин умур аст, зимоми ихтиёр аз дасти худаш гирифта шуда ва ба ин умур супурда шуда, девонавор ба дунболи ин умур медавад, дигар ақл ва маслиҳат ва маоландешӣ дар вуҷуди ӯ ҳукумате надорад ва аммо он ки такягоҳаш тақвост ва бар маркаби забти нафс савор аст, ъинони ихтиёр дар дасти худаш аст ва ба ҳар тараф, ки бихоҳад, дар камоли суҳулат фармон медиҳад ва ҳаракат мекунад.

Дар хутбаи 189 мефармояд:

فَإِنَّ التَّقْوَى فِي الْيَوْمِ الْحِرْزُ وَالْجُنَّةُ

Яъне тақво дар имрӯзаи дунё барои инсон ба манзилаи як ҳисор ва ба манзила як сипар аст ва дар фардои охират роҳи биҳишт аст.

Назири ин таъбирот зиёд аст, мисли таъбир ба ин ки:

أَنَّ التَّقْوَى دَارُ حِصْنٍ عَزِيزٍ، وَالْفُجُورَ دَارُ حِصْنٍ ذَلِيلٍ، لَا يَمْنَعُ أَهْلَهُ وَلَا يُحْرِزُ مَنْ لَجَأَ إِلَيْهِ

(*Хутбаи 155*), ки тақворо ба паноҳгоҳе баланд ва мустаҳкам ташбеҳ фармудааст.

Ин миқдор, ки гуфта шуд, барои намуна буд, ки маънои воқеӣ ва ҳақиқати тақво аз назари ислом шинохта шавад ва маълум шавад, ки воқеан чӣ касе шоиста аст, ки ба ӯ муттақӣ ва бо тақво гуфта шавад. Маълум шуд, ки **тақво ҳолате аст руҳӣ дар инсон, ки барои рух ҳолати ҳисн ва ҳисор ва ҳирз ва аслиҳаи дифоъӣ ва маркаби рому мутеъро дорад ва хулоса, як қуввати маънавӣ ва руҳӣ аст**.

## Тақво ва озодӣ

Гуфтем, ки лозимаи ин ки инсон аз зиндагии ҳайвонӣ хориҷ шавад ва як зиндагии инсонӣ ихтиёр кунад ин аст, ки аз усуле муайян ва мушаххас пайравӣ кунад ва лозимаи ин ки аз усули муайян ва мушаххасе пайравӣ кунад ин аст, ки худро дар чаҳорчӯби ҳамон усул маҳдуд кунад ва аз ҳудуди онҳо таҷовуз накунад ва он ҷо, ки ҳавову ҳавасҳои онӣ ӯро таҳрик мекунад, ки аз ҳудуди худ таҷовуз кунад, худро "нигаҳдорӣ" кунад. Номи ин "худнигаҳдорӣ", ки мусталзими тарки умурест тақво аст.

Набояд тасаввур кард, ки тақво аз мухтассоти диндорӣ аст аз қабили намоз ва рӯза, балки тақво лозимаи инсоният аст. Инсон агар бихоҳад аз тарзи зиндагии ҳайвонӣ ва ҷангалӣ

хориҷ шавад, ночор аст, ки тақво дошта бошад. Дар замони мо мебинем, ки тақвои иҷтимоӣ ва сиёсӣ истилоҳ кардаанд. Чизе, ки ҳаст, тақвои динӣ як улувв ва қадосат ва истеҳкоми дигаре дорад ва дар ҳақиқат танҳо рӯйи пояи дин аст, ки метавон тақвои мустаҳкам ва бомабно ба вуҷуд овард. Ва ҷуз бар мабнои муҳками имон ба Худо, наметавон бунёни мустаҳкам ва асосӣ ва қобили эътимод ба вуҷуд овард. Дар ояте, ки аввали сухан қироат кардам, мефармояд:

أَفَمَنْ أَسَّسَ بُنْيَانَهُ عَلَى تَقْوَى مِنَ اللَّهِ وَرِضْوَانٍ خَيْرٌ أَمْ مَنْ أَسَّسَ بُنْيَانَهُ عَلَى شَفَا جُرُفٍ هَارٍ

Оё он кас, ки бунёни хешро бар мабнои тақвои илоҳӣ ва ризои ӯ бино карда беҳтар аст ё он ки бунёни хешро бар партгоҳи сусти мушриф бар оташ қарор додааст?

Ба ҳар ҳол тақво аъамм аз тақвои мазҳабӣ ва илоҳӣ ва ғайра, лозимаи инсоният аст ва на худ ба худ мусталзими тарк ва иҷтиноб ва гузаштҳое аст.

Бо таваҷҷӯҳ ба ин матлаб хусусан бо дар назар гирифтани ин ки дар забони пешвоёни бузурги дин, аз тақво ба ҳисор ва ҳисн ва амсоли инҳо таъбир шуда, мумкин аст касоне, ки бо номи озодӣ хӯ гирифтаанд ва аз ҳар чизе, ки бӯйи маҳдудият бидиҳад фирор мекунанд, чунин тасаввур кунанд, ки тақво ҳам яке аз душманони озодӣ ва як навъ занҷир аст барои пойи башар.

## Маҳдудият ё масуният

Акнун ин нуктаро бояд тавзеҳ диҳем, ки тақво маҳдудият нест, масуният аст. Фарқ аст байни маҳдудият ва масуният. Агар ҳам номи онро маҳдудият бигузорем, маҳдудияте аст, ки айни масуният аст. Мисолҳое арз мекунам: башар, хона месозад, утоқ месозад бо дар ва панҷараҳои муҳкам, ба даври хонааш девор мекашад. Чаро ин корҳоро мекунад? Барои ин ки худро дар зимистон аз газанди сармо ва дар тобистон аз осеби гармо ҳифз кунад, барои он ки лавозими зиндагии худро дар муҳити амне, ки фақат дар ихтиёри шахси худи ӯст бигузорад. Зиндагии худро маҳдуд мекунад ба ин ки ғолибан дар миёни як чаҳордевории муайян бигузарад.

Ҳоло номи инро чӣ бояд гузошт? Оё хона ва маскан, барои инсон маҳдудият аст ва мунофии озодии ӯст ё масуният аст?

Ва ҳамчунин аст либос. Инсон пойи худро дар кафш ва сари худро дар кулоҳ ва тани худро ба анвоъи ҷомаҳо маҳсур мекунад ва мепечад ва албатта ба василаи ҳамин кафш ва кулоҳ ва ҷома аст, ки назофати худро ҳифз мекунад, ҷилави сармо ва гарморо мегирад. Ҳоло номи инро чӣ бояд гузошт? Оё метавон номи ҳамаи инҳоро зиндон гузошт ва изҳори таассуф кард, ки по дар кафш ва сар дар кулоҳ ва тан дар пероҳан зиндонӣ шуда

ва орзуи озод шудани инҳоро аз ин зиндонҳо кард?! Оё метавон гуфт, хона ва маскан доштан, маҳдудият аст ва мунофии озодӣ аст?

Тақво ҳам барои руҳ, монанди хона аст барои зиндагӣ ва монанди ҷома аст барои тан. Иттифоқан дар Қуръони Маҷид аз тақво ба ҷома таъбир шуда. Дар сураи муборакаи Аъроф, ояти 26 баъд аз он ки номе аз ҷомаҳои тан мебарад, мефармояд:

وَلِبَاسُ التَّقْوَىٰ ذَٰلِكَ خَيْرٌ

Яъне тақво, ки ҷомаи руҳ аст, беҳтар ва лозимтар аст.

Он вақт метавон номи маҳдудият рӯйи чизе гузошт, ки инсонро аз мавҳибат ва саодате маҳрум кунад, аммо чизе, ки хатарро аз инсон дафъ мекунад ва инсонро аз хатарҳо сиёнат мекунад, ӯ масуният аст, на маҳдудият. Ва тақво чунин чизе аст.

Таъбир ба масуният, яке аз таъбироти амирулмӯъминин аст. Дар яке аз калимоташ мефармояд:

أَلَا فَصُونُوهَا وَتَصَوَّنُوا بِهَا

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 189*) Яъне тақворо ҳифз кунед ва ба василаи тақво барои худ масуният дуруст кунед.

Амирулмӯъминин таъбире болотар аз ин ҳам дорад, ки на танҳо тақворо маҳдудият ва монеъи озодӣ намедонад, балки иллат ва мӯҷиби бузурги озодиро тақвои илоҳӣ мешуморад. Дар хутбаи 228 мефармояд:

فَإِنَّ تَقْوَى اللَّهِ مِفْتَاحُ سَدَادٍ وَذَخِيرَةُ مَعَادٍ، وَعِتْقٌ مِنْ كُلِّ مَلَكَةٍ وَنَجَاةٌ مِنْ كُلِّ هَلَكَةٍ؛ بِهَا يَنْجَحُ الطَّالِبُ وَيَنْجُو الْهَارِبُ وَتُنَالُ الرَّغَائِبُ

Яъне тақво калиди дурустӣ ва андӯхтаи рӯзи қиёмат аст, озодӣ аст аз қайди ҳар риққият, наҷот аст аз ҳар бадбахтӣ, ба василаи тақво инсон ба ҳадафи хеш мерасад ва аз душман наҷот пайдо мекунад ва ба орзуҳои хеш ноил мегардад.

Тақво дар дараҷаи аввал ва ба таври мустақим аз ноҳияи ахлоқӣ ва маънавӣ ба инсон озодӣ медиҳад ва ӯро аз қайди риққият ва бандагии ҳавову ҳавас озод мекунад, риштаи ҳирсу тамаъ ва ҳасад ва шаҳват ва хашмро аз гарданаш бармедорад, вале ба таври ғайримустақим дар зиндагии иҷтимоӣ ҳам озодибахши инсон аст. Риққиятҳо ва бандагиҳои иҷтимоӣ натиҷаи риққияти маънавӣ аст. Он кас, ки банда ва мутеъи пул ва ё мақом аст, наметавонад аз ҷанбаи иҷтимоӣ озод зиндагӣ кунад. Бинобар ин дуруст аст, ки бигӯем:

وَعِتْقٌ مِنْ كُلِّ مَلَكَةٍ

— яъне тақво ҳама гуна озодӣ ба инсон медиҳад. Пас тақво танҳо на ин аст, ки қайду маҳдудият нест, балки айни ҳуррият ва озодӣ аст.

## Ҳиросати тақво

Мумкин аст он чи дар бораи тақво гуфта шуд, ки ҳирз ва ҳисн ва ҳофиз ва ҳорис аст, мӯҷиби ғурур ва ғафлати баъзе гардад ва хаёл кунанд, ки одами муттақӣ маъсум аз хатост ва таваҷҷӯҳ ба хатароти мутазалзилкунанда ва бунёнкан тақво нанамоянд. Вале ҳақиқат ин аст, ки тақво ҳам ҳар андоза олӣ бошад, ба навбаи худ хатароте дорад. Одамӣ дар айни ин ки бояд дар ҳимоят ва ҳиросати тақво зиндагӣ кунад, бояд худ ҳофиз ва ҳориси тақво буда бошад ва ин, ба истилоҳ “давр “нест. Монеъе надорад, ки як чиз василаи ҳифз ва нигаҳдории мо бошад ва дар айни ҳол мо ҳам муваззаф бошем ӯро ҳифз кунем. Дуруст мисли ҳамон ҷома, ки мисол задам. Ҷома ҳофиз ва ҳорис ва нигаҳбони инсон аст аз сармо ва гармо, инсон ҳам ҳофиз ва ҳориси ҷомаи хеш аст аз дузд. Амирулмӯъминин (а) дар як ҷумла ба ҳар ду ишора карда он ҷо, ки мефармояд:

أَلَا فَصُونُوهَا وَتَصَوَّنُوا بِهَا

Яъне тақворо ҳифз кунед ва ҳам ба василаи ӯ худатонро ҳифз кунед. Пас агар аз мо бипурсанд, оё тақво моро ҳифз мекунад ва ё мо бояд ҳофизи тақво бошем? Мегӯем, ҳар дуто. Назири ин ки агар бипурсанд, оё аз тақво бояд кӯмак гирифт барои расидан ба Худо ва мақоми қурби илоҳӣ, ё аз Худо бояд кӯмак хост барои таҳсили тақво? Мегӯем: ҳар дуто; ба кӯмаки тақво бояд ба Худо наздик шуд ва аз Худо бояд мадад хост, ки барои тақвои бештар моро муваффақ бифармояд.

Ва ҳам аз калимоти амирулмӯъминин аст:

أُوصِيكُمْ بِتَقْوَى اللَّهِ، فَإِنَّهَا حَقُّ اللَّهِ عَلَيْكُمْ وَالْمُوجِبَةُ عَلَى اللَّهِ حَقَّكُمْ، وَأَنْ تَسْتَعِينُوا عَلَيْهَا بِاللَّهِ وَتَسْتَعِينُوا بِهَا عَلَى اللَّهِ

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 189*) Яъне шуморо ба тақвои илоҳӣ суфориш мекунам, тақво ҳаққи илоҳӣ аст бар ӯҳдаи шумо ва мӯҷиби субути ҳаққе аст аз шумо бар Худо ва ин ки аз Худо барои расидан ба тақво кӯмак бихоҳед ва аз тақво барои расидан ба Худо кӯмак бигиред.

Ба ҳар ҳол бояд таваҷҷӯҳ ба хатароте, ки бунёни тақворо мутазалзил мекунад дошт.

Дар муқаррароти динӣ мебинем, ки тақво зомин ва васиқаи бисёре аз гуноҳон шинохта шуда, вале нисбат ба баъзе дигар аз гуноҳон, ки таъсир ва ҷозибаи қавитаре дорад, дастури ҳарим гирифтан дода шуда.

Масалан, дар муқаррароти динӣ гуфта нашуда, ки хилват кардан бо василаи дуздӣ ё шаробхорӣ ё қатли нафс ҳаром аст. Масалан, монеъе надорад, ки касе шаб дар хонаи хилвате ба сар барад, ки агар бихоҳад — Алъаёзу биллоҳ! — шароб бихӯрад, ҳеч родеъ ва монеъи зоҳирӣ нест. Ҳамон имон ва тақво зомини инсон аст. Вале дар масъалаи ҷинсият ба ҳукми таъсири қавӣ ва таҳрики шадиде, ки ин ғариза дар вуҷуди инсон дорад, ин замонат аз тақво бардошта шуда ва дастур дода шуда, ки хилват бо василаи беиффатӣ мамнӯъ аст, зеро ин хатар, хатаре аст, ки метавонад аҳёнан дар ин ҳисор ҳар андоза манеъ ва мустаҳкам бошад, нуфуз кунад ва ин ҳисорро фатҳ намояд.

Ҳофиз дар яке аз ғазалҳои маъруфаш байте дорад, ки ман ҳар вақт ба он байт мерасам, ҳамин матлабе, ки гуфтам дар назарам муҷассам мешавад ва мисли ин ки Ҳофиз бо забони ширине, ки махсуси худи ӯст, хоста ин ҳақиқати руҳиро бигӯяд. Ғазал ин аст:

*Нақдҳоро бувад оё, ки иёре гиранд,*

*То ҳама савмаъадорон пайи коре гиранд.*

*Маслиҳатдиди ман он аст, ки ёрон ҳама кор*

*Бигузоранду хами турраи ёре гиранд.*

*Хуш гирифтанд ҳарифон сари зулфи соқӣ,*

*Гар фалакшон бигузорад, ки қароре гиранд.*

Байте, ки аз ин ғазал мавриди назар буд ин байт аст:

*Қуввати бозуи парҳез ба хубон мафурӯш,*

*К-андар ин хайл ҳисоре ба саворе гиранд.*

Дар ин байт тақво ва парҳезкориро ба ҳисор ташбеҳ карда ҳамон тавре, ки дар калимоти амирулмӯъминин (а) айни ин ташбеҳ омада буд. Баъд ба шиддат таъсир ва қудрати фатҳи хайли хубон ҳисори тақворо таваҷҷӯҳ пайдо карда, ки ин ҳисорро ба рухи ин тоифа наметавон кашид. Дар ин сипоҳ ҳар як савор ба танҳоӣ қодир аст, ки ҳисореро фатҳ кунад, эҳтиёҷе ба иҷтимоъ ва юриши дастаҷамъӣ нест.

## Арзиш ва асари тақво

Мавзӯъи дигар, арзиш ва осори тақвост. Гузашта аз осори мусалламе, ки тақво дар зиндагии ухравии башар дорад ва ягона роҳи наҷот аз шақовати абадӣ аст, дар зиндаги дунявии инсон ҳам арзиш ва осори зиёде дорад. Амирулмӯъминин (Саломуллоҳи

алайҳ!), ки беш аз ҳар каси дигар дар таълимоти худ рӯйи маънои тақво такя карда ва ба он тарғиб фармуда, осори зиёде барои он зикр мекунад ва гоҳе як умумияти аҷибе ба фавоиди тақво медиҳад, мисли ин ки мефармояд:

عِتْقٌ مِنْ كُلِّ مَلَكَةٍ وَنَجَاةٌ مِنْ كُلِّ هَلَكَةٍ

Яъне озодӣ аст аз ҳар риққияте ва наҷот аст аз ҳар гуна бадбахтӣ. Ё ин ки мефармояд:

دَوَاءُ دَاءِ قُلُوبِكُمْ وَبَصَرُ عَمَى أَفْئِدَتِكُمْ وَشِفَاءُ مَرَضِ أَجْسَادِكُمْ وَصَلَاحُ فَسَادِ صُدُورِكُمْ وَطُهُورُ دَنَسِ أَنْفُسِكُمْ

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 196*) Тақво давои бемории дилҳои шумо (ва рӯшноии ботини шумо) ва шифои марази баданҳои шумо, дурустии харобии синаҳои шумо ва мояи пок шудани нуфуси шумост.

Алӣ (а) ҳамаи дардҳо ва ибтилоъоти башарро як коса мекунад ва тақворо барои ҳамаи онҳо муфид медонад. Ҳаққо ҳам агар ба тақво сирфан ҷанбаи манфӣ ва иҷтиноб ва паҳлӯ тиҳӣ кардан надиҳем ва он тавр бишносем, ки Алӣ шинохта, бояд эътироф кунем, ки яке аз аркони зиндагии башар аст (чӣ дар зиндагии фардӣ ва чӣ дар зиндагии иҷтимоӣ), агар набошад, асоси зиндагӣ мутазалзил аст.

Арзиши як чиз он вақт маълум мешавад, ки бибинем оё чизи дигар метавонад ҷойи ӯро бигирад ё на? Тақво яке аз ҳақоиқи зиндагӣ аст, ба далели ин ки чизи дигар наметавонад ҷойи онро бигирад, на зӯр ва на пул ва на таксири қонун ва на ҳеч чизи дигар.

Аз ибтилоъоти рӯзи мо, мавзӯъи зиёдии қонунҳо ва муқаррарот ва тағйиру табдилҳои пушти сар ҳам аст. Барои мавзӯъот билхусус ҳай қонун вазъ мешавад, муқаррарот муайян мегардад, ойиннома месозанд, боз мебинанд манзур ҳосил нашуд. Қонунҳоро тағйиру табдил медиҳанд, бар муқаррарот ва ойинномаҳо афзуда мешавад ва боз матлуб ҳосил намегардад. Албатта шак нест, ки қонун низ ба навбаи худ яке аз ҳақоиқи зиндагӣ аст. Гузашта аз қонунҳои куллии илоҳӣ, мардум эҳтиёҷ доранд ба як силсила қонунҳо ва муқаррароти маданӣ, вале оё метавон танҳо бо вазъу таксири қонун, ҷомеаро ислоҳ кард? Қонун ҳадду марз муайян мекунад, пас бояд қувва ва нерӯе дар худи мардум бошад, ки ин ҳудуду марзҳоро мӯҳтарам бишуморад ва он ҳамон аст, ки ба он ном тақво додаанд. Мегӯянд, бояд қонун мӯҳтарам бошад. Ин саҳеҳ аст, вале оё то усули тақво мӯҳтарам набошад, метавон номи эҳтироми қонунро бурд?

Ба унвони намуна, ду се мисол аз мавзӯъоти рӯз меоварам:

Ҳамон тавре, ки медонед, ин рӯзҳо дар зиндагии мо чандин мушкил аст, ки расман матраҳ аст ва дар рӯзномаҳо аз мардум тақозо мекунанд, ки изҳори назар кунанд ва роҳи чораро нишон бидиҳанд. Аз ҷумлаи он масоил, ки алъон матраҳ аст, яке афзоиши

рӯзафзуни талоқ аст. Масъалаи дигар масъалаи ислоҳи интихобот аст. Масъалаи дигар масъалаи ронандагӣ аст.

Ман намехоҳам иддаъо кунам ба иллатҳои афзоиши талоқ иҳота дорам ва метавонам ҳамаро баён кунам. Бидуни шак омилҳои иҷтимоии гуногуне дахолат дорад. Вале ин қадр медонам, ки омили аслии афзоиши талоқҳо, аз байн рафтани унсури тақво аст. Агар тақво аз миёни мардум кам нашуда буд ва мардону занон бебандубор нашуда буданд, ин қадр талоқ зиёд намешуд. Дар зиндагии қадим навоқис ва мушкилоти бештаре вуҷуд дошт. Ҳатман мушкилоте, ки дар зиндагии хонаводагии имрӯзӣ аст, дар гузашта зиёдтар буд, вале дар айни ҳол унсури имон ва тақво бисёре аз он мушкилотро ҳал мекард, вале мо имрӯз ин унсурро аз даст додаем ва бо ин ки васоили зиндагӣ беҳтар аст, бо мушкилоти бештаре мувоҷеҳ ҳастем. Ва ҳоло мехоҳем дар ҳамин масъалаи афзоиши талоқ масалан, ба зӯри афзудани қайду банди қонун барои мардон ва ё занон, ба зӯри муқаррарот, ба зӯри додгустарӣ, ба зӯри қувваи муҷрия, бо тағйири қонунҳо ва муқаррарот, аз адади талоқҳо бикоҳем. Ва ин шуданӣ нест.

Дар мавзӯъи интихобот мебинем, ки баъзеҳо исрор доранд, ки иллати харобии интихобот нақси қонуни интихобот аст, ки дар ним қарн пеш вазъ шуда ва бо муқатазаёти имрӯз вифқ намедиҳад. Намехоҳам аз қонуни феълии интихобот дифоъ кунам, ҳатман навоқисе дорад, вале оё мардум тибқи ҳамон қонун рафтор мекунанд ва фасод пайдо мешавад? Ва ё иллати фасод ин аст, ки ҳатто ба ҳамон қонун ҳам амал намешавад; касе барои худ ҳадде ва барои дигарон ҳаққе қоил нест. Оё қонуни феълӣ иҷоза медиҳад, ки як нафар вориди шаҳре бишавад, ки мардуми он шаҳр на ӯро дидаанд ва на мешиносанд ва на қабл аз он вақт номашро шунидаанд ва ба иттикоъи зӯру қудрат бигӯяд, ман намояндаи шумо ҳастам, чӣ бихоҳед ва чӣ нахоҳед?! Ин гуна мафосидро бо таксир ё табдили қонун наметавон аз байн бурд, роҳаш мунҳасир аст ба ин ки дар худи мардум огоҳие ва имоне ва тақвое вуҷуд дошта бошад.

Оё воқеан дар амри ронандагӣ ва мавзӯъи суръату сибқат ва риоят накардани муқаррароти убуру мурур, айб дар камбуди муқаррарот аст ё дар ҷойи дигар? Имрӯз мо масоили иҷтимоии зиёде дорем, ки афкор каму беш мутаваҷҷеҳи онҳост. Доиман гуфта мешавад, ки масалан чаро талоқ рӯ ба афзоиш аст? Чаро қатл ва ҷиноят ва дуздӣ зиёд аст? Чаро ғишшу тақаллуб дар аҷнос умумият пайдо карда? Чаро фаҳшо зиёд шуда ва амсоли инҳо.

Бидуни тардид заъфи нерӯи имон ва харобии ҳисори тақворо як омили муҳимми ин мафосид бояд шумурд. Аҷибтар ин ки баъзеҳо мураттабан ин чароҳоро мегӯянд ва менависанд, аз тарафи дигар чун худи онҳо ба унсури тақво имон надоранд, бо

сабабҳову омилҳои мухталиф решаи ин чароҳоро аз руҳи мардум мекананд ва мардумро ба тарафи ҳарҷу марҷи ахлоқӣ ва мунҳадим кардани бунёни тақво ва аз байн бурдани масунияти тақвоӣ савқ медиҳанд. Агар имоне набошад ва тақвои илоҳӣ — Наъузу биллоҳ! — ҳақиқат надошта бошад, мумкин аст тараф бигӯяд, чаро луздӣ накунам?! Чаро ҷиноят накунам?! Чаро тақаллуб накунам?! Чаро? Чаро? Чаро?

## Тақво ва беҳдошт

Амирулмӯъминин дар бораи тақво фармуд:

وَشِفَاءُ مَرَضِ أَجْسَادِكُمْ

Беҳбуди бемории тани шумост. Ва шояд бихоҳед бипурсед, чӣ робитае аст байни тақво, ки амре руҳӣ ва маънавӣ аст, бо саломати бадан? Мегӯям, албатта тақво гард ё сӯзандору нест, аммо агар тақво набошад, бемористони хуб нест, табиби хуб нест, парастори хуб нест, давои хуб нест. Агар тақво набошад, одамӣ ҳатто тани худ ва саломати тани худро қодир нест ҳифз кунад. Одами муттақӣ, ки ба ҳадди худ ва ҳаққи худ қонеъ ва розӣ аст, руҳи мутмаинтар ва аъсоби оромтар ва қалби солимтар дорад, доиман дар фикр нест куҷоро бибарад ва куҷоро бихӯрад ва куҷоро бибалъад, нороҳатиҳои асабӣ ӯро ба захми рӯда ва захми меъда мубтало намесозад, ифрот дар шаҳват ӯро заъифу нотавон намекунад, умраш тӯлонитар мешавад. Саломати тан ва саломати рух ва саломати иҷтимоъ ҳамагӣ бастагӣ дорад ба тақво.

Ду матлаби умдаи дигар доштам, ки боқӣ мемонад: яке таъсири тақво дар равшанбинӣ ва басирати дил, ки дар ояти каримаи Қуръон мефармояд:

إِنْ تَتَّقُوا اللَّهَ يَجْعَلْ لَكُمْ فُرْقَانًا

(*Сураи Анфол, ояти 29*) (*Агар тақвои илоҳӣ пеша кунед, Худованд барои шумо қувваи ташхис қарор медиҳад.*)

Ин асар яъне равшанбинӣ ва басират, аз осори муҳимми тақвост ва метавон гуфт, ҳамин матлаб аст, ки боби сайру сулукро дар ирфон боз кардааст.

Яке дигар аз осори тақво ин аст, ки дорандаи худро аз мазоиқ ва гирифториҳо наҷот мебахшад. Дар Қуръони Карим, сураи Талоқ мефармояд:

وَمَنْ يَتَّقِ اللَّهَ يَجْعَلْ لَهُ مَخْرَجًا. وَيَرْزُقْهُ مِنْ حَيْثُ لَا يَحْتَسِبُ ۚ وَمَنْ يَتَوَكَّلْ عَلَى اللَّهِ فَهُوَ حَسْبُهُ ۚ إِنَّ اللَّهَ بَالِغُ أَمْرِهِ ۚ قَدْ جَعَلَ اللَّهُ لِكُلِّ شَيْءٍ قَدْرًا

(*Сураи Талоқ, ояти 2 ва 3*) (*Ва ҳар кас тақвои илоҳӣ пеша кунад, Худованд барои ӯ роҳи берун шудан аз шадоид қарор медиҳад ва ӯро аз ҷойе, ки гумонаш намеравад, рӯзӣ*

*медиҳад. Ва ҳар кас бар Худо таваккул кунад, Худованд ӯро бас аст. Ҳамоно Худо кори худро ба анҷом расонад. Таҳқиқан Худованд барои ҳар чизе андозае қарор додааст.*)

Ин ду матлаб чун муфассал аст, бо баъзе матолиби дигар барои ҷаласаи баъд боқӣ мегузорем.

# Тақво (2)

بِسْمِ اللهِ الرَّحْمنِ الرَّحِيم

## Ду асари бузурги тақво

Дар ҷаласаи қабл ваъда дода будам, ки дар ин ҷаласа роҷеъ ба ду асари муҳим, ки дар Қуръони Маҷид барои тақво зикр шуда сӯҳбат кунам. Он ду асар яке равшанбинӣ ва басират аст, ки дар ояти 29 аз сураи Анфол мефармояд:

إِنْ تَتَّقُوا اللَّهَ يَجْعَلْ لَكُمْ فُرْقَانًا

"*Агар тақвои илоҳӣ пеша кунед, Худованд барои шумо қувваи ташхис қарор медиҳад.*"

Дигаре, ҳал шудани мушкилот ва осон шудани корҳо ва берун омадан аз тангноҳо ва мазойиқ аст, ки дар сураи Талоқ, ояти 2 мефармояд:

وَمَنْ يَتَّقِ اللَّهَ يَجْعَلْ لَهُ مَخْرَجًا

"*Ва ҳар кас тақвои илоҳӣ пеша кунад, Худованд барои ӯ роҳи берун шудан аз шадоид қарор медиҳад.*"

Ва ҳамчунин дар ҳамон сура, баъд аз он ду оят мефармояд:

وَمَنْ يَتَّقِ اللَّهَ يَجْعَلْ لَهُ مِنْ أَمْرِهِ يُسْرًا

"*Ҳар кас, ки тақвои илоҳӣ дошта бошад, Худованд як навъ осонӣ дар кори ӯ қарор медиҳад.*"

## Тақво ва равшанбини

Аммо роҷеъ ба асари аввал: бояд бигӯям, танҳо ин як ояти Қуръон нест, ин худ як мантиқи мусаллам аст дар ислом. Баъзе оёти дигари Қуръон ҳам ҳаст, ки ишора ба ин матлаб дорад. Дар ахбори набавӣ ё ахборе, ки аз имомони атҳор расида зиёд рӯйи ин матлаб такя шуда. Ҳамон тавр, ки дар ҷаласаи пеш арз кардам, ҳамин матлаб аст, ки боби сайру сулукро дар ирфон боз кардааст.

Орифмаслакон ба ҷумлае, ки дар зайли ояти каримаи:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِذَا تَدَايَنْتُمْ بِدَيْنٍ إِلَى أَجَلٍ مُسَمًّى

— (то охир) омада, ки тавилтарин ояти Қуръон аст низ тамассук ҷустаанд. Он ҷумла ин аст:

وَاتَّقُوا اللَّهَ ۖ وَيُعَلِّمُكُمُ اللَّهُ

(*Сураи Бақара, ояти 282*) Тақвои илоҳӣ дошта бошед ва Худованд ба шумо меомӯзад ва таълим мекунад.

Мегӯянд, зикр ин ду ҷумла пушти сар якдигар ишора дорад, ки тақво таъсир дорад дар ин ки инсон мавриди мавҳибати ифозаи таълими илоҳӣ қарор гирад.

Дар каломи Расули Акрам аст:

جاهِدوا أنفسَكُم على شَهَواتِكُم تَحِلَّ قلوبَكُم الحِكمَةُ

Бо ҳавову ҳавасҳои нафсонӣ мубориза кунед, то ҳикмат дар дили шумо ворид шавад.

Ҳадиси дигаре аст набавӣ, ки алъон ёдам нест дар китобҳои ҳадис айни ҷумлаҳои онро дида бошам, вале нақли ин ҳадис дар соири китобҳои хеле маъруфу машҳур аст ва он ин аст:

مَنْ أَخْلَصَ لِلَّهِ أَرْبَعِينَ صَبَاحاً ظَهَرَتْ يَنَابِيعُ اَلْحِكْمَةِ مِنْ قَلْبِهِ عَلَى لِسَانِهِ

Ҳар кас чиҳил рӯз худро холис барои Худо қарор диҳад, чашмаҳои ҳикмат аз замини дилаш ба маҷрои забонаш ҷорӣ мешавад.

Вале айнан ҳамин мазмун (ҳарчанд бо айни ин алфоз нест) дар "Усули кофӣ", боби ихлос (*ҷ.2, с. 16*) аз Имом Боқир (а) нақл шуда:

ما أخلص العبد الإيمان بالله عزّ وجلّ أربعين يوما — أو قال: ما أجمل عبد ذكر الله عزّ وجلّ أربعين يوما — إلا زهّده الله عزّ وجلّ في الدنيا وبصّره داءها و دواءها، فأثبت الحكمة في قلبه وأنطق بها لسانه

Яъне бандае чиҳил рӯз имони худашро холис накардааст — ё гуфт: бандае чиҳил рӯз Худоро хуб ёд накардааст (ин тардид аз ровии ҳадис аст) — магар он ки Худованд ба ӯ зуҳд иноят карда ва ӯро нисбат ба дардҳо ва давоҳои ин дунё басират дода ва ҳикматро дар дили ӯ қарор дода ва ба забони ӯ ҷорӣ сохтааст.

Ҳофиз дар ин ду байт назар ба ҳамин ҳадиси маъруф дорад, ки мегӯяд:

*Саҳаргаҳ раҳраве дар сарзамине,*
*Ҳамегуфт ин муаммо бо қарине,*
*Ки эй сӯфӣ шароб он гаҳ шавад соф,*
*Ки дар шиша барорад арбаъине.*

Дар тафсири "Алмизон" аз китобҳои аҳли тасаннун нақл мекунад, ки Расули Акрам фармуд:

لولا تكثير في كلامكم وتمريج في قلوبكم لرايتم ما أرى ولسمعتم ما أسمع

Яъне агар зиёдаравӣ дар сухан гуфтани шумо ва ҳарзачаронӣ дар дили шумо набуд, ҳар чи ман мебинам, шумо медидед ва ҳар чи мешунавам, мешунидед.

Калимаи “тамриҷ” аз моддаи ”м+р+ҷ” аст ва ба маънои чаман ва сарзамини алафзор аст, ки маъмулан ҳар навъ ҳайвоне дар он ҷо ворид мешавад ва роҳ меравад ва мечарад. Мехоҳад бифармояд, замини дили шумо мисли он алафзорҳои бе дару сар аст, ки ҳар ҳайвоне дар он ҷо роҳ дорад ва қадам мегузорад.

Дар ҳадиси дигар Имом Содиқ (а) мефармояд:

لولا أن الشياطين يحومون حول قلوب بني آدم لنظروا إلى ملكوت السموات

(*“Маҳаҷҷатул-байзо”, ҷ.2, с.125, Расули Худо (с), бо каме ихтилоф*) Агар набуд, ки шаётин дар атрофи дилҳои фарзандони Одам ҳаракат мекунанд, онҳо малакути осмонҳоро мушоҳида мекарданд.

Аз ин гуна баёнот дар осори динии мо зиёд аст, ки ё ба таври мустақим тақво ва покӣ аз гуноҳро дар басират ва равшанбинии руҳ муассир донистааст ва ё ба таври ғайримустақим ин матлабро баён мекунад, мисли ин ки таъсири ҳавопарастӣ ва аз каф додани зимоми тақворо дар торик шудани руҳ ва тирагии дил ва хомӯш шудани нури ақл баён кардааст.

Амирулмӯъминин (Саломуллоҳи алайҳ!) мефармояд:

من عشق شيئا أعشي بصره وأمرض قلبه

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 107*) Ҳар кас нисбат ба чизе муҳаббати муфрит пайдо кунад, чашм вайро кӯр (ё шабкӯр) мекунад ва қалби ӯро бемор менамояд.

Ҳам ӯ мефармояд:

عجب المرء بنفسه أحد حساد عقله

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 212*) Яъне худписандии инсон яке аз чизҳое аст, ки бо ақли вай ҳасодат ва душманӣ меварзад.

Ва низ мефармояд:

أكثر مصارع العقول تحت بروق المطامع

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 219*) Яъне бештари замин хӯрданҳои ақл он ҷост, ки барқи тамаъ ҷустан мекунад.

Ин як мантиқи мусаллам аст дар маорифи исломӣ. Баъдҳо ҳам осори ин мантиқро дар адабиёти исломӣ (чӣ арабӣ ва чӣ форсӣ) зиёд мебинем. Удабо ва фузалои мо ин ҳақиқатро иқтибос карда ва ба кор бурдаанд ва метавон гуфт, яке аз пояҳои адабиёти

исломӣ рӯйи ҳамин мантиқ гузошта шуда. Ба унвони намуна, аз адабиёти араб байте аз қасидаи “Нуния”-и маъруфи Абулфатҳи Бастиро шоҳид меоварам; мегӯяд:

زيادَةُ المَرء في دُنياهُ نقصانُ

وربْحُهُ غيرَ محض الخَير خُسرانُ

وكُل وِجدانِ حَظٍّ لا ثَباتَ لَهُ

فإنَّ مَعناهُ في التَّحقيق فِقْدانُ

كُنْ على الخير مِعواناً لذي أمَلٍ

يَرجو نَداكَ فإنَّ الحُرَّ مِعْوانُ

مَنْ كانَ للخَيرِ مَنّاعاً فليسَ لَهُ

على الحَقِيقَةِ إخوانٌ وأخْدانُ

أحسِنْ إلى النّاسِ تَستَعبِدْ قُلوبَهُمُ

فطالَما استبَعدَ الإنسانَ إحسانُ

(Афзун шудан дар дунёи мард барои ӯ нақс аст ва суд бурданаш дар ҷуз хайри маҳз зиён аст. Ва ҳар гуна дастёбӣ ба баҳраҳои дунявӣ пойдор нест, зеро маънои он дар ҳақиқат аз даст додан аст. Ва ба ҳар кас, ки умед ба хайри ту дорад ёвар бош, ки инсони озода ҳамеша ёвари дигарон аст. Ва ҳар кас аз корҳои хайр худдорӣ кунад, дар ҳақиқат бародар ва дӯстӣ нахоҳад дошт. Ба мардум некӣ кун, то дилҳои онҳоро бандаи худ кунӣ, ки чӣ басо эҳсон одамиро бандаи худ месозад.)

Ин қасида яке аз шоҳкорҳои адабиёти араб шумурда шуда. Он байт аз ин қасида, ки мавриди истишҳодам буд, ин аст:

هُما رضيعا لِبانٍ حِكْمةٌ وتُقىً

وساكِنا وَطَنٍ مالٌ وطُغْيانُ

Яъне ду чиз ҳастанд, ки аз як пистон шир хӯрдаанд. Он ду, ҳикмат аст ва тақво. Ва ду чиз аст, ки аҳли як ватан ва дар як ҷо қарор доранд. Он ду, мол аст ва саркашӣ кардан.

Саъдӣ дар “Бӯстон” дар зайли достони маъруфи Султон Маҳмуд ва Аёз, ки Маҳмудро бар муҳаббати Аёз маломат мекунанд — то охири ин достон — мегӯяд:

*Ҳақиқат саройест ороста,*

*Ҳавову ҳавас гарди бархоста.*

*Набинӣ, ки ҷойе ки бархост гард,*

*Набинад назар, гарчӣ биност мард.*

Дар “Гулистон” мегӯяд:

*Бидӯзад шараҳ дидаи ҳушманд,*

*Дарорад тамаъ мурғу моҳӣ ба банд.*

Ҳофиз мегӯяд:

*Ҷамоли ёр надорад ниқобу парда, вале*

*Ғубори раҳ биниshон, то назар тавонӣ кард.*

Аз ин гуна баёнот ва таъбирот дар адабиёти арабӣ ва форсӣ зиёд аст.

Пас, аз лиҳози дин ислом ва аз лиҳози фарҳанги исломӣ ин матлаб як асли мусаллам аст. Ҳоло лозим аст, ки ба истилоҳ аз лиҳози мантиқи илмӣ ва фалсафӣ ҳам баҳсе бикунем ва бибинем, ки чӣ робитае байни тақво ва байни равшанбинӣ мавҷуд аст? Чӣ тавр мумкин аст тақво, ки як фазилати ахлоқӣ аст ва марбут ба тарзи амали инсон аст, дар дастгоҳи ақлу фикр ва қувваи қазовати инсон таъсир дошта бошад ва маншаъи он шавад, ки инсон ба дарёфти ҳикматҳое ноил гардад, ки бидуни доштани тақво муваффақ ба дарёфти он ҳикматҳо намешавад? Ман махсусан таваҷҷӯҳ ба ин матлаб дорам, ки хеле аз афрод бовар намекунанд, ки ин як матлаби дурусте бошад, инро чизе аз навъи тахайюл медонанд ва танҳо арзиши шеърӣ ва хаёлӣ барояш қоиланд.

Ёдам ҳаст дар чанд сол пеш яке аз навиштаҳои яке аз тарафдорони фалсафаи моддиро мехондам, ки ба ҳамин матлаб ҳамла ва масхара карда буд. Навишта буд, магар тақво ва муҷоҳидаи нафс, сӯҳон ва сунбода аст, ки руҳи одамиро сайқал диҳад ва ҷало бибахшад?!

## Тақво ва ҳикмати амалӣ

Ин нуктаро аввал бояд бигӯям, ки он ҳикмате, ки ба истилоҳ, мавлуди тақвост ва он равшанӣ ва фурқоне, ки дар асари тақво пайдо мешавад, ҳикмати амалӣ аст, на ҳикмати назарӣ.

Ҳукамо истилоҳе доранд, ки ақлро мунқасим мекунанд ба ду қисм: ақли назарӣ ва ақли амалӣ. Албатта мақсуд ин нест, ки дар ҳар касе ду қувваи оқила ҳаст, балки мақсуд ин аст, ки қувваи оқилаи инсон ду навъ маҳсули фикру андеша дорад, ки аз асос бо ҳам ихтилоф доранд: афкор ва андешаҳои назарӣ ва афкор ва андешаҳои амалӣ.

Феълан муқтазӣ нест, ки дар атрофи ин мабҳаси фалсафӣ сӯҳбат кунам ва фарқи афкор ва андешаҳои назарӣ ва амалиро зикр кунам, зеро худи ин матлаб агар бино бошад дар атрофаш сӯҳбат шавад, беш аз як суханронӣ вақт мегирад. Ҳамин қадр иҷмолан арз

мекунам, ки ақли назарӣ ҳамон аст, ки мабнои улуми табиӣ ва риёзӣ ва фалсафаи илоҳӣ аст. Ин улум ҳама дар ин ҷиҳат ширкат доранд, ки кори ақл дар он улум қазоват дар бораи воқеиятҳост, ки фалон шайъ ин тавр аст ва ё он тавр? Фалон асар ва фалон хоссиятро дорад ё надорад? Оё фалон маъно ҳақиқат дорад ё надорад? Ва аммо ақли амалӣ он аст, ки мабнои улуми зиндагӣ аст, мабнои усули ахлоқӣ аст ва ба қавли қудамо, мабнои илми ахлоқ ва тадбири манзил ва сиёсати мудун аст. Дар ақли амалӣ мавриди қазоват, воқеияте аз воқеиятҳо нест, ки оё инчунин аст ё ончунон? Мавриди қазоват, вазифа ва таклиф аст: оё "бояд" ин корро бикунам ё он корро? Ин тавр амал кунам ё он тавр? Ақли амалӣ ҳамон аст, ки мафҳуми хубӣ ва бадӣ ва ҳусну қубҳ ва бояду набояд ва амру наҳй ва амсоли инҳоро халқ мекунад. Роҳе, ки инсон дар зиндагӣ интихоб мекунад, марбут ба тарзи кор кардан ва тарзи қазовати ақли амалии ӯст ва мустақиман рабте ба тарзи кор ва тарзи қазовати ақли назарии вай надорад.

Ин ки дар осори динӣ ворид шуда, ки тақво ақлро равшан мекунад ва даричаи ҳикматро ба рӯйи инсон мекушояд — ҳамчунон ки лаҳни худи онҳо далолат дорад — ҳама марбут ба ақли амалӣ аст, яъне дар асари тақво инсон беҳтар дарди худ ва давои худ ва роҳе, ки бояд дар зиндагӣ пеш бигирад мешиносад, рабте ба ақли назарӣ надорад. Яъне мақсуд ин нест, ки тақво дар ақли назарӣ таъсире дорад ва одамӣ агар тақво дошта бошад, беҳтар дуруси риёзӣ ва ё табииро мефаҳмад ва мушкилоти он улумро ҳал мекунад. Ҳатто дар фалсафаи илоҳӣ низ то он ҷо, ки ҷанбаи фалсафа дорад ва сару кораш бо мантиқ ва истидлол аст ва мехоҳад бо пойи истидлол гом бардорад ва муқаддамот дар фикри худ тартиб медиҳад, то ба натиҷа бирасад, ҳамин тавр аст.

Дар навъе дигар аз маорифи рубубӣ, тақво ва покӣ ва муҷоҳидат таъсир дорад, вале он ҷо дигар пойи ақли назарӣ ва фалсафа ва истидлол ва мантиқ ва тартиби муқаддамот ва сулуки фикрӣ аз натиҷа ба муқаддима ва аз муқаддима ба натиҷа нест. Мақсуд ин аст: ин ҳақиқат, ки баён шуда, ки тақво мӯҷиби издиёди ҳикмат ва издиёди басират ва равшанбинӣ мешавад, нозир ба масоили назарӣ ва ақли назарӣ нест. Ва шояд иллати ин ки дар назари баъзеҳо қабули ин матлаб ин қадр мушкил омада ҳамин аст, ки ин матлабро ба ҳудуди ақли назарӣ тавсиъа додаанд. Ва аммо нисбат ба ақли амалӣ албатта матлаб ҳамин тавр аст ва метавон гуфт, қабл аз ҳар истидлол ва тақрибе, таҷриба гувоҳи ин матлаб аст. Воқеан тақво ва покӣ ва ром кардани нафси аммора дар равшанбинӣ ва иъонат ба ақл таъсир дорад, вале албатта на ба ин маънӣ, ки ақл филмасал ба манзилаи чароғ аст ва тақво ба манзилаи равғани он чароғ ва ё ин ки дастгоҳи ақл ба манзилаи як корхонаи муваллиди рӯшноӣ аст, ки феълан фалон миқдор киловат барқ медиҳад ва

тақво, ки омад фалон миқдор киловати дигар бар барқи ин корхона меафзояд. На, ин таврҳо нест, таври дигар аст. Барои тавзеҳ муқаддимае арз мекунам.

## Душмани душманони ақл

Аз калимоти Алӣ (а) аст:

أصدقاؤک ثلاثة، وأعداؤک ثلاثة

Яъни ту се навъ дӯст ва се навъ душман дорӣ.

فأصدقاؤک: صدیقک وصدیق صدیقک وعدوّ عدوّک

Яъне дӯстони ту яке он кас аст, ки мустақиман дӯсти худи туст, дуввумӣ дӯсти дӯсти туст, севвумӣ душмани душмани туст.

وأعداؤک: عدوّک وعدوّ صدیقک وصدیق عدوّک

(*"Наҳҷул-балоға", ҳикмати 295*) Душманони ту иборат аст аз он ки мустақиман бо худи ту душман аст ва он кас, ки душмани дӯсти туст ва он кас, ки дӯсти душмани туст.

Мақсудам аз нақли ин калом ин буд, ки яке аз анвоъи дӯстон, душмани душман аст. Иллати ин ки душмани душман ба манзилаи дӯст хонда шуда ин аст, ки душманро заъиф мекунад ва дасти вайро мебандад ва аз ин роҳ ба инсон кӯмак мекунад. Ин худ як ҳисобу қоидае аст, ки душмани душман монанди дӯст аст, одамиро тақвият мекунад.

Ин қоида, ки дар афрод ҷорӣ аст, дар ҳолатҳо ва қувваҳои маънавии инсон ҳам ҷорӣ аст. Қуввахои маънавии инсон дар якдигар таъсир мекунанд ва аҳёнан таъсири мухолиф менамоянд ва асари якдигарро хунсо мекунанд. Ин матлаб ҷойи инкор нест. Дар қадиму ҷадид ба тазодде, ки каму беш байни қуввахои мухталифаи вуҷуди инсон ҳаст таваҷҷӯҳ шуда ва ин худ достони муфассале дорад.

## Рози таъсири тақво дар равшанбинӣ

Яке аз ҳолатҳо ва қуввахое, ки дар ақли инсон яъне дар ақли амалии инсон яъне дар тарзи тафаккури амалии инсон, ки мафҳуми хубу бад ва хайру шарр ва дурусту нодуруст ва лозиму ғайрилозим ва вазифа ва таклиф ва ин ки алъон чӣ мебоист бикунам ва чӣ намебоист бикунам ва ин гуна маъонӣ ва мафоҳимро бисозад таъсир дорад, туғёни ҳавову ҳавасҳо ва матомеъ ва эҳсосоти лаҷоҷомез ва таассубомез ва амсоли инҳост, зеро минтақа ва ҳавзаи ақли амалии инсон ба далели ин ки марбут ба амали инсон аст, ҳамон ҳавза ва минтақаи эҳсосот ва тамоюлот ва шаҳавот аст. Ин умур агар аз ҳадди эътидол хориҷ шаванд ва инсон маҳкуми инҳо бошад, на ҳоким бар инҳо, дар баробари фармони

ақл фармон медиҳанд, дар баробари нидои ақлу виҷдон фарёд ва ғавғо мекунанд, барои нидои ақл ҳукми порозит (туфайлӣ ва ҳайвони туфайлӣ)-ро пайдо мекунанд, дигар одамӣ нидои ақли хешро намешунавад, дар баробари чароғи ақл гарду ғубор ва дуду маҳ эҷод мекунанд, дигар чароғи ақл наметавонад партавафканӣ кунад. Филмасал мо, ки дар ин фазо алъон нишастаем ва мегӯем ва мешунавем ва мебинем, ба ҳукми ин аст, ки як нафар сухан мегӯяд ва дигарон сукут кардаанд, чароғҳо нур медиҳанд ва фазо ҳам соф ва шаффоф аст. Вале агар дар ҳамин фазо бо ин як нафар соирин ҳам ҳар кас барои худаш ҳарфе бизанад ва бо садои баланд овозе бихонад, бадеҳӣ аст, ки ҳатто худи гӯянда ҳам нидои худро нахоҳад шунид. Ва агар ин фазо пур аз дуду ғубор бошад, касе касеро нахоҳад дид. Ин аст, ки гуфтаанд:

*Ҳақиқат саройест ороста,*
*Ҳавову ҳавас гарди бархоста.*
*Набинӣ, ки ҷойе ки бархост гард,*
*Набинад назар, гарчӣ биност мард.*
*(Саъдӣ)*

Ва ё гуфтаанд:

*Ҷамоли ёр надорад ниқобу парда, вале*
*Ғубори раҳ бинишон, то назар тавонӣ кард.*
*(Ҳофиз)*

Ва ё гуфтаанд:

*Чун ғараз омад, ҳунар пӯшида шуд,*
*Сад ҳиҷоб аз дил ба сӯйи дида шуд.*
*(Мавлоно)*

Барои мисол ҷавони муҳассилеро дар назар мегирем. Ин ҷавон аз мадраса баргашта, фикр мекунад лозим аст дарсҳояшро ҳозир кунад, барои ин кор чандин соат биншинад ва бихонад ва бинависад ва фикр кунад, зеро бадеҳӣ аст натиҷаи лоқайдӣ ва танбалӣ мардуд шудан ва ҷоҳил мондан ва ақиб мондан ва ҳазорҳо бадбахтӣ аст. Ин нидои ақли ӯст. Дар муқобили ин нидо, мумкин аст фарёде аз шаҳват ва майл ба гардиш ва чашмчаронӣ ва айёшӣ дар вуҷуди ӯ бошад, ки ӯро ором нагузорад. Бадеҳӣ аст, ки агар ин фарёдҳо зиёд бошад, ҷавон нидои ақли худро нашунида ва чароғи фитратро надида мегирад ва бо худ мегӯяд, феълан биравем хуш бошем, то бибинем, баъдҳо чӣ мешавад. Пас ин гуна ҳавоҳо ва ҳавасҳо агар дар вуҷуди инсон бошанд, таъсири ақлро заъиф мекунанд, асари ақлро хунсо мекунанд ва ба таъбири дигар ин ҳавову ҳавасҳо бо ақли одамӣ душманӣ меварзанд. Дар ҳадис аст, ки Имом Содиқ (а) фармуд:

الهوى عدوّ العقل

(*“Мисбоҳуш-шариъа”, боби 38, с.223*) Ҳавову ҳавас душмани ақл аст.

Алӣ (а) дар бораи ъуҷб ва худписандӣ фармуд:

عُجب المرء بنفسه أحد حسّاد عقله

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 212*) Худписандии инсон яке аз умуре аст, ки бо ақли вай ҳасодат ва душманӣ меварзад. Дар бораи тамаъ фармуд:

أكثر مصارع العقول تحت بروق المطامع

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 219*) Бештари замин хӯрданҳои ақл он ҷост, ки барқи тамаъ ҷастан мекунад.

*Бидӯзад шараҳ дидаи ҳушманд,*

*Дарорад тамаъ мурғу моҳӣ ба банд.*

*(Саъдӣ)*

Расули Акрам (с) мефармояд:

أعدى عدوّک نفسک التي بين جنبيک

(*“Биҳорул-анвор”, ҷ.70, с.64*) Яъне болотарин душманони ту ҳамон нафси аммора ва эҳсосоти саркаши туст, ки аз ҳама ба ту наздиктар аст ва дар миёни ду паҳлӯят қарор гирифтааст.

Иллати ин ки ин душман болотарини душманон аст возеҳ аст, зеро душмани ақл аст, ки беҳтарин дӯсти инсон аст. Ҳам Расули Акрам (с) фармуд:

صديق كل امرء عقله

(*“Биҳорул-анвор”, ҷ.1, с.87, аз ҳазрати Ризо алайҳис-салом*) Яъне дӯсти воқеии ҳар кас, ақли ӯст.

Аз ҳар душмане бо нерӯи ақл метавон дифоъ кард. Агар душмане пайдо шавад, ки битавонад ақлро бидуздад, пас ӯ аз ҳама хатарноктар аст. Соиби Табрезӣ шеъре дорад, ки мисли ин аст, ки тарҷумаи ҳамон ҳадиси набавӣ аст, мегӯяд:

*Бистари роҳат чӣ андозем баҳри хоби хуш,*

*Мо, ки чун дил душмане дорем дар паҳлӯи хеш.*

Пас таваҷҷӯҳ ба ин матлаб лозим аст, ки ҳолатҳо ва қувваҳои маънавии инсон ба ҳукми тазодд ва тазоҳуме, ки миёни баъзе бо баъзеи дигар аст, дар якдигар таъсири мухолиф мекунанд ва тақрибан асари якдигарро хунсо мекунанд ва ба иборати дигар бо якдигар душманӣ ва ҳасодат меварзанд. Аз он ҷумла аст душмании ҳавову ҳавас бо ақл.

Аз ҳамин ҷо маънои таъсири тақво дар тақвияти ақл ва издиёди басират ва равшанбинӣ равшан мешавад. Тақво, на суҳон аст ва на сунбода ва на равғани чароғ. Тақво душмани душмани ақл аст, аз навъи севвуми дӯстоне аст, ки Алӣ (а) фармуд:

وعدوّ عدوّك

Малакаи тақво, ки омад, душмани ақлро, ки ҳавову ҳавас аст рому маҳор мекунад, дигар намегузорад асари ақлро хунсо кунад, гарду ғубор барояш ба вуҷуд оварад, порозит эҷод кунад. Чӣ хуб мегӯяд Мавлавӣ:

*Ҳиссҳо в-андеша бар оби сафо*
*Ҳамчу хас бигрифта рӯйи обро…*
*Хас бас анбӯҳ буд бар ҷӯ чун ҳубоб,*
*Хас чу як сӯ рафт, пайдо гашт об…*
*Чунки тақво баст ду дасти ҳаво,*
*Ҳақ гушояд ҳар ду дасти ақлро.*

Пас маълум шуд, ки тақво воқеан таъсир дорад дар тарзи тафаккур ва тарзи қазовати инсон, вале навъи таъсираш ин аст, ки ҷилави таъсири душманро мегирад ва аз ин роҳ дасти ақлро боз мекунад ва ба вай озодӣ медиҳад:

عتق من كلّ ملكة

Ҳукамо ин гуна омилҳоро, ки ба таври ғайримустақим таъсир доранд, фоили билараз меноманд. Мегӯянд, фоил ё биззот аст ва ё билараз. Фоили биззот он аст, ки асар, мустақиман аз худи ӯ тавлид шуда ва фоили билараз он аст, ки асар, мавлуди иллати дигаре аст ва кори ин иллат кори дигаре аст мисли ин ки монеъро бартараф кардааст ва ҳамин ки монеъ бартараф шуд, он иллати дигар асари худро тавлид мекунад, вале башар ҳаминро кофӣ медонад, ки он асарро ба ин иллати зоилкунандаи монеъ ҳам нисбат бидиҳад.

Агар инсон дар ҳар чизе шак кунад, дар ин матлаб наметавонад шак кунад, ки хашм ва шаҳват ва тамаъ ва ҳасад ва лиҷоҷ ва таассуб ва худписандӣ ва назоири ин умур одамиро дар зиндагӣ кӯру кар мекунад. Одамӣ пеши ҳавас кӯру кар аст. Оё метавон дар ин матлаб шак кард, ки яке аз ҳолоти оддӣ ва маъмулии башар ин аст, ки айбро дар худ намебинад ва дар дигарон мебинад ва ҳол он ки худаш бештар ба он айб мубталост? Оё иллати ин нобинои нисбат ба айби худ ҷуз ъуҷбу худписандӣ ва мағрурӣ чизи дигаре ҳаст? Оё тардиде ҳаст, ки мардумони муттақӣ, ки муҷоҳидаи ахлоқӣ доранд ва бар ъуҷб ва тамаъ ва соири разоили нафсонӣ фоиқ омадаанд, беҳтар ва равшантар айби худ ва дарди худро

дарк мекунанд? Ва оё барои инсон илм ва ҳикмате муфидтар аз ин ки худро ва айби худро ва роҳи ислоҳи худро бишносад вуҷуд дорад?
Агар тавфиқе пайдо кунем, ки бо нерӯи тақво нафси аммораро рому мутеъ намоем, он вақт хоҳем дид чӣ хуб роҳи саодатро дарк мекунем ва чӣ хуб мефаҳмем ва чӣ равшан мебинем ва чӣ хуб ақли мо ба мо илҳом мекунад. Он вақт мефаҳмем, ки ин масоил чандон ҳам печида ва мӯҳтоҷ ба истидлол набуда, хеле возеҳ ва равшан буда, фақат ғавғоҳо ва порозитҳо намегузоштаанд, ки мо таълими ақли худро бишнавем.

## Оё ҳуш ғайр аз ақл аст?

Гоҳе афроде дида мешаванд, ки дар масоили илмӣ бисёр зирак ва боҳушанд ва аз дигарон хеле ҷилаванд, вале ҳамин ашхос дар масъалаи зиндагӣ ва роҳе, ки бояд интихоб кунанд мисли одамҳои гиҷу мутаҳайиранд, афроде, ки ҳушашон дар илмиёт аз инҳо хеле ақибтар аст, масолеҳи зиндагиро беҳтар ва равшантар мебинанд. Бинобар ин ин фикр пеш омада, ки дар инсон ду чиз аст: яке ҳуш ва яке ақл, баъзе боҳуштранд ва баъзе оқилтар.
Вале ҳақиқат ин аст, ки мо ду қувва надорем: яке ба номи ақл ва дигаре ба ном ҳуш. Афроди боҳуше, ки дар масоили амалӣ гиҷу мабҳуту мутаҳайиранд иллаташ ҳамон аст, ки арз шуд: дар асари туғёни душманони ақл, асари ақлашон хунсо шуда, порозитҳо намегузоранд, ки фармони ақли худро бишнаванд. Ин гуна ашхос порозити вуҷудашон зиёд аст, на ин ки дар ақли худ каму касре дошта бошанд.
Дар аввали сухан ишора кардам, ки тақво ва муҷоҳидаи ахлоқӣ ва таҳорати руҳ, дар он чи марбут ба ҳавзаи ақли назарӣ аст, ҳеч гуна таъсире надорад. Ҳатто фалсафаи илоҳӣ низ вобастагӣ ба ин маъонии ахлоқӣ надорад. Ва ишора кардам, ки дар айни ҳол ба наҳви дигаре тақво ва муҷоҳидаи ахлоқӣ дар таҳсили маорифи илоҳӣ муассир аст. Ин матлаб эҳтиёҷ ба баҳси мустақил дорад ва чун он чи феълан гуфтам хеле мухтасар буд, як ишораи кӯтоҳе мекунам.
Аз қадим бисёре аз доноён ба ин нукта расидаанд, ки дар инсон, илова бар ҳамаи қувваҳои ақлонӣ ва идрокӣ, як ҳисси删 мармузи дигар низ вуҷуд дорад, ки метавона номи онро ҳисси илҳомгирӣ гузошт. Илми имрӯз ҳам тадриҷан ин назарро таъйид мекунад; мегӯяд, як ҳисси асиле дар инсон вуҷуд дорад, ки аз ҳар қувваи ҳисси дигар мустақил аст. Ин ҳис низ ба навбаи худ каму беш дар ҳамаи афрод бо ихтилофу шиддату заъф мавҷуд аст ва монанди соири эҳсосҳои одамӣ қобили рушду нумӯву тарбият аст. Ҳоло бояд дид, чӣ чиз ин ҳисро дар инсон рушду нумӯву парвариш медиҳад?

Чизе, ки ин ҳиссро рушд медиҳад, тақво ва таҳорат ва муҷоҳидати ахлоқӣ ва мубориза бо ҳавоҳои нафсонӣ аст. Аз назари мантиқи дин, ин худ амрест ғайри қобили инкор. Дар ин ҷо фақат чанд ҷумла аз "Наҳҷул-балоға" дар ин замина нақл мекунам; мефармояд:

قد أحيي عقله، وأمات نفسه حتى دقّ جليله، ولطف غليظه، وبرق له لامع كثير البرق، فأبان له الطريق، وسلك به السبيل، فتدافعته الأبواب الى باب السلامة

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 218*) Ақли хешро зинда карда ва нафси аммораро мирондааст, то он ҷо, ки асари ин муҷоҳидат дар бадани вай зоҳир шуда ва устухони вайро нозук ва ғилзати вуҷуди вайро табдил ба латофат карда. Дар ин мавқеъ барқи шадид барои вай меҷаҳад ва роҳро ба ӯ нишон медиҳад ва ӯро дар роҳ меандозад ва пайваста аз ин дар ба он дар ва аз ин марҳила ба он марҳила ӯро ҳаракат медиҳад, то мерасад ба он ҷо, ки боби саломати мутлақ аст.

يَهْدِي بِهِ اللَّهُ مَنِ اتَّبَعَ رِضْوَانَهُ سُبُلَ السَّلَامِ وَيُخْرِجُهُمْ مِنَ الظُّلُمَاتِ إِلَى النُّورِ بِإِذْنِهِ وَيَهْدِيهِمْ إِلَى صِرَاطٍ مُسْتَقِيمٍ

(*Сураи Моида, ояти 16*) (Худованд ба сабаб он, касонеро, ки хушунудии ӯро меҷӯянд, ба роҳҳои саломатӣ ҳидоят мекунад ва ба изни хеш эшонро аз торикиҳо ба сӯйи нур берун мебарад ва ба роҳи рост ҳидоят менамояд.)

## Тақво ва талтифи эҳсосот

Тақво ва таҳорат дар як ноҳияи дигар ҳам таъсир дорад ва он ноҳияи авотиф ва эҳсосот аст, ки эҳсосотро рақиқтар ва латифтар мекунад. Ин тавр нест, ки одами ботақво, ки худро аз палидиҳо ва корҳои зишт ва касиф, аз риё ва тамаллуқ, аз бандагӣ ва косалесӣ дур нигаҳ дошта, соҳати замири худро пок нигаҳ дошта, иззат ва маноъат ва озодманишии худро ҳифз карда, таваҷҷӯҳаш ба маъно буда, на ба модда, як ҳамчу шахсе, навъи эҳсосоташ бо эҳсосоти як одами ғарқи дар фаҳшо ва палидӣ ва ғарқи дар моддиёт, яке бошад. Мусалламан эҳсосоти ӯ олитар ва рақиқтар ва латифтар аст, таассуроти ӯ дар муқобили зебоиҳои маънавӣ бештар аст, дунёро таври дигаре ва бо зебоии дигаре мебинад, он ҷамоли ақлӣ, ки дар оламИ вуҷуд аст, беҳтар ҳис мекунад.

Гоҳе ин масъала тарҳ мешавад, ки чаро дигар шоироне мисли собиқ пайдо намешавад? Чаро дигар он лутф ва риққат, ки масалан дар гуфтаҳои Саъдӣ ва Ҳофиз ҳаст, имрӯз пайдо намешавад? Ва ҳол он ки ҳама чиз пеш рафта ва тараққӣ карда, илм ҷилав рафта ва афкор тараққӣ намуда, дунё аз ҳар ҷиҳат пеш рафта.

Агар ба шоирони муосир барнахӯрад, ақидаи шахсии ман ин аст, ки иллати ин амр як чиз аст ва он ин ки илова бар завқи табиӣ ва қудрати халлоқаи фикрӣ, як риққат ва

латофат ва ҳассосияти дигар дар замир лозим аст. Ин риққат ва латофат вақте пайдо мешавад, ки шахс таваҷҷӯҳи бештаре ба тақво ва маънавият дошта бошад, асири деви хашму шаҳват набошад, озодагӣ ва ворастагӣ дошта бошад. Агар иддае исрор доранд, ки шоирони равшанзамири гузаштаро ҳам мисли худашон олуда ва палид муаррифӣ кунанд ва ин муамморо ҳалнашуданӣ ҷилва диҳанд, матлаби дигаре аст. Ақидаи шахсии ман ин аст, ки одами палид ва олуда ҳар андоза қудрати ҳушу заковаташ зиёд бошад, аз дарки лутфҳои маънавӣ ва руҳӣ оҷиз аст ва наметавонад он тавр маънии латифу рақиқ, ки дар суханони баъзе дида мешавад, ибдоъ кунад.

## Тақво ва нерӯи пирӯзӣ бар шадоид

Аммо асари дигари тақво, ки Қуръони Карим мефармояд:

وَمَنْ يَتَّقِ اللَّهَ يَجْعَلْ لَهُ مَخْرَجًا

Ҳар кас, ки тақвои Худо дошта бошад, Худованд барои ӯ роҳи берун шудан аз сахтиҳо ва шадоидро қарор медиҳад.

Ҳамчунин мефармояд:

وَمَنْ يَتَّقِ اللَّهَ يَجْعَلْ لَهُ مِنْ أَمْرِهِ يُسْرًا

Ҳар кас, ки тақвои илоҳӣ дошта бошад, Худованд як навъ суҳулат ва осонӣ дар кори ӯ қарор медиҳад.

Амирулмӯъминин (Саломуллоҳи алайҳ!) мефармояд:

فمن أخذ بالتقوى عزبت عنه الشدائد بعد دنوها، واحلولت له الأمور بعد مرارتها، وانفرجت عنه الأمواج بعد تراكمها، وأسهلت له الصعاب بعد إنصابها

Яъне ҳар кас, ки чанг ба домани тақво бизанад, сахтиҳо ва шадоид баъд аз он ки ба ӯ наздик шудаанд, аз ӯ дур мешаванд ва корҳо, ки бар зоиқаи ӯ талх омадаанд, бароящ ширин мешаванд, мавҷҳо, ки рӯйи ҳам ҷамъ шудаанд ва мехоҳанд ӯро ба ком бикашанд, аз ӯ канор мераванд, умури пурмашаққат бар ӯ осон мегардад.

Дар ин ҷо низ суоле тарҳ мешавад, ки чӣ робитае миёни тақво, ки як хасисаи руҳӣ ва ахлоқӣ аст, бо пирӯзӣ бар мушкилот ва шадоид вуҷуд дорад?

## Ду навъ мазиқа ва тангно

Дар ин ҷо муқаддима бояд арз кунам, ки мазиқаҳо ва тангноҳое, ки барои инсон пеш меояд ва сахтиҳое, ки инсон дар он сахтиҳо воқеъ мешавад, ду навъ аст:

Як навъ мазиқаҳое аст, ки ихтиёр ва иродаи инсон ҳеч гуна дахолате дар онҳо надорад, мисли ин ки савори ҳавопаймо мешавад ва ҳавопаймо хароб мегардад ва ё он ки савори киштӣ аст ва дарё тӯфонӣ мешавад, хатари ғарқ шудан вуҷуд дорад ва амсоли ин шиддатҳо ва гирифториҳое, ки барои ҳар касе мумкин аст пеш биёяд бидуни он ки қобили пешбинӣ бошад ва ирода ва ихтиёри инсон дар он дахолат дошта бошад.

Ва навъи дигар аз ибтилоҳо ва мазоиқ ва гирифториҳо онҳоест, ки ирода ва ихтиёри инсон дар ин ки вориди он гирифториҳо бишавад ва ё нашавад ва агар ворид шуд, чӣ гуна хориҷ шавад дахолат дорад ва ба таъбири дигар, гирифториҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ. Пас дар ин ҷо ду масъала пеш меояд: яке, таъсири тақво дар наҷоти инсон аз гирифториҳои навъи аввал ва дигар, таъсири тақво дар наҷот аз гирифториҳои навъи дуввум.

Аммо дар қисмати аввал ман алъон наметавонам изҳори назар кунам, ки баёни Қуръон шомили наҷот аз ин навъ гирифториҳо ҳам ҳаст ё нест. Албатта ҳеч монеъе нест, ки як ҳамчу номусе дар ҷаҳон бошад ва як навъ замонати илоҳӣ буда бошад, назири истиҷобати дуо, вале ҷумлае ҳаст дар "Наҳҷул-балоға", ки метавон онро ба манзилаи тафсири ин матлаб талаққӣ кард, ки манзур, наҷот аз гирифториҳои навъи дуввум аст. Дар хутбаи 181 мефармояд:

واعلموا أنه من يتق الله يجعل له مخرجا من الفتن، ونورا من الظلم

Бидонед, ки ҳар ки тақвои илоҳӣ дошта бошад, Худованд барои ӯ роҳи берун шудан аз фитнаҳо ва нуре ба ҷойи торикӣ қарор медиҳад.

Фитнаҳо ҳамон ибтилоъоти суъ ва гирифториҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ аст.

Гирифториҳои навъи аввал нодирулвуҷуд аст. Умдаи гирифториҳо ва шадоид ва музоике, ки барои инсон пеш меояд ва зиндагиро талх ва шақоватолуд мекунад ва ҳар гуна саодати дунявӣ ва ухравиро аз инсон салб мекунад, ҳамин фитнаҳо ва ибтилоъоти суъ ва гирифториҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ аст. Бо таваҷҷӯҳ ба ин ки маншаъи бештари гирифториҳои ҳар касе худи ӯст ва ҳар касе худаш болотарин душманони худаш аст –

أعدى عدوّك نفسک التي بين جنبيک

— ҳар касе худаш сарнавишти худро таъйин мекунад, ғолиби рафторҳои ҳар касе бо худаш хасмона аст.

*Душман ба душман он написандад, ки бехирад*

*Бо нафси худ кунад ба мурoду ҳавои хеш.*

*(Саъдӣ)*

Ағлаби гирифториҳое, ки барои мо пеш меояд, аз хориҷ наомада, худамон барои худамон дуруст кардаем. Ман дар зиндагии худам ва ҳамчунин дар зиндагии ашхосе, ки таҳти мутолеаи ман будаанд, таҷриба кардаам, дидаам ҳамин тавр аст. Бо таваҷҷӯҳ ба инҳо хуб возеҳ мешавад, ки силоҳи тақво чӣ андоза муассир аст дар ин ки инсонро аз фитнаҳо дур нигаҳ медорад, ба фарзи ин ки дар фитна воқеъ шуд, тақво ӯро наҷот медиҳад. Қуръони Карим дар сураи Аъроф ояти 201 мефармояд:

إِنَّ الَّذِينَ اتَّقَوْا إِذَا مَسَّهُمْ طَائِفٌ مِنَ الشَّيْطَانِ تَذَكَّرُوا فَإِذَا هُمْ مُبْصِرُونَ

Мардумони ботақво агар ҳам аҳёнан хаёле аз шайтон бар онҳо бигузарад ва ҷони онҳоро ламс кунад ва руҳи онҳоро торик намояд, тазаккур пайдо карда ва ба ёди Худо меафтанд ва басирати худро бозмеёбанд.

Ба ҳамин далел, ки тақво асари аввал яъне равшанбинӣ ва издиёди басиратро ба дунболи худ дорад, асари дуввум яъне наҷот аз маҳолик ва мазоиқро дорад. Гирифториҳо ва шадоид дар торикӣ пайдо мешавад, торикии ғубори гуноҳон ва ҳавоҳо ва ҳавасҳо. Вақте, ки нури тақво пайдо шуд, роҳ аз чоҳ тамйиз дода мешавад ва инсон камтар гирифтор мешавад ва агар гирифтор шуд, дар равшании тақво беҳтар равзанаи берун рафтанро пайдо мекунад.

Гузашта аз ҳама инҳо, тақво ва худнигаҳдорӣ сабаб мешавад, ки инсон нерӯҳои захираи вуҷуди худро дар роҳҳои лағву лаҳву ҳаром ҳадар надиҳад, ҳамеша нерӯи захира дошта бошад. Бадеҳӣ аст, ки одами нерӯманд ва боирода ва бошахсият беҳтар тасмим мегирад ва беҳтар метавонад худро наҷот бидиҳад. Ҳамон тавре, ки нур ва рӯшноӣ доштан, роҳе ва василае аст барои наҷот ва раҳоӣ, қувват ва нерӯ доштан низ ба навбаи худ роҳ ва василае аст, ки Худованди Мутаъол қарор додааст.

Дар охирҳои сураи муборакаи Юсуф ояте аст, ки ба манзилаи натиҷагирӣ аз он достони аҷиб ва пурҳаяҷон аст. Достони ҳазрати Юсуфро каму беш ҳама шунидаед. Он ҷо, ки достон наздик аст ба охир бирасад, яъне баъд аз он ки Юсуф, азизи Миср мегардад ва бародарони Юсуф дар асари қаҳтӣ барои таҳияи ғалла, аз Канъон ба Миср меоянд ва онҳо Юсуфро намешиносанд, вале Юсуф онҳоро мешиносад ва Юсуф ба баҳонае Бенёминро, ки аз тарафи модар ҳам бо Юсуф бародар буд пеши худ нигаҳ медорад, дар ин вақт барои бори дуввум бародарон меоянд ва бо гардани каҷ ва илтимос аз Юсуф гандум мехоҳанд ва ҳолати аҷзу илтимоси хоссе ба худ мегиранд ва чӣ қадр хуб Қуръони Карим манзараи тазаллул ва зорӣ ва кӯчакии онҳоро дар ин оят муҷассам кардааст! Гуфтанд:

قَالُوا يَا أَيُّهَا الْعَزِيزُ مَسَّنَا وَأَهْلَنَا الضُّرُّ وَجِئْنَا بِبِضَاعَةٍ مُزْجَاةٍ فَأَوْفِ لَنَا الْكَيْلَ وَتَصَدَّقْ عَلَيْنَا إِنَّ اللَّهَ يَجْزِي الْمُتَصَدِّقِينَ

Эй азиз ва эй меҳтар! Мо ва хонаводаамон бадбахт шудаем ва ваҷҳи ноқобиле барои хариди гандум бо худ овардаем. Кайли тамом ба мо бидеҳ ва бар мо мискинон тасаддуқ кун. Худованд ба тасаддуқкунандагон подош медиҳад.

Юсуф то ин вақт худашро муаррифӣ накарда буд. Дар ин вақт хост худашро ба онҳо бишносонад:

قَالَ هَلْ عَلِمْتُمْ مَا فَعَلْتُمْ بِيُوسُفَ وَأَخِيهِ إِذْ أَنْتُمْ جَاهِلُونَ

Гуфт: ёдатон ҳаст, ки аз рӯйи ҷаҳолат ва нодонӣ, бо Юсуф ва бародараш чӣ кардед? Ҳамин ки ин ҷумларо гуфт, ки оё ёдатон ҳаст бо Юсуф ва бародараш чӣ кардед, онҳо ҷо хӯрданд:

قَالُوا أَإِنَّكَ لَأَنْتَ يُوسُفُ

Гуфтанд: оё ту Юсуф ҳастӣ?

قَالَ أَنَا يُوسُفُ وَهَٰذَا أَخِي قَدْ مَنَّ اللَّهُ عَلَيْنَا

Гуфт: бале, ман Юсуфам ва ин ҳам бародари ман аст. Худованд иноят ва лутфи хосси худро шомили ҳоли мо гардонид.

إِنَّهُ مَنْ يَتَّقِ وَيَصْبِرْ فَإِنَّ اللَّهَ لَا يُضِيعُ أَجْرَ الْمُحْسِنِينَ

(*Сураи Юсуф, оёти 88 то 90*) Ҳар кас ки тақво ва сабр дошта бошад, худнигаҳдорӣ ва муқовамат дошта бошад, Худованд подоши некӯкоронро зойеъ намекунад. Ин ки мебинед, натиҷаи тақво аст, натиҷаи покӣ ва худнигаҳдорӣ аст. Ғулом шудам ва зери дасти ину он афтодам, аммо тақворо ҳифз кардам, корам ба ҷойе расид, ки муташаххистарини занони Миср ва яке аз зеботарин занони Миср аз мани ҷавони бе исму расм тақозои ком гирифтан кард, вале ман худамро дар паноҳи тақво нигаҳ доштам ва гуфтам:

رَبِّ السِّجْنُ أَحَبُّ إِلَيَّ مِمَّا يَدْعُونَنِي إِلَيْهِ

(*Сураи Юсуф, ояти 33*) Ман зиндонро бар ин лаззатҳои мақрун ба олудагӣ тарҷеҳ медиҳам. Тақвои он рӯз, маро имрӯз азизи Миср кард.

Тақво ва сабр ва покӣ ва назоҳат дар ин ҷаҳон гум намешавад, одамиро аз ҳазизи зиллат ба авҷи иззат мерасонад.

إِنَّهُ مَنْ يَتَّقِ وَيَصْبِرْ فَإِنَّ اللَّهَ لَا يُضِيعُ أَجْرَ الْمُحْسِنِينَ

Мисли ин аст, ки Қуръони Карим натиҷаи достони Юсуфро дар ин як ҷумла хулоса кардааст, ки оқибат аз они тақвост. Тақво одамиро аз маҳолик ва шадоиди бисёре наҷот медиҳад ва ба авҷи иззат мерасонад:

وَمَنْ يَتَّقِ اللَّهَ يَجْعَلْ لَهُ مَخْرَجًا

Барои мардумони муттақӣ, ки дар ҳама ҳол худро ҳифз мекунанд, бунбаст ва шикаст вуҷуд надорад.

Вақте, ки инсон калимот ва хитоботи Абӯабдуллоҳ (а) (Имом Ҳусайн)-ро ба хонадони мӯҳтарамаш мебинад, ки бо чӣ имон ва итминоне ба онҳо итминон медиҳад, ғарқ дар ҳайрат мешавад: ё Рабб! Ин чӣ руҳия ва чӣ имон ва чӣ итминон аст ва ин тазминро аз куҷо гирифта буд?! Дар китобҳо навиштаанд:

ثم ودع ثانيا أهل بيته

Барои бори дуввум бо аҳли байти худ видоъ кард, ба онҳо гуфт:

استعدّوا للبلاء واعلموا أن الله حافظكم وحاميكم

Муҳайё ва омодаи таҳаммули сахтиҳо бошед ва бидонед, Худованд шуморо ҳифз ва ҳимоят мекунад.

وسينجيكم من شر الأعداء ويجعل عاقبة أمركم إلى خير

Шуморо наҷот хоҳад дод ва саранҷоми кори шуморо нек хоҳад кард.

ويعذب أعاديكم بأنواع البلاء، ويعوضكم الله عن هذه البلية بأنواع النعم والكرامة

Душманони шуморо ба ақсоми азобҳо гирифтор хоҳад кард ва ба шумо ба ивази ин шадоид ва балоё, анвоъе аз неъматҳо ва кароматҳо хоҳад дод.

فلا تشكوا ولا تقولوا بألسنتكم ما ينقص من قدركم

(*“Нафасул-маҳмум”, с.355 ва 445*) Мабодо шикоят кунед ва мабодо ҷумлае бар забон биёваред, ки аз қадру қимати шумо бикоҳад.

Итминоне, ки Ҳусайн (а) ба пирӯзии ниҳоӣ дошт ва ба хонадонаш талқин мекард, аз ҳамон ояти Қуръон сарчашма мегирад, ки мефармояд:

وَمَنْ يَتَّقِ اللَّهَ يَجْعَلْ لَهُ مَخْرَجًا

Ин тазминро аз Қуръон гирифта буд. Аз навъи итминон ва имоне аст, ки Юсуфи Сиддиқ дошт, ки ҳангоме, ки ба натиҷаи тақвои худ расид, бо хушҳолӣ ва ризоят мегуфт:

إِنَّهُ مَنْ يَتَّقِ وَيَصْبِرْ فَإِنَّ اللَّهَ لَا يُضِيعُ أَجْرَ الْمُحْسِنِينَ

Вале Имом Ҳусайн (а) қабл аз он ки достон ба охир бирасад ва ба натиҷа бирасад, натиҷаро медид.

Калимоти шумурдаи Ҳусайн мисли тир бар қалби хонадонаш нишаст. Сахтиҳо ва асоратҳоро таҳаммул карданд, вале дар паноҳи сабр ва тақво, оқибати корашон ҳамон тавр шуд, ки Ҳусайн (а) ба онҳо ваъда дода буд ва Худованд дар Қуръон тазмин карда буд. Баъд аз чанде мебинем, ки Зайнаб (Саломуллоҳи алайҳо!) ҳамон ҷумлаҳои Ҳусайнро ба алфози дигар бо як дунё итминон бозгӯ мекунад. Хитоб ба Язид ибни Муовия карда мегӯяд:

فكد كيدک، واسع سعيک، وناصب جهدک، فوالله لا تمحوا ذكرنا، ولا تميت وحينا، ولا تدرک أمدنا، ولا ترحض عنک عارها

(*“Нафасул-маҳмум”, с.355 ва 445*) Ҳар ҳилае, ки мехоҳӣ ба кор бибар ва ҳар чи дилат мехоҳад кӯшиш кун, аммо ба Худо қасам, ки нахоҳӣ тавонист номи мо ва маҳбубият ва эҳтироми моро аз байн бибарӣ, наметавонӣ ваҳйи зиндаи Худоро, ки дар хонадони мо пайдо шуда бимиронӣ. Барои ту ҷуз ору нанг ва расвоӣ дар ин ҷаҳон чизе боқӣ намемонад.

# Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَنِ الرَّحِيمِ

وَلْتَكُنْ مِنْكُمْ أُمَّةٌ يَدْعُونَ إِلَى الْخَيْرِ وَيَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ وَأُولَئِكَ هُمُ الْمُفْلِحُونَ

(*Сураи Оли Имрон, ояти 104*) "*Ва бояд гурӯҳе аз шумо бошанд, ки ба сӯйи хайр даъват кунанд ва ба корҳои хайр фармон диҳанд ва аз зиштиҳо боздоранд ва инон растгоронанд*."

Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар яке аз усули амалии ислом аст ва чун асле аст, ки дар худи Қуръони Маҷид бо сароҳат ва таъкид омада ва баъд дар ахбори набавӣ ва осори имомони тоҳирин дар бораи он бисёр сухан гуфта шуда ва баъд ҳам бузургон ва уламои дин дар ҳамаи қарнҳо, давра ба давра ва табақа ба табақа, дар бораи ин асл ва аҳаммияти он суханҳо гуфта ва матолибе навиштаанд, дар миёни уламои исломӣ зиёд мавриди баҳс қарор гирифта ва беш аз ҳар ҷо дар китобҳои фиқҳия мавриди баҳсу гуфтугӯ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

# Масоиле, ки фуқаҳо тарҳ мекунанд

Маъмулан фуқаҳо — ва ҳамчунин ғайри фуқаҳо, ки аҳёнан вориди ин матлаб шудаанд — баҳси худро дар чанд қисмат қарор медиҳанд. Ман намехоҳам вориди он қисматҳо башавам. Ба таври ишора ва феҳрист онҳоро зикр мекунам:

Яке, баёни оёти зиёде, ки дар Қуръони Маҷид дар ин боб аст ва ахбори бисёре, ки аз Расули Акрам (с) ва ё имомони тоҳирин (а) дар ин боб расида, ки ба қавли Шаҳиди Сонӣ, камарро мешиканд.

Дигар, баҳсест дар маънои маъруф ва мункар ва таърифи онҳо. Ва аҳёнан ба муносибати маънои маъруф ва мункар, баъзе аз фуқаҳо вориди баҳси маъруфи каломии ҳусну қубҳи ақлӣ шудаанд.

Дигар ин ки оё амр ба маъруф ва наҳй аз мункар воҷиби айнӣ аст ё воҷиби кифоӣ?

Дигар ин ки шароити вуҷуби амр ба маъруф ва наҳй аз мункар чист? Чун ҳар таклифе ва амру наҳйе шароите дорад. Илова бар шароити оммаи машҳур аз ақлу булуғу қудрату ҳатто илм — ба як эътибор — ки ҳар таклифе машрут ба ин умур аст, ҳар таклифи бахусусе мумкин аст шароити махсус ба худ дошта бошад. Оё амр ба маъруф ва наҳй аз мункар низ ба саҳми худ шароити махсусе доранд ё на?

Маъмулан фуқаҳо чаҳор шарт зикр мекунанд: яке илм ва маърифат, дигар эҳтимоли асар ва натиҷа, севвум набудани зарар ва ба таъбири баъзе аз фуқаҳо, мутараттиб нашудани

мафсада, чаҳорум идома ва исрори мутахаллиф, яъне он кас, ки маъруфро тарк карда ва ё муртакиби мункар шуда, худаш мунсариф ва нодим ва пушаймон нашуда бошад.

Масъалаи дигаре, ки боз баҳс мекунанд, маротиб ва дараҷоти амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст, ки дар ахбор ва аҳодис ба таври куллӣ ворид шуда, ки се дараҷа ва се мақом дорад: мартибаи қалб, мартибаи забон, мартибаи даст. Фуқаҳо ҳам ин се мартибаро ташреҳ карда ва тафсил додаанд ва гуфтаанд: дар дараҷаи аввал мусалмон бояд дар қалби худ нисбат ба хилофкориҳо ва тарки воҷиботи илоҳӣ ва иртикоби манҳийёти динӣ танаффуре эҳсос намояд ва камтарин мазҳаре, ки ин танаффури қалбӣ метавонад дошта бошад, як амали манфӣ аст яъне эъроз ва тарки муошират ва ҳамчунин аст изҳори таассуф ва такаддур бо қиёфа. Дар мартибаи забон ҳам бояд аввал аз тариқи панду насиҳҳате ва нармӣ ворид шуд ва агар фоида накард, суханони дурушт ва бо хушунат ба кор бурда шавад. Барои мартибаи яду амал ҳам маротибе зикр кардаанд ва ғолибан мутаваҷҷеҳи ин қазия шудаанд, ки гоҳе эҳтиёҷ меафтад ба ин ки эъмоли зӯр ва унф бишавад ва басо мешавад садамае бар тараф ворид шавад ва ҷароҳате бардорад ва ё он ки аҳёнан мумкин аст мунҷар ба қатли касе бишавад. Ба ин ҷо, ки мерасад, фуқаҳо ба истилоҳ таваққуф мекунанд ва мегӯянд, ин дигар вазифаи оммаи мардум нест. Омма ҳақ надоранд аз пеши худ даст ба ин гуна корҳо бизананд. Ин мартибаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар вазифаи ҳокими шаръӣ ва ё касе аст, ки аз тарафи ҳокими шаръӣ иҷоза ва дастури ин корро дошта бошад. Агар ба оммаи мардум иҷозаи ин корҳо дода шавад, мусталзими ҳарҷу марҷ дар иҷтимоъ мешавад.

Масоили дигаре ҳам маъмулан дар зайли мабҳаси амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аз тарафи фуқаҳо унвон мешавад, ки дар ҳақиқат аз ин боб нест, боби ҷудогонае аст, аз қабили ин ки ҳудуд ва таъзиротро чӣ касе бояд анҷом диҳад? Оё дар замони ғайбати имом ин вазифа мутаваҷҷеҳи фуқаҳо аст ё на?

“Ҳудуд “иборат аст аз муҷозотҳое, ки аз тарафи шореъи ислом ҳадду андозааш барои ҳама муайян шуда мисли ҳадди уздӣ ва ҳадди зино.

Ва ”таъзир“ иборат аст аз муҷозотҳое барои хилофкориҳое, ки шореъи ислом барои он хилофкориҳо муҷозотҳое дар ҳадду мизони муайяне қарор надода ва онро дар ҳар мавриде ба назари шахси ҳоким қарор дода, ки бар ҳасби иллатҳо ва омилҳои мухталифе, ки дар ҳар мавзӯъ ҳаст, ҳар андоза медонад ва маслиҳат иқтизо мекунад, онро таъйин кунад.

Ҳудуд ва таъзирот ҳам мисли амр ба маъруф ва наҳй аз мункар барои ин ҷиҳат ташреъ шуда, ки ҷилави мункарот гирифта шавад ва корҳои хуб таъйиду тақвият шавад.

Ин буд хулосаи матолибе, ки дар атрофи онҳо маъмулан баҳс мешавад ва зимнан аз ҳамин мухтасар маълум мешавад, ки тарзи баҳс ва баён дар атрофи ин матлаб чӣ гуна будааст.

Он чи ман мехоҳам дар ҳошияи ин матлаб сӯҳбат кунам, ишораи мухтасаре аст ба таърихчаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар ислом аз лиҳози амал, яъне мусалмонон чӣ гуна ва ба чӣ наҳв бо ин асл рӯ ба рӯ шуданд? Ва чӣ ҷур амал карданд ва иҷро намуданд?. Дар поён, баҳси мухтасари дигаре изофа хоҳам кард.

## Ҳисба ва эҳтисоб дар таърихи ислом

Дар ҳудуди ҳазор сол пеш тақрибан, ин асл дар ҷомеаи исломӣ ва ҳукумати исломӣ доира ва ташкилоте ба вуҷуд оварда, ки дар таърихи ислом он доира, доираи ҳисба ё эҳтисоб номида мешавад ва қарнҳо идома ёфт. Ман таърихи дақиқи пайдоиши доираи ҳисбаро намедонам, ки аз чӣ замоне пайдо шуда ва ба ин ном номида шуда, вале қадри мусаллам ин аст ва шавоҳиди таърихӣ далолат мекунад, ки дар қарни чаҳорум будааст ва алаззоҳир дар қарни севвум пайдо шуда бошад. Ин доира ба унвони амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дуруст шуда ва пояи динӣ дошта ва аз шуъуни ҳукумат будааст, ҳамон тавре, ки ташкилот ва доираҳои дигаре вуҷуд дошта мисли доираи қазо — ки ин ҳам таърихчае дорад ва аз замони халифаи дуввум амри қазоро шахси дигар ғайр аз шахси халифа бо фармони халифа ӯҳдадор шуд ва тадриҷан тавсиъа пайдо кард то дар аҳди Ҳорун, ба василаи Абӯюсуф, шогирди Абӯҳанифа ташкилоти нисбатан муназзаме пайдо кард ва худи Абӯюсуф ба унвони қозиюлқузот дар раъси ташкилоти қазоӣ қарор гирифт — ва ҳамчунин доираи дигаре буда ба номи “Девони мазолим”, ки алаззоҳир кори шаҳрбониро анҷом медода ва ҳамчунин доираҳо ва мансабҳои зиёде аз қабили ниқобат ва ғайра, ки дар таърих мазбут аст. Тамоми ин доираҳо ба наҳве вобаста ба дастгоҳи хилофат ва ҳукумат будааст.

Ба ҳар ҳол, доираи ҳисба ҳамон доираи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар буда ва рангу сибғаи динӣ дошта. Мӯҳтасибин ва махсусан онон, ки дар раъси доираи ҳисба буда мебоист ҳам олим ва мутталеъ бошанд ва ҳам бо вараъу тақво ва амонат ва як навъ эҳтироми динӣ дар миёни мардум дошта бошанд.

”Мӯҳтасиб“ нозир ва муроқиби аъмоли мардум буда, ки муртакиби мункарот нашаванд ва махсусан майхорагӣ ва майхоронро сахт таҳти назар қарор медода. Бинобар ин шоироне, ки ба номи маю маҳбуб тағаззул мекардаанд, аз ҷаври мӯҳтасиб зиёд нолидаанд ва калимаи мӯҳтасибро зиёд дар ашъори худ ба кор бурдаанд. Гоҳе Худоро

шукр мекунанд, ки мӯҳтасиб нест ва ё мӯҳтасиб аз ҷаҳон рафт. Шояд Ҳофиз аз ҳама бештар номи мӯҳтасибро дар ашъори худ овардааст. Аз ҷумла мегӯяд:

*Эй дил, башорате диҳамат, мӯҳтасиб намонд,*

*В-аз май ҷаҳон пур асту бути майгусор ҳам.*

Мегӯянд: назари Ҳофиз ба амири Муборизуддин аст, ки муддате барои ҷалби назари мардум тазоҳур ба амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекард ва монанди як "мӯҳтасиб" рафтор мекард. Номи мӯҳтасибро Ҳофиз ба ӯ дод. Ва чун кори ӯ тазоҳур буд, на ҳақиқат, бинобар ин дар охирҳо, худ ҳама чизро рӯйи майхорагӣ гузошт, мавриди таъну истеҳзои Ҳофиз ва дигарон аст.

Ё масалан Саъдӣ дар боби дуввуми "Гулистон" мегӯяд:

"*Чандон ки маро шайхи аҷалл Абулфараҷ ибни Ҷавзӣ, раҳматуллоҳи алайҳ, тарки самоъ фармудӣ ва ба хилвату узлат ишорат кардӣ, унфувони шабобам ғолиб омадӣ ва ҳавову ҳавас толиб. Ночор ба хилофи раъйи мураббӣ қадаме бирафтаме ва аз самоъу муҷоласат ҳаззе баргирифтаме ва чун насиҳати шайхам ёд омадӣ, гуфтаме:*

*Қозӣ ар бо мо нишинад, барфишонад дастро,*

*Муҳтасиб гар май хурад, маъзур дорад мастро*."

Аз ҳамин шеъри Саъдӣ маълум аст, ки қозӣ ғайр аз мӯҳтасиб буда ва қисмати қазо ғайр аз қисмати эҳтисоб будааст.

Истилоҳи ҳисба ва эҳтисоб дар мавриди амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, як истилоҳи мустаҳдасе (ихтироъшудае) аст, ки аз ҳамон замонҳое, ки доираи эҳтисоб дар ҳукумати исломӣ ба вуҷуд омад, ин калима ҳам ба маънои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар истеъмол шуд. Вагарна дар Қуръон ё ахбори набавӣ ё ривоёти имомони атҳор (алайҳимус-салом) ин калима дар мавриди амр ба маъруф ва наҳй аз мункар истеъмол нашуда. На дар ахбор ва ривоёти шиъа ин калима ба ин маънӣ дида мешавад ва на дар ахбор ва ривоёти аҳли тасаннун.

Дар давраҳои баъд, ки ин калима дар иҷтимоъи исломӣ барои худ ҷо пайдо кард, тадриҷан дар истилоҳи фуқаҳо ва уламо ҳам роҳ пайдо кард ва баъзе боби амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро "бобул-ҳисба "номиданд. Дар миёни уламои шиъа он миқдоре, ки ман дида ва иттилоъ дорам, аз фуқаҳо, Шаҳиди Аввал Муҳаммад ибни Маккӣ аст, ки дар китоби "Дурус" расман таҳти унвони "Китобул-ҳисба" аз амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ном мебарад ва аз муҳаддисин, марҳуми Файзи Кошонӣ аст дар китоби "Вофӣ". Вале марҳуми Файз ҳисбаро таъмим дода ба тавре, ки шомили китоби ҷиҳод ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ва китоби ҳудуд мешавад. Соҳиби "Маҷмаъул-баҳрайн" ҳам бо ин ки танҳо дар садади тафсир ва шарҳи луғоте аст, ки дар Қуръони Карим ё аҳодис

омадааст ва ҳамон тавре, ки арз кардам дар Қуръони Карим ва ҳадис ин модда ба маънии амр ба маъруф ва наҳй аз мункар наомада, дар айни ҳол ба мулоҳизаи ин ки дар асри соҳиби ”Маҷмаъул-баҳрайн“ ин модда ба ин маънӣ истеъмол мешуда, мегӯяд:

الحسبة هو الأمر بالمعروف والنهي عن المنكر

Ба ҳар ҳол ҳамчу доирае ба номи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар таърихи ислом ба вуҷуд омада ва доираи васеъе будааст. Ҳарчанд ҳисба ва эҳтисоб аз он назар, ки вобаста ба дастгоҳи ҳукумат ва хилофат буда, наметавониста комилан исломӣ бошад, аммо назар ба ин ки хостаи мардум дар мавриди иҷрои аҳком ва муқаррароти исломӣ онро ба вуҷуд оварда буд, нисбатан доираи муфид ва самарбахше будааст ва ҳатто китобҳои бисёр хубу нафис дар мавзӯъ ҳисба ва вазоифи мӯҳтасиб навишта шудааст.

Ахиран китобе дидам ба номи ”Маъолимул-қурба фӣ аҳкомил-ҳисба”, ки яке аз фуқаҳои шофеия навиштааст ва як нафар мусташриқи урупоӣ нусхаи онро дар Урупо ба чоп расонидааст. Китоби нафисе аст. Вақте, ки инсон ин китобҳоро мебинад, мутаваҷҷеҳ мешавад, ки дар гузашта ба чӣ дақоиқе аз ислоҳоти иҷтимоӣ таваҷҷӯҳ ва иноят кардаанд ва шуъури динии мусалмонон чӣ қадр вусъат дошта! Рӯйи эҳсоси вазифаи динӣ ва шаръӣ ва асли амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, вазифаи худ медонистаанд, ки дар ҷамиъи шуъуни зиндагӣ ислоҳот ба амал оваранд.

## Қаламрави доираи эҳтисоб

Ҷорҷ Зайдон мегӯяд, доираи эҳтисоб дар қадим ҳамон кореро мекарда, ки имрӯз шаҳрдориҳо мекунанд. Ман арз мекунам, албатта бисёре аз корҳое, ки имрӯз шаҳрдорӣ мекунад, дар он рӯз доираи эҳтисоб анҷом медодааст. Масалан, дар китобҳое, ки роҷеъ ба вазифаи мӯҳтасиб навишта шуда навиштаанд, ки мӯҳтасиб бояд муроқиб бошад, ки лабаниётфурӯш рӯйи шир ва мостро бипӯшад, ки магас ва ҳашарот рӯйи онҳо нанишинад ва касифу олуда нашавад, ё он порчае, ки қассоб ё лабаниётӣ ё кабобӣ дами дасташ дорад, ҳадди ақал рӯзе як бор бо собун шуста шавад. Лабаниётӣ муваззаф аст шабонарӯзӣ як бор зарфе, ки шир ё мости худро дар он зарф мерезад ва мефурӯшад бишӯяд. Агар ҳисори шаҳр хароб мешуд, вазифаи доираи ҳисба буд, ки онро бисозад. Агар шаҳр аз лиҳози об дар мазиқа қарор мегирифт, вазифаи доираи ҳисба буд, ки оби кофӣ таҳия кунад. Ва аз ин қабил умур, ки маъмулан дар замони мо ин корҳоро шаҳрдориҳо анҷом медиҳанд.

Вале вазифаи доираи ҳисба мунҳасир ба ин корҳо набуд, бисёре аз корҳоро, ки имрӯз вазифаи шаҳрбонӣ шумурда мешавад, он рӯз мӯҳтасибин анҷом медоданд. Масалан,

онҳо буданд, ки бо рӯзахорӣ ва майхорагӣ ва тазоҳур ва таҷоҳур ба фисқ мубориза мекарданд. Бисёре аз корҳо ва вазоифи он рӯзи мӯҳтасибин, имрӯз ба куллӣ ба замин мондааст ва ҳеч кас анҷом намедиҳад мисли назорат бар масоҷид ва манобир, ки масалан воиз ҳадиси дурӯғӣ нахонад, мардумро ба бидъате даъват накунад, ё худоройӣ дар минбар накунад ва нахоҳад аз занон дилрубоӣ кунад. Ин корҳо чун вазифаи созмони руҳоният аст ва мустақиман рабте ба корҳои ҳукумат ва давлат надорад, ба куллӣ матрук ва замин мондааст.

Ғараз ин аст, ки он тавре, ки Ҷорҷ Зайдон мегӯяд, ки доираи эҳтисоб ҳамон корҳое, ки шаҳрдориҳои имрӯз анҷом медиҳанд анҷом медода дуруст нест, доираи эҳтисоб чун асос ва решааш ҳамон асли муқаддаси амр ба маъруф ва наҳй аз мункар буда, ихтисос ба амалиёти шаҳрдорӣ надоштааст.

## Амр ба маъруф, хориҷ аз доираи эҳтисоб

Нуктае, ки ин ҷо ҳаст ин аст, ки дар айни ин ки доираи эҳтисоб як доираи расмии вобаста ба хилофат ва ҳукумат буда ва вазоифи худро анҷом медодааст, на ин аст, ки соири мардум дигар барои худ вазифа ва таклифе қоил набудаанд. Қаблан арз кардам ва аз каломи фуқаҳо нақл кардам, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар маротибе дорад ва танҳо он ҷо, ки пойи эъмоли зӯру ҳабсу задан ва ҳатто куштан аст, аз вазифаи умум хориҷ аст ва вазифаи ҳокими исломӣ аст ва аммо соири маротиб аз тазаккур додан ва мавъиза кардан ва дар мавқеъе эъроз ва қатъи робита кардан ва амсоли инҳо, вазифаи фард-фарди мусалмонон аст ва дар қадим ҳам ҳар фарде вазифаи ҳатмии худ медониста, ки ба андозаи қудрат ва тавоноии худ дар ислоҳоти умури мусалмонон ширкат кунад.

## Қадосат ва эҳтироми эҳтисоб

Нуктаи дигар ин ки доираи васеъи эҳтисоб, ки имрӯз ҷонишин надорад, чун мабно ва пояи динӣ ва рангу сибғаи мазҳабӣ дошта ва мардум вазифаи шаръии худ медонистаанд, ки онро кӯмак кунанд ва тақвият намоянд, қаҳран дар интихоби афрод ва ашхос риояти тақво ва вараъ мешуда ва мардум эҳтироми динӣ барои онҳо қоил будаанд.

## Сиъаи назариёти ислоҳии мусалмонон дар гузашта

Нуктаи дигар ин ки мутолеаи таърихи ҳисба ва эҳтисоб маълум мекунад, ки дар собиқ шуоъи диди мусалмонон имтидоди бештаре дошта ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункарро

маҳдуд накарда буданд ба чаҳорто масъалаи ибодот, балки ин аслро амалан зомини ҳамаи ислоҳоти ахлоқӣ ва иҷтимоии худ медонистаанд.

## Тавсия ва таъкиди ислом

Инсон вақте, ки руҷӯъ мекунад ба тавсияҳо ва баёнҳое, ки дар осори муқаддаси динӣ роҷеъ ба амр ба маъруф ва наҳй аз мункар расида ва он ҳама фавоид ва осоре, ки барои ин асли муқаддас зикр шуда, масалан мебинад дар Қуръони Карим мефармояд:

وَالْمُؤْمِنُونَ وَالْمُؤْمِنَاتُ بَعْضُهُمْ أَوْلِيَاءُ بَعْضٍ يَأْمُرُونَ بِالْمَعْرُوفِ وَيَنْهَوْنَ عَنِ الْمُنْكَرِ وَيُقِيمُونَ الصَّلَاةَ وَيُؤْتُونَ الزَّكَاةَ وَيُطِيعُونَ اللَّهَ وَرَسُولَهُ أُولَئِكَ سَيَرْحَمُهُمُ اللَّهُ إِنَّ اللَّهَ عَزِيزٌ حَكِيمٌ

(*Сураи Тавба, ояти 71*) Яъне мардони мӯъмин ва занони мӯъмина дӯстони якдигаранд ва байни онҳо робита ва силаи мавaддат ва авотифи муҳаббатомез ҳукмфармост, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мекунанд, намозро бапо медоранд, закотро адо менамоянд, Худо ва Пайғамбарро итоат мекунанд. Инҳо ҳастанд, ки албатта раҳмати илоҳӣ шомили ҳолашон мешавад. Худованд ғолиб ва ҳаким аст.

Дар ин ояти карима қисматҳое ба таври иллату маълул ва сабабу мусаббаб мутараттиб бар якдигар зикр шудааст: лозимаи имони ҳақиқӣ ва воқеӣ — на имони тақлидӣ ва талқинӣ — робитаи видод ва алоқа ба сарнавишти якдигар аст. Ва лозимаи ин муҳаббат ва алоқа, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст. Лозимаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, қиёми бандагон аст ба вазифаи ибодат ва хузӯъ нисбат ба парвардигор яъне намоз ва қиём ба вазифаи кӯмак ва дастгирӣ аз фуқаро яъне закот ва билохира лозимаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар итоати Худо ва Расул ва зинда шудани ҳама дастурҳои динӣ аст. Лозимаи ҳама инҳо ин аст, ки раҳматҳои бепоёни Худованди қодири ғолиб, ки корҳои худро бар суннати ҳакимона иҷро мекунад, шомили ҳол мегардад.

Дар ҳадис аст, ки Имом Боқир (а) дар бораи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мефармояд:

بها تقام الفرائض، وتأمن المذاهب وتحلّ المكاسب، وتردّ المظالم، وتعمر الأرض، و ينتصف من الأعداء، ويستقيم الأمر

(*Фурӯъи Кофӣ, ҷ.5, с.56*) Яъне ба василаи ин асл, соири дастурҳо зинда мешавад; роҳҳо амн мегардад, касбҳо ҳалол мешавад, мазолим ба соҳибони аслӣ баргардонда мешавад, замин обод мегардад, аз душманон интиқом гирифта мешавад, корҳо рӯ ба роҳ мешавад. Вақте инсон аз тарафе ба ин дастурҳо ва роҳнамоиҳо руҷӯъ мекунад ва аз тарафе ҳам мебинад дар як даврахое каму беш мусалмонон амал карда ва истифода кардаанд ва аз тарафи дигар вазъи ҳозири худамонро мебинад, бениҳоят дучори таассуф мешавад.

Ман намегӯям, ки он чи дар гузашта ба номи доираи ҳисба буда як чизи бе айбу нақсе буда ва манзури шореъи исломро комилан таъмин мекарда. Ман гузаштаро бо имрӯз муқоиса мекунам ва мебинам, ки чӣ қадр мо ақиб рафтаем.

Имрӯз, гузашта аз ин ки чунин қудрате ба ҳеч шакле барои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар вуҷуд надорад, асосан он чи бештар ҷойи таассуф аст ин аст, ки ин фикрҳо ба куллӣ аз димоғи мусалмонон хориҷ шуда; он чизҳоеро, ки он рӯз ҷузъи вазифаи ҳисба медонистаанд ва ба номи ҳисбаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, умури иҷтимоии худро ислоҳ мекарданд, асосан ҷузъи умури динӣ шумурда намешавад ва агар аҳёнан касе дар фикри амр ба маъруф ва наҳй аз мункар биафтад, фикр намекунад, ки он ислоҳот ҳам ҷузъи ин вазифа ва таклиф аст, яъне маъруф ва мункар он маънои васеъи худро аз даст дода ва маҳдуд шудаанд ба як силсила масоили ибодӣ, ки бадбахтона он ҳам амалӣ намешавад.

Агар дар мантиқи ислом амр ба маъруф ва наҳй аз мункар он андоза тавсиъа намедошт, ба мо намегуфтанд, ки:

بها تقام الفرائض، وتأمن المذاهب وتحلّ المكاسب، وتردّ المظالم، وتعمر الأرض، و ينتصف من الأعداء، ويستقيم الأمر

Зеро ин фикри кӯчак ва маҳдуд, ки феълан дар мағзи моҳо ба номи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар вуҷуд дорад, ҳар андоза ҳам, ки либоси амал бипӯшад, мумкин нест ин ҳама осори нек ба бор оварад.

## Иллати бетафовутии мардум дар ислоҳот

Ва чун фикри амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар назари мардум маҳдуд шуда ва мардум аз ҷанбаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар таваҷҷӯҳе ба ислоҳоти умури зиндагии иҷтимоии худ надоранд, натиҷа ин шуда, ки агар аҳёнан шаҳрдорӣ масалан як қадами ислоҳӣ дар мавриди арзоқ ва хорбор бихоҳад бардорад ва ё як қадам дар мавриди назофати шаҳр бихоҳад бардорад, бихоҳанд ҷилави гаронфурӯширо бигиранд ва ё ин ки бихоҳанд муқарраროти хубе барои убуру мурур автомобилҳо муайян кунанд, мардум эҳсос намекунанд, ки пойи як амри мазҳабӣ дар миён аст, зеро ҳис намекунанд, ки ин ҳам аз ҷанбаи динӣ як вазифа аст ва ҳол он ки ба қавли соҳиби “Ҷавоҳир”: “*Ба ҳар васила ва ҳар тариқ ҳаст, бояд коре кард, ки маъруф тақвият ва мункар решакан шавад*.” Иллати ин ки мардум феълан дар ин корҳо кӯтоҳӣ мекунанд ин аст, ки ин умурро аз доираи маъруф ва мункар хориҷ кардаанд.

## Вазъи амр ба маъруф дар давраҳои ахир

Инҳо, ки арз кардам, ишораи мухтасаре буд ба таърихи дури амр ба маъруф ва наҳй аз мункар. Ҳоло хуб аст ишорае ҳам бишавад ба таърихи наздик ин асл, яъне тақрибан дар як қарн ва дар ним қарн пеш, инҳоро дигар дар китобе ба таври тафсил нанавиштаанд, чизҳое аст, ки каму беш ҳамаи мо аз пирамардон ва падарони худ шунидаоем.

Бояд арз кунам, ҳамон тавр, ки вақте инсон ба суфоришҳо ва тавсияҳои пешвоёни динӣ муроҷиа мекунад ва ё ба таърихи дури ин асл муроҷиа мекунад, мутаассир ва мутаассиф мешавад, ки чаро ин асл имрӯз амалӣ нест, вақте ҳам, ки дар бораи манзараҳои ҳавлнок ва ваҳшиёнае, ки дар ин охирҳо ба номи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар пайдо мешуда фикр мекунад, Худоро шукр мекунад, ки чӣ хуб шуд, ки ин амр ба маъруфҳо ва наҳй аз мункарҳо аз байн рафт ва эй кош агар боқимондаҳое ҳам дорад, аз байн биравад! Мазоҳире дар ин охирҳо ба номи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар зиндагии иҷтимоии мо пайдо шуда, ки бояд гуфт, агар маънои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ин аст, хуб аст матрук бимонад.

## Асли фаромӯшшуда

Оқои Оятӣ аз асли амр ба маъруф, ба номи асли фаромӯшшуда ёд карданд. Рост аст, асли фаромӯшшуда ҳам ҳаст, аммо бояд дид, чаро фаромӯш шуда? Ман мӯътақидам, ки дар ин маврид ҳам мисли ҳамаи мавορид, мо бояд қабл аз таваҷҷӯҳ ба иллатҳои хориҷии қазия, сухани маъруф мансуб ба амирулмӯъминин (а)-ро фаромӯш накунем, ки фармуд:

دواؤک فيک، وداؤک منک

Давои дарди ту, дар худи туст ва маншаъи дард ҳам дар худи туст.

Ин худи мо будем, ки ин аслро ба сурате даровардем, ки мардумро безор кардем ва ин аслро фаромӯшондем.

Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дар ислом, аз назари иҷрои шароите дорад. Аввалин шарташ ҳусни ният ва ихлос аст. Мо фақат дар мавриди мункароте, ки аланӣ аст ва ба онҳо таҷоҳур мешавад, ҳаққи таъарруз дорем. Дигар ҳаққи таҷассус ва мудохала дар умуре, ки марбут ба зиндагии хусусии мардум аст надорем. Вале дар гузаштаи наздик як идда мардуми моҷароҷӯ ва шарури биттабъ, ки мехостанд моҷароҷӯӣ кунанд ва ҳисоби хӯрдаҳои худро бо дигарон соф кунанд, ин асли муқаддасро дастовез қарор медоданд, аҳёнан барои он ки битавонанд мақосиди худро амалӣ кунанд, чанд сабоҳе дар гӯшаи мадраса зиндагӣ мекарданд ва барои худ абое ва ридое ва аммома ва наълайне

ва ришу ҳайкале месохтанд ва баъд ба ҷони мардум меафтоданд. Чӣ ҷурмҳо ва ҷиноятҳо, ки ба ин ном нашуд! Ва чӣ мункароти шанеъ, ки ба номи наҳй аз мункар воқеъ нашуд! Достонҳо дар ин замина ҳам шунидаем ва медонем.

Мегӯянд, дар замони риёсати марҳум Оқо Наҷафии Исфаҳонӣ як рӯз иддае, ки номи талаба рӯйи худ гузошта буданд, вале талабаи воқеӣ набуданд (туллоби воқеӣ ҳамеша аз ин гуна аъмол ва моҷароҳо худро дур нигаҳ медоштанд), дар ҳоле, ки нафас мезаданд ва як доираи шикаста ва як думбуки шикаста дар даст доштанд, омаданд ба манзили марҳум Оқо Наҷафӣ. Эшон пурсиданд, чӣ хабар аст? Аз куҷо меойед? Инҳо чист дар дасти шумо? Гуфтанд, дар мадраса будем, ки ба мо иттилоъ доданд, дар чандин хонаи он тарафи мадраса маҷлиси арӯсӣ аст ва дар он ҷо доира ва думбук мезананд. Аз пушти боми мадраса аз рӯйи бомҳои хонаҳо аз ин пушти бом ба он пушти бом рафтем, то ба он хона расидем. Дохили он хона шудем ва мардумро задем ва доира ва думбуки онҳоро шикастем.

Яке аз онҳо ҷилав омад ва гуфт: ман худам рафтам ҷилав ва силии муҳкаме ба гӯши арӯс задам.

Марҳуми Оқо Наҷафӣ гуфт: ҳақиқатан наҳй аз мункар ҳам ҳамин аст, ки шумо кардед? Чандин мункар ба номи наҳй аз мункар муртакиб шудед: аввалан маҷлиси арӯсӣ буда, сониян, шумо ҳаққи таҷассус надоштаед, солисан шумо чӣ ҳақ доштаед аз пушти бомҳои мардум бираведӣ Робеъан кӣ ба шумо иҷоза дода, ки бираved заду хӯрд кунед?

Назоири ин достон дар гузашта зиёд будааст. Хушбахтона ҳоло нест, вале ҳоло ҳам бояд бидонем бисёре наҳй аз мункарҳо рӯйи қонуни амр ба маъруф ва наҳй аз мункар нест, балки худи онҳо мункароте аст, ки бояд ҷилави онҳо гирифта шавад.

## Асли “панд ё банд“

Қисмати дигаре, ки хостам дар ҳошия гуфта бошам ин аст, ки дар миёни мо, дар иҷрои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, он чизе, ки бештар мавриди таваҷҷӯҳ буда ду васила буда. Алъон ҳам мебинем, мардум дар иҷрои ин асл таваҷҷӯҳашон фақат ба ҳамин ду чиз аст. Он ду чиз, яке гуфтан аст ва дигаре эъмоли зӯр, яъне аввал бигӯем, баъд ҳам агар аз гуфтан натиҷа нагирифтем, эъмоли зӯр бикунем. Ва ба таъбири дигар, ки таъбири Саъдӣ аст, мо ба “панд” мӯътақид ҳастем ва “банд”; аввал панд медиҳем ва агар асар накунад ва қудрат дошта бошем, ба задану бастан мутавассил мешавем. Ин дуторо хуб шинохтаем ва ба ин дуто ошноӣ дорем.

Албатта шак нест, ки гуфтан ва панд додан, василае аст аз васоил. Эъмоли зӯр ҳам ба саҳми худ дар мавориде василаи дигаре аст аз васоил. Вале оё василаи амр ба маъруф ва наҳй аз мункар мунҳасир аст ба ҳамин ду? Василаи дигар ва роҳи дигаре нест?

## Роҳи ихлос ва амал

Дар ахбор ворид шуда, ки амр ба маъруф ва наҳй аз мункар се марҳила ва се мақом дорад: марҳилаи қалб, марҳилаи забон, марҳилаи яд ва амал. Мо маъмулан аз марҳилаи қалб ба ҷойи он ки ихлос ва ҳусни ният ва алоқа ба сарнавишти мусалмононро дарк кунем, ҷӯшу хурӯш ва асабониятҳои беҷо мефаҳмем ва аз марҳилаи забон ба ҷойи он ки баёнҳои равшанкунанда ва мантиқӣ бифаҳмем, ки Қуръон мефармояд:

ادْعُ إِلَى سَبِيلِ رَبِّكَ بِالْحِكْمَةِ وَالْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ

(*Сураи Наҳл, ояти 125*) (Бихон ба сӯйи роҳи парвардигорат бо ҳикмат (далоили ақлӣ ва қобили пазириш) ва панди некӯ), мавъизаҳо ва пандҳои таҳаккумомез мефаҳмем ва аз марҳилаи яд ва амал ҳам, ба ҷойи ин ки таблиғи амалӣ ва ҳусни амал ва ҳамчунин тадобири амалӣ бифаҳмем, танҳо ин матлабро фаҳмидаем, ки бояд эъмоли зӯр кард.

Рӯйи ҳам рафта мо барои гуфтан ва навиштан ва хитоба ва мақола зиёда аз ҳадд эъҷоз қоил ҳастем, хаёл мекунем бо гуфтан ва забон, кор дуруст мешавад, дар сурате, ки:

*Саъдиё, гарчи сухандону масолеҳгӯйӣ,*

*Ба амал кор барояд, ба сухандонӣ нест.*

Дар ҳадис аст:

كونوا دعاة للناس بغير ألسنتكم

(*Усули Кофӣ, ҷ.2, с.78, боби вараъ*) Мардумро ба дини ҳақ ва салоҳ даъват кунед, аммо бо абзоре ғайр аз абзори забон яъне бо абзори амал. Дар ҳадиси дигаре аст, ки маъмулан мавриди истиноди фуқаҳо дар боби амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст, ки:

ما جعل الله بسط اللسان وكفّ اليد وإنما جعلهما يبسطان معا ويكفّان معا

(*Фурӯъи Кофӣ, ҷ.3, с.55 ва ба ҷойи “иннамо“ “ва локин“ овардааст*) Яъне чунин нест, ки Худо иҷоза дода бошад, ки танҳо забон боз бошад, вале даст баста бошад, балки агар боз аст, ҳар ду бояд боз бошад ва агар меxоҳад баста бошад, ҳар ду баста бошад, яъне агар амал дар кор набошад, хуб аст забон ҳам баста бошад. Дар ин ҷо истинботи яке аз бузургтарин фуқаҳои исломиро аз ин ҳадис ва амсоли ин ҳадис барои шумо аз китоби худаш нақл мекунам.

Шайх Абӯҷаъфари Тӯсӣ маъруф ба Шайхуттоифа дар китоби “Ниҳоя”, ки аз мутуни мӯътабари фиқҳиии мост мефармояд:

والأمر بالمعروف يكون باليد واللسان، فأما باليد فهو أن يفعل المعروف ويجتنب المنكر على وجه يتأسّى به الناس

Яъне амр ба маъруф, ҳам ба василаи даст мешавад ва ҳам ба василаи забон. Аммо ба василаи даст, маънояш ин аст, ки худаш шахсан омили кори хайр бошад ва амалан аз мункарот иҷтиноб кунад, то мардум худ ба худ ба ӯ таассӣ (пайравӣ) ҷӯянд.

وأما باللسان فهو أن يدعو الناس الى المعروف ويعدهم على فعله المدح والثواب و يزجرهم ويحذرهم في الاخلال به من العقاب

Яъне аммо ба василаи забон, ба ин наҳв аст, ки мардумро даъват кунад ва навид бидиҳад, ки дар дунё мавриди ситоиш ва дар охират машмули подоши илоҳӣ воқеъ мешаванд ва онҳоро аз кайфарҳои бад битарсонад.

Баъд мефармояд:

وقد يكون الأمر بالمعروف باليد بأن يحمل الناس على ذلك بالتاديب والردع وقتل النفوس والإضرار بها من الجراحات إلا أن هذا الضرب لا يجب فعله إلا بإذن سلطان الوقت المنصوب للرئاسة

(*Ниҳоя, с.299 ва 300 ва ба ҷойи ”ал-изрорӣ биҳо“ “ва зарбин“ овардааст*) Яъне як қисм аз амр ба маъруфи ядӣ ва амалӣ ин аст, ки тарафро таъдиб кунад ва гоҳ мунҷар ба қатли нафс ва ҷароҳат мешавад, вале агар мусталзими задан ва қатли нафс бошад, бидуни дастури ҳукумати шаръӣ ҷоиз нест.

Соҳиби “Ҷавоҳирул-калом” баъд аз нақли ин иборатҳо ё қисмате аз ин иборатҳо аз Шайхи Тӯсӣ, ин тавр ба гуфтаи худ идома медиҳад:

نعم، من أعظم أفراد الأمر بالمعروف والنهي عن المنكر وأعلاها وأتقنها وأشدها تأثيرا خصوصا بالنسبة الى رؤساء الدين هوأن يلبس رداء المعروف واجبه ومندوبه وينزع رداء المنكر محرمه ومكروهه، ويستكمل نفسه بالأخلاق الكريمة، وينزهها عن الأخلاق الذميمة

Яъне, оре, аз бузургтарини амр ба маъруф ва наҳй аз мункарҳо ва болотарини онҳо ва пойдортарини онҳо ва муассиртарини онҳо хусусан нисбат ба пешвоёни динӣ (ки мардум ба онҳо ва амали онҳо менигаранд) ин аст, ки амалан ҷомаи кори нек бипӯшад ва дар корҳои хайр, чӣ воҷиб ва чӣ мустаҳаб амалан пешқадам бошад, ҷомаи зишткориро аз андоми худ дур кунад, нафси хешро ба ахлоқи олӣ такмил кунад ва ахлоқи зиштро аз худ дур нигаҳ дорад.

Баъд мефармояд:

فإن ذلك منه سبب تامّ لفعل الناس المعروف ونزعهم المنكر، خصوصا إذا أكمل ذلك بالمواعظ الحسنة المرغبة والمرهبة، فإن لكل مقام مقالا، ولكل داء دواء، وطبّ النفوس والعقول أشد من طبّ الأبدان

Яъне амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аз тариқи ҳусни амал, сабаби муассир ва комиле аст ва мумкин нест бе асар бимонад, хусусан агар ба панду андарзҳои хуби забонӣ замима шавад, ки ҳар мақоме суханеро эҷоб мекунад ва ҳар дарде давое дорад. Беҳдошт ва муоличаи руҳи мардум мушкилтар ва пурпечу хамтар аст аз муоличаи бадани онҳо.

Дар охир, сухани худро ба ин ҷумла хатм мекунад:

نسأل الله التوفيق لهذه المراتب

Яъне аз Худо масъалат менамоем, ки моро барои расидан ба ин дараҷот муваффақ бидорад!

Алӣ (а) мефармояд:

من نصب نفسه للناس إماما فليبدأ بتعليم نفسه قبل تعليم غيره وليكن تاديبه بسيرته قبل تأديبه بلسانه، ومعلم نفسه ومودّبها

(*“Наҳҷул-балоға”, ҳикмати 73*)

Яъне он кас, ки мехоҳад пешвои мардум бошад ва мардумро ба дунболи худ ба роҳе даъват кунад, пеш аз он ки мехоҳад ба дигарон ёд бидиҳад, худро мухотаб кунад ва ба худаш таълим ва талқин намояд. Пеш аз он ки мехоҳад мардумро бо забони худ тарбият кунад, бо амал ва равиши ахлоқии хуб ва ахлоқи саҳеҳ, худро тарбият кунад. Он кас, ки худашро таълим ва талқин мекунад ва худашро тарбият ва таъдиб мекунад, барои эҳтиром ва такрим шоистатар аст аз он ки муаллим ва мураббии дигарон аст.

## Интизори беш аз ҳадд аз забон ва гӯш

Ин худ як ғафлати азим ва иштибоҳи бузурге аст имрӯз дар иҷтимоъ мо, ки барои гуфтан ва навиштан ва хитоба ва мақола ва хулоса, барои забон ва мазоҳири забон беш аз андоза арзиш қоилем ва беш аз андоза интизор дорем. Дар ҳақиқат аз забон эъҷоз мехоҳем. Биззарура, гуфтан ва навиштан хусусан агар ҳамон тавре бошад, ки Қуръон фармуда, ҳикмат ва мавъизаи ҳасана бошад, ҳақоиқро равшан кунад, танҳо ба сурати пандҳои таҳаккумомез ва омирона набошад, шарти лозиме аст, вале ба истилоҳ, шарти кофӣ ва ё иллати томма нест. Ва чун аз забон беш аз андоза интизор дорем ва аз гӯши мардум ҳам беш аз андоза интизор дорем ва мехоҳем танҳо бо забон ва гӯш ҳамаи корҳоро анҷом диҳем ва анҷом намешавад, нороҳат мешавем ва нола ва фиғон мекунем ва мегӯем:

*Гӯш агар гӯши туву нола агар нолаи ман,*

*Он чи албатта ба ҷойе нарасад, фарёд аст.*

*(Яғмоии Ҷандақӣ)*

Ин шеър барои мо дар ҳамаи замонҳо содиқ буда ва ҳаст. Фикр намекунам, ки мо иштибоҳ мекунем, мо беш аз андоза аз ин гӯш ва забони бечора интизор дорем, гоҳе ҳам — балки бештари авқот — бояд аз роҳи амал ва чашм истифода кунем, мо бо дасти худ ва амали худ хуб рафтор кунем, то онҳо бо чашми худашон бибинанд. Як миқдоре ҳам ба ин гӯш ва забони бечора истироҳат бидиҳем.

## Амали ҷамъӣ ва гурӯҳӣ

Матлаби дигар ин ки гузашта аз ин ки мо дар иҷрои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бояд амалро дахолат диҳем, ба ин нукта таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки амал ҳам агар фардӣ бошад, чандон муфиди фоидае нест, хусусан дар дунёи имрӯз. Ин ҳам худ як мушкиле аст дар зиндагии иҷтимоии мо, ки онҳое ҳам, ки аҳли амал мебошанд, таваҷҷӯҳе ба амали иҷтимоӣ надоранд ва ба истилоҳ, якрав мебошанд. Аз амали фардӣ коре сохта нест, аз фикри фард коре сохта нест, аз тасмими фард кори сохта нест, ҳамкорӣ ва ҳамфикрӣ ва мушорикат лозим аст.

Дар тафсири “Алмизон” дар зайли ояти каримаи Қуръон:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اصْبِرُوا وَصَابِرُوا وَرَابِطُوا

(*Сураи Оли Имрон, ояти 200*) баҳсе дорад роҷеъ ба ин ки дастури ислом ин аст, ки тафаккур, тафаккури иҷтимоӣ бошад.

## Мантиқ ё таъаббуд?

Матлаби дигар, ки он хеле муҳим аст ин аст, ки мо дар иҷрои амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, мантиқро дахолат намедиҳем, дар сурате, ки ҳар коре мантиқи махсус ба худ дорад, ки калиди он кор аст.

Арз кардам, чизеро, ки мо хуб шинохтаем ва беш аз андоза барояш асар қоил шудем, забон буд, на амал, дар амал ҳам таваҷҷӯҳ ба амали фардӣ буд, на иҷтимоӣ.

Акнун мегӯям, чизе, ки беш аз ҳар чизи дигар мавриди ғафлат аст, дахолати мантиқ аст дар ин кор. Мақсуд ин аст, ки дар кори маъруф ва мункар бояд тадобири амалӣ андешид ва бояд дид чӣ тарз амале мардумро нисбат ба фалон кори нек ташвиқ мекунад ва мардумро аз фалон амали зишт бозмедорад.

Чанде пеш дар яке аз рӯзномаҳои аср мақолае хондам таҳти унвони “Харворҳо панду насиҳат”. Дар он мақола баъд аз он ки навишта буд, ки дар кишвари мо харворҳо панду

насиҳат ба суратҳои мухталиф, вале беасар аст, ин мислро зикр карда буд: “Як ҷав дармон беҳтар аз сад харвор нусха аст.” Баъд навишта буд:

“*Чандин сол пеш дар яке аз шаҳрҳои кӯчак воқеъ дар аёлати Филоделфиё (Омрико) занҳо мубтало ба қиморбозӣ шуда буданд. Ибтидо кашишҳо ва рӯзноманависҳо ва хутабо ва фусаҳо то метавонистанд роҷеъ ба бадии қимор хусусан барои занҳо гуфтанд ва навиштанд, вале мисли ҳамин ҳарфҳои худамонӣ монанди гирду рӯйи гунбад сур хӯрд ва пойин афтод ва ба ҷойе нарасид, то он ки шаҳрдори маҳал ба фикр афтод яке дуто бошгоҳ ва намоишгоҳи ҳунарии занона доир кунад ва саргармиҳои муносиб дар он ҷо фароҳам намояд, аз қабили намоиши баччаҳои чоқу тандуруст ва ҷоиза додан ба модарони кордон ва аз қабили корҳои дастӣ ва ғайра, ки ҳар кадом барнома ва тартиботи хоссе дошт ва мардумро сари завқ меовард. Ду се сол аз ин ҷараён гузашт, ки занҳои он шаҳр ба куллӣ қиморро фаромӯш карданд*.”

Инро мегӯянд чораи амалӣ ва тадбири амалӣ. Ин, маънои дахолат додани мантиқ ва тадбир аст дар мубориза бо мункарот. Агар онҳо мехостанд ба мавъизаҳо ва хитобаҳои кашишон ва мақолаҳо ва рӯзномаҳо қаноат кунанд, мебоист барои ҳамеша биншинанд ва мисли мо бигӯянд:

*Гӯш агар гӯши туву нола агар нолаи ман,*
*Он чи албатта ба ҷойе нарасад, фарёд аст.*

Аз қадим дар миёни мо маъруф аст, ки занҳо зиёд ғайбат мекунанд. Алъон ҳам занҳои қадимӣ ва муҳаҷҷаба дар айни ин ки аҳли намозу рӯза ва масҷиду ибодат ҳастанд, зиёд ғайбат мекунанд. Чаро? Зеро муҳити хонаводагии қадимии мо бо он сабке, ки буд, тавре аст, ки зани бечора агар ғайбат накунад, ҳарфи дигар ва кори дигар надорад. Аҳли илму маърифат ва китоб, ки нест. Аҳли ҳунар ва кордастӣ ва санъат, ки нест. Дар ҳоли фароғат аз заҳамоти хона, саргармии дигаре надорад ҷуз ин ки даври ҳам ҷамъ шаванд ва ғайбат кунанд. Руҳ билохира ғизо мехоҳад. Вақте ғизои саҳеҳ нарасид, аз гӯшти мурда тағзия мекунад.

أَيُحِبُّ أَحَدُكُمْ أَنْ يَأْكُلَ لَحْمَ أَخِيهِ مَيْتًا

(*Сураи Ҳуҷурот, ояти 12*) Дар ҳадис роҷеъ ба ғайбат ворид шуда, ки:

الغيبة إدام كلاب النار

(*“Биҳорул-анвор”, ҷ.75 с.246*) Ғайбат, хӯриши сагҳои ҷаҳаннам аст.

Мо то кунун ҳар чи хостаем ҷилави ин амалро бигирем, аз роҳи мавъиза ва забон буда, дар фикри чораи амалӣ ва тадбири мантиқӣ набудаем, қаҳран билоасар монда, баъд ба

ҷойи он ки худамон ва тарзи амали худамонро муттаҳам намоем, занҳои бечораро муттаҳам кардаем, ки ҷинси онҳо чунину чунон аст.

Ҳамчунин имрӯз дар муҳити занҳои мутаҷаддид ва фарангимаоби мо бемории дигаре вуҷуд дорад ва он беморӣ ҳавасбозӣ ва ҳарчанд будан дар ҳошияи хиёбонҳо ва пайравии муфрит аз мӯдпарастӣ ва исроф ва таҷаммул аст, ба тавре, ки дар ахбори рӯзномаҳо мехонем, ки урупоиён эътироф доранд, ки дар ин умур занҳои эронӣ дар ҷаҳон дараҷаи аввscore. Инро ҳам мехоҳем бо забон ва мавъиза ва ё маломат ва таъна илоҷ кунем ва албатта бо ин васоил чорапазир нест. Агар рӯзе тавфиқ пайдо кунем, ки амалан дар фикри чораҷӯӣ биафтем ва мантиқро дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар дахолат диҳем, ҳамаи ин мушкилот ба хубӣ ва осонӣ ҳал мешавад.

Агар мехоҳед бидонед, ки дар матни дастуроти исломӣ ба дахолат додани мантиқ дар амр ба маъруф ва наҳй аз мункар таваҷҷӯҳ шуда, ба ин нукта таваҷҷӯҳ кунед: фуқаҳо умуман ба истиноди ахбор ва аҳодис гуфтаанд, ки яке аз шароити амр ба маъруф ва наҳй аз мункар, эҳтимоли таъсир аст.

Эҳтимоли асар яъне эҳтимоли натиҷа додан. Ҳар ҳукме маслиҳате дорад: намоз маслиҳате дорад, рӯза маслиҳате дорад, вузӯ маслиҳате, амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ҳам маслиҳате дорад. Маслиҳати ин кор ин аст, ки тараф ба сухан ё амали мо тартиби асар бидиҳад. Пас маънои эҳтимоли таъсир ин аст, ки эҳтимол бидиҳӣ маслиҳати ташреъи ин ҳукм, бар сухан ё амали ту мутараттиб бишавад.

Ҳол, аз шумо суол мекунам, ки чаро дар мавриди намоз нагуфтаанд, агар эҳтимол медиҳӣ ин намоз дар ту асар дошта бошад ва он маслиҳате, ки дар намоз ҳаст мутараттиб мешавад, бихон ва агар эҳтимол намедиҳӣ, нахон? Ва ҳамчунин дар бораи вузӯ ва рӯза ва ҳаҷ ва ғайра.

Барои ин ки онҳо таъаббудии маҳз мебошанд. Мо наметавонем ақли худамонро дар кайфияти онҳо ва дар ин ки бояд бикунем ё набояд бикунем ва чӣ ҷур бикунем, дахолат бидиҳем. Вале амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аз корҳое аст, ки сохтмон ва кайфият тартиби он ва ин ки дар куҷо муфид аст ва ба чӣ шакл муфид аст ва муассир аст ва беҳтар самар медиҳад ва бор медиҳад ва натиҷа медиҳад, ҳамаро шореъ дар ихтиёри ақли мо ва фикри мо ва мантиқи мо гузоштааст. Арз кардам, соҳиби “Ҷавоҳир” ҳам мегӯяд: дар ҳамаи маворид, ягона чизеро, ки бояд дар назар гирифт ин аст, ки ба чӣ наҳв ва ба чӣ шакл ва бо чӣ кайфият ва чӣ васила, ба ҳадаф ва мақсуд наздик мешавем.

Агар ин матлабро хуб бифаҳмем, тарзи фикри мо дар фаҳми ахбор ва аҳодиси амр ба маъруф ва наҳй аз мункар иваз мешавад ва бисёре аз таъорузҳое, ки хаёл мекунем байни

далелҳои ин асл дар баъзе хусусиёт вуҷуд дорад, муртафеъ мешавад. Феълан наметавонам беш аз ин дар атрофи ин матлаб сӯҳбат бикунам, зеро вақт гузаштааст.

Хулоса ин ки агар мо ростӣ мехоҳем ин асли фаромӯшшударо зинда кунем, бояд мактабе ва равише ба вуҷуд оварем амалӣ (на забонӣ фақат) ва дар айни ҳол иҷтимоӣ (на инфиродӣ) ва дар айни ҳол мантиқӣ ва мубтанӣ бар усули илмии илмуннафсӣ ва иҷтимоӣ. Дар ин вақт аст, ки сад дар сад умеди муваффақият ҳаст.

Ин нуктаро ҳам бигӯям дар хотимаи ароизам: ғолибан вақте, ки исми амр ба маъруф ва наҳй аз мункар бурда мешавад, гуфта мешавад: эй оқо! Магар мегузоранд?! Магар мешавад амр ба маъруф ва наҳй аз мункар кард?! Мавонеъи зиёде ҳаст.

Ман баръакс мӯътақидам, ки ягона чизе, ки дар ҳеч замоне мумкин нест ба таври куллӣ ҷилави онро гирифт ва ҳеч қудрате наметавонад ба куллӣ аз ӯ ҷилавгирӣ кунад, ҳамин амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст. Албатта агар мақсуд аз амр ба маъруф ва наҳй аз мункар танҳо гуфтан ва ҷанҷол кардан ва баъд ҳам эъмоли зӯру фишор бошад, мумкин аст мавонеъе пеш биёяд, вале арз кардам, асоси амр ба маъруф ва наҳй аз мункар некӯкорӣ аст. Магар мумкин аст касе бихоҳад аз худ гузаштагӣ кунад ва худро дар хидмати халқи Худо қарор диҳад, бихоҳад худаш хуб бошад ва ба мардум хубӣ кунад ва он гоҳ қудрате битавонад ҷилави хубии худи ӯ ё хубӣ кардани ӯро бигирад?! Магар мешавад ба мардум гуфт, хуб набошед ва ба мардум хубӣ накунед?!

Ба ҳар ҳол ин аст асли муқаддаси амр ба маъруф ва наҳй аз мункар ва он буд ва ҳаст тарзи мувоҷеҳаи мо бо ин асли муқаддас, ки кор ба ин ҷо кашида, ки на танҳо дар ҷомеаи мо матрук шуда, дар афкори мо низ масх шуда ва тағйири шакл додааст.

Ростӣ, ҳеч то кунун дар атрофи ин масъала фикр кардаед, ки чаро мо дар таърихи ислом аз ҳар табақае шахсиятҳои мубарриз доштаем; удабои бузург доштаем, ҳукамои бузург доштаем, фуқаҳои бузург доштаем, шуарои бузург доштаем, воизон ва хатибони бузург доштаем ва куттоб ва нависандагони бузург доштаем, мунаҷҷимин ва риёзидонҳои бузург доштаем, сиёсатмадорони бузург доштаем, санъатгарон ва ҳунармандони бузург доштаем, вале муслеҳин надоштаем ва аз ин ҷиҳат мо хеле фақирем. Албатта каму беш муслеҳ дар миёни мо зуҳур карда, аммо на он андоза, ки интизор меравад, бо ин ки мо асле дар ислом дорем ба номи асли амр ба маъруф ва наҳй аз мункар. Ин асл мебоист муслеҳини зиёде ба вуҷуд оварда бошад. Албатта набояд интизор дошт, ки ба ҳамон андоза, ки масалан адиб ё ҳаким ё фақеҳ ё мунаҷҷим ва риёзидон доштаем, мебоист муслеҳи иҷтимоӣ ва динӣ дошта бошем. Муслеҳ як нубуғ ва шахсият ва умқи назар ва дурандешӣ ва гузашти дигаре лозим дорад ва қаҳран азизулвуҷудтар ва қалилулвуҷудтар

аст, вале фикр мекунам ба ҳамон нисбат ҳам, ки бисанҷем, боз надоштаем. Чаро? Ин суоле аст, ки феълан барои ман мақдур нест, ки битавонам ҷавобе ба он бидиҳам.

Ин қадр муслеҳ надоштаем ва сухан аз ислоҳ камтар шунидаем, ки фикр намекунем ин ҳам як шаъни бузурге аст ва шоистаи мардони бузург аст. Агар ба мо бигӯянд, Амирулмӯъминин ё Сайидушшуҳадо (Саломуллоҳи алайҳимо!) марде буд ҳаким, ҳама маънои ин калимаро мефаҳмем ва инро мадҳе барои он ҳазрат мешуморем. Ва ҳамчунин аст агар бигӯянд, марде буд фақеҳ ва ориф ба аҳкоми илоҳӣ, ё бигӯянд, марде буд хатиб ва фасеҳ ва балиғ. Вале агар бигӯянд, муслеҳ буд, чизе аз ин калима намефаҳмем ва чандон ба назари мо муҳим намеояд, дар сурате, ки аз ҳама шуъуне болотар ҳамин аст ва худашон ҳам ҳамин исм ва ҳамин шаънро барои худ писандидаанд.

Алӣ алайҳис-салом мефармояд:

اللهم إنک تعلم أنه لم يکن الذي کان منا منافسة في سلطان، ولا التماس شيء من فضول الحطام، ولکن لنرد المعالم من دينک، ونظهر الإصلاح في بلادک، فيأمن المظلومون من عبادک، وتقام المعطلة من حدودک

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 129*) Худоё! Ту медонӣ, ман на дар пайи риёсат ва зиъомат ва ҳукуматам ва на толиби молу сарвати дунё, ман фақат марде муслеҳ мебошам, мехоҳам нишонаҳои аз байн рафтаи динро баргардонам ва дар билоди ту ислоҳе ба амал оварам, то ситамдидагон дар амон қарор гиранд ва ҳудуди ту ҷорӣ шавад.

Сайидушшуҳадо (Саломуллоҳи алайҳ!) дар васияте, ки ҳангоми ҳаракат навишт ва ба бародарш Муҳаммад ибни Ҳанафия дод, менависад:

إني ما خرجت أشرا ولا بطرا ولا مفسدا ولا ظالما، إنما خرجت لطلب الإصلاح في أمة جدي

(*"Мақтал"-и Хоразмӣ, ҷ.1 с.188*) Ман барои ҳавову ҳавас қиём накардам. Ман марде ихлолгар ва ситамгар нестам. Фалсафаи қиёми ман ва наҳзати ман ислоҳталабӣ аст. Ман марде муслеҳ мебошам.

# Асли иҷтиҳод дар ислом

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

وَمَا كَانَ الْمُؤْمِنُونَ لِيَنْفِرُوا كَافَّةً ۚ فَلَوْلَا نَفَرَ مِنْ كُلِّ فِرْقَةٍ مِنْهُمْ طَائِفَةٌ لِيَتَفَقَّهُوا فِي الدِّينِ وَلِيُنْذِرُوا قَوْمَهُمْ إِذَا رَجَعُوا إِلَيْهِمْ لَعَلَّهُمْ يَحْذَرُونَ

(*Сураи Тавба, ояти 122*) (Ва мӯъминин ҳамагӣ наметавонанд кӯч кунанд, пас чаро аз ҳар фирқае гурӯҳе кӯч намекунанд, то дар дин тафаққуҳ ва дониши кофӣ пайдо кунанд ва чун ба сӯйи қавми худ бозгаштанд, онҳоро ҳушдор диҳанд.)

## Иҷтиҳод чист?

Масъалаи иҷтиҳод ва тақлид, ин рӯзҳо масъалаи рӯз аст. Бисёре ашхос ин рӯзҳо мепурсанд ва ё бо худ фикр мекунанд, ки иҷтиҳод дар ислом чӣ сиғае аст ва аз куҷои ислом даромадааст? Чаро бояд тақлид кард? Шароити иҷтиҳод чист? Вазоифи муҷтаҳид чист? Вазоифи муқаллид чист?

Иҷтиҳод ба таври сарбаста ба маънои соҳибназар шудан дар амри дин аст, вале соҳибназар будан ва эъмоли назар кардан дар умури динӣ аз назари мо, ки шиъа ҳастем, ду чур аст: машрӯъ ва мамнӯъ, ҳамон тавре, ки тақлид низ бар ду қисм аст: машрӯъ ва мамнӯъ.

## Иҷтиҳоди мамнӯъ

Аммо иҷтиҳоде, ки аз назари мо мамнӯъ аст, ба маънои тақнин ва ташреъи қонун аст, яъне муҷтаҳид ҳукмеро, ки дар китобу суннат нест, бо фикри худаш ва раъйи худаш вазъ кунад. Инро дар истилоҳ, “иҷтиҳоди раъй” мегӯянд. Ин гуна иҷтиҳод аз назари шиъа мамнӯъ аст, вале аҳли тасаннун онро ҷоиз медонанд. Онҳо манобеъи ташреъ ва далелҳои шаръияро, ки зикр мекунанд, мегӯянд: китоб, суннат ва иҷтиҳод. Иҷтиҳодро, ки мақсуд ҳамон “иҷтиҳоди раъй” аст, дар арзи китоб ва суннат қарор медиҳанд.

Ин ихтилофи назар аз ин ҷо сарчашма мегирад, ки аҳли тасаннун мегӯянд: аҳкоме, ки ба василаи китоб ва суннат ташреъ шуда, маҳдуд ва мутаноҳӣ аст ва ҳол он ки вақоеъ ва ҳаводисе, ки пеш меоянд, номаҳдуд аст, пас як манбаъи дигар ғайр аз китоб ва суннат лозим аст муайян шуда бошад барои ташреъи аҳкоми илоҳӣ ва он ҳамон аст, ки аз ӯ ба иҷтиҳоди раъй таъбир мекунем. Дар ин замина аҳодисе ҳам аз Расули Акрам (с) ривоят кардаанд. Аз он ҷумла ин ки Расули Худо (с) ҳангоме, ки Маъоз ибни Ҷабалро ба Яман мефиристод, аз ӯ пурсид, дар он ҷо чӣ гуна ҳукм мекунӣ? Гуфт: мутобиқи китоби Худо.

Фармуд: агар ҳукмро дар китоби Худо наёфтӣ, чӣ гуна ҳукм мекунӣ? Гуфт: аз суннати Пайғамбари Худо истифода мекунам. Фармуд: агар дар суннати Пайғамбари Худо наёфтӣ, чӣ хоҳӣ кард? Гуфт:

أجتهد رأيي

Яъне фикр ва завқ ва салиқаи худамро ба кор меандозам. Аҳодиси дигаре ҳам дар ин замина ривоят кардаанд.

Дар ин ки “иҷтиҳоди раъй” чӣ гуна аст ва ба чӣ тартибе бояд сурат бигирад, дар миёни аҳли тасаннун ихтилофи назар аст. Шофеӣ дар китоби маъруфи худ ба номи ”Ар-рисола” — ки аввалин китобе аст, ки дар илми усули фиқҳ навишта шуда ва банда дар китобхонаи Маҷлис дидаам — бобе дорад ба номи боби иҷтиҳод. Шофеӣ дар он китоб исрор дорад, ки иҷтиҳод, ки дар аҳодис омада, мунҳасиран “қиёс” аст. Қиёс иҷмолан яъне мавориди мушобеҳро дар назар бигирем ва дар қазияи мавриди назари худ мутобиқи он мавориди мушобеҳ ҳукм кунем.

Вале баъзе дигар аз фуқаҳои аҳли тасаннун, иҷтиҳоди раъйро мунҳасир ба қиёс надонистаанд, “истеҳсон”-ро низ мӯътабар шумурдаанд. Истеҳсон яъне ин ки мустақиллан бидуни ин ки мавориди мушобеҳро дар назар бигирем, бибинем ақраб ба ҳақ ва адолат чист ва завқ ва ақли мо чӣ гуна团 меписандад ҳамон тавр раъй бидиҳем. Ва ҳамчунин аст “истислоҳ“ яъне тақдими маслиҳате бар маслиҳати дигар. Ва ҳамчунин аст ”таъаввул“ яъне ҳарчанд ҳукме дар нассе аз нусуси динӣ, дар ояте аз оёти Қуръон ва ё ҳадисе аз аҳодиси мӯътабараи Пайғамбари Худо (с) расида, вале ба воситаи баъзе муносибот, мо ҳақ дошта бошем, аз мадлули насс сарфи назар кунем ва “раъйи иҷтиҳодӣ“-и худро муқаддам бидорем. Ҳар кадом аз инҳо эҳтиёҷ ба шарҳу тафсил дорад ва баҳси шиъа ва сунниро дар миён меоварад. Дар ин замина яъне заминаи иҷтиҳод дар арзи насс ва дар муқобили насс китобҳо навишта шуда ва шояд аз ҳама беҳтар ҳамин рисолае аст, ки ахиран алломаи ҷалил марҳум Сайид Шарафуддин — раҳматуллоҳу алайҳу — ба номи:

النص والاجتهاد

— навиштаанд.

Аммо аз назари шиъа чунин иҷтиҳоде машрӯъ нест. Аз назари шиъа ва имомони шиъа, асоси аввалии ин матлаб (яъне ин ки аҳкоми китоб ва суннат вофӣ нест, пас эҳтиёҷ ба иҷтиҳоди раъй аст) дуруст нест. Ахбор ва аҳодиси зиёде дар ин замина омада, ки ҳукми ҳар чизе ба таври куллӣ дар китоб ва суннат мавҷуд аст. Дар “Кофӣ“ баъд аз боби:

البدع والمقائيس

— бобе дорад ба ин унвон:

باب الرد إلى الكتاب والسنة وأنه ليس شيء من الحلال والحرام وجميع ما يحتاج اليه الناس إلا وقد جاء فيه كتاب أو سنة

(*Кофӣ, ҷ.1, китобул-илм*) (*Боби руҷӯъ ба Қуръон ва суннат ва ин ки ҳамаи ҳалолу ҳаром ва эҳтиёҷоти мардум дар Қуръон ё суннат мавҷуд аст.*) Имомони аҳли байт (а) аз қадимулайём ба мухолифат бо қиёс ва раъй шинохта шудаанд.

Ва албатта қабул кардан ва қабул накардани қиёс ва иҷтиҳоди раъйро аз ду назар метавон мавриди мутолеа қарор дод. Яке аз он ҷиҳат, ки арз кардам, яъне қиёс ва иҷтиҳоди раъйро ба унвони як манбаъ аз манобеъи ташреъи исломӣ бишуморем ва дар арзи китоб ва суннат қарор медиҳем ва бигӯем: мавориде ҳаст, ки ҳукме ба василаи ваҳй ташреъ нашуда ва бояд муҷтаҳидин бо раъйи худ онро баён кунанд. Ва дигар аз он ҷиҳат, ки қиёс ва иҷтиҳоди раъйро ба унвони василаи истинботи аҳкоми воқеӣ мавриди истифода қарор диҳем, ҳамон тавре, ки аз соири васоил ва турук мисли хабари воҳид истифода мекунем. Ба истилоҳ, мумкин аст ба қиёс ҷанбаи мавзӯият бидиҳем ва мумкин аст ҷанбаи тариқият бидиҳем.

Дар фиқҳи шиъа, қиёс ва раъй ба ҳеч як аз ду унвони боло мӯътабар нест. Аммо аз назари аввал ба ҷиҳати ин ки мо ҳукми ташреънашуда (ҳарчанд ба таври куллӣ) ба василаи китоб ва суннат надорем. Ва аммо аз назари дуввум ба ҷиҳати он ки қиёс ва раъй аз навъи гумонҳо ва тахминҳое аст, ки дар аҳкоми шаръӣ зиёд ба хато меравад. Асоси мухолифати шиъа ва суннӣ дар мавриди қиёс ҳамон қисмати аввал аст гӯ ин ки қисмати дуввум дар миёни усулиҳо бештар маъруф ва машҳур шудааст.

Ҳаққи “иҷтиҳод“ дар миёни аҳли тасаннун давом пайдо накард. Шояд иллати амр, ишколоте буд, ки амалан ба вуҷуд омад. Зеро агар чунин ҳаққе идома пайдо кунад, хусусан агар ”таъаввул” ва тасарруф дар нусусро ҷоиз бишуморем ва ҳар кас мутобиқи раъйи худ тасарруф ва таъаввуле бинамояд, чизе аз дин боқӣ намемонад. Шояд ба ҳамин иллат буд, ки тадриҷан ҳаққи иҷтиҳоди мустақил салб шуд ва назари уламои тасаннун бар ин қарор гирифт, ки мардумро савқ бидиҳанд фақат ба тақлид аз чаҳор муҷтаҳид ва чаҳор имоми маъруф: Абӯҳанифа, Шофеӣ, Молик ибни Анас, Аҳмад ибни Ҳанбал ва мардумро аз тақлид ва пайравии ғайри ин чаҳор нафар манъ кунанд. Ин кор ибтидо дар Миср шуд (дар қарни ҳафтум) ва баъд дар соири кишварҳои исломӣ ҳам амал шуд.

# Ичтиҳоди машрӯъ

Калимаи ичтиҳод то қарни панчум ба ҳамин маънои билхусус яъне ба маънои қиёс ва ичтиҳоди раъй, ки аз назари шиъа ичтиҳоди мамнӯъ аст, истеъмол мешуд. Уламои шиъа то он вақт дар китобҳои худ –

باب الاجتهاد

— ро менавиштанд барои ин ки онро рад кунанд ва ботил бишуморанд ва онро мамнӯъ эълом намоянд, мисли Шайх Тӯсӣ дар “Ъудда”. Вале тадричан маънои ин калима аз ихтисос берун омад ва худи уламои аҳли тасаннун мисли Ибни Ҳочиб дар ”Мухтасарул-усул” — ки Азудӣ онро шарҳ карда ва то ин охирҳо китоби усули расмии чомеъи Алазҳар буда ва шояд алъон ҳам бошад — ва қабл аз ӯ Ғаззолӣ дар китоби маъруфи ”Алмустасфо“, калимаи ичтиҳодро ба маънои хусуси ичтиҳоди раъй истеъмол накарданд, ки дар арзи китоб ва суннат қарор бигирад, балки ба маънои мутлақи чаҳду кӯшиш барои ба даст овардани ҳукми шаръӣ ба кор бурданд, ки бо ин таъбир баён мегардад:

استفراغ الوسع في طلب الحكم الشرعي

Ба ҳасби ин таъриф, маънои ичтиҳод, ба кор бурдани мунтаҳои кӯшиш дар истинботи ҳукми шаръӣ аз рӯйи далелҳои мӯътабараи шаръия аст. Аммо ин ки далелҳои шаръияи мӯътабара чист? Оё қиёс ва истеҳсон ва ғайра низ аз далелҳои шаръия ҳаст ё нест, матлаби дигаре аст.

Аз ин вақт уламои шиъа низ ин калимаро пазируфтанд, зеро ичтиҳодро ба ин маънӣ онҳо қабул доштанд. Ин ичтиҳод, ичтиҳоди машрӯъ аст. Ҳарчанд ин калима дар ибтидо дар миёни шиъа як калимаи манфуре буд, вале баъд аз он ки тағйири маъно ва мафҳум дод, уламои шиъа таъассуб наварзиданд ва аз истеъмоли он худдорӣ накарданд. Чунин ба назар мерасад, ки дар бисёре аз маворид, уламои шиъа муқайяд буданд, ки риояти ваҳдат ва услуб ва ҳамоҳангӣ бо чамоати мусалмононро бинамоянд. Масалан, аҳли тасаннун ичмоъро ҳуччат медонистанд ва тақрибан барои ичмоъ низ монанди қиёс, асолат ва мавзӯият қоиланд ва шиъа онро қабул надорад, чизи дигарро қабул дорад, вале барои ҳифзи ваҳдат ва услуб, номи он чиро худашон қабул доштанд, ичмоъ гузоштанд. Онҳо гуфта буданд, далелҳои шаръия чаҳортост: китоб ва суннат ва ичмоъ ва ичтиҳод (қиёс), инҳо гуфтанд: далелҳои шаръия чаҳортост: китоб ва суннат ва ичмоъ ва ақл. Фақат ба чойи қиёс ақлро гузоштанд.

Ба ҳар ҳол, иҷтиҳод тадриҷан маънои саҳеҳ ва мантиқӣ пайдо кард, яъне ба кор бурдани тадаббур ва таъаққул дар фаҳми далелҳои шаръия, ки албатта эҳтиёҷ дорад ба як ришта улум, ки муқаддимаи шоистагӣ ва истеъдоди таъаққул ва тадаббури саҳеҳ ва олимона мебошанд. Уламои ислом тадриҷан бархӯрданд, ки истинбот ва истихроҷи аҳком аз маҷмӯъи далелҳои шаръия эҳтиёҷ дорад ба як силсила улум ва маорифи ибтидоӣ аз қабили улуми адабия ва мантиқ ва ба донистани Қуръон ва тафсир ва ҳадис ва риҷоли ҳадис ва шинохтани қоъидаҳои илми усул ва ҳатто иттилоъ бар фиқҳи соири фирақ. ”Муҷтаҳид“ ба касе гуфтанд, ки ин улумро воҷид бошад.

Ба таври ҷазм намегӯям, вале гумони қавӣ дорам, ки аввал касе, ки калимаи иҷтиҳод ва муҷтаҳидро дар шиъа ба ин маъно истеъмол кард, Алломаи Ҳиллӣ аст. Аллома дар китоби ”Таҳзибул-усул“ баъд аз боби қиёс, боби иҷтиҳод дорад ва дар он ҷо иҷтиҳодро ба ҳамин маъно истеъмол карда, ки имрӯз истеъмол мекунанд ва шойеъ аст.

Пас иҷтиҳоди мамнӯъ ва мардуд аз назари шиъа яъне раъй ва қиёс, ки дар қадим ба номи иҷтиҳод номида мешуда, хоҳ онро як манбаъи ташреъ ва тақнини мустақил бишуморем ва ё онро василаи истинбот ва истихроҷи ҳукми воқеӣ қарор диҳем. Вале иҷтиҳоди машрӯъ иборат аст аз ба кор бурдани кӯшиш ва ҷаҳд бар мабнои тахассуси фаннӣ.

Пас ин ки гуфта мешавад, иҷтиҳод дар ислом чӣ сиғае аст? Ва аз чӣ мақулае аст? Ва чӣ маҳалле аз эъроб дорад? Бояд гуфт, иҷтиҳод ба маъное, ки имрӯз мегӯянд, яъне аҳлият ва тахассуси фаннӣ. Бадеҳӣ аст касе, ки мехоҳад ба Қуръон ва ҳадис муроҷеа кунад, бояд тафсири Қуръон ва маъонии оёт ва носиху мансух ва муҳкаму муташобеҳи онро бидонад, ҳадиси мӯътабарро аз ҳадиси ғайримӯътабар тамйиз диҳад, ба илова рӯйи қоъидаҳои уқалоии саҳеҳ, таъорузҳоро дар аҳодис то ҳадде, ки мумкин аст ҳал кунад, мавориди иҷмоъӣ ва муттафақун алайҳи мазҳабро тамйиз диҳанд. Дар худи оёти Қуръон ва ҳамчунин дар аҳодис, як силсила қоъидаҳои куллӣ зикр шуда ва истифода ва эъмоли он қоъидаҳо монанди ҳамаи қоъидаҳои дигар дар ҳамаи улум тамрин ва муморасат лозим дорад. Бояд мисли санъатгари моҳире, ки бидонад аз маҷмӯъи мavодде, ки ҷилаваш рехтааст, чӣ моддаеро интихоб кунад, маҳорат ва истеъдод дошта бошад. Махсусан дар аҳодис, ҷаълу вазъ зиёд аст, саҳеҳу сақим баҳам омехтааст. Бояд қудрати ташхиси саҳеҳ аз сақим дар ӯ бошад. Ба ҳар ҳол он қадр маълумоти муқаддамотӣ бояд дошта бошад, ки воқеан аҳлият ва салоҳият ва тахассуси фаннӣ дошта бошад.

# Пайдоиши ахборигарӣ дар шиъа

Дар ин ҷо як ҷараёни муҳим ва хатарнокеро, ки дар олами ташайюъ дар чаҳор қарн пеш тақрибан, дар мавзӯъи иҷтиҳод пайдо шуд, бояд зикр кунам ва он, мавзӯъи ”ахборигарӣ” аст. Ва агар гурӯҳе аз уламои мубарраз ва далер набуданд ва ҷилави ин ҷараён намеистоданд ва онро намекӯбиданд маълум набуд, ки имрӯз чӣ вазъе доштем.

Мактаби ахборигарӣ беш аз чаҳор қарн аз умраш намегузарад. Муассиси ин мактаб мардест ба номи Мулло Амини Астарободӣ, ки шахсан марди боҳуше буда ва атбоъи зиёде аз уламои шиъа пайдо кард. Худи ахбориҳо муддаӣ ҳастанд, ки қудамои шиъа то замони Садуқ, ҳама маслаки ахборӣ доштанд. Вале ҳақиқат ин аст, ки ахборигарӣ ба сурати як мактаб бо як силсила усули муайян, ки мункири ҳуҷҷияти ақл бошад ва ҳамчунин ҳуҷҷият ва санадияти Қуръонро ба баҳонаи ин ки фаҳми Қуръон махсуси аҳли байти пайғамбар аст ва вазифаи мо руҷӯъ ба аҳодиси аҳли байт аст мункир шавад ва ҳамчунин бигӯяд, иҷмоъ, бидъати аҳли тасаннун аст, пас аз далелҳои арбаъа яъне китоб, суннат, иҷмоъ ва ақл, танҳо суннат ҳуҷҷат аст ва ҳамчунин муддаъӣ шавад, ки ҳамаи ахборе, ки дар китобҳои арбаъа яъне “Кофӣ” ва ”Ман ло яҳзурул-фақиҳ” ва ”Таҳзиб” ва “Истибсор“ омада саҳеҳ ва мӯътабар, балки қатъиюссудур аст, хулоса, мактабе бо ин усул, пеш аз чаҳор қарн пеш вуҷуд надоштааст.

Шайх Тӯсӣ дар китоб “Ъуддатул-усул” аз гурӯҳе аз қудамо ба унвони ”муқаллида“ ёд мекунад ва интиқод менамояд, вале онҳо мактабе аз худ надоштаанд. Иллати ин ки Шайх онҳоро муқаллида мехонад ин аст, ки дар усули дин ҳам ба ахбор истидлол кардаанд.

Ба ҳар ҳол, мактаби ахборигарӣ зидди мактаби иҷтиҳод ва тақлид аст. Он аҳлият ва салоҳият ва тахассуси фаннӣ, ки муҷтаҳидин қоиланд, ӯ мункир аст, тақлиди ғайри маъсумро ҳаром медонад. Ба ҳукми ин мактаб чун ҳуҷҷат ва санад, мунҳасир ба аҳодис аст ва ҳаққи иҷтиҳод ва эъмоли назар ҳам нест, мардум муваззафанд мустақиман ба мутун мурочеа кунанд ва ба онҳо амал намоянд ва ҳеч олимеро ба унвони муҷтаҳид ва марҷаъи тақлид восита қарор надиҳанд.

Мулло Амини Астарободӣ, ки муассиси ин мактаб аст ва шахсан марде боҳуш ва мутолеакарда ва мусофиратрафта буд, китобе дорад ба номи ”Ал-фавоид ал-мадания”. Дар он китоб бо сарсахтии аҷибе ба ҷанги муҷтаҳидин омада. Махсусан саъй дорад, ки ҳуҷҷияти ақлро мункир шавад. Муддаъӣ аст, ки ақл фақат дар умуре, ки мабдаъи ҳиссӣ доранд ё қариб ба маҳсусот мебошанд (мисли риёзиёт) ҳуҷҷат аст. Дар ғайри инҳо ҳуҷҷат нест.

Аз қазо, ин фикр тақрибан муқорин аст бо пайдоиши фалсафаи ҳиссӣ дар Урупо. Онҳо дар улум ҳуҷҷияти ақлро мункир шуданд ва ин мард дар дин мункир шуд. Ҳоло ин фикрро ин мард аз куҷо овард? Оё ибтикори худаш буд ё аз касе дигар гирифта? Маълум нест.
Ёдам ҳаст, дар тобистони соли 1322 шамсӣ (1943 мелодӣ), ки Буруҷерд рафта будам ва он вақт ҳанӯз марҳум Оятуллоҳ Буруҷердӣ (Аълаллоҳу мақомаҳу!) дар Буруҷерд буданд ва ба Қум наомада буданд, як рӯз сухан аз ҳамин фикри ахбориҳо шуд. Эшон дар зимни интиқод аз ин фикр, фармуданд, ки пайдоиши ин фикр дар миёни ахбориҳо асари мавҷи фалсафаи ҳиссӣ буд, ки дар Урупо пайдо шуд. Инро ман он вақт аз эшон шунидам, баъд, ки ба Қум омаданд ва дарси усули эшон ба ин мабҳас, яъне мабҳаси ҳуҷҷияти қатъ расид, ман интизор доштам дубора ин матлабро аз эшон бишнавам, вале мутаассифона чизе нагуфтанд. Алъон намедонам, ки ин фақат ҳадсе буд, ки эшон иброз медоштанд ё мадраке доштанд, ман худам то кунун ба мадраке барнахӯрдаам ва бисёр баъид медонам, ки ин фикри ҳиссӣ дар он вақт аз ғарб ба шарқ омада бошад. Вале аз тарафи дигар эшон ҳам бемадрак сухан намегуфтанд. Акнун мутаассифам, ки чаро аз эшон истифсор накардам.

## Мубориза бо ахборигарӣ

Ба ҳар ҳол, ахборигарӣ неҳзате буд бар зиддияти ақл. Ҷумуд ва хушкии аҷибе бар ин маслак ҳукмфармост. Хушбахтона афроди рашиде монанди Ваҳиди Беҳбаҳонӣ маъруф ба “Оқо”, ки оқоёни Оли Оқо аз насли эшон ҳастанд ва шогирдони эшон ва баъд марҳум Ҳоҷӣ Шайх Муртазо Ансорӣ (Аълаллоҳу мақомаҳу!) бо ин маслак мубориза карданд.
Ваҳиди Беҳбаҳонӣ дар Карбало буд. Дар он вақт соҳиби “Ҳадоиқ “ҳам, ки ахбории мутабаҳҳире аст, дар Карбало буд ва ҳар ду ҳавза дарс доштанд. Ваҳид маслаки иҷтиҳод дошт ва соҳиби “Ҳадоиқ” маслаки ахборӣ ва қаҳран муборизаи сахте буд. Билохира Ваҳиди Беҳбаҳонӣ соҳиби “Ҳадоиқ”-ро шикаст дод. Мегӯянд, шогирдҳои мубаррази Ваҳиди Беҳбаҳонӣ аз қабили Кошифулғито ва Баҳрулулум ва Сайидмаҳдии Шаҳристонӣ, ҳама, аввал шогирди соҳиби “Ҳадоиқ” буданд ва баъд омаданд ба дарси Ваҳид ва дарси соҳиби Ҳадоиқро тарк карданд.
Вале албатта соҳиби “Ҳадоиқ” як ахбории мулоиме аст, худаш муддаъӣ аст, ки маслаки ӯ бо маслаки марҳуми Маҷлисӣ яке аст, мутавассит байни ахборӣ ва усулӣ аст, ба илова марде муттақӣ ва Худотарс ва боимон буда, бо ҳамаи ин ки Ваҳиди Беҳбаҳонӣ бо шиддат бо ӯ мубориза кард ва намози ҷамоат хондан бо ӯро манъ кард, ӯ баръакс мегуфт, намози

ҷамоат бо оқои Ваҳид саҳеҳ аст ва мегӯянд, вақти мурдан васият кард, ки намози майити ӯро Ваҳиди Беҳбаҳонӣ бихонад.

Муборизаи Шайх Ансорӣ аз ин ҷиҳат буд, ки як пайрезии мутқане барои илми усули фиқҳ кард, ки мегӯянд, худаш мегуфт, агар Амини Астарободӣ зинда буд, усули манро мепазируфт.

Албатта мактаби ахборӣ дар асари ин муқовиматҳо шикаст хӯрд ва алъон ҷуз дар гӯшаву канорҳо пайравоне надорад, вале ҳамаи афкори ахборигарӣ, ки ба суръат ва шиддат баъд аз пайдоиши Мулло Амин дар мағзҳо нуфуз кард ва дар ҳудуди 200 сол каму беш сиёдат кард, аз мағзҳо берун нарафта, алъон ҳам мебинед хелеҳо тафсири Қуръонро агар ҳадисе дар кор набошад, ҷоиз намедонанд. Ҷумуди ахборигарӣ дар бисёре аз масоили ахлоқӣ ва иҷтимоӣ ва балки порае масоили фиқҳӣ ҳанӯз ҳам ҳукумат мекунад. Феълан маҷоли шарҳу баст нест.

Як чиз, ки боиси рушду нуфузи тарзи фикри ахборӣ дар миёни мардуми авом мешавад, он ҷанбаи ҳақ ба ҷониби авомписандӣ аст, ки дорад, зеро сурати ҳарф ин аст, ки мегӯянд, мо аз худамон ҳарфе надорем, аҳли таъаббуд ва таслим ҳастем, мо ҷуз “қолал-Боқир (а) ва қолас-Содиқ (а)” сухане надорем, аз худамон ҳарф намезанем, ҳарфи маъсумро мегӯем.

Шайх Ансорӣ дар “Фароидул-усул”, мабҳаси бароат ва эҳтиёт, аз Сайид Неъматуллоҳ Ҷазоирӣ, ки маслаки ахборӣ дорад нақл мекунад, ки мегӯяд: “*Оё ҳеч оқиле эҳтимол медиҳад, ки дар рӯзи қиёмат як бандае аз бандагони Худоро (яъне як ахбориро) биёваранд ва аз ӯ бипурсанд, ту чӣ гуна амал мекардӣ ва ӯ бигӯяд, ба фармоиши маъсумин амал мекардам ва ҳар ҷо, ки каломи маъсум набуд, эҳтиёт мекардам ва он вақт якҳамчу одамеро бибаранд ба ҷаҳаннам ва аз он тараф як одами лоқайд ва беэътино ба сухани маъсум (яъне як нафар усулӣ ва пайрави маслаки иҷтиҳод)-ро, ки ҳар ҳадисеро ба як баҳона тард мекунад, бибаранд биҳишт! Ҳошо ва калло!*”

Ҷавобе, ки муҷтаҳидин медиҳанд ин аст, ки ин гуна таъаббуд ва таслимҳо, таслим ба қавли маъсум нест, таслим ба ҷаҳолат аст. Агар воқеан муҳраз бишавад, ки маъсум сухане гуфта, мо ҳам таслим ҳастем, вале шумо мехоҳед ҷоҳилона ба ҳар чи мешунавед таслим шавед. Дар ин ҷо барои намуна, ки фарқ байни тарзи фикри ҷомиди ахборӣ ва фикри иҷтиҳодӣ маълум шавад, матлаберо, ки ахиран бархӯрдаам зикр мекунам.

## Як намуна аз ду тарзи тафаккур

Дар аҳодиси зиёде амр шуда таҳтулҳанак ҳамеша дар зери гулӯ афтода бошад, на дар ҳоли намоз фақат, балки дар ҳамаи аҳвол. Яке аз он аҳодис ин аст:

الفرق بين المؤمنين والمشركين التلحي

Яъне фарқ байни мусалмон ва мушрик таҳтулҳанак дар зери гулӯ андохтан аст.

Иддае ахбориҳо ба ин ҳадис ва амсоли он тамассук карда, мегӯянд: ҳамеша бояд таҳтулҳанак афтода бошад. Вале марҳум Мулло Мӯҳсини Файз бо ин ки ба иҷтиҳод хушбин набуда, дар ”Вофӣ“, боби:

الزي والتجمل

— иҷтиҳоде дорад, мефармояд: дар қадим мушрикин шиоре доштанд, ки таҳтулҳанакро ба боло мебастаанд ва номи ин амалро “иқтиъот” мегузоштаанд. Агар касе ин корро мекард, маънояш ин буд, ки ман ҷузъи онҳо ҳастам. Ин ҳадис дастури мубориза ва адами пайравӣ аз он шиорро медиҳад. Вале имрӯз дигар он шиор аз байн рафта, пас мавзӯе барои ин ҳадис боқӣ нест. Ҳоло баръакс чун ҳама таҳтулҳанакро ба боло мебанданд, агар касе таҳтулҳанакро дар зери чона чарх бидиҳад ҳаром аст, зеро либоси шӯҳрат мешавад ва либоси шӯҳрат ҳаром аст. Дар ин ҷо ҷумуди ахборигарӣ ҳукм мекунад, ки бигӯем, дар матни ин ҳадис дастури таҳтулҳанак андохтан расида ва дигар фузулӣ аст, ки мо дар атрофи он ҳарф бизанем ва назар бидиҳем ва иҷтиҳод кунем. Вале фикри иҷтиҳодӣ мегӯяд, мо ду дастур дорем: яке, дастури эҳтироз аз ашъори мушрикин, ки руҳи мазмуни ин ҳадис аст ва яке, дастури тарки либоси шӯҳрат. Дар айёме, ки он шиор дар дунё мавҷуд буда ва мусалмонҳо аз он шиор эҳтироз мекардаанд, бар ҳама воҷиб буда, ки таҳтулҳанак биандозанд, вале имрӯз, ки он мавзӯъ аз байн рафта ва аз шиор будан хориҷ шуда ва дар амал ҳеҷ кас таҳтулҳанак намеандозад, агар касе ин корро бикунад, мисдоқи либоси шӯҳрат аст ва ҳаром аст. Ин як намуна буд, ки хостам арз кунам. Амсоли ин зиёд аст.

Аз Ваҳиди Беҳбаҳонӣ нақл шуда, ки фармуд: як вақт ҳилоли моҳи Шаввол ба тавотур собит шуд, ин қадр афроде омаданд ва гуфтанд, мо моҳро дидем, ки барои ман яқин ҳосил шуд, ман ҳукм кардам, ки имрӯз Иди Фитр аст. Яке аз ахбориҳо ба ман эътироз кард, ки ту худат надидаӣ ва ашхоси мусалламуладолае ҳам шаҳодат надодаанд, чаро ҳукм кардӣ? Гуфтам, мутавотир аст ва аз тавотур барои ман яқин пайдо шуд. Гуфт: дар кадом ҳадис ворид шуда, ки тавотур ҳуҷҷат аст?!

Ҳамчунин Ваҳид мегӯяд: ҷумуди ахбориҳо ба ин ҳадд аст, ки агар фаразан маризе рафта бошад пеши яке аз имомон ва он имом ба ӯ фармуда бошад, оби сард бихӯр, ахбориҳо ба ҳамаи маризҳои дунё хоҳанд гуфт, ҳар вақт мариз шудед ва ҳар маразе пайдо кардед, илоҷаш оби сард аст, фикр намекунанд, ки ин дастур махсуси ҳоли он мариз буда, на ҳамаи маризҳо.

Ҳамчунин маъруф аст, ки баъзе ахбориҳо дастур медоданд, ки ба кафани майит шаҳодатайн бинависанд ва ба ин сурат бинависед:

إسماعيل يشهد أن لا إله الا الله

Яъне Исмоил шаҳодат медиҳад ба ваҳдонияти Худо. Ҳол, чаро шаҳодатро ба номи Исмоил бинависанд, зеро дар ҳадис ворид шуда, ки ҳазрати Содиқ (а) дар кафани фарзандашон, Исмоил ба ин иборат навишта буданд.

Ахбориҳо фикр намекарданд, ки дар кафани Исмоил, ки ин тавр менавиштанд чун исми ӯ Исмоил буд. Ҳоло, ки масалан Ҳасанқулибек мурда, чаро исми худашро нанависем ва исми Исмоилро бинависем?! Ахбориҳо мегуфтанд, инҳо дигар иҷтиҳод ва эъмоли назар ва иттико ба ақл аст. Мо аҳли таъаббуд ва таслим ва “қолал-Боқир (а) ва қолас-Содиқ (а)” мебошем, аз пеши худ дахолат намекунем.

## Тақлиди мамнӯъ

Аммо тақлид: тақлид бар ду қисм аст: мамнӯъ ва машрӯъ. Як навъ тақлид аст, ки ба маънои пайравии кӯр-кӯрона аз муҳит ва одат аст, ки албатта мамнӯъ аст ва он ҳамон аст, ки дар ояти Қуръон ба ин сурат мазаммат шуда:

إِنَّا وَجَدْنَا آبَاءَنَا عَلَىٰ أُمَّةٍ وَإِنَّا عَلَىٰ آثَارِهِمْ مُقْتَدُونَ

(*Сураи Зухруф, ояти 23*) (Мо падарони худро бар як роҳе ёфтаем ва худ низ ба осори онон иқтидо мекунем.)

Ин ки гуфтам, тақлид бар ду қисм аст: мамнӯъ ва машрӯъ, мақсуд аз тақлиди мамнӯъ, танҳо ин тақлид, ки тақлиди кӯр-кӯрона аз муҳит ва одати обову аҷдод аст нест, балки мехоҳам бигӯям, ҳамон тақлиди ҷоҳил аз олим ва руҷӯъи оммӣ ба фақеҳ бар ду қисм аст: мамнӯъ ва машрӯъ.

Ахиран аз баъзе мардум, ки дар ҷустуҷӯи марҷаъи тақлид ҳастанд, гоҳе ин калимаро мешунавам, ки мегӯянд, мегардем касеро пайдо кунем, ки он ҷо “сар бисупорем”.

Мехоҳам бигӯям, тақлиде, ки дар ислом дастур расида, “сар супурдан “нест, чашм боз кардан ва чашм боздоштан аст. Тақлид агар шакли “сар супурдан “пайдо кард, ҳазорҳо мафосид пайдо мекунад.

Дар ин ҷо ҳадиси муфассале, ки дар ин замина ҳаст ва навиштаам, барои шумо аз рӯ мехонам. Ҷумлаи маъруфи:

وأما من كان من الفقهاء صائنا لنفسه حافظا لدينه مخالفا على هواه مطيعا لأمر مولاه فللعوامّ أن يقلّدوه

(Ва аммо ҳар як аз фуқаҳо, ки худдор ва ҳофизи дини худ ва мухолифи ҳавои нафс ва мутеъи фармони мавлои худ бошад, авом ҳаққ доранд аз ӯ тақлид кунанд), ки аз ҷумлаи санадҳои тақлид ва иҷтиҳод аст, ҷузъи ҳамин ҳадис аст ва Шайх Ансорӣ дар бораи ин ҳадис мегӯяд: осори сидқ аз он намоён аст.

Ин ҳадис дар зайли ин ояти карима аст:

وَمِنْهُمْ أُمِّيُّونَ لَا يَعْلَمُونَ الْكِتَابَ إِلَّا أَمَانِيَّ وَإِنْ هُمْ إِلَّا يَظُنُّونَ

(*Сураи Бақара, ояти 78*) Ин оят дар мақоми мазаммати авом ва бесаводони яҳуд аст, ки аз уламо ва пешвоёни дини худ пайравӣ ва тақлид мекарданд ва дунболаи оёте аст, ки равиши нописанди уламои яҳудро зикр мекунад. Мефармояд, як иддаи онҳо ҳамон мардуми бесавод ва нодон буданд, ки аз китоби осмонии худ чизе ҷуз як ришта хаёлот ва орзуҳо намедонистанд ва дунболи гумон ва ваҳм мерафтанд.

## Ҳадиси Имом Содиқ (а) дар бораи тақлиди мамнӯъ

Дар зайли ин оят ин ҳадис аст, ки шахсе ба ҳазрати Содиқ (а) арз мекунад, ки авом ва бесаводони яҳуд роҳе надоштанд ҷуз ин ки аз уламои худ ҳар чи мешунаванд қабул кунанд ва пайравӣ намоянд. Агар тақсире ҳаст, мутаваҷҷеҳи уламои яҳуд аст. Чаро Қуръон авомунноси бечораро, ки чизе намедонистанд ва фақат аз уламои худ пайравӣ мекарданд мазаммат мекунад? Чӣ фарқе байни авоми яҳуд ва байни авоми мо ҳаст? Агар тақлид ва пайравии авом аз уламо мазмум аст, пас авоми мо низ, ки аз уламои мо пайравӣ мекунанд, бояд мавриди маломат ва мазаммат қарор гиранд. Агар онҳо намебоист қавли уламои худро бипазиранд, инҳо низ набояд бипазиранд.

Ҳазрат фармуд:

بين عوامّنا وعلمائنا وبين عوامّ اليهود وعلمائهم فرق من جهة وتسوية من جهة: أما من حيث استووا فإن الله قد ذمّ عوامّنا بتقليدهم علمائهم كما قد ذمّ عوامّهم، وأما من حيث افترقوا فلا

Яъне авом ва уламои мо ва авом ва уламои яҳуд аз як ҷиҳат фарқ доранд ва аз як ҷиҳат мисли ҳаманд. Аз он ҷиҳат, ки мисли ҳам мебошанд, Худованд авомро низ ба он навъ тақлид аз уламо мазаммат карда ва аммо аз он ҷиҳат, ки фарқ доранд, на. Он шахс арз кард: ё ибна Расулиллоҳ! Тавзеҳ бидиҳед. Фармуд: авомми яҳуд уламои худро дар амал дида буданд, ки сареҳан дурӯғ мегӯянд, аз ришва парҳез надоранд, аҳком ва қазоҳоро ба

хотири рӯдарбоистиҳо ва ришваҳо тағйир медиҳанд, медонистанд, ки дар бораи афрод ва ашхос асабият ба харҷ медиҳанд, ҳуббу буғзи шахсиро дахолат медиҳанд, ҳаққи якеро ба дигаре медиҳанд. Он гоҳ фармуд:

واضطروا بمعارف قلوبهم الى أن من يفعل ما يفعلونه فهو فاسق لا يجوز أن يصدق على الله ولا على الوسائط بين الخلق وبين الله

Яъне ба ҳукми илҳомоти фитрии умумӣ, ки Худованд дар сиришти ҳар кас таквинан қарор дода медонистанд, ки ҳар кас, ки чунин аъмоле дошта бошад, набояд қавли ӯро пайравӣ кард, набояд қавли Худо ва пайғамбарони Худоро бо забони ӯ қабул кард.

Дар ин ҷо Имом мехоҳад бифармояд, ки касе нагӯяд, ки авомми яҳуд ин масъаларо намедонистанд, ки набояд ба қавли уламое, ки худашон бар хилофи дастурҳои дин амал мекунанд амал кард.

Зеро ин масъала, масъалае нест, ки касе надонад. Дониши ин масъаларо Худованд дар фитрати ҳамаи афроди башар қарор дода ва ақли ҳама кас инро медонад. Ба истилоҳи аҳли мантиқ, аз ҷумлаи қазоё қиёсотуҳо маъаҳо аст, далелаш бо худаш аст. Касе, ки фалсафаи вуҷудияш покӣ ва таҳорат ва тарки ҳавову ҳавас аст, агар дунболи ҳавову ҳавас ва дунёпарастӣ биравад, ба ҳукми тамоми уқул бояд сухани ӯро нашунид.

Баъд фармуд:

وكذلك عوامّ أمتنا إذا عرفوا من فقهائهم الفسق الظاهر والعصبية الشديدة والتكالب على حطام الدنيا وحرامها وإهلاك من يتعصبون عليه وإن كان لإصلاح أمره مستحقا وبالترفق بالبر والإحسان على من تعصبوا له وإن كان للإذلال والإهانة مستحقا، فمن قلدمن عوامّنا مثل هؤلاء فهم مثل اليهود الذين ذمّهم الله بالتقليد لفسقة فقهائهم

Ва ба ҳамин минвол аст ҳоли авомми мо. Инҳо низ агар дар фуқаҳои худ, аъмоли хилоф, таъассуби шадид, тазоҳум бар сари дунё, тарафдорӣ аз тарафдорони худ ҳарчанд носолеҳ бошанд, кӯбидани мухолифини худ ҳарчанд мустаҳиққи эҳсон ва некӣ бошанд, агар ин аъмолро дар онҳо ҳис кунанд ва боз ҳам чашми худро бибанданд ва аз онҳо пайравӣ кунанд, айнан монанди ҳамон авомми яҳуданд ва мавриди мазаммат ва маломат ҳастанд. *(Эҳтиҷоҷи Табарсӣ, ҷ.2 с.263, ба нақл аз тафсири мансуб ба Имом Ҳасани Аскарӣ алайҳис-салом. Ва ба ҷойи “биттарафуфуқ“ “биттарафруф“ овардааст.*)

Пас маълум мешавад, ки тақлиди мамдӯҳ ва машрӯъ “сар супурдан” ва чашм бастан нест, чашм боз кардан ва муроқиб будан аст ва агар на, масъулият ва ширкат дар ҷурм аст.

## Андешаи авоммонаи куррият ва эътисоми уламо

Баъзе аз мардум хаёл мекунанд, ки таъсири гуноҳ дар афрод яксон нест, дар мардуми оддӣ гуноҳ таъсир дорад ва онҳоро аз тақво ва адолат соқит мекунад, вале дар табақаи уламо таъсире надорад, онҳо як навъ “куррият” ва як навъ “эътисом “доранд, назири фарқе, ки байн об қалил ва об касир аст, ки об касир агар ба қадри курр шуд, дигар аз наҷосат мунфаъил намешавад, дар сурате, ки ислом барои аҳаде куррият ва эътисом қоил нест, ҳатто барои шахси Пайғамбари Акрам (с). Чаро мегӯяд:

قُلْ إِنِّيَ أَخَافُ إِنْ عَصَيْتُ رَبِّي عَذَابَ يَوْمٍ عَظِيمٍ

(*Сураи Анъом, ояти* 15) “*Эй Пайғамбар! Бигӯ: худи ман низ агар маъсият кунам, аз азоби рӯзи бузург бимнокам.*” Чаро мефармояд:

لَئِنْ أَشْرَكْتَ لَيَحْبَطَنَّ عَمَلُكَ

(*Сураи Зумар, ояти* 65) Агар навъе ширк дар кори ту ворид шавад, амалат табоҳ хоҳад шуд. Ҳамаи инҳо барои ин таълим аст, ки табъизе дар кор нест, куррият ва эътисоме барои аҳаде нест.

Достони Мӯсо ва абди солеҳ, ки дар Қуръони Карим омада, достони аҷибе аст. Як нуктаи бузург, ки аз ин достон истифода мешавад ин аст, ки тобеъ ва пайрав то он ҷо таслими матбӯъ ва пешвост, ки усул ва мабодӣ ва қонун нашиканад ва хароб нашавад. Агар дид, он матбӯъ коре бар хилофи усул ва мабонӣ анҷом медиҳад, наметавонад сукут кунад. Гӯ ин ки дар ин достон, амале, ки абди солеҳ кард, аз назари худи ӯ, ки уфуқи васеътареро медид ва ба ботини мавзӯъ таваҷҷӯҳ дошт, бар хилофи усул набуд, балки айни вазифа ва таклиф буд, вале сухан дар ин аст, ки чаро Мӯсо сабр намекард ва забон ба интиқод мегушуд, бо ин ки ваъда медод ва ба худ талқин мекард, ки эътироз накунад, боз ҳам эътироз ва интиқод мекард. Нақси кори Мӯсо дар эътироз ва интиқод набуд, дар ин буд, ки ба рамзи матлаб ва ботини кор огоҳ набуд. Албатта агар ба рамзи матлаб огоҳ мешуд, эътироз намекард. Ва моил буд, ки бирасад ба рамзи матлаб, вале модоме, ки аз назари ӯ амале бар хилофи усул ва қонуни илоҳӣ аст, имони ӯ ба ӯ иҷоза намедиҳад сукут кунад. Баъзе гуфтаанд, агар то қиёмат амали абди солеҳ такрор мешуд, Мӯсо аз эътироз ва интиқод бознамеистод, магар он ки ба рамзи матлаб огоҳ мешуд. Мӯсо ба ӯ мегӯяд:

هَلْ أَتَّبِعُكَ عَلَىٰ أَنْ تُعَلِّمَنِ مِمَّا عُلِّمْتَ رُشْدًا

Яъне оё иҷоза медиҳӣ аз ту пайравӣ кунам, то маро таълим кунӣ? Ӯ мегӯяд:

إِنَّكَ لَنْ تَسْتَطِيعَ مَعِيَ صَبْرًا

Ту нахоҳӣ тавонист дар ҳамроҳ будан бо ман тоқат биёварӣ ва нисбат ба он чи мебинӣ сукут кунӣ. Баъд худи ӯ иллатро ба хубӣ тавзеҳ медиҳад:

وَكَيْفَ تَصْبِرُ عَلَىٰ مَا لَمْ تُحِطْ بِهِ خُبْرًا

Магар ту вақте, ки бибинӣ амале бар хилоф сурат мегирад ва аз сирру рамзи матлаб огоҳ набошӣ, сабр хоҳӣ кард?! Мӯсо гуфт:

سَتَجِدُنِي إِنْ شَاءَ اللَّهُ صَابِرًا وَلَا أَعْصِي لَكَ أَمْرًا

Умедворам агар Худо бихоҳад сабр кунам ва амри туро мухолифат накунам. Мӯсо нагуфт, чӣ ба рамзи матлаб пай бибарам ва чӣ набарам, сабр хоҳам кард, ҳамин қадр гуфт, умедворам ин таҳаммул дар ман пайдо шавад. Албатта ин таҳаммул он вақт барои Мӯсо пайдо мешавад, ки аз рамзи матлаб огоҳ гардад. Баъд ӯ хост сареҳтар аз Мӯсо қавл бигирад, ки ҳатто агар ба рамзи матлаб ҳам пай набарӣ сукут кун ва эътироз накун, то вақте, ки мавқеъаш бирасад, худам тавзеҳ диҳам:

قَالَ فَإِنِ اتَّبَعْتَنِي فَلَا تَسْأَلْنِي عَنْ شَيْءٍ حَتَّىٰ أُحْدِثَ لَكَ مِنْهُ ذِكْرًا

Яъне агар дунболи ман омадӣ, ҳар чи дидӣ сукут кун, баъд ман худам тавзеҳ медиҳам. Дар ин ҷо дигар ояти карима надорад, ки Мӯсо пазируфт. Дар оят ҳамин қадр дорад, ки баъд бо ҳам роҳ афтоданд ва рафтанд, то охири достон, ки каму беш ҳама шунидаед.

Ба ҳар ҳол, хостам арз карда бошам, ки тақлиди ҷоҳил аз олим, сарсупурдагӣ нест. Тақлиди мамнӯъи ҷоҳил аз олим ҳамон аст, ки шакли сарсупурдагӣ пайдо кунад ва ба сурати “ҷоҳилро бар олим баҳсе нест, мо дигар намефаҳмем, шояд таклифи шаръӣ чунину чунон иқтизо карда бошад” ва амсоли инҳо адо мешавад.

Ин достонро ба унвони шоҳид ва таъйиде бар матлаби он ҳадиси Имом Содиқ (а) арз кардам.

## Тақлиди машрӯъ

Ҳазрат баъд аз он ҷумлаҳо, ки қаблан роҷеъ ба тақлиди мазмум нақл кардам, тақлиди машрӯъ ва мамдӯҳро ин тавр баён мекунад:

وأما من كان من الفقهاء صائنا لنفسه حافظا لدينه مخالفا على هواه مطيعا لأمر مولاه فللعوامّ أن يقلّدوه

Ҳар кадом аз фуқаҳо, ки битавонад худро забт ва нигаҳдорӣ кунад, даъватҳои шайтон, ки:

وَاسْتَفْزِزْ مَنِ اسْتَطَعْتَ مِنْهُمْ بِصَوْتِكَ وَأَجْلِبْ عَلَيْهِمْ بِخَيْلِكَ وَرَجِلِكَ

(*Сураи Исро, ояти* 64) (“*Ва ҳар кадом аз онҳоро тавонистӣ, бо садои худ бихон ва бо сипоҳи савора ва пиёдаат бар онон битоз.*”) — ӯро аз ҷо наканад, дини худро ҳифз кунад, дини худашро нафурӯшад (шояд мақсуд ин бошад, ки динро дар миёни мардум ва ҷомеа ҳифз кунад), мухолифи ҳавоҳои нафсонӣ ва мутеъи амри илоҳӣ бошад, авом аз ҳамчу касе метавонанд тақлид кунанд.

Албатта ин нукта возеҳ аст, ки мухолифати як олими руҳонӣ бо ҳавои нафс фарқ дорад бо мухолифати як нафар аз авом, зеро ҳавои нафси ҳар касе дар умури муайяне аст. Ҳавои нафси ҷавон як чиз аст ва ҳавои нафси пир як чизи дигар. Ҳар касе дар ҳар мақом ва ҳар дараҷа ва ҳар табақа ва ҳар синне, ки ҳаст, як навъ ҳавои нафс дорад. Микёси ҳавопарастии як олими руҳонӣ ин нест, ки бибинем масалан шароб мехӯрад ё намехӯрад? Қимор мекунад ё намекунад? Намозу рӯзаро тарк мекунад ё тарк намекунад? Микёси ҳавопарастии ӯ, дар ҷоҳу мақом ва майли ба дастбӯсӣ ва шӯҳрат ва маҳбубият ва алоқа ба ин ки мардум дунболи сараш ҳаракат кунанд ва дар сарфи байтулмол дар роҳи “оқои” худ ва ё боз гузоштани дасти касон ва хешон ва махсусан оқозодагони гиром дар байтулмол ва амсоли инҳост.

Баъд Имом (а) фармуд:

وهم بعض فقهاء الشيعة لا جميعهم

Яъне касоне, ки дорои ин фазоил ва малакоти олия бошанд, баъзе аз фуқаҳои шиъа ҳастанд, на ҳамаи онҳо.

Ин ҳадис ба эътибори ҷумлаҳои охираш яке аз мадорики масъалаи иҷтиҳод ва тақлид аст. Пас маълум шуд, ҳар кадом аз иҷтиҳод ва тақлид бар ду қисм аст: машрӯъ ва мамнӯъ.

## Чаро тақлиди майит ҷоиз нест?

Масъалае мо дар фиқҳ дорем, ки аз мусалламоти фиқҳи мост ва он ин ки: тақлиди майит ибтидо ҷоиз нест. Тақлиди майит агар ҷоиз бошад, фақат дар идома додани тақлиди касе аст, ки дар замони ҳаёташ аз ӯ тақлид мекардаанд ва ҳоло мурдааст. Тоза, идома додани тақлиди майит ҳам бояд бо иҷоза ва тасвиби муҷтаҳиди ҳай (зинда) бошад. Ман ба далелҳои фиқҳии ин масъала коре надорам, ҳамин қадр мегӯям, бисёр фикри асосӣ аст, аммо ба шарти ин ки ҳадафи ин масъала равшан шавад.

Фоидаи аввали ин фикр ин аст, ки василае аст барои бақои ҳавзаҳои илмии динӣ, ки идома пайдо кунад ва улуми исломӣ маҳфуз бимонад, на танҳо маҳфуз бимонад, балки рӯз ба рӯз пеш биравад ва такомул пайдо кунад ва мушкилоти ҳалнашуда ҳал шавад.

Ин тавр нест, ки ҳамаи мушкилоти мо дар қадим ба василаи уламо ҳал шуда ва дигар ишколе ва коре надорем. Мо ҳазорон муаммо ва мушкил дар калом ва тафсир ва фиқҳ ва соири улум исломӣ дорем, ки бисёре аз онҳо ба василаи уламои бузург дар гузашта ҳал шуда ва бисёре боқӣ монда ва вазифаи ояндагон аст, ки ҳал кунанд ва тадриҷан дар ҳар риштае китобҳое беҳтар ва ҷомеътар бинависанд ва ин риштаро идома бидиҳанд ва ҷилав бибаранд, ҳамон тавре, ки дар гузашта низ тадриҷан тафсирро ҷилав бурданд, каломро ҷилав бурданд, фиқҳро ҷилав бурданд. Ин қофила набояд дар сайри худ таваққуф кунад. Пас тақлиди мардум аз муҷтаҳидини зинда ва таваҷҷӯҳ ба онҳо, як василае аст барои ибқо ва такомули улуми исломӣ.

Иллати дигар ин аст, ки мусалмонон ҳар рӯз бо масоили ҷадид дар зиндагии худашон рӯ ба рӯ мешаванд ва намедонанд таклифашон дар ин масоил чист? Фуқаҳои зинда ва зиндафикре лозим аст, ки ба ин ҳоҷати бузург посух бидиҳанд. Дар яке аз ахбори иҷтиҳод ва тақлид омада:

وأما الحوادث الواقعة فارجعوا فيها إلى رواة أحاديثنا

(*Эҳтиҷоҷи Табарсӣ, ҷ.2 с.283) ("Ва аммо дар ҳаводиси воқеа ба ровиёни аҳодиси мо руҷӯъ кунед.*" Ба ҷойи "аҳодисино" "ҳадисино" овардааст.) Ҳаводиси воқеа ҳамон масоили ҷадид аст, ки давра ба давра ва қарн ба қарн ва сол ба сол пеш меояд. Мутолеа ва татаббӯъ дар китобҳои фиқҳия дар давраҳо ва қуруни мухталиф мерасонад, ки тадриҷан бар ҳасби эҳтиёҷоти мардум масоили ҷадиде вориди фиқҳ шуда ва фуқаҳо дар мақоми ҷавобгӯӣ баромадаанд ва ба ҳамин ҷиҳат тадриҷан бар ҳаҷми фиқҳ афзуда шуда. Агар касе муҳаққиқона ҳисоб кунад, метавонад бифаҳмад, ки масалан фалон масъала ва фалон масъала дар чӣ қарне ва дар чӣ минтақае рӯйи чӣ эҳтиёҷе вориди фиқҳ шуда. Агар муҷтаҳиди зинда ба масоили ҷадид посух надиҳад, чӣ фарқе байни тақлиди зинда ва мурда аст?! Беҳтар ин ки аз баъзе аз амвот мисли Шайх Ансорӣ — ки ба эътирофи худи муҷтаҳидини зинда, аз ҳамаи онҳо олимтар ва муҳаққиқтар буда — тақлид кунанд. Асосан "рамзи иҷтиҳод", дар татбиқи дастуроти куллӣ бо масоили ҷадид ва ҳаводиси мутағайир аст. Муҷтаҳиди воқеӣ он аст, ки ин рамзро ба даст оварда бошад, таваҷҷӯҳ дошта бошад, ки мавзӯъот чӣ гуна тағйир мекунад ва биттабъ ҳукми онҳо иваз мешавад. Вагарна танҳо дар масоили кӯҳна ва фикршуда фикр кардан ва ҳаддиаксар як "ъалал-ақво"-ро табдил ба "ъалал-аҳват" кардан ва ё як "ъалал-аҳват"-ро табдил ба "ъалал-ақво" кардан, ҳунаре нест ва ин ҳама ҷору ҷанҷол лозим надорад.

Иҷтиҳод албатта шароит ва муқаддамоти зиёде дорад. Муҷтаҳид, улуми мухталиферо бояд тай карда бошад, аз адабиёти араб ва мантиқ ва усули фиқҳ ва ҳатто таърихи ислом

ва фиқҳи соири фирақи исломӣ. Ва муддатҳо мумохасат лозим аст, то як фақеҳи воқеӣ ва ҳисобӣ пайдо шавад. Танҳо бо хондани чанд китоби адабӣ дар наҳву сарф ва маъонӣ ва баён ва мантиқ ва баъд се чаҳор китоби муайян аз сутуҳ аз қабили “Фароид” ва “Макосиб” ва “Кифоя” ва баъд чанд сол дарси хориҷ, касе наметавонад тибқи маъмул иддаъои иҷтиҳод кунад ва китоби “Васоил” ва “Ҷавоҳир”-ро ҷилаваш бигузорад ва пушти сари ҳам фатво бидиҳад. Бояд ростӣ ӯ тафсир ва аз ҳадис яъне аз чандин ҳазор ҳадис, ки дар тӯли 250 сол аз замони ҳазрати Расул (с) то замони Имом Аскари (а) содир шуда ва муҳити судури ин аҳодис яъне таърихи ислом ва фиқҳи соири фирақи исломӣ ва аз риҷол ва табақоти ровиён огоҳӣ дошта бошад.

Оятуллоҳ Буруҷердӣ (Аълаллоҳу мақомаҳу!) ба ростӣ фақеҳ буд. Ман одат надорам аз касе ном бибарам. Эшон ҳам то зинда буданд, дар суханрониҳоям аз эшон ном набурдаам, вале ҳоло, ки эшон рафтаанд ва матмаъе нест, мегӯям, ки ин мард ба ростӣ як фақеҳи мумтоз ва мубарраз буд, бар ҳамаи ин риштаҳо аз тафсир ва ҳадис ва риҷол ва дироя ва фиқҳи соири фирақи исломӣ иҳота ва тасаллут дошт.

## Таъсири ҷаҳонбинии фақеҳ дар фатвоҳояш

Фақеҳ ва муҷтаҳид кораш истинбот ва истихроҷи аҳком аст, аммо иттилоъ ва иҳотаи ӯ ба мавзӯъот ва ба истилоҳ, тарзи ҷаҳонбиниаш, дар фатвоҳояш зиёд таъсир дорад. Фақеҳ бояд иҳотаи комил ба мавзӯъоте, ки барои он мавзӯъот фатво содир мекунад дошта бошад. Агар фақеҳеро фарз кунем, ки ҳамеша дар гӯшаи хона ва ё мадраса буда ва ӯро бо фақеҳе муқоиса кунем, ки вориди ҷараёноти зиндагӣ аст, ин ҳар ду нафар ба далелҳои шаръия ва мадорики аҳком муроҷеа мекунанд, аммо ҳар кадом як ҷур ва як наҳви бахусус истинбот мекунанд.

Мисоле арз мекунам: фарз кунед, як нафар дар шаҳри Теҳрон бузург шуда бошад ва ё дар шаҳри дигаре мисли Теҳрон, ки дар он ҷо курр ва оби ҷорӣ фаровон аст, ҳавзҳо ва обанборҳо ва наҳрҳо ҳаст ва ҳамин шахс фақеҳ бошад ва бихоҳад дар аҳкоми таҳорат ва наҷосат фатво бидиҳад. Ин шахс бо савобиқи зиндагии шахсии худ вақте, ки ба ахбор ва ривоятҳои таҳорат ва наҷосат муроҷеа кунад, як тавре истинбот мекунад, ки хеле мақрун ба эҳтиёт ва лузуми иҷтиноб аз бисёре чизҳо бошад. Вале ҳамин шахс, ки як сафар ба зиёрати хонаи Худо меравад ва вазъи таҳорат ва наҷосат ва беобиро дар он ҷо мебинад, назараш дар боби таҳорат ва наҷосат фарқ мекунад, яъне баъд аз ин мусофират агар ба ахбор ва ривоятҳои таҳорат ва наҷосат муроҷеа кунад, он ахбор ва ривоятҳо барои ӯ як мафҳуми дигар дорад.

Агар касе фатвоҳои фуқаҳоро бо якдигар муқоиса кунад ва зимнан ба аҳволи шахсӣ ва тарзи тафаккури онҳо дар масоили зиндагӣ таваҷҷӯҳ кунад, мебинад, ки чӣ гуна савобиқи зеҳнии як фақеҳ ва иттилооти хориҷии ӯ аз дунёи хориҷ, дар фатвоҳояш таъсир дошта, ба тавре, ки фатвои араб бӯйи араб медиҳад ва фатвои аҷам бӯйи аҷам, фатвои деҳотӣ бӯйи деҳотӣ медиҳад ва фатвои шаҳрӣ бӯйи шаҳрӣ.

Ин дин, дини хотам аст, ихтисос ба замони муайян ва ё минтақаи муайян надорад, марбут ба ҳамаи минтақаҳо ва ҳамаи замонҳост; дине аст, ки барои низоми зиндагӣ ва пешрафти зиндагии башар омада, пас чӣ гуна мумкин аст фақеҳе аз низомот ва ҷараёни табиӣ бехабар бошад, ба такомул ва пешрафти зиндагӣ имон надошта бошад ва он гоҳ битавонад дастурҳои олӣ ва мутараққии ин дини ҳанифро, ки барои ҳамин низомот омада ва зомини ҳидояти ин ҷараёнҳо ва таҳаввулот ва пешрафтҳост, комилан ва ба таври саҳеҳ истинбот кунад?!

## Идроки заруратҳо

Мо ҳамин алъон дар фиқҳи худамон мавориде дорем, ки фуқаҳои мо ба таври ҷазм, ба лузум ва вуҷуби чизе фатво додаанд, фақат ба далели дарки зарурат ва аҳаммияти мавзӯъ, яъне бо ин ки далели нақлӣ аз оят ва ҳадис ба таври сареҳ ва кофӣ надорем ва ҳамчунин иҷмоъи мӯътабаре низ дар кор нест, фуқаҳо аз асли чаҳоруми истинбот яъне далели мустақилли ақлӣ истифода кардаанд. Фуқаҳо дар ин гуна маворид аз назари аҳаммияти мавзӯъ ва аз назари ошноӣ ба руҳи ислом, ки мавзӯъоти муҳимро билотаклиф намегузорад, ҷазм мекунанд, ки ҳукми илоҳӣ дар ин маврид бояд чунин бошад. Мисли он чи дар масъалаи вилояти ҳоким ва мутафарреъоти он фатво додаанд. Ҳоло агар ба аҳаммияти мавзӯъ пай набурда буданд, он фатво пайдо нашуда буд. То ин ҳадд, ки ба аҳаммияти мавзӯъ пай бурдаанд, фатво ҳам додаанд. Мавориди дигар назири ин маврид метавон пайдо кард, ки иллати фатво надодан, таваҷҷӯҳ надоштан ба лузум ва аҳаммияти мавзӯъ аст.

## Як пешниҳоди муҳим

Дар ин ҷо ман пешниҳоде дорам, ки барои пешрафт ва тараққии фиқҳи мо бисёр муфид аст. Инро қаблан марҳум Оятуллоҳ Ҳоҷӣ Шайх Абдулкарими Яздӣ (Аълаллоҳу мақомаҳу!) фармудаанд ва ман пешниҳоди эшонро арз мекунам.

Эшон гуфта буданд, чӣ лузуме дорад, ки мардум дар ҳамаи масоил, аз як нафар тақлид кунанд. Беҳтар ин аст, ки қисматҳои тахассусӣ дар фиқҳ қарор диҳанд, яъне ҳар дастае

баъд аз он ки як давраи фиқҳи умумиро диданд ва иттилоъ пайдо карданд, тахассуси худро дар як қисмати муайян қарор диҳанд ва мардум ҳам дар ҳамон қисмати тахассусӣ, аз онҳо тақлид кунанд. Масалан баъзе риштаи тахассусии худро ибодот қарор диҳанд ва баъзе муомилот ва баъзе сиёсот ва баъзе аҳком (аҳком ба истилоҳи фиқҳ), ҳамон тавре, ки дар тиб ин кор шуда ва риштаҳои тахассусӣ пеш омада, ҳар дастае мутахассиси як ришта аз риштаҳои пизишкӣ ҳастанд; баъзе мутахассиси қалб мебошанд, баъзе мутахассиси чашм, баъзе мутахассиси гӯшу ҳалқ ва бинӣ ва баъзе мутахассиси чизи дигар. Агар ин кор бишавад, ҳар касе беҳтар метавонад таҳқиқ кунад дар қисмати худаш. Гумон мекунам, дар китоби ”Ал-калому яҷуррул-калом“, таълифи оқои Сайидаҳмади Занҷонӣ (Салламаҳуллоҳ), ин матлаб аз қавли эшон чоп шуда.

Ин пешниҳод бисёр пешниҳоди хубе аст ва ман изофа мекунам, ки эҳтиёҷ ба тақсими кор дар фиқҳ ва ба вуҷуд омадани риштаҳои тахассусӣ дар фақоҳат, аз сад сол пеш ба ин тараф зарурат пайдо карда ва дар вазъи мавҷуд ё бояд фуқаҳои ин замон ҷилави рушду такомули фиқҳро бигиранд ва мутаваққиф созанд ва ё ба ин пешниҳод таслим шаванд.

## Тақсими кори тахассусӣ дар улум

Зеро тақсими кор дар улум, ҳам маълули такомули улум аст ва ҳам иллати он, яъне улум тадриҷан рушд мекунанд, то мерасанд ба ҳадде, ки аз ӯҳдаи як нафар таҳқиқ дар ҳамаи масоили онҳо мумкин нест, ночор бояд тақсим бишавад ва риштаҳои тахассусӣ пайдо шавад. Пас тақсими кор ва пайдоиши риштаҳои тахассусӣ дар як илм, натиҷа ва маълули такомул ва пешрафти он илм аст. Ва аз тарафи дигар, бо пайдоиши риштаҳои тахассусӣ ва тақсими кор ва тамаркузи фикр дар масоили бахусуси он риштаи тахассусӣ, пешрафти бештаре пайдо мекунанд.

Дар ҳамаи улуми дунё аз тиб ва риёзиёт ва ҳуқуқ ва адабиёт ва фалсафа, риштаҳои тахассусӣ пайдо шуда ва ҳамин ҷиҳат он риштаҳоро тараққӣ додааст.

## Такомули ҳазорсолаи фиқҳ

Замоне буд, ки фиқҳ бисёр маҳдуд буд. Вақте ба мактаби фиқҳияи қабл аз Шайх Тӯсӣ муроҷеа мекунем, мебинем чӣ қадр кӯчак ва маҳдуд будааст! Шайх Тӯсӣ бо навиштани китобе ба номи ”Мабсут“, фиқҳро вориди марҳилаи ҷадиде кард ва тавсиъа дод. Ва ҳамчунин давра ба давра дар асари кӯшишҳои уламо ва фуқаҳо ва ворид шудани масоили ҷадид ва таҳқиқоти ҷадид, бар ҳаҷми фиқҳ афзуда шуд, то он ҷо, ки дар ҳудуди

сад сол пеш, ки соҳиби “Ҷавоҳир” муваффақ шуд як давраи фиқҳ бинависад, ба заҳмат тавонист ин корро анҷом диҳад. Мегӯянд, дар ҳудуди 20-солагӣ ин корро шурӯъ кард ва бо истеъдоди фавқулъода ва кори мудовим ва умри тавил, дар охири умр тавонист давраи фиқҳро ба охир бирасонад. Давраи “Ҷавоҳир” дар шаш ҷилди бисёр захим чоп шуда. Тамоми китоби ”Мабсут“-и Шайх Тӯсӣ, ки дар асри худ намунаи фиқҳи машрӯҳ ва муфассале буда, шояд аз нисфи як ҷилд аз шаш ҷилди “Ҷавоҳир” кӯчактар бошад. Баъд аз соҳиби “Ҷавоҳир” мабонии фиқҳи ҷадиде ба василаи Шайх Муртазо Ансорӣ (Аълаллоҳу мақомаҳу!) пайрезӣ шуд, ки намунааш китоби “Макосиб” ва китоби таҳорати он марҳум аст. Баъд аз эшон дар мухайялаи касе ҳам хутур намекунад, ки як давраи фиқҳ бо ин шарҳу таҳқиқ таълиф ё тадрис кунад. Дар ин вазъи ҳозир ва баъд аз ин пешрафт ва такомул, ки дар фиқҳи мо монанди соири улуми дунё пайдо шуда ва ин пешрафт маълули кӯшишҳои уламо ва фуқаҳои гузашта буда, ё бояд уламо ва фуқаҳои ин замон ҷилави рушду такомули фиқҳро бигиранд ва монеъи тараққии он гарданд ва ё бояд он пешниҳоди матин ва мутараққиро амалӣ кунанд, риштаҳои тахассусӣ ба вуҷуд биёваранд ва мардум ҳам дар тақлид, табъиз кунанд ҳамон тавре, ки дар руҷӯъ ба табиб табъиз мекунанд.

## Шӯрои фиқҳӣ

Пешниҳоди дигаре ҳам дорем, ки арз мекунам ва мӯътақидам ин матолиб ҳар андоза гуфта шавад, беҳтар аст ва он ин ки: дар дунё дар айни ин ки риштаҳои тахассусӣ дар ҳамаи илмҳо пайдо шуда ва мӯҷиби пешрафтҳо ва тараққиёти муҳайирулуқул шуда, як амри дигар низ амалӣ шуда, ки он ҳам ба навбаи худ як омили муҳимме барои тараққӣ ва пешрафт буда ва ҳаст. Ва он, мавзӯъи ҳамкорӣ ва ҳамфикрӣ байни донишмандони тирози аввал ва соҳибназарони ҳар ришта аст. Дар дунёи имрӯз дигар фикри фард ва амали фард арзиш надорад, аз такравӣ коре сохта нест, уламо ва донишмандони ҳар ришта доиман машғули табодули назар бо якдигаранд, маҳсули фикру андешаи худро дар ихтиёри соири аҳли назар қарор медиҳанд. Ҳатто уламои қоррае бо уламои қорраи дигар ҳамфикрӣ ва ҳамкорӣ мекунанд. Дар натиҷаи ин ҳамкориҳо ва ҳамфикриҳо ва табодули назарҳо байни тирози аввалҳо агар назарияи муфид ва саҳеҳе пайдо шавад, зудтар мунташир мешавад ва ҷо боз мекунад ва агар назарияи ботиле пайдо шавад, зудтар бутлонаш равшан мешавад ва маҳв мегардад, дигар солҳо шогирдони он соҳибназар дар иштибоҳ боқӣ намемонанд.

Мутаассифона дар миёни мо ҳанӯз на тақсими кор ва тахассус пайдо шуда, на ҳамкорӣ ва на ҳамфикрӣ. Ва бадеҳӣ аст, ки бо ин вазъ интизори тараққӣ ва ҳалли мушкилот наметавон дошт.

Роҷеъ ба мушовараи илмӣ ва табодули назар ҳарчанд ба қадре возеҳ аст, ки эҳтиёҷ ба истидлол надорад, аммо барои ин ки дониста шавад дар худи ислом ин пешбиниҳо ва дастурҳои мутараққиёна ҳаст, ба ояте аз Қуръон ва ба ҷумлаҳои аз "Наҳҷул-балоға" ишора мекунам.

Дар худи Қуръон, дар сураи муборакаи Шӯро мефармояд:

وَالَّذِينَ اسْتَجَابُوا لِرَبِّهِمْ وَأَقَامُوا الصَّلَاةَ وَأَمْرُهُمْ شُورَىٰ بَيْنَهُمْ وَمِمَّا رَزَقْنَاهُمْ يُنْفِقُونَ

(*Сураи Шӯро, ояти 38*) Ин оят карима мӯъминин ва пайравони исломро ин тавр васф мекунад: даъвати Ҳақро иҷобат мекунанд, намозро бапо медоранд, кори худро бо шӯру ҳамфикрӣ анҷом медиҳанд ва аз он чи ба онҳо иноят кардаем инфоқ мекунанд.

Пас, аз назари ислом, ҳамфикрӣ ва табодули назар яке аз усули зиндагии аҳли имон ва пайравони ислом аст.

Дар "Наҳҷул-балоға" мефармояд:

وَاعْلَمُوا أَنَّ عِبَادَ اللَّهِ الْمُسْتَحْفَظِينَ عِلْمَهُ، يَصُونُونَ مَصُونَهُ وَيُفَجِّرُونَ عُيُونَهُ، يَتَوَاصَلُونَ بِالْوِلَايَةِ وَيَتَلَاقَوْنَ بِالْمَحَبَّةِ وَيَتَسَاقَوْنَ بِكَأْسٍ رَوِيَّةٍ وَيَصْدُرُونَ بِرِيَّةٍ

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 212*) Яъне бидонед, ки он даста аз бандагони Худо, ки илми Худо ба онҳо супурда шуда, сирри Худоро нигаҳ медоранд ва чашмаҳои ӯро ҷорӣ месозанд яъне чашмаҳои илмро ба рӯйи мардум боз мекунанд, бо якдигар робитаи дӯстӣ ва авотифи муҳаббатомез доранд, бо гармӣ ва башшошат ва муҳаббат бо якдигар мулоқот мекунанд ва якдигарро аз ҷоми андӯхтаҳои илмӣ ва фикрии худ сероб менамоянд, ин яке аз ҷоми андӯхтаҳои фикри худ ва назари худ ба он яке медиҳад ва он яке ба ин яке. Дар натиҷа ҳама сероб ва ирзоъшуда берун мераванд.

Агар шӯрои илмӣ дар фақоҳат пайдо шавад ва асли табодули назар ба таври комил ҷомаи амал бипӯшад, гузашта аз тараққӣ ва такомуле, ки дар фиқҳ пайдо мешавад, бисёре аз ихтилофи фатвоҳо аз байн меравад.

Чорае нест, агар муддаӣ ҳастем, ки фиқҳи мо низ яке аз улуми воқеии дунёст, бояд аз услубҳое, ки дар соири улум пайравӣ мешавад, пайравӣ кунем. Агар пайравӣ накунем, маънояш ин аст, ки аз радифи улум хориҷ аст.

Пешниҳодҳои муфид ва лозими дигаре ҳам доштам, ки вақт гузашт ва наметавонам зикр кунам, зеро дар ҳудуди се рубъ соати дигар вақт мегирад ва медонам роҳи баъзе аз оқоён дур аст, то ба манзил бирасанд.

Ояте, ки дар талиъаи сухан хондам, ин ояти карима буд:

فَلَوْلَا نَفَرَ مِنْ كُلِّ فِرْقَةٍ مِنْهُمْ طَائِفَةٌ لِيَتَفَقَّهُوا فِي الدِّينِ وَلِيُنْذِرُوا قَوْمَهُمْ إِذَا رَجَعُوا إِلَيْهِمْ لَعَلَّهُمْ يَحْذَرُونَ

Ин ояти карима сареҳан дастур медиҳад, ки гурӯҳе аз мусалмонон мебоист дар дин тафаққуҳ кунанд ва дигаронро аз тафаққуҳи худ баҳраманд созанд.

Тафаққуҳ аз моддаи “фиқҳ” аст. Маънои фиқҳ, мутлақи фаҳм нест, балки фаҳми амиқ ва басирати комил ба ҳақиқати як чизро фиқҳ мегӯянд. Роғиб дар ”Муфрадот” мегӯяд:

الفقه هو التوصل إلى علم غائب بعلم شاهد

Яъне фиқҳ ин аст, ки аз як амри зоҳир ва ошкор, ба як ҳақиқати махфӣ ва пинҳон пай бурда шавад. Дар таърифи тафаққуҳ мегӯянд:

تفقه إذا طلبه فتخصّص به

Яъне талаб кард чизеро ва дар он тахассус пайдо кард.

Ин оят ба мусалмонон мегӯяд, ки дар фаҳми дин сатҳӣ набошанд, амиқ фикр кунанд, ба маъно ва руҳи дастурҳо пай баранд.

Ин ояти карима мадраки иҷтиҳод ва фақоҳат аст ва ҳамин ояти карима санади пешниҳодҳои мост. Ҳамчунон, ки ба ҳукми ин ояти карима, басоти иҷтиҳод ва тафаққуҳ дар ислом паҳн шудааст, ба ҳукм ҳамин оят бояд ин басот густардатар шавад, ба заруратҳо бештар таваҷҷӯҳ шавад, шӯрои фиқҳӣ амалан вориди кор шавад, такравиҳо мансух гардад, риштаҳо тахассусӣ шавад, то фиқҳи мо роҳи такомули худро идома диҳад.

# Эҳёи фикри динӣ

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اسْتَجِيبُوا لِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ إِذَا دَعَاكُمْ لِمَا يُحْيِيكُمْ

(*Сураи Анфол, ояти 24*) Мавзӯъ сухан “эҳёи фикри динӣ” аст. Мумкин аст дар зеҳнҳо биёяд, ки ин маънӣ надорад, магар мо вазифа дорем ва ё ҳақ дорем, ки бихоҳем динро эҳё кунем?! Кор ба акс аст, дин бояд моро эҳё кунад, мо наметавонем динро эҳё кунем. Болотар ин ки шояд баъзе ин тавр ишкол бикунанд, ки ин унвон бо худи ояте, ки дар унвони матлаб хонда шуд, таноқуз дорад. Оят мефармояд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا اسْتَجِيبُوا لِلَّهِ وَلِلرَّسُولِ إِذَا دَعَاكُمْ لِمَا يُحْيِيكُمْ

Яъне даъвати Худо ва пайғамбарро бипазиред; пайғамбаре, ки шуморо даъват мекунад ба чизе яъне ба дин, ки он дин шуморо зинда мекунад. Дин ба шумо зиндагӣ медиҳад. Пас он чизе, ки зиндагӣ медиҳад дин аст ва он чизе, ки зиндагӣ мепазирад, афроди башаранд, ки мо ҳастем. Пас эҳёи фикри динӣ яъне чӣ? Аввалан арз мекунам унвони баҳси мо “эҳёи фикри динӣ” аст, на “эҳёи дин”. Фарз кунед гуфтем: эҳёи дин. Ҳеч мунофот нест, ки ҳам дин муҳйӣ ва зиндакунандаи мо бошад ва ҳам мо вазифа дошта бошем, ки муҳйӣ ва зиндакунандаи дин бошем. Ин, ба истилоҳ, давр нест.

Дар ҷаласаи аввал ё дуввум, ки роҷеъ ба тақво сӯҳбат мекардам, арз кардам, тақво барои инсон масуният аст, тақво ба инсон сиёнат медиҳад, соин ва ҳофизи инсон аст. Дар айни ҳол инсон муваззаф аст, ки соин ва ҳофизи тақво бошад ва ин давр нест, зеро аз ду ҷанба аст. Мо бояд аз як назар ҳофизи тақво бошем, тақво аз назари дигар ва ҷанбаи дигар ҳофизи мост.

Дар ин ҷо ҳам ҳамин тавр аст: мо бояд муҳйии дин бошем ва дин ҳам муҳйии мост, яъне мо бояд зинда нигаҳ дорем мояи зиндагии худамонро, мисли ин ки об дар ҳаёти ҷисмонии мо мояи зиндагӣ аст, василаи зиндагии мост, вале мо бояд ҳамин обро солим ва пок ва зинда ва орӣ аз ҳар навъ уфунат ва олудагӣ нигаҳ дорем. Мо нисбат ба об як вазифа дорем, об ҳам дар табъи худаш хоссияте дорад, ки Худои Таборак ва Таъоло барои ӯ қарор додааст.

Ба илова, дар таъбироти худи дин ҳар дуто омадааст. Ҳам зикр шудааст, ки дин, муҳйии шумост мисли ҳамин ояте, ки хондам ва ҳам дастурҳое расидааст тасреҳан ё ишора, ки шумо ҳам бояд муҳйии дин бошед, бояд динро зинда нигаҳ доред, бояд ин вазифаро барои ҳамеша ба ӯҳда дошта бошед ва мутаваҷҷеҳ бошед, ки бояд динро зинда нигаҳ дошт ва нагузошт, ки дин бимирад.

Алӣ (а) дӯстон ва руфақои холис ва мухлиси худашро дар он хутбаи маъруф, ки зоҳиран охирин хутбаи эшон аст, бо ин васф ёд мекунад, ки онҳо динро зинда нигаҳ медоштанд. Навфи Биколӣ гуфт: Алӣ (а) рӯйи санге, ки он сангро Ҷаъда ибни Ҳубайра гузошта буд, рафт ва истод –

وعليه مدرعة من صوف

— дар ҳоле, ки ҷомаи пашмин ба танаш буд, ҳамоили шамшераш аз лифи хурмо буд, кафшҳояш ҳам ҳамин тавр. Бо ҳамин ҳолат рафт рӯйи он санг қарор гирифт ва аз он ба ҷойи курсии хитоба ва минбар истифода кард, он хитобаи ғаррои аҷиб, ки ашкҳоро ҷорӣ кард иншо фармуд, охираш ба ёди дӯстони гузаштааш афтод, фармуд:

أين إخواني الذين ركبوا الطريق ومضوا على الحق

“Он дӯстон ва роҳравони тариқ куҷо рафтанд? Онҳо, ки бар ҷоддаи ҳақ қадам заданд ва бар ҳақ аз дунё рафтанд.“

أين عمّار؟ أين ابن التيهان؟ أين ذوالشهادتين

Аммори Ёсир куҷост? Абулҳайсам ибни Тиҳон куҷост? Хузайма ибни Собити Зушшаҳодатайн куҷост?

Баъд бо як ҳолати таъассур ва шояд гиря фармуд:

أوه على إخواني الذين قرؤوا القرآن فاحكموه

“Ҳасрат бар он дӯстон, бар он бародаронам, ки Қуръонро ба ҳақ тиловат карданд ва муҳкам карданд.“

وتدبّروا الفرض فأقاموه

“Фароизи динро дуруст фикр карданд, диққат карданд ба ҳақиқати он расиданд, онро иқома карданд.“

أحيوا السنة وأماتوا البدعة

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 180*) Онҳо, ки суннати Пайғамбарро зинда карданд ва бидъатро миронданд.

Алӣ (а), Аммор ва Ибни Тиҳон ва Зушшаҳодатайн ва амсоли инҳоро мӯҳйии суннати Пайғамбар мехонад. Суннат яъне дин. Дин, Қуръон ва суннат аст. Инҳо маъхази дин ҳастанд.

Дар “Наҳҷул-балоға” роҷеъ ба вуҷуди муқаддаси Ҳуҷҷат ибни Ҳасан (Аҷҷаллоҳу Таъоло фараҷаҳ!) таъбироте ҳаст, ки як ҷумлааш, ки алъон ёдам ҳаст ин аст:

**ويحيي ميت الكتاب والسنة**

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 136*) Зинда мекунад Қуръон ва суннати мурдаро. Қуръоне, ки дар миёни мардум мемирад ва суннате, ки мемирад, зинда мекунад. Ин, таъбири Алӣ (а) аст, на таъбири ман: ӯ меояд зинда мекунад. Вуҷуди муқаддаси соминулаъимма ба яке аз шиъаён мефармояд:

**أحيوا أمرنا**

Амри вилояти моро зинда кунед. Ӯ арз мекунад: чӣ гуна мо метавонем эҳё кунем? Дастур медиҳад, ки ҳақоиқи суханони моро, маҳосини каломи моро, сирати моро, ҳақоиқи моро барои мардум бигӯед ва ташреҳ бикунед. Ин зинда кардани кори мост.

Пас ин, давр нест. Ишкол надорад, ки мо муҳйии дин бошем ва вазифа дошта бошем муҳйии дин бошем, дар айни ин ки дин, мояи ҳаёти мост ва бузургтарин мояи ҳаёти мост. Ин аввалан.

Ва сониян, дар унвони ин суханронӣ нагуфтем эҳёи дин, ки агар ҳам гуфта будем, ҳамон тавре, ки арз кардам, ишкол надошт. Вале на, мо ин миқдор ҷасур нестем, гуфтем: “эҳёи фикри динӣ“ яъне зинда кардани тарзи тафаккури худи мо.

Дин зинда аст ва ҳаргиз намемирад, яъне он ҳақиқати дин қобили мурдан нест. Чизе дар иҷтимоъ қобили мурдан ва ё мансух шудан аст, ки як асли беҳтаре биёяд ҷойи ӯро бигирад. Масалан, ҳайати Батламюс як асли илмӣ буд. Муддате дар дунё зинда буд, баъд ҳақоиқи дигаре ва усули дигаре дар ҳайат ва осмоншиносӣ пайдо шуд, ҳайати Батламюсро аз байн бурд. Ҳамчунин назарияи Эмпедокл дар табойеъи арбаъа ва аносири арбаъа мурд.

Ҳақоиқи дин ва усули куллӣ, ки дин зикр кардааст, ҳаргиз мурданӣ нест. Он чизе, ки мегӯем мемирад — агар дар забони худи дин ворид шудааст, ки Қуръон ё суннат мемирад — маънояш ин аст, ки дар миёни мардум мемирад, фикри мардум дар бораи дин фикри мурдае аст. Мақсуди мо ин аст, вагарна дин худаш дар зоти худаш на мемирад ва на мурданӣ аст.

Ислом як ҳисоб дорад ва мусалмонон ҳисоби дигаре доранд. Ислом зинда аст ва мусалмонони феълӣ мурда. Яке аз масоиле, ки имрӯз уламои иҷтимоъи дунё рӯяш ҳисоб мекунанд, зинда будани ислом аст дар амал, яъне алъон дар тамоми қорраҳои дунё: Осиё, Офриқо, Омрико, Урупо, ҳатто Устролиё, ислом дар ҳоли пешравӣ аст. Шояд ин матлабро дар бисёре аз рӯзномаҳо, ки ахиран мақолотеро аз хориҷ тарҷума мекунанд хонда бошед. Ман тозагӣ хондаам, намехоҳам исм бибарам, ки дар кадом рӯзнома ва дар кадом маҷалла буда.

Ин матлаб мавриди баҳс аст, ки чӣ тавр ислом дар Омрико хусусан миёни табақаи мустазъаф яъне ҳамон табақае, ки ислом дар миёни назоири онҳо зуҳур кард, худ ба худ ҷилав меояд, наметавонанд ҷилавашро бигиранд, дар Урупо каму беш иттилоъ доред ҳамин тавр, ҳатто дар миёни табақаи донишмандон ва профессорҳо ва докторҳо дар ҳоли пешравӣ аст. Дар қорраи сиёҳ яъне Офриқо, ки аҷиб аст, мубаллиғони масеҳӣ меоянд бо будҷаи ҳангуфт, бо ташкилот, бо нақша ва муваффақият пайдо намекунанд ва ислом худ ба худ аз фарде ба фарде ва аз он фард ба фарди дигар ва ҳамин тавр дар ҳоли сараён аст, дар ҳоли тавсиъа аст.
Он ҷо, ки мо мегӯем, фикри динӣ мурда аст, дар кишварҳое аст, ки қарнҳост мусалмон ҳастанд. Дар ин кишварҳо омилҳое пайдо шудааст, ки ин фикрро дар мағзи онҳо мирондааст, яъне дар як ҳолати нимазинда ва нимамурдае даровардааст аз қабили миллатҳои амсоли мо. Он ҷо, ки эҳтиёҷ дорад рӯйи унвони “эҳёи фикри динӣ“ баҳс бишавад, фикр бишавад, қорраи сиёҳ нест: он ҷо бояд гуфт: “эҷоди фикри динӣ”. Дар Урупо нест. Он ҷо ҳам ҳамин тавр. Дар шарқи ақсо ва Япония нест. Он ҷо ҳам бояд рафт ва аз нави эҷод кард. Иттифоқан, дар ҳама ҷо замина ҳаст.
Онҳо, ки эҳтиёҷ доранд ба “эҳёи фикри динӣ”, мо ҳастем. Яъне мо дин дорем, фикри динӣ дар мо ҳаст, вале дар як ҳолати нимабедор ва нимахоб, дар як ҳолати нимамурда ва нимазинда, дар як ҳолати бисёр-бисёр хатарнок. Ин аст, ки бояд рӯйи ин матлаб баҳс кард.

## Фарзияи “ҳар сад сол як муҷаддиди дин“

Дар ин ҷо мехоҳам таърихчае роҷеъ ба ин фикр, ки дин эҳтиёҷ дорад ба таҷдид ва ба эҳё зикр кунам, вале таърихчае таассуфовар аст.
Ёдам ҳаст аз собиқ, ки мукаррар мазмуни ин ҳадиси мансуб ба Расули Акрам (Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам!)-ро дида будам, ки дар ҳар сад сол як бор як нафар пайдо мешавад, ки динро таҷдид ва эҳё мекунад. Иборати ҳадис ин аст:

إن الله يبعث لهذه الأمة على رأس كل مائة سنة من يجدّد لها دينها

Худованд бар сари ҳар як сада, бар сари ҳар сад сол, як нафарро мефиристад, ки вай дини ин умматро таҷдид кунад. Мазмуни ин ҳадисро мукаррар дар китобҳо дидаам ҳатто дар китобҳое, ки баъзе аз уламои худамон навиштаанд. Ҳисоб кардаанд, ки масалан баъд аз садаи аввал яъне қарни дуввум кӣ муҷаддиди дин шуд, аввали қарни севвум кӣ муҷаддиди дин шуд, ҳамин тавр ҳисоб кардаанд то замони мо. Хостам бибинам ин ҳадис аслаш аз куҷост? Асосе дорад?

Қабл аз ин ки таҳқиқ бикунам, бовар намекардам, ки Расули Акрам (с) як ҳамчу ҷумлаеро фармуда бошад, вале боз ҳам таҳқиқ кардам. Дар таҳқиқ маълум шуд: аммо дар туруқи шиъа, ки асосан ин ҳадис наомадааст. Дар айни ҳол баъзе уламои шиъа рӯйи ин ҳадис баҳс кардаанд ва ҳисоб ҳам кардаанд. Он ҷойе, ки ёдам буд, ки дар бисту чанд сол пеш яъне солҳои аввали таҳсилам дар Қум, дида будам "Мунтахабут-таворих"-и марҳум Ҳоҷӣ Мулло Ҳошими Хуросонӣ буд. Он ҷо рафтам гаштам ва пайдо кардам, дидам эшон аз "Мустадрак"-и Ҳоҷӣ Нурӣ нақл мекунад, Ҳоҷӣ ҳам аз яке аз китобҳои аҳли тасаннун нақл мекунад. Ин беҳтарин далел аст, ки дар ҳеч як аз китобҳои шиъа чунин ҳадисе нест. Агар мебуд, Ҳоҷӣ Нурӣ, муҳаддиси мутатаббеъ, аз он ҷо нақл мекард. Баъд бо кӯмаки яке аз дӯстон билохира дар Сунани Абӯдовуд пайдо кардем. Сунани Абӯдовуд яке аз сиҳоҳи ситтаи аҳли суннат аст. Дар он ҷо ин ҳадис пайдо шуд. Маълум шуд дар баъзе китобҳои дигари ҳадиси аҳли тасаннун ҳам ҳаст мисли "Мустадрак"-и Ҳоким. Шояд ӯ ҳам аз Сунани Абӯдовуд нақл кардааст. Ин ҳадис ба айни ин иборат буд:

إن الله يبعث لهذه الأمة على رأس كل مائة سنة من يجدد لها دينها

Аз назари санади ин ҳадис, он касе, ки аз Расули Акрам (с) ин ҳадисро нақл кардааст Абӯҳурайра аст, ҳамон ваззоъ ва каззоби маъруф. Дар соири афроде, ки аз Абӯҳурайра нақл кардаанд, муваффақ нашудам таҳқиқе бикунам, ки онҳо чӣ ҷур ашхосе ҳастанд. Бинобар ин ҳадисе аст, ки ровӣ ва ноқили он Абӯҳурайра аст. Ин вазъи санади ин ҳадис. Оё ин ҳадис қатъи назар аз санадаш, аз лиҳози матн ва мазмун, татбиқ мекунад бо таърих ё на? Яъне агар ростӣ мо дар таърихи ислом бигардем, воқеан ҳамин ҷур аст? Дар сари ҳар сад сол як эҳёи фикри динӣ сурат гирифтааст? Ё ба таъбири он ҳадис, як таҷдиде дар дин шудааст? Мебинем, бо таърих ҳам ҷур дарнамеояд. Вале аз он тараф, баъзе аз уламои аҳли тасаннун нишастаанд ва ҳисоб кардаанд, яъне ҳисоб тарошидаанд, ки дар аввали қарни дуввум фалон кас, дар аввали қарни севвум фалон кас, дар аввали қарни чаҳорум фалон кас динро таҷдид ва эҳё кардааст. Аҷибтар ин аст, ки баъзе уламои шиъа ҳам — ба ҷойи ин ки бигӯянд ин ҳадис аз Абӯҳурайра ва беэътибор аст ва бо таърих ҳам татбиқ намекунад, пас бояд дур биандозем ва агар аз Пайғамбари Акрам (с) буд, дар ахбори аҳли байт ҳам асаре аз он пайдо мешуд — онро мусаллам пиндошта ва ба ҳисобтарошӣ пардохтаанд. Ман намедонам чӣ қадр мазмуни ин ҳадис бо руҳияҳо мувофиқ буда ва хушоянд омадааст, ки дар айни заъфи санад ва заъфи мазмун, баъзе аз уламои шиъа нишастаанд ва ҳисоб кардаанд, яъне ҳисоб тарошидаанд ва гуфтаанд, мисдоқи ин ҳадис дар аввали қарни дуввум ҳазрати Боқир (а) аст, дар аввали қарни севвум ҳазрати Ризо (а), дар аввали қарни чаҳорум Кулайнӣ, дар аввали қарни панҷум Сайид Муртазо ё Шайх

Муфид, дар аввали қарни шашум Шайх Табарсӣ, соҳиби Маҷмаъул-баён, дар аввали қарни ҳафтум Хоҷа Насируддини Тӯсӣ, дар аввали қарни ҳаштум Аллома Ҳиллӣ, дар аввали қарни нӯҳум Шаҳиди Аввал, дар аввали қарни даҳум Муҳаққиқи Каракӣ, дар аввали қарни ёздаҳум Шайх Баҳоӣ, дар аввали қарни дувоздаҳум Маҷлисӣ, дар аввали қарни сездаҳум Ваҳиди Беҳбаҳонӣ, дар аввали қарни чаҳордаҳум Мирзои Шерозӣ. Аввалан инҳо бисёрешон бо аввали қарнҳо дуруст вифқ намедиҳад. Хоҷа Тӯсиро наметавон муҷаддиди аввали қарни ҳафтум шумурд, зеро таваллуди Хоҷа дар авоили қарни ҳафтум аст ва зуҳуру нубуғаш дар нимаи қарни ҳафтум, вафоташ дар нимаи дуввуми он қарн (соли 672). Ва сониян, чаро ҳазрати Содиқ (а) ҷузъи муҷаддидин шумурда нашавад? Оё фурсате, ки насиби эшон шуд, камтар буд аз фурсате, ки масалан насиби Имом Боқир (а) шуд? Ва оё иллати ин ки он ҳазрат аз қалам афтод, ҷуз ин аст, ки бо он ҳисоби сохтагӣ ҷур дарнамеояд? Дар миёни имомони атҳор алайҳимус-салом ду нафарашон беш аз дигарон бояд "муҷаддид" шумурда шаванд: Имом Ҳусайн ва Имом Содиқ алайҳимас-салом. Ҳар кадом аз ин ду бузургвор аз ҷанбаи хоссе тавфиқи таҷдид ва эҳё пайдо карданд. Вале чун бо он ҳисоби сохтагӣ ҷур намеомада, аз қалам афтодаанд. Ҳамчунин бисёре аз уламоро ҷузъи муҷаддадин ҳисоб кардаанд ва бисёре аз уламои дигарро ҳисоб накардаанд ва ҳол он ки он ҳисобнакардаҳо, ки гуноҳашон ин будааст, ки дар васати қарн будаанд, аҳёнан бештар хидмат кардаанд. Масалан Шайх Тӯсӣ ин ҷо аз қалам афтодааст, дар сурате, ки шояд дар миёни уламои ислом ба андозаи Шайх Тӯсӣ касе хидмат накардааст ва шояд яке ду нафар ба эшон бирасанд. Шайх Муртазо Ансорӣ низ аз қалам афтодааст.

Аҷибтар ин ки баъзе монанди ҳамон соҳиби "Мунтахабут-таворих", як силсилаи дигар аз хулафо ва салотинро ба унвони таҷдидкунандагони дин ҳисоб кардаанд. Ин дигар хеле музҳик аст; мегӯяд: дар авоили қарни дуввум Умар ибни Абдулазиз динро таҷдид кард ва дар аввали қарни севвум Маъмун, дар аввали қарни чаҳорум Алмуқтадир, дар аввали қарни панҷум Азудуддавлаи Дайламӣ, дар аввали қарни шашум Султон Санҷари Салҷуқӣ, дар аввали қарни ҳафтум Ҳалокухони муғул, дар аввали қарни ҳаштум Шоҳ Худобанда, ки он ҳам аз муғул аст, дар аввали қарни нӯҳум Амир Темури Гурконӣ, дар аввали қарни даҳуми Шоҳ Исмоили Сафавӣ, дар аввали қарни ёздаҳум Шоҳ Аббоси Сафавӣ, дар аввали қарни дувоздаҳум Нодиршоҳи Афшор, дар аввали қарни сездаҳум ҳам Фатҳалишоҳ.

Инҳо муҷаддидин ва муҳйиҳои аввали қарнҳое ҳастанд, ки дар ислом пайдо шудааст. Ин дигар чизе аст, ки бояд гуфт:

لا يرضى به شيعي ولا سني

На бо ақоиди шиъа ҷур дармеояд ва на бо суннӣ, на бо таърих, на бо ҳеч чизе. Ҷойи шукраш боқӣ аст, ки Чигизхони муғулро аз муҷаддидини ислом ба ҳисоб наёвардаанд. Мисли ин ки агар касе ба номи дин риёсат пайдо кард ва заъомат пайдо кард ва қудрати пайдо кард ва пуле пайдо кард, пас дин эҳё шуд! На оқо! Эҳёи дин ва қудрати дин тобеъи ин аст, ки мардум чӣ андоза ба он дин амал бинамоянд? Чӣ андоза ба муқтазои он дин рафтор бикунанд? Ин зинда будани дин аст.

Бояд гуфт, худи ин фикр яке аз он сумуме аст, ки дар афкори мусалмонон ворид шудааст.

## Таҷдид дар ҳар ҳазор сол

Ин фикр, ки ҳар сад сол як муҷаддид бояд зуҳур кунад, заминаро мусоид кард барои қабули як фикри дигар, ки гуфта шуд, ҳар ҳазор сол як нафар зуҳур хоҳад кард ва мустамсак воқеъ шудааст барои фирқаҳои гумроҳ. Он марди шоир мегӯяд:

*Ба ҳар алфе алифқадде баройу,*

*Алифқаддум, ки дар алф омадастум.*

*(Бобо Тоҳир)*

Ин ҳам достоне дорад, ки ҳазор сол як бор як нафар бояд пайдо бишавад, як шахс дар сари ҳазор сол бояд пайдо бишавад. Ин ҳам дар фалсафаи эрониҳои қадим ва ҳиндиҳо боз решае дорад. Дар фалсафаи эронӣ ва ҳиндӣ як фикре буда бар асоси табииёти қадим, ки аввалан он табииёт ғалат буда ва тоза, аз он табииёт ҳам истинтоҷи ин фикр ғалат аст, Шайхи Ишроқ онро дар фалсафаи исломӣ ворид кард. Ҳоҷӣ Сабзаворӣ дар “Манзума” нақл мекунад ба сурати “қил”:

قيل نفوس الفلك الدوار

نقوشها واجبة التكرار

Истилоҳан дар фалсафа мегӯянд “давр ва кавр”. Гуфтанд, дар ҳар чанд ҳазор сол як бор ҳама чизи олам таҷдид ва такрор мешавад, ҳама чиз нав мешавад, мунтаҳо шабеҳаш, шабеҳи ҳар фарде як фард пайдо мешавад, шабеҳи ҳар муҳйӣ ва муслеҳе як муҳйӣ ва муслеҳе пайдо мешавад, шабеҳи ҳамаи ҳаводис аз нав пайдо мешавад. Вале онҳо гуфтанд, дар ҳар бисту панҷ ҳазору дивист сол як бор ҳаводиси олам такрор мешавад, рӯйи ҳисоби ин ки гардиши як давр фалаки савобит ин қадр аст.

Баъд ин андеша афтод ба дасти баъзе аз хиёлбофҳои исломӣ. Омаданд бо оёти Қуръон онҳоро татбиқ бикунанд, гуфтанд: Қуръон мегӯяд:

وَإِنَّ يَوْمًا عِنْدَ رَبِّكَ كَأَلْفِ سَنَةٍ مِمَّا تَعُدُّونَ

(*Сураи Ҳаҷ, ояти 47*) Пас ҳар рӯз аз рӯзҳои илоҳӣ ҳазор сол аст ва чун ҳар сол сесаду шаст рӯз аст, пас ҳар соли илоҳӣ ҳам мусовӣ аст бо сесаду шаст ҳазор сол. Пас як давраи олам сесаду шаст ҳазор сол аст. Олам як давраи соли худашро дар ин муддат тай мекунад, баъд нав мешавад. Ин ҳам як андеша аст.

Албатта сухани мӯҳмале аст, аммо аз залолат, залолат бармехезад. Инҳоро мегӯям, чун инҳо ҷузъи сумуме (захрҳое) аст, ки дар афкори мо рахна карда. Бояд инҳоро тард бикунем. То инҳоро тард накунем ва аз фикри худамон берун нарезем, ҳеч вақт фикри мо зинда намешавад.

Баъд як идда гумроҳкун ва музилл ҳам омаданд он ояти дигарро, ки мефармояд:

يُدَبِّرُ الْأَمْرَ مِنَ السَّمَاءِ إِلَى الْأَرْضِ ثُمَّ يَعْرُجُ إِلَيْهِ فِي يَوْمٍ كَانَ مِقْدَارُهُ أَلْفَ سَنَةٍ مِمَّا تَعُدُّونَ

(*Сураи Саҷда, ояти 5*) яъне “фармонро аз осмон ба замин нозил мекунад сипас ба сӯйи ӯ боло меравад дар рӯзе, ки мусовӣ аст бо ҳазор соли шумо“, ин оятро ин тавр маънӣ карданд, ки дар ҳар ҳазор сол як бор кори мардум ба василаи анбиё таҷдид ва тадбир мешавад. Гуфтанд, тадбир кардан яъне таҷдид кардан ба ин ки як пайғамбаре масалан бояд дар рӯзе, ки миқдораш ҳам ҳазор сол аст, пас ҳар ҳазор сол як бор як нафар хоҳад омад.

Баъд аз ин ва дар асари ин, чӣ гумроҳии бузурге дар олами ташайюъ пайдо шуд! Як идда аз мардум аз дин ҷудо шуданд ба воситаи ҳамин афкори муфту музахраф.

На оқо! Мо ҳамчу чизе надорем, ки сад сол ё ҳазор сол як бор як нафар бояд зуҳур кунад. Фақат дар бораи як нафар ҳаст, ки он ҳам дар ин сатҳ нест, дар сатҳи дигаре аст, ҷанбаи ҷаҳонӣ дорад, на ин ки махсус ба олами шиъа бошад ва он, вуҷуди муқаддаси ҳазрати Ҳуҷҷат (а) аст. Эшон марбут ба ҳамаи оламанд.

Онҳое, ки шунидаед дар минбарҳо мегӯянд, биёяд як мушт шиъаро наҷот диҳанд, як мушт шиъа дурӯғ аст. Як мушт шиъа, ки қолтоқтарин мардуми дунё ҳастанд, Имом Замон (а) ҳомии инҳо нест. Ӯ муслеҳи кулли олам аст. Дар бораи ӯ ҳам мо ҳеч ҳақ надорем ба ин ки вақт муайян кунем, ҳисоб бикунем чанд соли дигар, даҳ соли дигар, аз ин ҳисоби абҷадҳое, ки ҳар рӯз мекунанд, як дафъа меоянд ояти:

إِنَّ الْأَرْضَ لِلَّهِ يُورِثُهَا مَنْ يَشَاءُ

(*Сураи Аъроф, ояти 128*) (“*Ҳамоно замин аз они Худост, ки ба ҳар як аз бандагонаш, ки бихоҳад ба ирс медиҳад.*”) Ва як вақт ояти:

وَلَقَدْ كَتَبْنَا فِي الزَّبُورِ مِنْ بَعْدِ الذِّكْرِ أَنَّ الْأَرْضَ يَرِثُهَا عِبَادِيَ الصَّالِحُونَ

(*Сураи Анбиё, ояти 105*) (“*Ва мо пас аз зикр дар Забур навиштем, ки заминро бандагони солеҳи ман ба ирс мебаранд.*”)-ро ҳисоб мекунанд, ки масалан дар фалон сол ҳазрат зуҳур мекунад.

Аз инҳо битарсед ва такзиб бикунед, ки:

كذب الوقاتون

(*Усули Кофӣ, ҷ.1 с.368*) (“*Касоне, ки барои зуҳури Маҳдӣ (а) вақт таъйин мекунанд, дурӯғгӯянд.*”)

Ҳеч кас ҳам дар дунё, на мову шумо ва на ҳеч муслеҳи дигаре наметавонад иддаъо бикунад, ки ман мехоҳам он корро анҷом бидиҳам. Ӯ болотар аз ин аст. Ба қавли як нафар марди донишманд: як вақт аст, ки мо мехоҳем ҳаёти худамонро равшан бикунем ва як вақт мунтазирем дунё равшан шавад. Равшан шудани дунё дар ихтиёри банда ва шумо нест, ҳисоби дигаре дорад, хуршеде бояд тулӯъ бикунад, то ҳамаи олам равшан бишавад. Он чи вазифаи мову шумо аст ин аст, ки хонаи худамонро равшан бикунем, хиёбони худамонро равшан бикунем, шаҳри худамонро равшан бикунем, кулбаи худамонро равшан бикунем, аммо он матлаб берун аст аз ин ҳисобҳо.

Решаи иштибоҳоти гузашта ин будааст, ки фақат рӯйи шахсиятҳои афрод ҳисоб мешуда, на рӯйи оммаи мардум.

Акнун биншинем ва ҳисоб кунем, бибинем оё воқеан тафаккури мо тафаккури исломӣ аст? Оё тафаккури исломӣ дар мағзи мо зинда аст ё мурда? Феълан лозим нест, ки зиёд дунболи ин бошем, ки касеро, ки мусалмон нест, мусалмон кунем. Албатта мунтаҳои орзу ин аст, эй кош чунин чизе бишавад, вале он чизе, ки фикр мекунем, дар дараҷаи аввал лозим аст ин аст, ки фикри динӣ, ки алъон мо мутадайинҳо ва мусалмонҳо ва намозхонҳо ва рӯзагирҳо ва зиёратравҳо ва ҳаҷкунҳо дорем, ин фикре, ки дар худи мо ба ҳолати нимамурда даромадааст, ба ҳолати карах ба истилоҳ даромадааст, инро зинда бикунем. То ин ҷур нашавад, фоида надорад, фаразан агар дар Урупо ҳам як идда мусалмон шаванд ва моро бибинанд, мумкин аст пушаймон шаванд ва аз ислом баргарданд.

## Инҳитоти мусалмонон дар асри ҳозир

Дар миёни кишварҳои дунё ба истиснои баъзе кишварҳо, кишварҳои исломӣ ақибмондатарин ва мунҳаттарини кишварҳост. На танҳо дар санъат ақиб ҳастанд, (балки) дар илм ақиб ҳастанд, дар ахлоқ ақиб ҳастанд, дар инсоният ва маънавият ақиб

ҳастанд. Чаро? Ё бояд бигӯем, ислом, яъне ҳамон ҳақиқати ислом, дар мағзу руҳи ин миллатҳо ҳаст, вале хоссияти ислом ин аст, ки миллатҳоро ақиб мебарад. (Душманони дин ҳам бузургтарин ҳарбаи таблиғии онҳо, ҳамин инҳитоти феълии мусалмонон аст.) Ва ё бояд эътироф кунем, ки ҳақиқати ислом ба сурати аслӣ дар мағзу руҳи мо мавҷуд нест, балки ин фикр ағлаб дар мағзҳои мо ба сурати масхшуда мавҷуд аст; тавҳиди мо тавҳиди масхшуда аст, нубуввати мо нубуввати масхшуда аст, вилоят ва имомати мо масхшуда аст, эътиқод ба қиёмати мо каму беш ҳамин тавр. Тамоми дастурҳои усулии ислом дар фикри мо ҳама тағйири шакл дода. Дар дин сабр ҳаст, зуҳд ҳаст, тақво ҳаст, таваккул ҳаст, тамоми инҳо бидуни истисно ба сурати масхшуда дар зеҳни мо мавҷуд аст. Шояд ҳамон андоза, ки то ба ҳол дар ин ҷаласот баҳс шудааст, ин матлабро то андозае равшан кунад. Масалан роҷеъ ба тақво баҳс шудааст. Агар мутолеа карда бошед, шояд битавонад он ҷузваҳо ба шумо собит бикунад, ки то ба ҳол тақво ба як сурати масхшудае дар зеҳни мо буд. Ҳар мавзӯе, ки баҳс шуда ҳама ин гуна аст, ки мефаҳмонад ислом маъкус шудааст.

Масале овардаанд, ки як идда деҳотӣ аз деҳи худашон рафтанд ба шаҳр. Ба умрашон шаҳрро надида буданд. Як вақт аз дур як навъ дарахтҳои махсусе назарашонро ҷалб кард. Омаданд, диданд дарахтҳои аҷибе аст, на шоха дорад ва на барг, вале дарахт аст. Минораҳои масҷид буд, хаёл карданд дарахт аст. Тааҷҷуб карданд, ки ин дарахтҳо чӣ навъ дарахте аст, ки мо то ба ҳол надидаем, шаҳриҳо чӣ хуб анвоъи дарахтҳоро мешиносанд. Омаданд, пурсиданд, исми ин дарахтҳо чист? Баъзе аз шаҳриҳои зирак ҳам фаҳмиданд инҳо деҳотӣ ҳастанд, онҳоро даст андохтанд, гуфтанд, инҳо дарахтҳое аст, ки дар деҳот пайдо намешавад. Пурсиданд, ки асли инҳо, ки ба амал меоваред чист? Гуфтанд, инҳо тухми махсус дорад, мо мекорем, дармеояд. Гуфтанд, мумкин аст аз ин тухмҳо ба мо бидиҳед? Гуфтанд, бале. Як миқдор тухми ҳавиҷ (сабзӣ) ба ин бечораҳо доданд. Инҳо рафтанд ҳама коштанд. То он вақт тухми ҳавиҷ накошта буданд. Баъд аз муддате, диданд дарнаёмад. Ҳар чи мунтазир шуданд ва об доданд, дарнаёмад. Вале баъд аз муддатҳо гуфтанд, чӣ тавр шудааст? Чӣ ҷур тухме буд? Вақте канданд, диданд ба шакли манора аст, аммо аз он тарафе, ба замин фурӯ рафтааст. Гуфтанд, маълум мешавад мо ивазӣ коштем.

Достони мусалмонии мо ҳам ҳамон достони манора коштани он рустоиён аст. Дар масъалаи вилоят ва имомат тарзи фикри мо ба сурати аҷиб ва маъкус даромадааст. Оё ин аҷиб нест, ки мо муқтадоёне мисли аҳли байти пайғамбар дошта бошем, Алӣ ибни Абӯтолиб дошта бошем, Ҳасан ибни Алӣ дошта бошем, Ҳусайн ибни Алӣ дошта бошем, Зайнулобидин дошта бошем ва ҳамчунин соири имомон (а), он гоҳ ба ҷойи ин ки вуҷуди

ин пешвоён, муҳаррики мо ва мушаввиқи мо бошад ба амал, василаи тахдири мо ва танбалии мо ва гурези мо аз амал шудааст. Ташайюъ ва дӯстии аҳли байти пайғамбарро василa қарор додем барои ин ки аз зери бори ислом берун биёем. Ҳоло бибинед ин фикр чӣ қадр масх шудааст! Ин ҳақиқати олӣ ба шакли манкус дар фикри мо ворид шуда, дар мо натиҷаи маъкус дода, василаи танбалӣ шуда, василаи ҳеч кор накардан бо интизори ин ки ҳамаи корҳоро мавло карда, дар қиёмат ҳам мавло мекунад. Ин достонро аз таърихи садри ислом бароятон нақл мекунам, бибинед чӣ гуна аст.

## Имтиёзи шиъа аз мурҷиъа

Тоифае дар миёни мутакаллимин буданд ба номи ”мурҷиъа”, ки биҳамдиллоҳ мансух шуданд. Инҳо мегуфтанд, ки имон агар дуруст шуд, амал ҳеч асаре надорад. Ин ҳам албатта решаи сиёсӣ дошт. Инҳо дар замони Банӣ Умайя буданд ва Банӣ Умайя инҳоро таъйид мекарданд. Инҳо бад-ин васила мехостанд аъмоли сиёсатмадорони Банӣ Умайя ва салотини Банӣ Умайяро тасҳеҳ кунанд. Ин матлабро ман намегӯям, таърих мегӯяд. Мегуфтанд: оқо! Имонат дуруст бошад, имон, ки дуруст буд, амал муҳим нест. Амал кардӣ кардӣ, накардӣ накардӣ, амал чизе нест. Баъд аз ин ки Банӣ Умайя рафтанд, Банӣ Аббос рӯйи хусумате, ки бо Банӣ Умайя доштанд, решаи мурҷиъаро заданд, вале бо камоли таассуф, ин фикри мурҷиъӣ имрӯз дар димоғи шиъа пайдо шудааст, дар сурате, ки достоне, ки мехоҳам нақл бикунам собит мекунад, ки аслан ақидаи шиъа нуқтаи муқобили ин ақида буда ва он достон ин аст:
Аҳмад Амини мисрӣ дар “Зуҳал-ислом” аз ”Ағонӣ”-и Абулфараҷи Исфаҳонӣ нақл мекунад. Бо ин ки худи Аҳмад Амин, ангезаҳои зидди шиъӣ дорад, вале инро ӯ нақл мекунад. Як нафарро исм мебарад, мегӯяд, як нафар шиъӣ ва як нафар мурҷиъӣ бо ҳамдигар дар бораи ақидаи ташайюъ ва ақидаи ирҷоъ (мурҷиъӣ) баҳс мекарданд. Ин мегуфт, усули мурҷиъа саҳеҳтар аст ва ӯ мегуфт, усули шиъӣ. Мурҷиъӣ мегуфт, амал ҳеч аст, асос танҳо имон аст, шиъӣ мегуфт, амал лозим аст. Дар ин байн, яке аз мутрибҳо пайдо шуд (чун ”Ағонӣ“ зикр карда, рӯйи он қарина мегӯям мутриб буда). Гуфтанд, аз ҳамин мепурсем. Албатта ин ҳам як одами фаҳиме буд, на ин ки одами бехабаре бошад. Гуфтанд, аз ин мепурсем, ки оё ҳақ бо шиъа аст ё бо мурҷиъӣ? Гуфтанд: оқо! ақидаи ту чист? Оё ҳақ бо шиъа аст ё бо мурҷиъӣ? Ҳарфи хубе зад, гуфт:

أعلاي شيعي وأسفلي مرجئي

Гуфт: болои танам шиъа аст, вале пойини танаам мурҷиъӣ. Яъне дар фикру ақида, ман шиъа ҳастам, аммо пойини танаам мурҷиъӣ аст, яъне дар амал мурҷиъиам.

Мехост бигӯяд, ман ақидаи шиъаро қабул дорам, ақидаи онҳо дуруст аст, вале ман дар амал мурҷиъӣ ҳастам.

Ҳоло оё бояд қабул кард, ки мо алъон миллате ҳастем, ки:

أعلانا مرجئي وأسفلنا مرجئي

Ҳам дар фикр мурҷиъӣ ҳастем, ҳам дар амал.

Ин яке аз он масоиле аст, ки бояд гуфт, фикри динӣ дар мо ба сурати нимамурда ё бигӯем, мурда даромадааст. Албатта бо ин фикри мурҷиъӣ дигар чӣ хоҳад шуд?! Фикре, ки амалро аз кор бияндозад, он вақт дунё мемонад? Охират мемонад? Иззат мемонад? Саодат мемонад?

وَأَنْتُمُ الْأَعْلَوْنَ

(*Сураи Оли Имрон, ояти 139) (“Шумо бартаред…”*) мемонад? Абадан!

Фикри динии мо бояд ислоҳ бишавад. Тафаккури мо дар бораи дин ғалат аст, ғалат.

Ба ҷуръат мегӯям, аз чаҳорто масъалаи фурӯъ, он ҳам дар ибодот, чандтое ҳам аз муомилот, аз инҳо, ки бигузарем, дигар фикри дурусте мо дар бораи дин надорем; на дар ин минбарҳо ва дар ин хитобаҳо мегӯем ва на дар ин китобҳо ва рӯзномаҳо ва мақолаҳо менависем ва на фикр мекунем. Мо қабл аз ин ки бихоҳем дар бораи дигарон фикр кунем, ки онҳо мусалмон шаванд, бояд дар бораи худ фикр кунем. Чароғе, ки ба хона равост, ба масҷид ҳаром аст.

Намехоҳам тахтиъа бикунам, ки чаро мубаллиғ ба хориҷ фиристоданд. Албатта кори саҳеҳе аст, бисёр кори хубе аст. Шояд дар он ҷо мусалмони воқеӣ дуруст бишавад ва баъд намуна шаванд барои мо. Вале он чи, ки воҷибтар аст, таваҷҷӯҳ ва танббӯҳ аст ба ин ки мо мусалмонҳое ҳастем, ки фикрамон дар бораи ислом ғалат аст. Сиёсати ҳоким бар ҷаҳон — ё бар ниме аз ҷаҳон — мехоҳад, ки ислом на бимирад ва на зинда бимонад, (балки) ба ҳолати ниммурда ва нимзинда бимонад. Дунё ба ду блок ба истилоҳ қисмат шудааст: шарқ ва ғарб. Ин ду блок дар ду масъала, дар ду чиз бо ҳам иттифоқ доранд: яке, масъалаи Олмон ва яке, масъалаи ислом. Аммо Олмон, ҳар ду блок дар айни ин ки ба зоҳир рӯяш баҳс мекунанд, ботинан тавофуқ доранд ба ин ки ин миллат набояд зинда бишавад, набояд чилавашро бозгузошт. Роҷеъ ба ислом ҳам айнан ҳамин тавр, мунтаҳои амр фарқ ин аст, ки блоки шарқ фикр мекунад ба ин ки решаи исломро аз бех биканад, блоки ғарб фикраш ин аст, ки исломро ба ҳоли нимзинда ва ниммурда нигаҳ дорад, яъне ҳамин, ки ҳаст, ин вазъе, ки алъон ҳаст, ҳифз бикунад; на бигузорад аз байн биравад, на бигузорад дуруст зинда бишавад. Дуруст мисли ҳамон чизе аст, ки дар китобҳои ҳашрашиносӣ ва дар равоншиносӣ — он ҷо, ки дар ғароиз баҳс мекунанд — роҷеъ ба як

ҳашрае мегӯянд аз занбӯр кӯчактар аст ва аз магас бузургтар, ғаризаи аҷибе дорад, ки модийин дар тавҷеҳи ин қазия гир кардаанд, ки чӣ ҷур тавҷеҳ бикунанд. Мегӯянд, ин ҳайвон, мавқеъи тухмгузорияш, ки мешавад, яке аз кирмҳоро пайдо мекунад, меравад рӯйи пушти он кирм, як нуқтаи махсус, як асаби хеле-хеле борики махсус ҳаст, он асабро пайдо мекунад, рӯйи он асаб неш мезанад, вале неш, ки мезанад, на он ҷур неш мезанад, ки бимирад. Агар бихоҳад бизанад бимирад, мемирад. Оҳиста неш мезанад, ин қадр неш мезанад, ки ин асаб карах ва он ҳайвон беҳис бишавад ва биафтад сари ҷояш, вале намегузорад бимирад. Баъд, рӯйи пушти ин ҳайвон ҳамон ҷо тухм мегузорад. Аҷиб ин аст, ки баъд аз тухм гузордан, худаш пеш аз он ки бачаҳояш аз тухм берун оянд, мемирад. Бинобар ин ҳаргиз насли гузашта ва насли оянда якдигарро намебинанд. Баъд, баччаҳои ӯ бузург мешаванд, яъне аз тухм дармеоянд. Вақте, ки мехоҳад тағаззӣ бикунанд, аз ҳамон гӯшт ин кирм тағаззӣ мекунанд. Ҳамонро мехӯранд, то тамом шавад ва баъд худашон роҳ меафтанд ва мераванд. Ҳоло чаро ин ҳайвон ин кирмро ин қадр неш намезанад, ки бимирад, чун агар бимирад, мегандад ва зуд аз байн меравад. Чаро неш мезанад? Барои ин ки беҳис бишавад ва ҳаракат надошта бошад. Агар ҳаракат дошта бошад, ин наметавонад рӯйи ӯ тухм бигузорад ва баъд баччаҳояш биёянд аз гӯшти ӯ иртизоқ бикунанд ва бихӯранд ва зиндагӣ кунанд. Ба ин ҳолати ниммурда ва нимзинда инро нигаҳ медорад ба қисме, ки на бимирад ва на он қадр зинда бошад, ки ҳаракат дошта бошад, ҳеч кадом. Он чи аҷиб аст дар ғаризаи ин ҳайвон, ин аст, ки ин ҳайвон, ки худаш мемирад насли баъд насли аввалиро намебинад, дар айни ҳол ин насли дигар ҳам баъд, ки бузург мешавад, вақте мехоҳад тухм бигузорад, бо ҳамон маҳорат бидуни ин ки насли қаблро дида бошад ва ёд гирифта бошад, он амали тазриқро анҷом медиҳад ва кори худашро идома медиҳанд. Ин, ҳолати ниммурдагӣ аст.

Албатта инро намехоҳам бигӯям ва шуморо ба ғалат биандозам, ки истеъмор ва истисмор моро ба ин ҳолат даровардааст. На, мо қаблан ба ин ҳолат даромадем, онҳо моро имрӯз ба ин ҳолат нигаҳ медоранд ва иллати мубқияи (боқигузорандаи) мо ҳастанд, вагарна мо қабл аз ин ки истеъмор ва истисморе биёяд, афкоре аз ҷоҳое тадриҷан дар мо пайдо шуд ва моро ба ин ҳолат даровард.

Ленин гуфтааст, дин тарёки иҷтимоъ аст. Як нафар аз нависандаҳои араб аз як файласуфи моддии дигаре нақл мекунад, ки дин, инқилоби зуъафо алайҳи ақвиё ва абармардҳост. Ин нависандаи араб мегӯяд, кадом як дуруст аст? Оё дин тарёк аст ва василаи беҳиссӣ аст ё инқилоб ва ҷунбиш аст? Мегӯяд, ҳар дуто дуруст аст: дин зиндагӣ аст, ҳаракат аст, ҷунбиш аст, аммо кадом дин? Он дине, ки пайғамбарон оварданд. Дар айни ҳол, дин тарёки иҷтимоъ аст, аммо кадом дин? Он маъҷуне, ки мо имрӯз сохтаем.

Боре, ҳадисе бихонам ва баароизи худам хотима бидиҳам. Ҳадиси маъруфе аст:

إذا ظهرت البدع فعلى العالم أن يظهر علمه وإلا فعليه لعنة الله

(*Усули Кофӣ, ҷ.1 с.54, бо каме ихтилоф*) Агар бидъатҳо пайдо бишавад (бидъат яъне он чизе, ки ҷузъи дин нест, вале номи дин ба худаш гирифтааст ва мардум хаёл мекунанд моли дин аст), агар бидъат зоҳир шуд дар миёни мардум, бар доност, ки изҳор бикунад ва бигӯяд.

Ин ҳадиси шариф, вазифаи эҳёи динро, ки дар дараҷаи аввал бар ӯҳдаи табақаи уламост баён мекунад, аз роҳи мубориза бо бидъатҳо ва таҳрифҳо. Умедворам аз маҷмӯаи он чи гуфта шуд битавонем натиҷа бигирем, ки мо акнун беш аз ҳар чизе ниёзмандем ба як растохези динӣ ва исломӣ, ба як эҳёи тафаккури динӣ, ба як неҳзати равшангари исломӣ. Умедворам дар фурсати муносибе тавфиқ ёбам мушаххасоти тафаккури исломиро баён кунам ва роҳ ва барномаи эҳёи онро то ҳудуде, ки бароям мақдур аст, баён намоям. Он чи баҳс шуд, муқаддима ва заминае буд барои андешаи эҳёи тафаккури исломӣ.

## Фаризаи илм

قُلْ هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ ۗ إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُولُو الْأَلْبَابِ

(*Сураи Зумар, ояти 9*) (“*Бигӯ: оё доноён бо нодонон мусовиянд? Ҷуз ин нест, ки танҳо хирадмандон ёдовар мешаванд.*”)

Мавзӯъи сухан, фаризаи илм аст. Шояд худатон ҳадс бизанед, ки ин унвон бо ин таъбир, аз ҳадиси маъруфе аз Расули Акрам (с), ки ҳама онро шунидаед ва лоақал дар тоблуи баъзе мадорис дидаед, иқтибос шуда. Он ҳадис, ки ҳама онро ба хотир дорем ин аст:

طلب العلم فريضة على كل مسلم

(*Усули Кофӣ, ҷ.1 с.30*) Яъне ҷустуҷӯ ва таҳсили илм бар ҳар мусалмоне фарз ва воҷиб аст. Ин ҳадис аз ҷумлаи аҳодиси исломие аст, ки шиъа ва суннӣ ҳар як ба турук ва санадҳои худ онро аз Расули Акрам нақл кардаанд. Агар чанд ҳадиси мусаллам дошта бошем, ки фариқайн онро аз Расули Акрам (с) нақл карда бошанд, яке ҳамин ҳадис аст.

Фариза яъне воҷиб, аз моддаи “фарз” аст, ки ба маънии қатъ ва ҳатм ва вуҷуб аст. Он чиро мо алъон ба воҷиб ва мустаҳаб таъбир мекунем, дар садри аввал ба мафруз ва маснун таъбир мекардаанд. Албатта калимаи вуҷуб ва воҷиб дар садри аввал ҳам истеъмол дошта, вале бештар бо калимаи фариза ва мафруз ва фарз таъбир мешуда. Аммо калимаи мустаҳаб ба маъние, ки имрӯз истеъмол мешавад, зоҳиран калимаи мустаҳдасе аст, ки фуқаҳо истилоҳ кардаанд. Калимаи мустаҳаб ба ин маънии хосс, гузашта аз ин ки дар худи Қуръон ба кор нарафта, дар ҳеч ҳадисе ҳам то он ҷо, ки ман ба ёд дорам, ба кор нарафта ва балки қудамои фуқаҳо ҳам ин истилоҳро надоштаанд, баъдҳо шойеъ шудааст. Дар қадим ба он чи мо имрӯз мустаҳаб мегӯем, маснун ё мандуб мегуфтаанд.

Маънии ҳадис ин аст: яке аз фароизи исломӣ ва воҷиботи исломӣ, дар радифи соири воҷибот ва фароиз, талаб ва таҳсили илм аст. Таҳсил ва талаби илм бар ҳар мусалмоне воҷиб аст, ихтисос ба табақа ва дастае дуни табақа ва дастае надорад.

Дар таворих омада, ки қабл аз зуҳури ислом баъзе аз ҷомеаҳои мутамаддини он рӯз таҳсили илмро аз ҳуқуқ ва имтиёзоти баъзе аз табақот медонистаанд ва барои соирин чунин ҳаққе қоил набудаанд. Дар ислом на танҳо илм ба унвони “ҳақ” аз имтиёзоти касе нест, балки ба унвони ”таклиф” ва ”вазифа “бар ҳамаи афрод таҳсили он фарз ва воҷиб аст, монанди соири таколиф. Намоз яке аз фароиз аст. Рӯза яке аз фароиз аст. Закот яке аз фароиз аст. Ҳаҷ яке аз фароиз аст. Ҷиҳод яке аз фароиз аст. Амр ба маъруф ва наҳй аз

мункар яке аз фароиз аст. Ҳамчунин олим шудан ва доно шудан ҳам (ба насси ин ҳадис), яке аз фароиз аст.
Дар ин ҷиҳат ба таври иҷмол ва сарбаста ихтилофе нест. Аз садри ислом то имрӯз ҳамаи фирақ ва ҳамаи уламои исломӣ ин матлабро қабул доштаанд. Дар китобҳои ҳадис ҳамеша як боби махсус ҳаст таҳти унвони:

باب وجوب طلب العلم

— ва ё унвоне назири ин унвон. Агар ихтилофи назаре ҳаст, дар тафсир ва тавзеҳи маънӣ ва мақсуди ин ҳадис ва дар миқдори умуму шумули он аст.

## Вазъи милали мусалмон

Феълан намехоҳам таҳти унвони фаризаи илм дар атрофи ин матлаб сӯҳбат кунам, ки ислом чӣ қадр мардумро ба илм тарғиб карда ва дар ин боб оёте аз Қуръон ва аҳодисе аз пешвоёни дин ва қисматҳое аз таърихи ислом зикр кунам. Намехоҳам дар ин замина ба истилоҳ доди сухан бидиҳам ва ба нафъи ислом таблиғ ва “пропаганда” кунам ва бигӯям бибинед, ислом чӣ гуна аз илм тарафдорӣ карда ва чӣ гуна башарро ба илм даъват кардааст.
Зеро аз ин суханон зиёд гуфта шуда ва мешавад ва ман мӯътақидам, асар ва фоидае чандон бар ин ҳарфҳо мутараттиб нест. Мо ҳар андоза аз ин ҳарфҳо бизанем, вақте, ки тараф чашм боз мекунад ва милали исломиро дар асри ҳозир ҷоҳилтарин ва бесаводтарини милали ҷаҳон мебинад ва мебинад дар ҳеч ҷойи дунё ба қадри кишварҳои исломӣ бесавод вуҷуд надорад, асари ҳамаи ҳарфҳои мо аз байн меравад, лоақал як муаммо барояш пеш меояд, ки агар ин ҳарф рост аст ва ислом ин андоза аз илм ҳимоят карда ва онро фарзу воҷиб дониста, пас чаро дуртарини милали ҷаҳон аз илму дониш мусалмонананд?!
Ман мӯътақидам, ба ҷойи ин гуна таблиғот ва “пропаганда”-и беасар, ки ҳаддиаксар ин аст муваққатан дили худи моро хуш мекунад, мутаваҷҷеҳи айбҳои ҷомеаи исломии худ бишавем ва дар иллатҳо ва мӯҷиботи таъхири илмии ин ҷомеа фикр кунем ва роҳи чораро ба даст оварем.
Оқои Сайидмӯсо Садр (Салламаҳуллоҳ!) дар суханроние, ки дар ҳамин маҷмаъ карданд ва ёде аз фаъолиятҳои Аллома Шарафуддин намуданд, гуфтанд, марҳум Шарафуддин бо он ҳама китобҳои олӣ ва зиқимате, ки барои муаррифии шиъа ва аҳли байт навишт, вақте, ки вазъи шиъаро дар Лубнон мушоҳида кард ва дид, фақиртарин мардум ва ҷоҳилтарин мардум ва зердасттарин мардум, ҳамон шиъаҳои Лубнон ҳастанд ва дар

миёни онҳо як устод ё як табиб ё як муҳандис пайдо намешавад ё камтар пайдо мешавад ва дар иваз ҳар чи ҳаммол ва ҳаммомӣ ва кисакаш ва каннос буд шиъа буд, бо худ фикр кард, ки бо ин вазъи мавҷуд китобҳои ман чӣ асаре метавонад дошта бошад, мардум хоҳанд гуфт, ки ташайюъ агар мактаб ва равиши хуб ва наҷотдиҳандае буд, бояд шиъаён вазъи беҳтаре дошта бошанд. Ин буд, ки дар фикри фаъолиятҳои илмӣ афтод ва ба таъсиси мадорис ва омӯзишгоҳҳо ва анҷуманҳои хайрия афтод, то билохира ҳаракате ва неҳзати муқаддас ба вуҷуд овард ва ҷомеаи шиъаро дар Лубнон боло овард.

Мусалмонон ба таври куллӣ нисбат ба соири мардуми ҷаҳон акнун ҳолати ҳамон шиъаёни Лубнонро нисбат ба соири мардуми Лубнон дар оғози кори Аллома Шарафуддин доранд. Мо ҳар андоза роҷеъ ба ислом, тарафдории ислом аз илм ва ташвиқи ислом ба илм баҳс кунем, дар муқобили вазъи муҷассами ҳозири милали исломӣ асаре надорад, ҳаддиаксар ин аст, ки барои тараф як муаммо пайдо шавад, ки агар ин ҳарфҳо рост аст, пас чаро мусалмонон ба ин рӯз гирифторанд?

Ин ҷо барои шумо ҳикояте нақл мекунам ва қабл аз нақли ин ҳикоят чаҳор ҳадис аз аҳодиси Расули Акрам (с) дар мавзӯъи илм барои шумо мехонам ва тавзеҳ медиҳам, зеро марбут ба ҳамин ҳикоят аст, баъд худи ҳикоятро нақл мекунам. Аммо чаҳор ҳадис:

Яке ҳамин ҳадис, ки аввал хондам:

طلب العلم فريضة على كل مسلم

Мефармояд, ҷустуҷӯ ва талаби илм бар ҳар мусалмон воҷиб аст, ҳеч истисное надорад, ҳатто аз лиҳози зану мард ҳам истисное надорад, чун муслим яъне мусалмон, хоҳ мард бошад ва хоҳ зан, ба илова ин ки дар баъзе аз нақлҳои китобҳои шиъа, ки дар “Биҳорул-анвор” нақл мекунад, калимаи:

ومسلمة

— ҳам тасреҳ ва изофа шуда. Баъдан дар атрофи ин матлаб тавзеҳи бештар хоҳам дод.

Ин ҳадис мефармояд, фаризаи илм як фаризаи умумӣ аст, ихтисос ба табақае ё синфе ё ҷинсе надорад. Мумкин аст як чиз масалан бар ҷавонон фарз бошад, на бар пирон, бар ҳоким фарз бошад ва на бар раъият, ё бар раъият фарз бошад, на бар ҳоким, вазифаи мард бошад, на вазифаи зан, монанди ҷиҳод ва намози ҷумъа, ки фақат бар мардон фарз аст, бар занон фарз нест, аммо ин фариза, ки номаш фаризаи илм аст, бар ҳар мусалмоне фарз аст ва ҳеч гуна ихтисосе надорад.

Ҳадиси дигар ин ки:

اطلبوا العلم من المهد الى اللحد

Яъне дар ҳамаи умр, аз гаҳвора то гӯр, дар ҷустуҷӯ ва талаби илм бошед, яъне илм фаслу замони муайян надорад, дар ҳар замоне бояд аз ин фурсат истифода кард. Фирдавсӣ ишора ба ҳамин ҳадис мекунад ва мегӯяд:

*Чунин гуфт Пайғамбари ростгӯй,*
*Зи гаҳвора то гӯр дониш биҷӯй.*

Ҳамон тавре, ки ҳадиси аввал аз лиҳози афрод ва аз лиҳози ҷинсу синфу табақа ихтисос ва маҳдудиятро бардошт ва ин фаризаро аз он назар таъмим дод, ин ҳадис аз лиҳози вақт ва замон тавсиъа ва таъмим медиҳад.

Мумкин аст фариза ва таклифе аз лиҳози замон маҳдудият дошта бошад ва нашавад дар ҳар замоне ба ӯ пардохт. Масалан, рӯзаҳои воҷиб вақт ва замонаш муайян аст ва он моҳи муборaки Рамазон аст ва ҳатто намоз аз лиҳози соати шабонарӯз вақти муайяне дорад ва фақат дар соъоти муайян бояд анҷом гирад. Ҳаҷ воҷиб аст, аммо дар ҳама вақт намешавад онро баҷо овард, мавсими муайян дорад ва он моҳи Зилҳаҷҷа аст. Вале фаризаи илм маҳдуд ба ҳеч вақт, ҳеч замон ва ҳеч синну сол нест. Ва агар вақти рӯза, моҳи Рамазон ва вақти ҳаҷ, моҳи Зилҳаҷҷа ва вақти намози зуҳр масалан аз зуҳр то наздики ғуруб аст, вақти таҳсили илм аз гаҳвора то гӯр аст. Ин ҳам як ҳадис.

Ҳадиси севвум: фармуд:

اطلبوا العلم ولو بالصين

(*“Биҳорул-анвор”, ҷ.1 с.180*) Яъне илмро ҷустуҷӯ ва таҳсил кунед ва ба даст оваред ҳарчанд дар Чин, ҳарчанд ин ки мусталзими ин бошад, ки ба дуртарин нуқоти ҷаҳон монанди Чин сафар кунед. Зоҳиран иллати ин ки номи Чин бурда шуда ин аст, ки дар он рӯз аз Чин ба унвони дуртарин нуқоти ҷаҳон, ки мардумм он рӯз метавонистанд ба он ҷоҳо биравaнд, ном бурда мешуда ва ё иллат ин аст, ки дар он замон Чин ба унвони як маҳди илмӣ ва санъатӣ маъруф будааст.

Ин ҳадис мегӯяд, таҳсил илм, ҷо ва макони муайян надорад, ҳамон тавре, ки вақт ва замони муайян ҳам надорад.

Мумкин аст як таклиф ва фариза аз лиҳози ҷо ва макон маҳдудият дошта бошад, нашавад онро дар ҳама ҷо анҷом дод, масалан аъмоли ҳаҷ аз лиҳози маҳаллу макон ҳам муқайяд ва маҳдуд аст. Мусалмонон ҳатман бояд аъмоли ҳаҷро дар Макка, дар ҳамон сарзамине, ки тавҳид ва ислом аз он ҷо тулӯъ кард ва ба соири ҷаҳониён расид, дар атрофи хонае, ки ба дасти Иброҳим ва фарзанди покниҳодаш бино шуд, анҷом ёбад. Мусалмонон наметавонанд бо ҳам тавофуқ кунанд ва нуқтаи дигареро барои аъмоли ҳаҷ интихоб

кунанд. Пас ин таклиф аз ин назар маҳдудият дорад. Аммо дар анҷоми фаризаи илм ҳеч нуқтаи муайян дар назар гирифта нашуда, ҳар ҷо, ки илм ҳаст, он ҷо ҷойи таҳсил ва ба даст овардан аст, мехоҳад Макка бошад ё Мадина, Миср бошад ё Шом ё Ироқ, ё дуртарин нуқоти ҷаҳон, мехоҳад дар Машриқ бошад ё Мағриб.

Як силсила аҳодис дорем дар боби фазли муҳоҷират ва мусофират барои илм ба нуқоти дурдаст ва ҳатто ояти каримаи:

وَمَنْ يَخْرُجْ مِنْ بَيْتِهِ مُهَاجِرًا إِلَى اللَّهِ وَرَسُولِهِ ثُمَّ يُدْرِكْهُ الْمَوْتُ فَقَدْ وَقَعَ أَجْرُهُ عَلَى اللَّهِ

(*Сураи Нисо, ояти 100*) (“*Ва ҳар кас аз хонаи худ ба сӯйи Худо ва паёмбараш барои ҳиҷрат хориҷ шавад ва дар роҳ бимирад, аҷраш бо Худост.*”), ба муҳоҷират ва мусофират дар талаби илм тафсир шудааст. Дар яке аз аҳодиси мӯътабари мо ворид шуда:

لو علمتم ما في طلب العلم لطلبتموه ولو بسفك المهج وخوض اللجج

(*Биҳор, ҷ.2 с.177, бо каме ихтилоф дар таъбир*) Яъне агар медонистед дар натиҷаи талаб ва таҳсили илм ба чӣ саодатҳое мерасид, ба дунболи он мерафтед ҳарчанд ба ин ки хуни шумо дар ин роҳ рехта шавад ва ё мусталзими ин бошад, ки ба дарёҳо ворид шавед ва уқёнусҳо бипаймоед.

Ҳадиси чаҳорум: ҷумлае аз Расули Акрам (с) ривоят шуда ба ин иборат:

الحكمة ضالة المؤمن يأخذها أينما وجدها

Ё ба ин таъбир:

كلمة الحكمة ضالة المؤمن فحيث وجدها فهو أحق بها

(*“Биҳорул-анвор”, ҷ.2 с.99*) Яъне ҳикмат гумшудаи мӯъмин аст ва ҳар кас, ки чизе гум карда онро дар ҳар нуқта, ки пайдо кунад, муаттал намешавад ва бармедорад. “Ҳикмат “яъне сухан ва матлаби муҳкам ва мутқан ва мантиқӣ ва дуруст, яъне дарёфти ҳақиқат. Ҳар қонун ва қоидае, ки бо ҳақиқат вифқ диҳад ва сохтаи ваҳм ва тахайюлот набошад, “ҳикмат” аст. Алӣ (а) мефармояд:

الحكمة ضالة المؤمن فاطلبوها ولو عند المشرك تكونوا أحق بها وأهلها

Ҳикмат гумшудаи мӯъмин аст, пас ӯро биҷӯед ва биёбед ҳарчанд дар наздики нафари мушрик бошад. Шумо, ки мӯъмин ҳастед, ба он илму ҳикмат сазовортаред ва шоистаи он мебошед. Ва ҳам он ҳазрат фармуда:

الحكمة ضالة المؤمن فخذ الحكمة ولو من أهل النفاق

(*"Наҳҷул-балоға", ҳикмати 80*) (*"Ҳикмат, гумшудаи мӯъмин аст. Онро бигир ҳарчанд аз аҳли нифоқ."*)

Боз ҳам аз ин таъбирот зиёд дорем. Хулоса, ҳамаи инҳо ин аст, ки дар фаро гирифтани илм, ягона шарт ин аст, ки он илм дуруст ва саҳеҳ ва мутобиқ бо воқеъ ва ҳақиқат бошад, шумо ба он касе, ки илму ҳикматро аз ӯ фаро мегиред, кор надошта бошед.

Бале як вақт ҳаст, ки одамӣ дар дуруст будан ва саҳеҳ будани матлаб тардид дорад. Дар ин гуна мавorid касоне, ки аҳли ташхис нестанд, набояд ба сухани ҳар кас гӯш кунанд, бояд диққат кунанд, ки таҳти таъсир ва талқини чӣ касе ҳастанд. Агар дар ин ҷиҳат диққат накунанд, басо ҳаст, ки аз он роҳ гумроҳ шаванд. Вале як вақт ҳаст, ки маълум аст, ки ҳарфи тараф дуруст аст, масалан воқеан як кашфи илмӣ дар тиб, ё дар табиӣ, ё ғайри инҳо, мусаллам аст, ки дуруст аст. Мефармояд, дар ин сурат биравед ёд бигиред. Дар аҳодиси мо аз забони ҳазрати Масеҳ, Исо ибни Марям (а) нақл шуда, ки фармуд:

خذوا الحق من أهل الباطل ولا تأخذوا الباطل من أهل الحق، كونوا نقاد الكلام

(*"Биҳорул-анвор", ҷ.2 с.96*) Яъне ҳақро бигиред ва бипазиред ҳарчанд аз аҳли ботил, аммо ботилро ҳаргиз нагиред ва напазиред ҳарчанд аз аҳли ҳақ. Худатон саррофи сухан ва суханшинос бошед.

Ба ҳар ҳол, ин силсила аҳодис, қайд ва маҳдудиятро дар боби илм аз лиҳози сирфи иртибот, яъне аз лиҳози касоне, ки як нафар мусалмон илми худро аз онҳо фаро мегирад, бардоштааст. Зеро мумкин аст як вазифае аз ин назар маҳдуд бошад. Масалан намози ҷамоатро бояд ба як нафар иқтидо кард, аммо шарт дорад, шарташ ин аст, ки мусалмон бошад, мӯъмин бошад, одил бошад. Аммо дар таълим ва таъаллум ҳеч як аз ин шартҳо манзур нашуда.

Ин буд чаҳор ҳадисе, ки мехостам арз кунам. Ҳоло он ҳикоятеро, ки ваъда додам арз мекунам ва ин баёне ҳам, ки дар атрофи ин чаҳор ҳадис шуд, аз ҳамин ҳикоят иқтибос шудааст.

Дӯсти фозили мо оқои Оқо Сайидмуҳаммади Фарзон нақл мекарданд, ки дар собиқ, дар авоили машрутият, оқои Оқо Сайид Ҳибатуддини Шаҳристонӣ (Салламаҳуллоҳ!) маҷаллае ба арабӣ дар Ироқ мунташир мекарданд ба номи ”Алъилм”. Ва ду се соле мунташир шуд. (Ман худам ҳанӯз он маҷалларо надидаам). Дар пушти он маҷалла дар васати сафҳа, калимаи ”Алъилм“ ба хатти настаълиқ навишта шуда буд ва дар чаҳор гӯша ҳам ин чаҳор ҳадис, ки хондам зинатбахши пушти маҷалла буд. Як вақт дар худи он маҷалла навишта буд, ки як рӯз як нафар мусташриқи олмонӣ ба мулоқоти оқои

Шаҳристонӣ дар дафтари маҷалла ё дар ҷойи дигар омад ва пушти ин маҷалларо бо ҳамин тартиб дид. Пурсид, инҳо чист, ки дар пушти ин маҷалла навишта шуда? Гуфта шуд, инҳо чаҳор дастур аст аз пайғамбари мо дар бораи илм. Баъд барояш тарҷума шуд, ки пайғамбари ислом фармуда: таҳсили илм бар ҳар мусалмоне аъамм аз зану мард ва аз ҳар синф фариза ва воҷиб аст ва фармуда: аз гаҳвора то гӯр дониш биҷӯед ва фармуда илмро биҷӯед ҳарчанд ба ин ки бихоҳед то Чин ба дунболаш биравед ва фармуда ҳикмат ва илм гумшудаи мусалмон аст ва ҳар ҷо онро биёбад, бармедорад ва аҳаммият намедиҳад, ки гумшудаи худро аз дасти чӣ касе мегирад.

Он марди мусташриқ андаке фикр мекунад ва баъд мегӯяд: оҳ! Шумо як ҳамчу дастурҳо доштед, ки пайғамбари шумо илмро бар шумо фарз шумурда, на аз назари афрод ва ихтилофи ҷинсӣ, на аз лиҳози замон, на аз лиҳози макон ва на аз лиҳози муаллим қайде қарор надода ва боз ин қадр дар ҷаҳолат боқӣ ҳастед ва ин қадр бесавод дар миёни шумо вуҷуд дорад?!

Воқеан ин худ як муаммое аст, ки чаро ин фаризаи умумӣ матрук шуд ва фариза шинохта нашуд, чаро ин дастурҳо иҷро нашуд. Албатта намехоҳам бигӯям, ин дастурҳо ҳеч замон иҷро нашуд, зеро ислом як неҳзати илмӣ ва фарҳангии азими камназире дар ҷаҳон ба вуҷуд овард ва қарнҳо парчамдори илму фарҳанг ва тамаддуни башарият буд ва ин неҳзат мадюни фармоне буд, ки ислом дар бораи илм содир кард. Чӣ гуна мумкин аст дине, ки аввалин ояти нозил бар пайғамбараш бо хондан ва навиштан ва қалам ва илм ва таъаллум оғоз мегардад:

اقْرَأْ بِاسْمِ رَبِّكَ الَّذِي خَلَقَ. خَلَقَ الْإِنْسَانَ مِنْ عَلَقٍ. اقْرَأْ وَرَبُّكَ الْأَكْرَمُ. الَّذِي عَلَّمَ بِالْقَلَمِ. عَلَّمَ الْإِنْسَانَ مَا لَمْ يَعْلَمْ

(*Сураи Алақ, оятҳои 1 то 5*) (*“Бихон ба номи парвардигорат, ки офарид. Инсонро аз хуни басташуда офарид. Бихон, ки парвардигорат бузургвор аст. Ҳам-ӯ, ки ба василаи қалам омӯхт. Омӯхт ба инсон чизеро, ки намедонист.”*) Дине, ки асли аввалаш тавҳид аст ва дар он асл, тақлид ва таъаббудро ба ҳеч ваҷҳ ҷоиз намедонад ва таҳқиқ ва таҷассусро лозим мешуморад, чунин дине тамаддун ва фарҳанг ва неҳзати илмӣ ба вуҷуд наоварад?! Вале дар айни ҳол вақте, ки инсон ба он дастурҳо ва фармонҳо менигарад, мебинад махсусан дар қуруни ахира хеле матрук монда, ки натиҷааш ҳамин аст, ки мебинем. Пас бояд дид, иллати ин амр чӣ буда?

## Иллатҳои матрук мондани фармони ислом

Мусалламан яке аз иллатҳои ин амр, ҳаводисе буд, ки дар авзоъи иҷтимоии мусалмонон, ибтидо ба василаи дастгоҳҳои хилофат падид омад ва баъд дунбол шуд, ноҳамвориҳо дар зиндагонии мусалмонон ба вуҷуд омад, як ҷомеаи табақотӣ дуруст шуд, ки бо манзури ислом абадан вифқ намедиҳад. Ҷомеа мунқасим шуд ба як табақаи фақир ва бадбахт, ки нони худро ба заҳмат метавонист ба даст оварад ва як табақаи мусриф ва мубаззир ва мағрур, ки намедонист бо он чи дар чангол дорад чӣ бикунад. Вазъи зиндагии умумӣ вақте, ки шикоф бардорад, замина барои иҷро ва амал ва таваҷҷӯҳ ба ин дастурҳо боқӣ намемонад ва балки омилҳое пайдо мешавад, ки ин гуна дастурҳо иҷро нагардад.

Баъзеҳо иллати дигаре зикр мекунанд; муддаъӣ ҳастанд, ки иллати ин ки дастурҳои ислом роҷеъ ба илм замин хӯрд ин буд, ки ҳисобе аз ҷойе бардошта шуд ва ба ҷойи дигар гузошта шуд ва ба таъбири дигар, эътиборе аз ҳисобе бардошта шуд ва ба ҳисоби дигар рехта шуд, мисли ин ки масалан касе дар банк ҳисобе дошта бошад ва давлат эътиборе барои он ҳисоб боз кунад ва баъд биёянд ин эътиборро аз он ҳисоб бардоранд ва ба пойи ҳисоби дигар бирезанд.

Ин даста мегӯянд, иллати ин ки дастурҳои ислом дар боби илм замин хӯрд ин буд, ки он чи ки ислом ба ҳисоби илм ва ташвиқи умум ба таълим ва босавод шудан ва фазилати илм гуфта буд, ҳама ба ҳисоби олим ва ташвиқ ба эҳтиром ва дастбӯсӣ ва фазилати олим гузошта шуд; мардум ба ҷойи ин ки таваҷҷӯҳ пайдо кунанд, ки худашон савод пайдо кунанд ва то ҳадде, ки мақдур аст, худашон ва фарзандонашон босавод ва олим шаванд, таваҷҷӯҳашон маътуф шуд ба ин ки аҷр ва фазилатро дар эҳтиром ва хузӯъ нисбат ба уламо касб кунанд. Натиҷа ҳамин шуд, ки ҳаст.

Ин матлаб то андозае дуруст аст, зеро ҳарчанд уламо ва муҳаққиқини исломӣ ҳамчу таҳриферо муртакиб нашудаанд, вале дар навиштаҳои сатҳӣ ва соддае, ки ба дасти мардум ҳам расида ва дар манобир ва мавоъизи маъмулӣ мантиқ ҳамон буда. Иттифоқан сару кори мардум бо ҳамин навиштаҳо ва ҳамин манобир ва мавоъиз буда, на гуфтори фалон муҳаққиқ, ки дар фалон китоби илмии худ аз ин мавзӯъ баҳс кардааст. Дар баёноти бархи уламои исломӣ ҳам агарчӣ он инҳироф, ки зикр шуд нест, вале як навъ ҷумуд ва инҳирофи дигаре каму беш дида мешавад, ки албатта он ҳам дар кунд кардани теғи фармонҳои ислом дар бораи илм таъсир дошта. Ва он инҳироф ин аст, ки ҳар даста ва табақа ва синфе аз уламои ислом, муҳкам часпидаанд, ки мақсуди Расули Акрам (с) аз он илме, ки фармуда, “фариза” аст; ҳамон илме аст, ки мо дорем.

## Кадом илм?

Ахиран дар китоби ”Маҳаҷҷатул-байзо”-и марҳуми Файз ба каломи ҷомеъе дар ин замина бархӯрдам, ки алаззоҳир эшон ҳам ин каломро аз Ғаззолӣ нақл кардаанд. Ғаззолӣ мегӯяд, уламои ислом дар тафсири ин ҳадис тақрибан 20 фирқа шудаанд ва ҳар фирқае аҳли ҳар илму фанне будаанд, гуфтаанд, мақсуди ин ҳадис, ҳамон илму фанн мост. Мутакаллимин гуфтаанд, мақсуди Пайғамбар аз ҷумлаи:

طلب العلم فريضة على كل مسلم

— илми калом аст, зеро илми калом илми усули дин аст. Уламои ахлоқ гуфтаанд, ки мақсуд, илми ахлоқ аст, ки одамӣ бидонад мунҷиёт чист ва мӯҳликот чист? Фуқаҳо гуфтаанд, ки мақсуд, илми аҳком аст, ки лозим аст ҳар касе ё муҷтаҳид бошад ва ё аз муҷтаҳиде тақлид кунад. Муфассирин гуфтаанд, ки мақсуд, илми тафсир аст, зеро тафсир илм ба китобуллоҳ аст. Муҳаддисин гуфтаанд, мақсуд, илми ҳадис ва ривоят аст, чун ҳама чиз ҳатто Қуръонро аз рӯйи аҳодис бояд фаҳмид. Мутасаввифа гуфтаанд, мақсуд, илми сайру сулук ва мақомоти нафс аст. Ва ҳамин тавр…

Баъд худи ӯ баёне дорад, ки агарчӣ комилан ҷомеъ нест, вале нисбатан ҷомеъулатрофтар аст. Хулоса ин аст, ки мақсуди Пайғамбар (с) ҳеч кадом аз инҳо инҳисоран нест. Агар мақсуди Пайғамбар хусуси яке аз ин риштаҳо буд, тасреҳ мекард, ки масалан илм ва калом ё ахлоқ ё тафсир ё фиқҳ ё ҳадис аст. Бояд дид, аз назари ислом чӣ чизе лозим ва воҷиб аст ба вуҷуби айнӣ ё вуҷуби кифоӣ ва агар роҳи анҷоми он таклиф, таҳсили илм ва ёд гирифтан аст, бояд гуфт, таҳсили он илм воҷиб ва лозим аст.

## Фаризаи таҳайюъӣ

Фуқаҳо истилоҳе доранд; мегӯянд, вуҷуби илм, вуҷуби нафсии таҳайюъӣ аст, яъне вуҷуби илм танҳо як вуҷуби муқаддамӣ мисли ҳамаи муқаддимаи воҷибҳо, ки вуҷуби истиқлолӣ надоранд нест, балки як вуҷуби истиқлолӣ аст. Дар айни ҳол илм аз он ҷиҳат воҷиб аст, ки ба инсон омодагӣ медиҳад. Чизе, ки ҳаст, фуқаҳо ин вуҷуби таҳайюъиро ихтисос медиҳанд ба ёд гирифтани аҳком ва мисли ин аст, ки ғолибан ин тавр фарз мешавад, ки анҷоми вазоифи исломӣ фақат мавқуф аст ба ин ки мусалмонон худи вазифаро бидонанд ва бишносанд ва ҳамин ки вазифаро шинохтанд, худ ба худ қодир ба анҷоми он хоҳанд буд. Пас илме, ки фариза аст ин аст, ки мусалмон дар вазифашиносӣ ё муҷтаҳид бошад ё муқаллид.

Ва ҳол он ки возеҳ аст, ки ҳамон тавре, ки вазифашиносӣ ва ёд гирифтани дастурҳои динӣ лозим аст, бисёре аз корҳое, ки ба ҳукми дин он корҳо фарзу воҷиб аст, корҳое аст, ки худи он корҳо илм ва дарс ва маҳорати лозим дорад. Масалан, табобат воҷиби кифоӣ аст, аммо анҷоми ин фариза бидуни дарс ва таҳсил ва касби илми пизишкӣ муяссар нест, пас таҳсили ин илм фариза аст ва ҳамчунин бисёр чизҳои дигар. Бояд дид, чӣ навъ умуре аст, ки аз назари ҷомеаи исломӣ лозим ва воҷиб аст ва он корро бидуни ёд гирифтан ва таълиму таъаллум наметавон хуб анҷом дод, пас илми он кор ҳам воҷиб аст.

Фаризаи илм аз ҳар ҷиҳат тобеъи мизони эҳтиёҷи ҷомеа аст. Як рӯз буд, ки кишоварзӣ ва санойеъи мавриди эҳтиёҷ ва тиҷорату сиёсат, ҳеҷ кадом илм ва таҳсил лозим надошт. Мардум бо шогирдӣ кардани мухтасар пеши оҳангар ё наҷҷор ё тоҷир ва кор кардан зери дасти як сиёсатмадор ё санъатгар ё тоҷир, сиёсатмадор ва санъатгар ва тоҷир мешуданд. Аммо имрӯз вазъи дунё иваз шуда ва эҳтиёҷоти ҷомеа иваз шуда, ҳеҷ як аз он корҳо ба тарзи муносиб бо дунёи имрӯз ва ба шакле, ки битавонад бо қофилаи зиндагӣ ҳамоҳанг бишавад, бидуни илм ва таҳсил муяссар нест. Ҳатто кишоварзӣ ҳам бояд рӯйи усули илмӣ ва фаннӣ бошад. Як бозаргон то дарси иқтисод нахонда бошад, наметавонад бозаргони ҳисобӣ бошад. Як сиёсатмадор то дарси сиёсат нахонда бошад, наметавонад дар дунёи имрӯз сиёсатмадори хубе бошад. Касбу корҳое имрӯз пайдо шуда, ки бидуни савод ва дарс ва тахассус мумкин нест. Навъи он корҳое, ки дар гузашта бо тамрини мухтасар ё шогирдии мухтасар зери дасти як нафар мешуд ёд гирифт, ҳоло ин қадр фарқ карда, ки ҷуз дар дабиристонҳои ҳирфаӣ ё донишкадаҳои фаннӣ ва ғайра наметавон онҳоро ёд гирифт. Аксари корҳо мутахассиси фаннӣ лозим дорад.

## Асли истиқлол ва иззати ҷомеаи исломӣ

Бояд ба чанд асл таваҷҷӯҳ дошта бошем. Яке ин ки оё ислом чӣ гуна ҷомеае мехоҳад? Албатта возеҳ аст, ки ислом ҷомеае мехоҳад азиз ва мустақил ва муттакӣ ба худ, ислом намеписандад, ки як миллати мусалмон, зердаст ва тусарихӯри як миллати ғайримусалмон буда бошад:

وَلَن يَجْعَلَ اللَّهُ لِلْكَافِرِينَ عَلَى الْمُؤْمِنِينَ سَبِيلًا

(*Сураи Нисо, ояти 141*) Худованд намеписандад, ки кофирон бар мусалмонон сайтара ва тасаллут дошта бошанд. Ислом намеписандад, як миллати мусалмон ҳамеша дасти дарюзагӣ ба сӯйи як миллати дигаре ба унвони қарз ё кӯмаки билоиваз дароз кунад. Ислом намеписандад, ҷомеаи исломӣ истиқлоли иқтисодӣ ё иҷтимоӣ надошта бошад. Ислом намеписандад, ки мусалмонон ҳаминки бемории сахте пайдо карданд, худашон

табиб ва васоили кофӣ надошта бошанд ва беморонро ба дӯш бикашанд ва ба сӯйи миллатҳои ғайримусалмон бираванд. Ин як асл.

## Илм, пояи иззатҳо ва истиқлолҳо

Асли дигар ин ки дар дунё таҳаввуле ба вуҷуд омада, ки ҳамаи корҳо бар пошнаи илм мечархад ва чархи зиндагӣ бар меҳвари илм қарор гирифтааст. Ҳамаи шуъуни ҳаёти башар бо илм вобастагӣ пайдо карда ба тавре, ки ҳеч коре ва ҳеч шаъне аз шуъуни ҳаёти башарро ҷуз бо калиди илм наметавон анҷом дод.

## Фаризаи илм, мифтоҳи соири фароиз

Асли дигар ин ки анҷоми соири фароиз ва таколифи фардӣ ва иҷтимоии ислом, ба фаризаи илм бастагӣ дорад. Фаризаи илм ба унвони як калид ва мифтоҳ барои анҷоми соири фароиз ва манзурҳои исломӣ шинохта шуда ва ба истилоҳи фуқаҳо, воҷиби таҳайюъӣ аст ва биннатиҷа агар шуъуни ҳаётии мусалмонон шакле ба худ бигирад, ки вобастагии бештаре ба илм пайдо кунад, фаризаи илм ҳам аҳаммият ва лузум ва тавсиъа ва умуми бештаре пайдо мекунад.

## Натиҷа

Аз маҷмӯъи ин аслҳо натиҷа мешавад, ки вазифаи шаръӣ ва умумии ҳамаи мусалмонон ин аст, ки ба сӯйи илм рӯ биёваранд ва таълимоти умумиро бар фард-фард воҷиб бишуморанд.
Фуқаҳо маъмулан масъалаи фаризаи илмро дар ду ҷо мутаъарриз мешаванд: яке, дар усули фиқҳ дар мабҳаси ”асли бароат“ дар масъалаи вуҷуби фаҳс аз далел. Ва яке ҳам, дар масъалаи истеҳбоб ё лузуми тафаққуҳ дар тиҷорат. Ва мумкин аст дар масъалаи ахзи учрат бар воҷибот ҳам ишорае ба ин матлаб бишавад ва ҳамон тавре, ки арз кардам, назари фуқаҳо дар ин фариза бештар мутаваҷҷеҳи ёд гирифтани масоил ва аҳком аст.

## Улуми динӣ ва улуми ғайридинӣ

Истилоҳе шуда, ки мо баъзе улумро улуми динӣ ва баъзеро улуми ғайридинӣ бихонем. Улуми динӣ яъне улуме, ки мустақиман марбут ба масоили эътиқодӣ ё ахлоқӣ ё амалии дин аст ва ё улуме, ки муқаддимаи ёд гирифтани маориф ё дастурҳо ва аҳкоми дин аст аз қабили адабиёти араб ё мантиқ.

Мумкин аст, баъзе ин тавр хаёл кунанд, ки соири улум ба куллӣ аз дин бегонаанд ва ҳар чи ки дар ислом дар бораи фазилати илм ва аҷру савоби таҳсили илм гуфта шуда, мунҳасир аст ба он чи ки истилоҳан улуми динӣ гуфта мешавад, ё агар Пайғамбари Акрам (с) илмро фариза хонда, мунҳасиран мақсуд ҳамин улуме аст, ки истилоҳан улуми динӣ хонда мешавад.

Ҳақиқат ин аст, ки ин, истилоҳе беш нест. Аз як назар улуми динӣ мунҳасир аст ба ҳамон мутуни аввалияи динӣ, яъне худи Қуръони Карим ва матни суннати Пайғамбар ё авсиёи он ҳазрат. Дар садри ислом ҳам, ки ҳанӯз мардум ба худи ислом ошно набуданд, бар ҳама воҷиб ва лозим буд, ки қабл аз ҳар чиз ҳамин мутуни аввалияро ёд бигиранд. Дар он вақт ҳеч илме; на калом ва на фиқҳ ва на усул ва на мантиқ ва на таърихи ислом ва на илми дигар вуҷуд надошт. Ин ки дар ҳадисе нақл шуда, ки Пайғамбари Акрам (с) фармуд:

إنما العلم ثلاثة: آية محكمة، وفريضة عادلة، وسنة قائمة

(*Усули Кофӣ, ҷ.1 с.32 ва дар он "ав фариза… аз сунна…" омадааст*), ки хулосааш ин аст: илм, мунҳасир аст ба ёд гирифтани оёти Қуръон ва фаро гирифтани ҳадиси Пайғамбар, нозир ба таклиф ва вазъи он рӯзи мусалмонон аст, вале баъдан мусалмонон бо он мутуни аввалия, ки ба манзилаи қонуни асосии ислом аст ошно шуданд ва ба ҳукми фармони Қуръон ва ҳадиси Пайғамбар, илмро мутлақан ба унвони як фаризаи мусаллам шинохтанд ва тадриҷан улуме мудавван шуд ва ба вуҷуд омад.

Бинобар ин аз назари дигар ҳар илме, ки ба ҳоли мусалмонон муфид бошад ва гиреҳе аз кори мусалмонон боз кунад, он илм фаризаи динӣ ва илми динӣ аст. Мо чаро наҳву сарф ва луғати арабро улуми динӣ медонем? Оё ҷуз аз ин роҳ аст, ки нафъ ва фоидаеро дарбардорад, ки мувофиқ бо манзури ислом аст? Ба чӣ муносибат мо ашъори ишқии Имрълулқайс ва ашъори хамрии Абӯнавосро ба унвони таҳсили улуми динӣ ёд мегирем? Албатта барои ин ки моро дар фаҳми забони Қуръон кӯмак мекунад.

Пас ҳар илме, ки ба ҳоли ислом ва мусалмонон нофеъ аст ва барои онҳо лозим аст, онро бояд аз улуми динӣ шумурд ва агар касе хулуси ният дошта бошад ва барои хидмат ба ислом ва мусалмонон он илмро таҳсил кунад, машмули аҷру савобҳое, ки дар таҳсили илм гуфта шуда ҳаст, машмули ин ҳадис аст, ки:

وأن الملائكة لتضع أجنحتها لطالب العلم

(*Усули Кофӣ, ҷ.1, с.34*) фариштагон зери пойи толибони илм пар мениҳанд. Аммо агар хулуси ният дар кор набошад, таҳсили ҳеч илме ҳарчанд ёд гирифтани оёти Қуръон бошад, аҷру савобе надорад.

Асосан ин тақсими дурусте нест, ки мо улумро ба ду ришта тақсим кунем: улуми динӣ ва улуми ғайридинӣ, то ин таваххум барои баъзе пеш биёяд, ки улуме, ки истилоҳан улуми ғайридинӣ номида мешаванд, аз ислом бегонаанд. Ҷомеъият ва хотамияти ислом иқтизо мекунад, ки ҳар илми муфид ва нофеъеро, ки барои ҷомеаи исломӣ лозим ва зарурӣ аст, илми динӣ бихонем.

## Таҳсили зан

Матлаберо аввал ваъда додам, ки баъд сӯҳбат кунам, роҷеъ ба ин ки фаризаи илм ихтисос ба мардон надорад, шомили занон ҳам ҳаст.

Чун Пайғамбар фармуд:

طلب العلم فريضة على كل مسلم

— ва калимаи ”муслим“ сиғаи музаккар аст, ин таваххум пеш меояд, ки таҳсили илм мухтасси мардон аст.

Аввалан, бояд арз кунам, дар баъзе аз нақлҳое, ки дар китобҳои шиъа ҳам ҳаст, калимаи:

ومسلمة

— қайд шуда.

Ва сонияи, аз ин гуна таъбирот, ихтисос фаҳмида намешавад.”Муслим“ яъне мусалмон, аъамм аз ин ки мард бошад ё зан. Дар ҳамаи мавориде, ки шабеҳи ин таъбир ҳаст, ҳамин тавр умумият дорад. Масалан дар ҳадис аст:

المسلم من سلم المسلمون من لسانه ويده

(*Кофӣ, ҷ.2 с.234*) Яъне мусалмон он аст, ки соири мусалмонон аз забон ва дасти ӯ дар амон бошанд. Бадеҳӣ аст, ки мақсуд ин нест, ки фақат марди мусалмон бояд ин тавр бошад ва шомили зан нест. Ё фармуд:

المسلم أخ المسلم

(*Кофӣ, ҷ.2 с.166*) Мусалмон бо мусалмон бародар аст ва бояд бо ӯ муомилаи бародарӣ кунад. Дар ин ҷо намешавад гуфт, ки ин дастур мухтасси мардон аст, зеро нафармуда:

المسلمة أخت المسلمة

Калимаи ”муслим“ шомили ду мафҳум аст: яке, мусалмон будан ва яке, мард будан. Ҳар касе медонад, ки дар ин гуна маворид, ҷинсият дахолат надорад, исломият дахолат дорад. Ҳатто агар ба ҷойи калимаи ”муслим“ калимаи “раҷул“ ҳам зикр шуда буд, боз ба истилоҳи фуқаҳо, илғои хусусият мешуд. Дар баъзе аҳодис роҷеъ ба баъзе мавзӯъоти

фиқҳӣ, мавриди ҳадис мард аст. Яъне масалан аз Имом суол шуда, ки марде чунин муомилае карда ва чунон шуда, ҳоло чӣ бикунад ва Имом ҷавоби он масъаларо додааст, фуқаҳо мегӯянд, ҳарчанд дар матни ҳадис сареҳан калимаи мард омада, аммо дар ин гуна маворид хусусияти ҷинсӣ илғо мешавад. Зеро маълум аст, ки ҷинсият дахолат надорад. Солисан, гузашта аз ҳамаи инҳо, фуқаҳо сухане доранд, ки мегӯянд, баъзе умумот ва куллиёт аст, ки аз тахсис ибо дорад, лаҳну баён тавре аст, ки қобили тахсис нест, матлаб матлабе аст, ки аз назари ақл қобили табъиз нест. Масалан, назири он чи дар бораи илм омада, дар бораи тақво ҳам омадааст. Дар бораи илм гуфта шуда:

هَلْ يَسْتَوِي الَّذِينَ يَعْلَمُونَ وَالَّذِينَ لَا يَعْلَمُونَ

(*Сураи Зумар, ояти* 9)

إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُولُو الْأَلْبَابِ

(*Сураи Раъд, ояти* 19) Оё касоне, ки доно ва олиманд, бо касоне, ки нодон ва ҷоҳиланд мусовӣ мебошанд? Фақат соҳибони хирад мутаваҷҷеҳ мебошанд, ки мусовӣ нестанд.
Дар бораи тақво ҳам гуфта шуда:

أَمْ نَجْعَلُ الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ كَالْمُفْسِدِينَ فِي الْأَرْضِ أَمْ نَجْعَلُ الْمُتَّقِينَ كَالْفُجَّارِ

(*Сураи Сод, ояти* 28) Оё онҳое, ки имон доранд ва амали солеҳ кардаанд, онҳоро монанди фасодангезҳо қарор медиҳем?! Ва оё муттақиён ва фосиқонро монанди якдигар қарор медиҳем?!
Ва ё фармуда:

إِنَّ أَكْرَمَكُمْ عِنْدَ اللَّهِ أَتْقَاكُمْ

(*Сураи Ҳуҷурот, ояти* 13)
Дар ҳамаи ин маворид сиғаҳо музаккар аст. Гуфта нашудааст:

أم نجعل المتقين والمتقيات

— ва ҳамчунин гуфта нашуда:

إن أكرمكن عند الله أتقيكن

Оё дар ин маворид ба истиноди ин ки сиға ва лафз, музаккар аст, метавон иддаъо кард, ки он чи дар бораи тақво гуфта шуда, ихтисос дорад ба мардон ва шомили занон нест?!
Ислом илмро нур медонад ва ҷаҳлро зулмат, илмро биноӣ медонад ва ҷаҳлро кӯрӣ:

قُلْ هَلْ يَسْتَوِي الْأَعْمَىٰ وَالْبَصِيرُ أَمْ هَلْ تَسْتَوِي الظُّلُمَاتُ وَالنُّورُ

(*Сураи Раъд, ояти* 16) Он вақт мегӯяд:

طلب العلم فريضة على كل مسلم

Ҳамин илм, ки нур ва биноӣ аст, бар ҳар мусалмоне фарз аст. Оё метавон қоил шуд, ки аз назари ислом фақат бар мардон фарз аст, ки аз зулмат хориҷ шаванд ва ба фазои равшан биёянд, аммо занон ҳамчунон дар зулмат бимонанд?! Фақат бар мардон фарз аст, ки аз ин кӯрӣ берун раванд ва аммо занон ҳамчунон дар кӯрӣ боқӣ бимонанд?! Албатта на.

Дар зайли ояти карима мефармояд:

إِنَّمَا يَتَذَكَّرُ أُولُو الْأَلْبَابِ

Соҳибони хирад худашон мутаваҷҷеҳи ин масоил мешаванд. Дар ҳақиқат мехоҳад бифармояд, ин як матлабт возеҳе аст ва ҳама кас мефаҳмад онро. Дар ояти дигар роҷеъ ба Пайғамбар мефармояд:

يَتْلُو عَلَيْهِمْ آيَاتِهِ وَيُزَكِّيهِمْ وَيُعَلِّمُهُمُ الْكِتَابَ وَالْحِكْمَةَ

(*Сураи Ҷумъа, ояти 2*) Яъне Пайғамбар омадааст, ки оёти Қуръонро бар мардум бихонад ва руҳи онҳоро тазкия кунад ва ба онҳо китоб ва ҳикмат таълим кунад. Дар ин оят тақво ва таълим бо ҳам зикр шуда ва ҳама ҳам ба сиғаи музаккар омада. Агар мешавад –

وَيُزَكِّيهِمْ

— ро махсуси мардон қарор дод,

وَيُعَلِّمُهُم

— ро ҳам мешавад махсуси мардон кард.

## Гуноҳкор кист?

Ин ҷо фавран як идда хоҳанд гуфт: эй оқо! Шумо мегӯед духтарҳои мардум ба ҳамин мадрасаҳо бираванд ва дар ихтиёри ҳамин фарҳанг қарор бигиранд?

Ба инҳо бояд гуфт: агар дар мадорис ва фарҳанг ҳам айб ҳаст, боз тақсири мардум аст, ки ба ислоҳ ҳиммат накарданд. Ислом, ки илмро фариза карда ва муқаддамоти ислоҳи корро ҳам лозим шумурда, на ин ки мо дар хона биншинем ва ҳар вақт фарҳанге дуруст шуд ва он фарҳанг, мадориси сад дар сад солеҳе барои писарону духтарони мо ба вуҷуд овард, он вақт мо баччаҳои худро бифиристем. Ва агар фарҳанг дар ин кор кӯтоҳӣ кард, он вақт мо ҳанҷараҳои худро пур кунем ва забони интиқод боз кунем ва бигӯем, фарҳанг чунин аст, фарҳанг чунон аст. Мо вазифа дорем мадориси хуб ва фарҳанги хуб эҷод кунем. Асосан касе, ки дар ҳамаи умр кӯчактарин қадаме барои фарҳанг барнадошта ва дар таъсиси ҳеч муассисаи фарҳангӣ ширкат надошта ва кӯчактарин қадаме барои

анҷоми ин фаризаи динӣ ба номи фаризаи илм барнадошта, ҳақ надорад биншинад ва интиқод кунад. Айбҳои фарҳанг аз он ҷо пайдо шуда, ки ҳамин интиқодкунандагони мӯҳтарам фаризаи мазҳабии худро дар мавриди он анҷом надодаанд.

Албатта як матлаб ҳаст, ки ҳатман бояд тазаккур дода шавад. Он ин ки вақте, ки бино шавад риштаҳои тахассусии илмӣ тақсим шавад, албатта занон бояд раштаҳоеро бихонанд, ки бо завқ ва истеъдоди худи онҳо ва эҳтиёҷоти ҷомеа вифқ медиҳад. Оё метавон гуфт, ҷомеа ба пизишки зан ва ҷарроҳи зан ва қобилаи зан эҳтиёҷ надорад?! Барои кадом хонавода аст, ки ҳатто дар бемориҳои махсуси занонагӣ эҳтиёҷ пайдо нашуда бошад.

Чизи аҷибе аст, ки як идда ашхос он ҷо, ки пойи таълимоти занон ба миён меояд, сахт мухолифат мекунанд ва аммо ҳаминки пойи эҳтиёҷ ба миён меояд, занон ва духтарони худро барои муолиҷа дар ихтиёри мардон ва ҳатто дар ихтиёри мардуми кофир қарор медиҳанд.

## Ҷиҳоди муқаддас

Ҳоло вақти он аст, ки аз баёноти гузаштаи худам истинтоҷ кунам. Натиҷаи ҳамаи ин ҳарфҳо ин аст, ки авҷаби воҷибот дар асри ҳозир ширкат дар таълимоти умумӣ аст. Ин воҷиб танҳо вазифаи фарҳанг ва фарҳангиён нест, вазифаи ҳар касе аст, ки мусалмон аст ва иддаъои мусалмонӣ дорад, хоҳ аз давлат бошад, хоҳ аз миллат, бояд ба сурати як ҷиҳоди муқаддас дарояд ва ба фармони дин бошад ва ранги динӣ дошта бошад.

Пас уламои руҳонӣ бояд ин ифтихорро бибаранд ва пешқадам бошанд. Мӯъминин ва муқаддасин набояд аз илму мадраса битарсанд ва ваҳшат кунанд ва хаёл кунанд, ки агар илм омад, дин меравад. Ин, суизанн ба ислом аст. Исломончунон дине аст, ки дар муҳити илм беҳтар аз муҳити ҷаҳл рушд мекунад. Мо агар медонистем, ки ҷаҳлу ҷаҳолат чӣ бар сари мо оварда ва чӣ бар сари ислом оварда, аз ҷаҳолат ва нодонӣ ва бесаводӣ ваҳшат мекардем, на аз илму мадраса.

## Чу илм омӯхтӣ…

Гоҳе дида мешавад, баъзе ашхос барои он ки ваҳшати худашонро аз илм пинҳон кунанд, ба шеъри Саноӣ мутавассил мешаванд, ки мегӯяд:

*Чу илм омӯхтӣ аз ҳирс онгаҳ тарс, к-андар шаб*

*Чу дузде бо чароғ ояд гузидатар барад коло.*

Ва он вақт мегӯянд, бибин ин таҳсилкардаҳо алъон зарарашон барои мамлакат сад дараҷа аз бесаводҳо бештар аст. Бесаводҳо офтобадузд ҳастанд, аммо инҳо рақамҳое чанд миллионӣ дуздӣ мекунанд.

Шакке нест, ки илм ба танҳоӣ зомини саодати ҷомеа нест. Ҷомеа дину имон лозим дорад, ҳамон тавре, ки имон ҳам агар мақрун ба илм набошад муфид нест, балки вабол аст.

### قطع ظهري اثنان عالم متهتك وجاهل متنسك

(*"Биҳорул-анвор", ҷ.2 с.111*) ("*Ду кас камари маро шикастанд: олими бепарво ва ҷоҳили парҳезкор.*") Ислом на олими бедин мехоҳад, на ҷоҳили диндор.

Аммо ин ҳам, ки мо мегӯем: "*Чу дузде бо чароғ ояд гузидатар барад коло*" ва ба мавриди таҳсилкардаҳои беимон татбиқ мекунем ва натиҷа мегирем, ки пас хатари илм аз хатари ҷаҳл бештар аст, як навъ муғолата аст. Зеро дузде, ки бо чароғ меояд ва колои гузидаро мебарад, дар шаб меояд, на дар рӯз. Шабҳангом ҳам вақте меояд, ки соҳибони хона хоб бошанд. Аммо рӯзи равшан ҳаргиз наметавонад дастбурд бизанад. Ё агар аҳли хона бедор бошанд, наметавонад дастбурд бизанад. Таҳсилкардаҳои беимон ҳам аз ҷаҳолат ва бехабарӣ ва хоболудагии дигарон истифода мекунанд.

Пас ҷаҳли умумӣ дар ин дуздиҳо дахолат дорад. Шумо кишвари худро бо нури илм равшан кунед ва ҳамаи хонаҳоро мисли рӯз кунед, ҳамаи мардумро бедор ва ҳушёр ва бохабар бигардонед, ҳама ҷоро мисли рӯз равшан бикунед, ба илова дар таҳкими пояҳои имон бикӯшед, дигар аз он дузд ҳам дуздӣ сохта нест. Дар ин дуздиҳо чанд чиз даст ба дасти ҳам дода: илми дузд, беимонии ӯ ва ҷаҳли оммаи мардум. Пас дар ин ҷо ҳам ҷаҳолат шарики ҷирм аст.

Ба ҳар ҳол, агар мо мехоҳем дини саҳеҳ дошта бошем, агар мехоҳем аз фақр раҳоӣ ёбем, агар мехоҳем аз мараз наҷот пайдо кунем, агар мехоҳем адолат дар миёни мо ҳукмфармо бошад, агар мехоҳем озодӣ ва демукросӣ дошта бошем, агар мехоҳем ҷомеаи мо бар хилофи ҳоли ҳозир ба умури иҷтимоӣ алоқаманд бошад, мунҳасиран роҳаш илм аст ва илм, он ҳам илме, ки умумият дошта бошад ва аз роҳи дин ба сурати як ҷиҳоди муқаддас дарояд.

Агар мо ин ҷиҳоди муқаддасро шурӯъ накунем, дунё хоҳад кард ва самараашро ҳам худи онҳо хоҳанд бурд, яъне дигарон хоҳанд омад ва миллати моро аз гирдоби ҷаҳолат наҷот хоҳанд дод ва Худо медонад, ки он вақт ин кӯтоҳии мо чӣ латмаи бузурге ба пайкари ислом ворид хоҳад кард.

# Муборизаи инсон бо ҷаҳл

Ҳамин рӯзҳо китоберо мехондам ба номи ”Муборизаи инсон бо ҷаҳл”. Ин китоб аз нашриёти Муассисаи Юнеско аст. Муассисаи Юнеско як муассисаи фарҳангии вобаста ба Созмони Милали Муттаҳид аст. Дар ин китоб фаъолиятҳои ин муассисаро барои таълим ва босавод кардани кишварҳои ақибафтода зикр кардааст. Ҳарчанд аз назаре ҷойи масаррат аст, ки одамӣ мебинад билохира васоиле фароҳам шуда, ки таълимот дар миёни мусалмонон умумият пайдо мекунад ва тадриҷан бесаводӣ мехоҳад аз миёни мусалмонон рахт барбандад, аммо аз назари дигар мӯҷиби таассуф аст, ки мо мусалмонҳо онқадр дар вазоифи худамон кӯтоҳӣ кунем, ки баъд дигарон аз моварои дарёҳо ва укёнусҳо биёянд ва заҳматҳо бикашанд ва мароратҳо мутаҳаммил шаванд ва пулҳо харҷ кунанд, то ин вазифаро анҷом диҳанд, на танҳо ба таълимоти умуми бипардозанд, балки созмонҳои дигари беҳдоштӣ ва таъовунӣ эҷод кунанд ва ба кӯмаки мардум биштобанд, бо бемориҳои онҳо мубориза кунанд, ботлоқҳоро пур кунанд, молориёро решакан кунанд, шахр ва ободиҳои онҳоро ислоҳ кунанд.

Ба нуқтаҳое аз нуқоти дурдасти баъзе кишварҳои исломӣ монанди Покистон ва Афғонистон рафта ва дар он ҷо умрон ва ободӣ кардаанд ва ба таълим ва беҳдошти мардум хидмат кардаанд, ки аҳаде аз мо дар он ҷо по нагузошта ва ё агар рафта, барои ахзи вуҷуҳот будааст.

Мутобиқи оморе, ки он китоб медиҳад, баъзе аз кишварҳои исломӣ то чанд сол пеш дар ҳудуди 96 дар садашон бесавод буданд ва тадриҷан беҳтар мешавад ва ба 80 дарсад расидааст. Дар ду соли пеш намояндагони Юнеско дар кишварҳои осиёӣ, конфронсе дар Карочӣ ташкил додаанд ва дар он ҷо тарҳе 20-сола барои босавод кардани кишварҳои осиёӣ таҳия кардаанд; тарҳе, ки аз рӯйи диққат ва бо омори саҳеҳ ва муназзам ва дар назар гирифтани ҳама имконот танзим шудааст. Шавқу рағбате дар умум эҷод кардаанд. Навишта буд, дар килосҳои мубориза бо бесаводии Афғонистон гоҳе марде дида мешавад бо риши анбӯҳ, ки то рӯйи синааш омада, дар канори фарзандон ва наваҳои худ машғули фаро гирифтан ва босавод шудан аст.

Ман намедонам, ният ва ғарази онҳо аз ин корҳо чист? Шояд дар пушти парда як манзури истеъморӣ ҳам дар кор бошад. Вой ба ҳоли мо мардум агар истеъмор бо чунин найрангҳо вориди кор шуда бошад, ки кори мо сохтааст.

Ин ки мегӯям, намедонам ният ва ғарази онҳо чист, воқеан намедонам ва албатта намехоҳам бо изҳори бадбинӣ тибқи маъмул пардаи сиёҳе рӯйи тақсиркориҳои худамон бикашам. Мо мардум одат кардаем, ки бо ҳамл ба фасод кардани корҳои дигарон, парда

бар рӯйи кӯтоҳиҳо ва тақсирҳои худ бикашем. Дар ҳамон китоб навишта буд, ки дар яке аз кишварҳои офриқоӣ яке аз миллион мутаассиб гуфта буд, ки шумо урупоиҳо ҳоло, ки эҳсос кардаед, ки қудрати истеъмор заъиф шуда ва нерӯи сиёсии шумо дар ҳоли аз байн рафтан аст, мехоҳед чеҳраи худро ба зери пардаи некӯкорӣ ва хидмат ба халқи Худо пинҳон кунед.

Нияти онҳо дар ин кор ҳар чи ҳаст, барои мо таъсир надорад. Он чи барои мо асар дорад ин аст, ки бифаҳмем агар инҳо дар роҳе, ки пеш гирифтаанд муваффақ шаванд ва то 20 соли дигар кишварҳои исломиро таълим бидиҳанд ва босавод кунанд ва онҳоро аз ҷаҳлу фақр ва беморӣ наҷот диҳанд, чӣ асаре дар руҳияи насли оянда нисбат ба ислом ва мусалмонӣ пайдо хоҳад шуд? Оё наслҳои оянда нахоҳанд гуфт, мо 14 қарн мусалмон ва пайрави дини Муҳаммад (с) будем ва ғарқ дар ҷаҳолат ва бадбахтӣ зиндагӣ мекардем, то билохира пайравони Масеҳ аз он сӯйи ҷаҳон даст дароз карданд ва моро наҷот доданд?! Он вақт чӣ обрӯе барои ислом боқӣ мемонад? Ҷавоби Пайғамбарро чӣ бидиҳем агар бифармояд, оё ба дастури ман, ки гуфтам:

طلب العلم فريضة على كل مسلم

— амал кардед?! Як қоидаи табиӣ ва таквинӣ ва равонӣ аст, ки:

الإنسان رهين الإحسان

Яъне инсон дар гарави некӣ қарор мегирад. Пайғамбар ҳам фармуд:

من أحيى أرضا مواتا فهو له

Ҳар кас замини мурдаро эҳё кунад, моли худаш аст.

Ҳарчанд ин қоида як қонуни ташреъӣ аст ва марбут ба замин аст, аммо дар мавриди таквиниёт ҳам содиқ аст. Ҳар гурӯҳе, ки биёянд миллатеро эҳё кунанд, онҳоро аз ҷаҳлу фақру бадбахтӣ наҷот диҳанд, молики дилҳо ва руҳҳо ва ақидаҳои он мардум хоҳанд шуд.

Пас бо ин вазъе, ки пеш омада мо бояд дар камоли вузуҳ ин хатарро пешбинӣ кунем, ки дар оянда молики наслҳое, ки баъдан хоҳанд омад нахоҳем буд. Мумкин аст касе бигӯяд, ҳаргиз мусалмон ба масеҳият раҷъат нахоҳад кард, хусусан агар мардум олим ҳам бишаванд ҳаргиз аз тавҳид ба таслис нахоҳанд гаройид.

Арз мекунам, шояд ҳамин тавр бошад, вале қадри мусаллам ин аст, ки агар ба масеҳият гароиш пайдо накунанд, ба ислом ҳам дигар алоқае нахоҳанд дошт. Шояд самараи ин корҳо ба ҷайби коммунистҳо биравад. Агар дар кишварҳои исломӣ ба мӯҷибе аз мӯҷибот, алоқаи динӣ дар ҷавонон аз байн биравад, самарааш оиди коммунизм аст. Пас

бо ин хатар бояд мубориза кард. Роҳи мубориза бо ин хатар чист? Оё роҳаш ин аст, ки тибқи маъмул ҷору ҷанҷол роҳ биандозем, ки хайр, Юнеско ҳақ надорад мусалмонҳоро таълим диҳад ва дар ин роҳ заҳмат бикашад ва пул харҷ кунад, соири созмонҳои хайрияи ҷаҳонӣ ҳақ надоранд бо пашшаҳои молориё ва соири бемориҳои кишварҳои исломӣ мубориза кунанд, ба онҳо чӣ марбут, магар онҳо фузулбошӣ ҳастанд.

Шумо худатон фикр кунед, оё ҳамчу сухане саҳеҳ аст? Оё дунё аз мо мепазирад? Оё худи миллатҳои мусалмон ин ҳарфро аз мо мепазиранд? Ё роҳаш ин аст, ки домани ҳиммат ба камар бизанем ва як ҷиҳоди муқаддас оғоз кунем ва ин фаризаро ба дасти худамон амалӣ кунем.

Албатта возеҳ аст, ки роҳи дуввум саҳеҳ аст.

Боз дар ҳамон китоб навишта буд, ки дар Индонезия, ки яке аз кишварҳои исломӣ аст ва бузургтарин кишвари исломӣ аст, таълимоти умумӣ ба сурати як "ҷиҳоди муқаддас" даромада ва мардум монанди як фаризаи мазҳабӣ онро амал мекунанд. Дар он ҷо ҳар кас, ки "чизе медонад" аз ҳар синфе ва дорои ҳар шуғле, ки ҳаст, фаризаи зиммаи худ медонад, ки дар мадорис биравад ва таълим диҳад, зеро муаллимини расмии фарҳанг кофӣ нестанд барои ҳамаи мадорис.

Ин ҳамон дастури ислом аст, ки таълимро бар ҳама кас воҷиб карда. Он дастур шакли иҷроии имрӯзияш ҳамин аст, ки ба нақли он китоб дар Индонезия амал мешавад.

## Мусобиқа дар хидмат ва хайр

Дар яке аз оёти сураи Моида баъд аз он ки зикре аз Қуръон ва зикре аз китобҳои осмонии гузашта ба миён меояд ва ишорае пероmуни адёни гузашта мешавад, мефармояд:

لِكُلٍّ جَعَلْنَا مِنْكُمْ شِرْعَةً وَمِنْهَاجًا ۚ وَلَوْ شَاءَ اللَّهُ لَجَعَلَكُمْ أُمَّةً وَاحِدَةً وَلَٰكِنْ لِيَبْلُوَكُمْ فِي مَا آتَاكُمْ ۖ فَاسْتَبِقُوا الْخَيْرَاتِ

(*Сураи Моида, ояти 48*) Яъне барои ҳар кадом аз умматҳо роҳу тариқае қарор додем ва агар Худованд мехост, ҳамаро як уммат ва як миллат қарор медод, вале як уммат ва миллат қарор надод, то шуморо бо он чи дар ихтиёри шумо қарор дода, дар бӯтаи озмоиш бигузорад, ки ҳунари худро намоиш диҳед. Пас дар корҳои хайр ва нек мусобиқа бидиҳед ва гӯйи сибқатро бибаред.

Мисли ин аст, ки ин оят монанди баъзе дигар аз оёти Қуръон барои ихтилофи миллатҳо ҳикмат ва маслиҳате қоил аст ва шояд аз ин оят истифода бишавад, ки як ҳикмат ва маслиҳат ин аст, ки миллатҳои мухталиф нисбат ба корҳои неки илмӣ ва амалӣ дар ҷоддаи мусобиқа биафтанд ва ба ин васила дар бӯтаи озмоиш ва ҳунарнамоӣ қарор

гиранд, то он миллате, ки шоиста аст, гӯйи сибқатро бибарад. Он вақт ба мусалмонон мегӯяд, кӯшиш кунед, ки гомҳои баланд бардоред ва мусобиқаи хайрро бибаред.
Пас роҳи мубориза бо хатар ин нест, ки бихоҳем монеъи кори ЮНЕСКО бишавем. Роҳи мубориза бо хатар ин аст, ки ибтикори ин корро худамон дар даст бигирем ва ин медали ифтихорро ба синаи худ бачаспонем. Ва боз такрор мекунам, то ба сурати як ҷиҳоди муқаддас дарнаёяд ва уламои руҳонӣ пешқадам нашаванд ва ин корро муқаддам бар ҳамаи корҳо ва аз ҳамаи онҳо воҷибтар нашуморанд, фоидае нахоҳад дошт.
Дар се чаҳор рӯз пеш иттифоқан тарҳеро, ки муассисаи ЮНЕСКО дар Эрон ба мӯҷиби ҳамон тасмиме, ки дар конфронси Карочӣ дар ду сол пеш гирифта шуда барои Эрон таҳия карда ва ба Вазорати фарҳанг таслим карда ва Вазорати фарҳанг ҳам дар ҳудуди сад нусха ё бештар барои иддае аз фарҳангиёни хибра ва бобасират фиристода, ки назари худашонро дар бораи он иброз намоянд, ман ин тарҳро дар дасти яке аз руфақо дидам. Тарҳи ҷомеъе аст, ки бо риояти шароит ва муқатазаёти Эрон танзим шуда. Ҷиҳоти кор аз рӯйи омор ва муҳосибаҳои дақиқ дар назар гирифта шуда. Пешбинӣ шуда, ки то 20 соли дигар, ки охирин мӯҳлати босаводии умум аст, ҷамъияти Эрон чӣ қадр афзоиш хоҳад ёфт, нисбати донишомӯзон ба маҷмӯъи ҷамъияти Эрон чӣ нисбат аст, агар бихоҳанд ҳамаи кӯдакони Эрон дар ин муддат ба мадраса бираванд, чӣ қадр мадраса бояд изофа шавад, чӣ қадр лавозими кор лозим аст, чӣ қадр муаллими изофӣ бояд дар назар гирифта шавад, чӣ қадр донишсаро барои тарбияти муаллим лозим аст, чӣ қадр корманди ғайримуаллим аз бозрас ва ғайра лозим аст, ҳама инҳоро ҳисоб кардаанд. Пешбинӣ шуда дар ин муддат дар ҳудуди 150 ҳазор муаллим, изофа бар он чи алъон Вазорат фарҳанг дорад, бо дар назар гирифтани фавтҳо ва истеъфоҳое, ки эҳтимолан пеш хоҳад омад зарурат дорад. Маҷмӯъи махориҷе, ки дар назар гирифта шуда барои ҳамаи қисматҳо аз таҳияи лавозими кор, сохтмони мадорис ва донишсароҳо ва ҳуқуқи муаллимин ва ғайри инҳо дар ҳудуди 20 миллиард тумон аст. Албатта махориҷи хеле зиёд аст, вале онҳо мардуме ҳастанд, ки ба истилоҳ газнакарда пора намекунанд, тасмим гирифтаанд ин корро бикунанд ва хоҳанд кард.
Вале агар мо ба сурати як ҷиҳоди муқаддас ва динӣ ин корро шурӯъ бикунем, бо даҳҳо баробар камтар аз инҳо метавонем ин корро амалӣ кунем. Дину имон дар бисёре аз маворид ҷойи қудрати пулро мегирад.
Ин иқдомот ҳама барои мадориси ибтидоӣ аст, ки асоси кор аст. Ҳамин ки мусалмонон аз ин вазифа фориғ шуданд, он вақт навбати таълимоти мутавассита ва таълимоти олия ва берун додани мутахассисин ва мутафаккирини дараҷаи аввали ҷаҳонӣ аст.

Сухан ба дарозо кашид. Метавонистам дар ҳамаи ин муддат ҳамааш бигӯям ислом дар бораи илм чунину чунон гуфта, барои ислом ба истилоҳ таблиғ ва "пропаганда" кунам, аммо ҳамон тавре, ки дар матлаъи сухан гуфтам, ба ин гуна таблиғот ва пропагандаҳо мӯътақид нестам ва мӯътақидам асаре надорад, тарҷеҳ медиҳам, ки ба ҷойи ин ҷур таблиғот, авзоъи худамонро дар асри ҳозир ва вазифае, ки феълан дорем зикр кунам. Ҳар вақт муҷиддона даст ба кор шудем ва дар ин ҷиҳоди муқаддас ширкат кардем ва ҷилав рафтем, он вақт метавонем бо камоли сари баланд бигӯем, ислом аст, ки мефармояд:

طلب العلم فريضة على كل مسلم

Баъд аз итмоми ин суханронӣ, ки дар 29/10/40 (20 қабл аз инқилоб) эрод шуд, пас аз чанд дақиқа яке аз шунавандагони мӯҳтарам, ки ман ӯро нашинохтам, барги коғазе ба дастам дод, ки ба унвони интиқод бар ин суханронӣ навишта буд ба ин шарҳ:

"*Баҳси илму ҷаҳл аз назари ислом бисёр куллӣ аст. Вуҷуби як ҷиҳоди куллӣ ва муқаддас, ки аз мадориси ибтидоӣ бояд шурӯъ шавад баён шуд, вале соддатарин роҳи амали он зикр нашуд. Ин баҳсҳо натиҷааш ин аст, ки ҳамаи мо афсӯс мехӯрем, ки чаро чунин коре намешавад? Худи мо ҳам қабул дорем, ки бояд фикр кунем, вале мутаассифона фақат тазаккур аст ва одат ба афсӯс хӯрдан ва рад шудан. Ин ки "дар суханронӣ" зикр шуд, ки ҷиҳоде ба василаи афроди мухталиф (ЮНЕСКО) шурӯъ шуда, ин амри табиӣ аст. Чӣ мо бихоҳем ва чӣ нахоҳем ва чӣ таблиғ бишавад ва чӣ нашавад, хоҳад шуд. Он чи мусаллам аст ин аст, ки агар пайғамбарон ҳам намеомаданд, шояд худи башар тамоми чизҳоеро, ки онҳо гуфтаанд, мефаҳмид ва ҳатто шояд Худошинос низ мешуд, вале дин омад барои тасреъи ҳар чи бештари ин сайри такомулӣ. Вазифаи мо ҳам ин аст, ки аз ин сурат батиъ (суст), онро дароварем. Бинобар ин як ташкилот ва як роҳи амалӣ ва иҷроии саҳеҳ бо масири муайян лозим аст шабеҳи корҳои Сайидҷамоли Асадободӣ.*"

Ман бо ташаккур аз ин мунтақиди мӯҳтарам ва тасдиқ ва эътироф ба лузуми он чи тазаккур дода шуда, ин нуктаро ночорам тазаккур диҳам, ки дар масоили динӣ он чизе, ки дар дараҷаи аввали аҳаммият қарор дорад, имони омма аст ба ин ки инчунин фаризаи динӣ ҳаст ва бар онҳо лозим аст, ки монанди соири фароиз ба иқомаи он ҳиммат гуморанд.

Мо дар соири фароизи динӣ, ки ин эътиқод дар оммаи мардум пайдо шуда, мебинем, ки чӣ гуна бо мунтаҳои ихлос дар роҳи онҳо муҷоҳидатҳо мешавад, пулҳо барояш харҷ мешавад, ранҷҳо ва заҳматҳо барояш таҳаммул мешавад. То ҳудуди ним қарн пеш ҳамин амали ҳаҷ, дар асари набудани васоил ва набудани амният, дуруст як ҷиҳод ба шумор мерафт, ҳоҷӣ умеди баргаштани зиёде надошт ва дар айни ҳол камтар касе пайдо мешуд,

ки ин фаризаро тарк кунад. Мо худамон дар миёни деҳотиҳо афроди зиёдеро дидем, ки дар гармои шадиди тобистон рӯза мегирифтанд ва дар ҳамон ҳол ба дарав мерафтанд ва бисёр иттифоқ меафтод, ки аз шиддати ташнагӣ ва гармо беҳол ва балки беҳуш меафтоданд ва боз фардо бо камоли ризоят ва кушодарӯӣ рӯза мегирифтанд. Мо дар таърихи ислом ҷуз дар садри аввал надидем, ки оммаи мардум дар роҳи илм ин гуна муҷоҳидатҳо ба харҷ диҳанд ва агар касе ин гуна муҷоҳидатҳо кардааст, баъд аз он буда, ки дар ҷоддаи илм афтода ва лаззати илмро чашида бошад. Ҳоло фикр кунед, агар мардум ин амри лазиз ва латифро ба унвони як фаризаи динӣ бишуморанд ва ҷумлаи:

طلب العلم فريضة على كل مسلم

— аз сурати зинати тоблуҳои мадорис ва ба сурати ҷиддӣ як таклифи шаръӣ дарояд, чӣ неҳзат ва ҳаракате ба вуҷуд хоҳад омад ва худ ба худ роҳҳои иҷрои он ҳам дуруст хоҳад шуд. Ақабаи бузург ҳамин аст, ки мардум мутаваҷҷеҳи ин таклифи шаръии умумӣ бишаванд ва онро дар радифи соири фароиз бишуморанд.

## Раҳбарии насли ҷавон

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

ادْعُ إِلَىٰ سَبِيلِ رَبِّكَ بِالْحِكْمَةِ وَالْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ ۖ وَجَادِلْهُمْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ ۚ إِنَّ رَبَّكَ هُوَ أَعْلَمُ بِمَنْ ضَلَّ عَنْ سَبِيلِهِ ۖ وَهُوَ أَعْلَمُ بِالْمُهْتَدِينَ

(*Сураи Наҳл, ояти 125*) (“*Бихон ба роҳи парвардигорат бо ҳикмат (далоили ақлӣ ва қобили пазириш) ва панди некӯ ва бо беҳтарин равиш бо онҳо муҷодила кун, ки парвардигорат ба он ки аз роҳаш гумроҳ шуда донотар аст ва ба роҳёфтагон низ донотар аст.*”)

Масъалае, ки имшаб таҳти унвони “Раҳбарии насли ҷавон” матраҳ аст, дар ҳақиқат як масъулияти умумӣ аст, ки мутаваҷҷеҳи умуми мусалмонон аст ва билахасс мутаваҷҷеҳи табақае аст, ки симати расмии раҳбарии динии иҷтимоъро доранд. Ин аслро ҳама медонем, ки дар диёнати муқаддасаи ислом масъулиятҳо муштарак аст, яъне афрод масъули якдигаранд ва дар масъулиятҳои якдигар шариканд:

كلكم راع وكلكم مسؤول عن رعيته

(*Ҷомеъус-сағир, с.95*), балки наслҳо масъули якдигаранд. Ҳар насл масъули насли баъдӣ аст, ки ин дин ва ин ҳидояте, ки аз наслҳои гузашта даст ба даст ба онҳо расидааст онро ҳифз кунанд ва ба наслҳои баъдӣ бирасонанд, яъне наслҳои баъдиро омода кунанд барои пазируфтан ва истифода аз он. Бинобар ин баҳс дар раҳбарии насли ҷавон баҳсе аст аз як вазифа ва масъулият, ки мутаваҷҷеҳи ҳама аст.

Чизе, ки ин баҳсро ба сурати як маҷҳул ва як масъала дармеоварад, ки бояд дар атрофи он дақиқан андешид ва роҳи ҳалли он маҷҳулро пайдо кард ин аст, ки раҳбарии як фард ё як насл дар ҳамаи аҳвол ва ҳамаи шароит яксон нест, мутафовит аст, шаклҳо ва кайфиятҳои гуногун дорад, васоиле, ки ба кор бурда мешавад мутафовит аст, як нусхаи муайян надорад, ки дар бораи ҳамаи афрод ва ҳамаи наслҳо дар ҳамаи замонҳо як ҷур дода шавад. Аз ин рӯ дар ҳар замоне ва таҳти ҳар шароите бояд дақиқан андешид, ки ба чӣ наҳв бояд сурат бигирад ва чӣ нусхае бояд дода шавад.

## Ду навъ масъулият

Дар суханроние, ки ман дар ҳамин ҷо таҳти унвони ”Амр ба маъруф ва наҳй аз мункар“ эрод кардам, ба ин нукта ишора кардам ва ҳоло ҳам такрор мекунам ва мегӯям, масъулиятҳои динии мо бар ду қисм аст: баъзе масъулиятҳо масъулияти як кор аст бо як

шакл ва билхусус ва қиёфаи муайян. Ҳамаи хусусиёти кор ва аҷзоъ ва шароиташро худи ислом муайян кардааст ва гуфтааст, ки шумо ин корро дар ин қолаби муайян ва бо ин шакли хосс анҷом диҳед. Албатта ин кор барои натиҷае фарз шуда, аммо мо масъули натиҷа нестем. Инҳоро мегӯянд таъаббудиёт. Мо метавонем он навъ корҳоро масъулияти шакл ва қолаб биномем. Масалан намоз дастуре аст, ки муқаддамот ва муқориноти муайян дорад, шароит ва аҷзоъе дорад, монеъаҳо ва қитъаҳое дорад. Дастур ин аст, ки мо намозро ҳамеша бо ҳамин қолаб ва шакл анҷом диҳем. Таъаббуди маҳз аст. Албатта ин кор бо ин шакл ба хотири натиҷае аст, балки натоиҷе барояш ҳаст:

إن الصلوة تنهى عن الفحشاء والمنكر

(*Сураи Анкабут, ояти* 45) ("*Ба дурустӣ, ки намоз (инсонро) аз корҳои зишт ва нописанд бозмедорад.*") Аммо мо фақат масъули муқаддимаи ин натиҷа ҳастем, на масъули худи натиҷа. Агар он муқаддимаро ба тафри саҳеҳ ва комил, ки таъйин шуда ва дастур расида анҷом диҳем, натиҷа худ ба худ дунболаш ҳаст.

Навъи дигар аз масъулият ҳаст, ки мо онро масъулияти натиҷа меномем, яъне натиҷаро ба ӯҳдаи инсон мегузорад ва мегӯяд, ман фалон натиҷаро мехоҳам ва аммо ин ки он натиҷа бо чӣ васила ва чӣ муқаддима ва бо чӣ шароит ва дар чӣ қолабе анҷом дода шавад, бо ҳар василае, ки беҳтар аст. Як василаи собит ва якнавохт ва қобили таъйин ва андозагирӣ надорад. Дар ҳар мавриде ва дар ҳар замоне он васила фарқ мекунад.

Мисоле арз мекунам: шумо фаразан як гирифторӣ доред. Масалан яке аз касони шумо дар зиндон аст. Як вақт ҳаст, ки аз як нафар як кори муайянро дар мавриди ин гирифторӣ мехоҳед. Масалан номаеро ба ӯ медиҳед ва мегӯед, номаро сари фалон соат ба фалон шахс бирасон. Албатта ин нома ба манзури як натиҷа навишта шуда, аммо тараф фақат масъули расондани нома аст.

Як вақт ҳаст, ки аз тараф мустақиман худи натиҷаро мехоҳед ва ба муқаддима кор надоред, мегӯед, ман аз ту халосии ин зиндониро мехоҳам. Ва аммо ин ки чӣ василае ба кор бурда шавад, шумо муайян намекунед, худи ӯ бояд биравад, бибинад аз чӣ роҳ ва чӣ василае беҳтар аст иқдом кунад.

Маъмулан ин гуна масъулиятҳо дар ҷоҳое аст, ки васила якнавохт нест, мутағайир аст, дар як ҳол аз ин васила бояд истифода кард ва дар ҳоли дигар аз василаи дигар, хусусиёти замонӣ ва макони ва ғайра фарқ мекунад. Дар ин гуна маворид бояд рафт ва ҳисоб кард ва андешид ва василаи муносибро ба даст овард.

Дар ислом ҳар ду гуна масъулият вуҷуд дорад. Намозу рӯза ва соири таъаббудиёт аз навъи аввал аст, аммо ҷиҳод аз навъи дуввум аст. Дар ҷиҳод, мусалмонон муваззафанд,

ки аз ҳавзаи ислом дифоъ кунанд ва истиқлоли мусалмононро ҳифз намоянд. Аммо бо чӣ василае? Оё бо шамшер ё бо туфанг, ё бо васоили дигар? Он дигар таъйин нашуда ва асосан қобили таъйин ва андозагирӣ нест. Мусалмонон дар ҳар замоне муваззафанд беҳтарин василаро барои ин кор таҳия бибинанд:

وَأَعِدُّوا لَهُمْ مَا اسْتَطَعْتُمْ مِنْ قُوَّةٍ

(*Сураи Анфол, ояти 60*) (“*Ва дар баробари онҳо (душманон), ҳар чи метавонед, нерӯ таҳия кунед.*”), бояд бибинанд беҳтарин васила дар ҳар замоне чист?

Масъалаи ҳидоят ва раҳбарӣ, аз навъи дуввум аст. Мусалмонон масъули ҳидояти якдигаранд. Ҳар насле масъули ҳидояти насли баъдӣ аст. Билахасс касоне, ки симати расмии раҳбарӣ доранд, масъулияти бештаре доранд. Ба ҳар ҳол ин натиҷа яъне ҳидоят ёфтан, бояд ба даст ояд ва аммо василае, ки бояд аз он истифода шавад, барои ҳамеша ва ҳама ҷо таъйин нашуда ва қобили таъйин ва андозагирӣ ҳам нест.

Дар ояти карима мефармояд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا قُوا أَنْفُسَكُمْ وَأَهْلِيكُمْ نَارًا وَقُودُهَا النَّاسُ وَالْحِجَارَةُ

(*Сураи Таҳрим, ояти 6*) Яъне худатон ва хонадонатонро аз оташе, ки оташгирааш одам аст ва санг, ҳифз кунед. Худи натиҷаро мехоҳад, ба василае кор надорад.

Дар ислом барои ҳидоят ва раҳбарӣ, як шакли сад дар сад муайян тарсим нашуда, ки ҳамаи аҷзоъ ва муқаддамот ва муқоринот ва шароит ва мавонеъ дар назар гирифта шуда бошад.

Ва асосан қобили таъйин ва тарсим ва андозагирӣ нест, чун мутафовит аст.

Раҳбарии мардум мисли намоз як амри таъаббудӣ ва якнавохт нест, ё филмасал аз навъи вирд хондан нест, ки тараф як вирде ҳифз аст барои ақрабзадагӣ ва ё морзадагӣ ва ҳар ақрабзада ё морзадаро, ки биёваранд, ӯ ҳамон вирди муайянро, ки ҳифз карда мехонад.

## Нисбият ва муваққат будани василаҳо

Як чиз дар як ҷо василаи ҳидоят аст ва басо ҳаст ҳамон чиз дар ҷойи дигар василаи гумроҳӣ ва залолат бошад. Мантиқе, ки як пиразанро мӯъмин мекунад, агар дар мавриди як одами таҳсилкарда ба кор бурда шавад, ӯро гумроҳ мекунад. Як китоб дар як замон мутаносиби завқи аср ва завқи замон ва сатҳи фикри замон буда ва василаи ҳидояти мардум будааст ва ҳамон китоб дар замони дигар асбоби гумроҳӣ аст. Мо китобҳое дорем, ки дар гузашта вазифаи худро анҷом додаанд ва садҳо ва ҳазорҳо нафарро ҳидоят кардаанд, вале ҳамон китобҳо дар замони мо касеро ҳидоят намекунад, саҳл аст, асбоби

гумроҳӣ ва шакку ҳайрати мардум мебошанд, аз китобҳои залол бояд шумурда шавад, хариду фурӯши онҳо, табъу нашри онҳо холӣ аз ишкол нест.

Аҷаб! Китобе, ки ҳазорҳо, балки даҳҳо ҳазорро дар гузашта ҳидоят кардааст, ҳоло аз китобҳои залол аст? Бале, ҷуз китоби осмонӣ ва гуфтори воқеии маъсумин, ҳар китоби дигарро, ки дар назар бигирем, як рисолате дорад барои як муддати муваққат ва маҳдуд, он муддат, ки гузашт, он рисолат тамом мешавад.

Ин матлаб, ки арз кардам, як масъалаи муҳимми иҷтимоӣ аст ва ҳанӯз барои мо ба сурати як муаммо ва як маҷҳул, ки бояд онро ҳал кард, тарҳ нашудааст. Ман интизор надорам, ки дар ин ҷаласа комилан матлаб равшан шавад. Мукаррар бояд гуфта шавад, то мо бовар кунем, ки васоили ҳидоят ҳар замоне махсуси худи он замон аст. Лозим аст шавоҳиде аз матни ислом бар ин матлаб биёварам, то маълум шавад, дар осори исломӣ ба ин матлаб таваҷҷӯҳ дода шуда.

Ояте дар ибтидои суханронӣ хондам:

ادْعُ إِلَىٰ سَبِيلِ رَبِّكَ بِالْحِكْمَةِ وَالْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ ۖ وَجَادِلْهُمْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ

Ин ояти карима ба иттифоқи муфассирин, се василаи мухталиф барои даъват ва ҳидояти мардум зикр карда ва ҳар як аз ин се васила барои як мавриди махсус аст. Мефармояд: мардумро ба роҳи парвардигорат бихон. Калимаи “Рабб“ ҳар ҷо, ки зикр мешавад, иноятe аст ба маънии тарбият. Чун мақом, мақоми даъват ва тарбият аст, бо калимаи “Рабб” таъбир шуда: мардумро ба роҳи парвардигорат бихон; он роҳе, ки мардум бояд парвариш дода шаванд ва тарбият шаванд ба он роҳ. Мардумро бихон. Бо чӣ васила? Ба василаи ҳикмат. Ҳикмат яъне сухани мутқан ва муҳкам, ки қобили хадша ва ташкик нест ва ба истилоҳ мантиқийин ва ҳукамо яъне сухане, ки муқаддамоташ сад дар сад яқинӣ аст. Яъне мардумро ба роҳи парвардигорат бихон ва бо бурҳон ва ҳикмат ва илми сад дар сад холис ва ақли холис.

Муфассирин гуфтаанд, даъват кардан ба василаи ҳикмат ва бурҳон ва далели ақлӣ ва илмӣ барои як дастаи хосс аст, ки истеъдоди онро доранд.

وَالْمَوْعِظَةِ الْحَسَنَةِ

Яъне мардумро ба роҳи парвардигорат бихон ба василаи мавъизаи хуб ва панду андарзҳои дилписанд. Баъзе аз мардум истеъдоди баёни ақлӣ ва илмӣ надоранд, агар масоили илмӣ барои онҳо тарҳ шавад, гиҷ мешаванд. Роҳи ҳидояти онҳо панду андарз аст. Бо тамсил ва қисса ва ҳикоят ва ҳар чизе, ки дили ононро нарм кунад, бояд онҳоро ҳидоят кард.

Сару кори мавъиза ва андарз бо дил аст ва аммо сару кори ҳикмат ва бурҳон бо мағз ва ақл ва фикр аст. Аксарияти мардум дар марҳилаи дил ва эҳсосотанд, на дар марҳилаи мағз ва ақл ва фикр.

وَجَادِلْهُمْ بِالَّتِي هِيَ أَحْسَنُ

Агар бо касе рӯ ба рӯ шудед, ки ғаразаш кашфи ҳақиқат нест, ғаразаш ин нест, ки ҳақиқатеро бифаҳмад, омада барои муҷодила ва ҳарф задан ва эрод гирифтан, дар камин аст як калимае бишнавад, онро мустамсак қарор диҳад ва муҷодила намояд, ту ҳам бо инчунин шахсе муҷодила кун. Аммо ту ба наҳви аҳсан муҷодила кун, дар муҷодила аз роҳи ҳақ ва ҳақиқат хориҷ нашав, дар муҷодила беинсофӣ накун, ҳаққушӣ накун, дурӯғ ба кор набар ва амсоли инҳо.

Ин оят туруқи мухталифе барои ҳидоят зикр мекунад ва ҳар тариқе барои мавриди хосс аст. Пас маълум мешавад василае, ки бояд дар мақоми ҳидоят ба кор бурд, яксон ва якнавохт нест.

## Иллати ихтилофи мӯъҷизоти пайғамбарон

Як ривояти нисбатан маъруфе ҳаст, ки муайиди ин муддаъост. Ҳарчанд он ривоят дар мавриди мӯъҷизаҳои пайғамбарон аст, ки дар асрҳои мухталиф ба як гуна набудааст, аммо муддаъои моро таъйид мекунад. Ин ривоят ҷавоби суоле аст, ки Ибни Сиккит аз ҳазрати Ҳодӣ (а) ривоят кардааст.

Ибни Сиккит аз удабои маъруф аст, номаш дар китобҳои адаб зиёд бурда мешавад, муосир бо ҳазрати Ҳодӣ (Саломуллоҳи алайҳ!) аст, яъне дар замони Мутаваккил мезиста, шиъамазҳаб буд ва ба дасти Мутаваккил ҳам кушта шуд. Мегӯянд, иллати кушта шуданаш ин буд, ки муаллими Алмуътаз ва Алмуъайяд, писарони Мутаваккил буд. Мутаваккил медонист, ки Ибни Сиккит ба алавиҳо алоқаманд аст. Як рӯз ҳангоме, ки Ибни Сиккит пеши Мутаваккил буд, ду писари Мутаваккил ворид шуданд. Мутаваккил, ки аз шамшераш ба истилоҳ хун мечакид, рӯ кард ба Ибни Сиккит ва гуфт: оё писарони ман беҳтаранд ё писарони Алӣ, Ҳасан ва Ҳусайн? Ин марди олим чунон аз ин густохии Мутаваккил барошуфт, ки гуфт: Қанбар, ғуломи Алӣ дар назари ман беҳтар аст аз ин ду писар ва аз падари онҳо. Мутаваккил дастур дод, ғуломҳои туркӣ омаданд ва забони Ибни Сиккитро аз пушти гардан даровularданд. Он мард бо ин вазъ кушта шуд. Ба ҳар ҳол, ин мард аз ҳазрати Ҳодӣ (Саломуллоҳи алайҳ!) пурсид: ё ибна Расулиллоҳ! Чаро ҳазрати Мӯсо вақте мабъус шуд, оят ва васила ва мӯъҷизае, ки ба кор мебарад барои даъват ва ҳидояти мардум, аз навъи аждаҳо шудани асо ва яди байзо ва амсоли инҳо буд

ва аммо ҳазрати Исо, ки мабъус шуд, мебинем васила ва мӯъҷиза ва абзоре, ки ба кор мебарад чизи дигар аст, кӯрҳои модарзодро муолиҷа мекард, песҳоро муолиҷа мекард, мурдаро зинда мекард ва аз ин қабил ва аммо пайғамбари мо, ки мабъус шуд, мӯъҷизааш аз навъи ҳеч кадом аз инҳо нест, аз навъи баён ва калом аст, Қуръон аст?

Ҳазрат фармуд, ин ба воситаи ихтилофи асру замонҳо буд. Дар замони ҳазрати Мӯсо чизе, ки ҳукумат мекард ва бар фикрҳо ғалаба дошт ва чашмҳоро пур карда буд, сеҳру ҷодугарӣ ва ин тавр чизҳо буд. Мӯъҷизоти Мӯсо шабеҳ буд ба амалиёте, ки онҳо доштанд, бо ин тафовут, ки он чи Мӯсо дошт, мӯъҷиза буд ва ҳақиқат дошт ва он чи онҳо доштанд, сеҳру чашмбандӣ буд. Аммо замони Исо замоне буд, ки иддае табибҳо пайдо шуда буданд ва муолиҷоти ҳайратангез мекарданд. Гарданҳо ба тарафи касоне кашида мешуд, ки аз ин навъ ҳунарҳо доштанд. Худованд мӯъҷизаи Исоро аз ин синх қарор дод. Ва аммо асри хотамуланбиё асри сухан ва калом буд. Таваҷҷӯҳи мардум ба сухани олӣ буд. Бинобар ин маорифи олияи ислом ба сурати суханони олӣ ва дар либоси фасоҳат ва балоғати комил адо шуд.

Ибни Сиккит ҷавоби Имомро хеле писандид ва гуфт, ҳоло рамзи матлабро фаҳмидам. Баъд арз кард: ё ибна Расулиллоҳ! Алъон ҳуҷҷати Худо чист? Фармуд: ақл. Гуфт:

هذا والله هو الجواب

Пас маълум мешавад, иллати ихтилофоти мӯъҷизоти пайғамбарон ин буда, ки василаи ҳидояти мардум дар ҳар замоне мутафовит аст. Вагарна мумкин буд аз Одам то Хотам — агар ҳазрати Одам мӯъҷиза дошта ва агар пайғамбар буда, зеро баъзе мегӯянд, пайғамбар набуда — як навъ мӯъҷиза дошта бошанд. Аммо ин тавр набуда, ҳар пайғамбаре мӯъҷизае, ки ба кор мебурда, мутаносиб буда бо асру замони худаш.

## Равиши паёмбарона

Ҳадиси набавии маъруфе ҳаст, ки дар "Кофӣ "забт шуда ва ин рӯзҳо ба василаи баъзе дӯстон, ки китобҳои ҳадиси аҳли тасаннун дар ихтиёр доштанд, таҳқиқ кардам, маълум шуд, ки дар китобҳои ҳадиси аҳли тасаннун ҳам забт шуда. Расули Акрам мефармояд:

إنا معاشر الأنبياء أمرنا أن نكلم الناس على قدر عقولهم

(*Кофӣ, ҷ.1 с.23*) Мо, пайғамбарон маъмурем, ки бо мардум ба андоза ақлашон сухан бигӯем. Мо бо ҳар кас ҳарф мезанем, зарфияти ақл ва сатҳи фикри ӯро дар назар мегирем ва мутаносиб бо ақл ва фикри худи ӯ ҳарф мезанем. Бо он ки сатҳи фикраш болотар аст, дар сатҳи болотар ва бо он ки сатҳи фикраш пойинтар аст, дар сатҳи пойинтар гуфтугӯ мекунем. Бо одам оммӣ сухани баланди малакутӣ, ки сараш гиҷ шавад намегӯем ва ба

як ҳаким ҷавобе, ки ба як пиразан медиҳем намедиҳем. Мавлавӣ ба мазмуни ҳамин ҳадис ишора мекунад ва мегӯяд:

*Паст мегӯям ба андозаи уқул,*

*Айб набвад, ин бувад кори Расул.*

Як фарқ, ки байни равиши анбиё ва равиши фалосифа ҳаст ин аст, ки фалосифа як мантиқ ва як сатҳи муайян ҳамеша дар баён ба кор мебаранд. Онҳо як матоъ ва як ҷинс бештар дар мағозаи худ надоранд. Муштариҳои онҳо ҳам фақат як табақа ҳастанд. Ва ин аз аҷзи онҳост, зеро мақсуди худро ҷуз дар лифофаи як силсила истилоҳот наметавонанд бигӯянд. Ва ночор як табақаи муайян, ки ба забони онҳо ошно ҳастанд, ҳарфи онҳоро мефаҳманду бас. Мегӯянд, бар сари дари мадрасаи маъруфи Афлотун — ки боғе буд дар беруни шаҳри Отен (Афина) ва номи он боғ Окодемиё (*Academy*) буд ва имрӯз ҳам ба ҳамин муносибат маҷомеъи илмиро Окодемӣ (Академия) мегӯянд — шеъре навишта шуда буд, ки мазмунаш ин буд: ҳар кас ҳандаса нахонда, ба ин мадраса ворид нашавад.

Дар мактаб ва равише, ки анбиё доранд, ҳама гуна шогирд метавонад истифода кунад, ҳама ҷур матоъ дар он ҷо ҳаст; ҳам олии олӣ, ки Афлотун бояд биёяд шогирдӣ кунад ва ҳам пойини пойин, ки ба дарди як пиразан мехӯрад. Бар сари дари ҳеч мактаби пайғамбаре навишта нашуда, ки ҳар кас мехоҳад аз ин ҷо истифода кунад, бояд фалон қадр таҳсил карда бошад. Албатта ҳар чи бештар таҳсил карда бошад ва мустаъидтар бошад, бештар истифода мекунад, ҳар чи камтар мустаъид бошад, боз ба андозаи худаш метавонад баҳра бибарад, зеро:

إنا معاشر الأنبياء أمرنا أن نكلم الناس على قدر عقولهم

## Беҳтарин шогирдон

Аз ин ҷо як матлаби дигар метавон фаҳмид ва он ин аст, ки беҳтарин шогирдони фалосифа ҳамонҳо ҳастанд, ки маҳзари худи онҳоро дарк кардаанд, ба хилоф анбиё ва авлиё. Беҳтарин шогирди Афлотун ё Арастӯ ё Бӯалӣ ҳамон шогирдони биловоситаи ҳавзаи худи онҳо ҳастанд. Беҳтарин касе, ки каломи Бӯалиро фаҳмида, метавон гуфт, Баҳманёр ё Абӯубайди Ҷузҷонӣ аст. Аммо беҳтарин шогирдони Пайғамбари Акрам ё Амирулмӯъминин ё ҳазрати Содиқ чӣ тавр? Оё беҳтарин шогирдони онҳо ҳамонҳо ҳастанд, ки дар замони худ онҳо будаанд? На, ин тавр нест.

Нуктаеро худи Расули Акрам дар каломашон ишора кардаанд. Шояд маънии ҳамин каломро ҳам онҳо, ки дар он аср будаанд дуруст нафаҳмиданд. (Бигзарем аз афроди маъдуде мисли Салмон ва Абӯзар ва Миқдод, соирин намефаҳмиданд). Фармуд:

نصر الله عبدا سمع مقالتي فوعاها وبلغها من لم يبلغه

(*Амолии Муфид, маҷлиси 23, с.186*) Яъне Худованд ёрӣ кунад касеро, ки каломи маро бишнавад ва ҳифз кунад ва бирасонад ба касе, ки ба ӯ нарсидааст. Ё:

نضر الله عبدا سمع مقالتي

“Худованд хуррам кунад зиндагии он касеро, ки ин корро бикунад…” Ва баъд фармуд:

ربّ حامل فقه غير فقيه، وربّ حامل فقه الى من هو أفقه منه

(*Фурӯъи Кофӣ, ҷ.5 с.293*) Чӣ бисёр ашхос, ки фиқҳеро ҳамл мекунанд дар ҳоле, ки худашон фақеҳ нестанд ва чӣ бисёр касоне, ки фиқҳеро мунтақил мекунанд ба касоне, ки онҳо аз худашон фақеҳтаранд.

“Фиқҳ“ дар истилоҳи аввалии динӣ, яъне як ҳақиқати динӣ ва як ҳикмати динӣ, ки ниёзманд ба таъаммуқ ва тафаккур аст. Мақсуд дар ин ҷо ҳақоиқ ва калимоте аст, ки мардум аз худи он ҳазрат мешунаванд. Мефармояд, бисёр ашхос, ки ин калимот ва ин ҳақоиқро аз ман мешунаванд ва ҳифз мекунанд, худашон аҳли фаҳм ва таҷзияву таҳлили онҳо нестанд. Бисёр ашхос ин калимот ва ин ҳақоиқро барои дигарон нақл мекунанд ва он дигарон аз худи инҳо шоистатаранд барои фаҳм ва дарки он ҳақоиқ. Масалан шахсе аз Пайғамбари Акрам (с) мешунавад:

لا ضرر ولا ضرار

— аммо худи ӯ қудрат надорад бифаҳмад, ки ин ҷумла чӣ қадр расо аст. Баъд месупорад ба насли оянда. Насли баъдӣ аз ӯ беҳтар мефаҳмад. Он насл боз медиҳад ба насли баъдтар. Мумкин аст он ки дар насли бистум масалан омад, аз насли аввал ва дуввум ва севвум беҳтар бифаҳмад ва шоистагии бештаре дошта бошад.

Қуръон ҳам ҳамин тавр. Намешавад гуфт, Қуръонро мардуми гузашта беҳтар мефаҳмидаанд. Балки кор баъакс аст. Эъҷози Қуръон ба ин аст, ки ҳамеша аз тафсирҳое, ки барояш навишта шуда ҷилавтар аст, яъне дар ҳар замон Қуръонро тафсир кардаанд, дар замони баъд, ки илм ва фаҳм бештар шуда, вақте, ки Қуръонро бо он тафсир санҷидаанд, дидаанд Қуръон хеле аз он тафсир болотар ва ҷилавтар аст.

Ҷойи дигар намеравем. Ҳамин илми фиқҳро дар назар мегирем. Мусалламан асҳоби Расули Акрам ва асҳоби Амирулмӯъминин ва асҳоби ҳазрати Содиқ ҳатто амсоли Зурора ва Ҳишом ибни Ҳакам, қоъидаҳои фиқҳиро, ки аз Расули Акрам ё имомон расидааст, мисли Муҳаққиқи Ҳиллӣ ва Аллома Ҳиллӣ ва Шайх Муртазо Ансорӣ наметавонистанд бифаҳманд ва таҷзияву таҳлил кунанд.

Пас дар равишҳои фалсафи чӣ касе аз ҳама беҳтар фаҳмидааст маънии калимоти устодро? Он кас, ки аз ҳама қадимитар аст. Аммо дар мактаби анбиё ва авлиё чӣ касе аз ҳама беҳтар фаҳмида маънӣ ва мақсудро? Он кас, ки дар оянда меояд ва илм ва фаҳми бештаре дорад. Ин худ мӯъҷизаи нубувват аст.

Дар ривоятҳои боби тавҳид ворид шуда, ки Худованд чун медонист, ки дар охируззамон мардуме хоҳанд омад мутаъаммиқ ва ғавркун, бинобар ин сураи "Қул ҳуваллоҳу аҳад" ва оёти аввали сураи Ҳадидро, ки шомили олитарин ва дақиқтарин масоили тавҳидӣ аст нозил кард. Яъне мардуми он замон шоистаи ин оёт набуданд. Дар оянда бояд ашхосе биёянд, ки шоистаи ин оёт бошанд. Ин оёт хӯроки руҳии онҳост. Албатта чун ин оёт ҳадди охирро баён кардааст, агар касе аз онҳо таҷовуз бикунад, ҳалок мешавад.

Ин аст мӯъҷизаи нубувват ва мӯъҷизаи Қуръон, ки:

لا تنقضي عجائبه، ولا تفني غرائبه

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 150, бо тақдиму таъхир ду ҷумла.) ("Шигифтиҳои он аз байн намеравад ва ғароиби он тамом намешавад.*")

Ҳамаи инҳо, ки гуфтам, барои ин буд, ки вақте, ки ин масъаларо тарҳ мекунем ва мегӯем раҳбарии насли ҷавон, касе нагӯяд, эй оқо! Магар раҳбарии насли ҷавон бо раҳбарии насли куҳан фарқ мекунад?! Магар намози инҳо бо намози онҳо дутост, ки раҳбарии инҳо бо онҳо дуто бошад?! Дар қадим ҳар тавр амал мешуд, ҳоло ҳам амал бишавад. Дар қадим бобобузург ва наначуни мо дар як маҷлиси равза чӣ ҷуре нишаста ва дар ҳамонҷо Худоро шинохта ва ҳидоят шуда, насли ҷадид ҳам чашмаш кӯр шавад биравад ҳамонҷо биншинад ва ёд бигирад!

## Насли ҷавон ё андешаи ҷавон?

Инро ҳам бигӯям: вақте, ки мегӯем насли ҷавон, мақсуд ҳатман табақаи ҷавон нест, мақсуд табақае аст, ки дар асари таҳсилот ва ошноӣ бо тамаддуни ҷадид дорои тарзи тафаккури махсусе аст, хоҳ пир бошад ё ҷавон.

Аксарияти ин табақаро албатта ҷавонон ташкил медиҳанд. Бинобар ин мегӯем насли ҷавон, вагарна бисёр пирҳо ҳастанд, ки тарзи тафаккури ҷадид доранд, бисёр ҷавонҳо ҳастанд, ки тарзи тафаккурашон мисли пирҳо ва мардуми қурун гузашта аст.

Ба ҳар ҳол, мақсуд табақае аст, ки ҳомили тарзи тафаккури махсусе аст ва рӯ ба афзоиш аст ва пиру ҷавони оянда дорои ин тарзи тафаккур хоҳанд буд ва агар Худо нахоста, фикре барои ҳидоят ва раҳбарии ин насл нашавад, оянда ба куллӣ аз даст хоҳад рафт. Ин масъала як масъалаи боаҳаммияте аст дар кишвари мо. Албатта дар соири кишварҳои

исломӣ ҳам буда ва ҳаст, вале онҳо қабл аз мо ба фикр афтоданд ва ин масъаларо ба сурати ҷиддӣ тарҳ карданд. Мо ҳанӯз ин масъаларо ҷиддӣ нагирифтаем. Насли ҷавон дар назари мо сирфан яъне як насли ҳавопараст ва шаҳватпараст ва хаёл мекунем бо ин ки ба онҳо даҳанкаҷӣ бикунем ва чаҳорто маталак дар рӯйи минбар ба онҳо бигӯем ва фуҳш бидиҳем, ба хаёли худамон онҳоро ху бикунем ва мустамиъини мо биханданд, коре дуруст мешавад ва ҳаминки дод бикашем: ой писармадрасаҳом чунин ва духтармадрасаҳом чунон, қазия ҳал мешавад. Ин корҳо лолоӣ аст, барои он аст, ки шумо дар хоб бимонед ва дар фикрм чора наафтед ва як вақт бедор бишавед, ки кор аз кор гузаштааст.

## Олими замони хештан бош

Каломе дорад Имом Содиқ (а), ки бисёр каломи бузурге аст. Ҳадисе аст дар "Кофӣ ", дар зимни он ҳадис ин ҷумла аст:

العالم بزمانه لا تهجم عليه اللوابس

(*ҷ.1 с.26 ва 27*) Яъне касе, ки замони худашро бишносад ва бифаҳмад ва дарк кунад, умури муштабаҳ ва гиҷкунанда ба ӯ ҳуҷум намеоварад.

Калимаи "ҳуҷум"-ро мо дар урфи форсии худ дар мавриди ҳар ҳамлаи шадид ба кор мебарем, аммо дар арабӣ ба маънии ҳамлае аст, ки ногаҳонӣ ва ғафлатан бишавад ва тарафро ғофилгир кунад. Имом мефармояд: агар касе ба вазъи замони худ ошно бошад, умури муштабаҳ ногаҳон бар сараш намерезад, ки якмартиба дасту пойи худро гум кунад ва натавонад қувваҳои худро ва фикри худашро ҷамъу ҷур кунад ва роҳи ҳалле пайдо кунад.

Бисёр каломи бузурге аст ин калом. Дар ҳамин ҳадис ҷумлаҳои зиёде ҳаст, ки ман ҳамаро ҳифз нестам. Аз он ҷумла мефармояд:

لا يفلح من لا يعقل، ولا يعقل من لا يعلم

Касе, ки таъаққул намекунад ва дуруст намеандешад, ҳаргиз растгор намешавад ва касе, ки илм надорад, таъаққули саҳеҳ надорад, яъне ақл ба илм зиёд мешавад. Ақл яъне қудрати таҷзия ва таҳлил ва рабт додани қазоё, яъне муқаддамотро ба даст овардан ва натоиҷро пешбинӣ кардан. Ақл аз илм моя мегирад. Ақл чароғе аст, ки нафти он чароғ, илм аст. Баъд мегӯяд:

وسوف ينجب من يفهم

Ва ҳар кас, ки бифаҳмад, оқибат кораш наҷобат аст, оқибат мавҷуди нафисе аз кор дармеояд. Яъне аз илм набояд тарсид, илмро набояд хатар ба шумор овард.

Мо нуқтаи муқобил ва машмули мафҳуми мухолифи

العالم بزمانه لا تهجم عليه اللوابس

— ҳастем. Аз аввал то ба охир, аз садр то ба соқа,

من الباب الى المحراب

— аз замони худ бехабарем. Ҳамин тавр нишаста ва бехабарем ва чурт мезанем, як мартиба мувоҷеҳ мешавем масалан бо ин масъала, ки заминҳо бояд тақсим шавад ва бояд ислоҳоти арзӣ бишавад. Ин масъала ғафлатан бар мо ҳуҷум меоварад, чун аз замони худамон бехабарем, қаблан пешбинӣ накарда будем ва ҳисоб накардем, ки таклиф чист ва чӣ бояд кард.

Ва ҳамчунин бехабар аз он чи дар дунё мегузарад ва бехабар аз он чи дар пушти парда аст, якмартиба бо масъалаи ҳуқуқи иҷтимоии зан мувоҷеҳ мешавем, фурсат нест фикр бикунем дар атрофи ин масъала ва қувваҳои худро ҷамъу ҷур бикунем, бифаҳмем оё ин масъала воқеан ҷиддӣ аст? Оё ростӣ ин касоне, ки мегӯянд, бояд ба зан ҳуқуқи иҷтимоӣ дода шавад, ҷиддӣ мегӯянд? Оё зимнан намехоҳанд аз ин ҷанҷолҳо як истифодаи дигаре бикунанд? Боз ҳам пушти сари ҳам аз ин умури муштабаҳ ва аз ин “лавобис “хоҳад омад ва мо бехабарем.

Аз 60 сол ва 100 сол пеш барои соири кишварҳои исломӣ ҳам ин масоил ва аз он ҷумла масъалаи ҳидояти насли ҷавон пеш омад, вале онҳо пештар аз мо ба фикри чора афтоданд.

## Чӣ бояд кард?

Муҳимтар аз ин ки тарҳе барои раҳбарии ин насл таҳия кунем ин аст, ки ин фикр дар мо қувват бигирад, ки масъалаи раҳбарӣ ва ҳидоят, аз лиҳози токтик ва кайфияти амал дар замонҳои мутафовит ва дар мавриди ашхоси мутафовит, фарқ мекунад ва мо бояд ин хаёлро аз каллаи худ берун кунем, ки насли ҷадидро бо ҳамон методи қадим раҳбарӣ кунем.

Аввалан, бояд насли ҷавонро бишносем ва бифаҳмем, дорои чӣ мушаххасот ва мумайизоте аст?

Дар бораи ин насл, ду тарзи тафаккур шойеъ аст ва маъмулан ду ҷур қазоват мешавад. Аз назари як табақа, инҳо як идда мардуме ҳастанд хом, мағрур, гирифтори ҳавову ҳавас, шаҳватпараст, дорои ҳазор айб. Ин табақа ҳамеша ба ин насл даҳанкаҷӣ мекунанд ва носазо мегӯянд. Аммо аз назари худи насли ҷавон, дуруст ба акс аст. Онҳо дар худашон айб намебинанд, худашонро муҷассамаи ҳуш, муҷассамаи фатонат, муҷассамаи ормонҳои олӣ медонанд. Насли куҳан инҳоро такфир ва тафсиқ мекунад ва инҳоро таҳмиқ ва таҷҳил. Онҳо ба инҳо мегӯянд, шумо кофиред, шумо шаҳватпарастед. Инҳо ба онҳо мегӯянд, шумо нодонед, шумо намефаҳмед.

Албатта аз назари куллӣ як насл нисбат ба насли пеш мумкин аст солеҳ бошад ва мумкин аст мунҳариф бошад.

## Намунаи ду насл

Оёте дар сураи муборакаи Аҳқоф аст, ки қабл аз суханронӣ тиловат шуд. Ба назари ман, ду тоблу аст аз ду насл: яке аз насли солеҳ ва яке аз насли мунҳариф. Намешавад гуфт, ҳамеша насли баъдӣ аз насли қаблӣ фосидтар аст ва дунё рӯ ба фасод меравад. Ва намешавад гуфт, ҳамеша насли баъдӣ аз насли қаблӣ комилтар аст ва дучори инҳитот намешавад. Оятҳо ин аст:

وَوَصَّيْنَا الْإِنْسَانَ بِوَالِدَيْهِ إِحْسَانًا ۖ حَمَلَتْهُ أُمُّهُ كُرْهًا وَوَضَعَتْهُ كُرْهًا ۖ وَحَمْلُهُ وَفِصَالُهُ ثَلَاثُونَ شَهْرًا ۚ حَتَّىٰ إِذَا بَلَغَ أَشُدَّهُ وَبَلَغَ أَرْبَعِينَ سَنَةً قَالَ رَبِّ أَوْزِعْنِي أَنْ أَشْكُرَ نِعْمَتَكَ الَّتِي أَنْعَمْتَ عَلَيَّ وَعَلَىٰ وَالِدَيَّ وَأَنْ أَعْمَلَ صَالِحًا تَرْضَاهُ وَأَصْلِحْ لِي فِي ذُرِّيَّتِي ۖ إِنِّي تُبْتُ إِلَيْكَ وَإِنِّي مِنَ الْمُسْلِمِينَ

(*Сураи Аҳқоф, ояти 15*) Мо инсонро суфориш кардем ба некӣ нисбат ба падару модар. Модараш ба сахтӣ бори ӯро кашид ва ба сахтӣ ба замин ниҳод. Муддати бордорӣ то ҷудо шудан аз ширхорагӣ маҷмӯъан 30 моҳ буд, то расид ба синни 40-солагӣ ва гуфт: Парвардигоро! Ба ман илқо кун, ки неъмати туро, ки ба ман ва падару модарам инъом кардаӣ шукргузорӣ ва қадрдонӣ кунам ва амали солеҳе, ки мӯҷиби ризо ва хушнудии ту бошад баҷо оварам. Парвардигоро! Насли маро солеҳ гардон! Ман ба сӯйи ту бозгашт мекунам ва аз касоне ҳастам, ки таслими амри ту ҳастанд.

Ин оят тарзи фикру андешаи як насли солеҳро зикр мекунад. Гуфта шуда, ки ин оят дар бораи ҳазрати Сайидушшуҳадо (а) аст. Албатта эшон мисдоқи атамми оят ҳастанд, аммо оят куллӣ аст. Дар ин оят панҷ шаш хусусият барои насли солеҳ зикр мекунад.

Яке руҳи шукргузорӣ ва қадрдонӣ нисбат ба неъматҳо ва мавҳибатҳои хилқат.

رَبِّ أَوْزِعْنِي أَنْ أَشْكُرَ نِعْمَتَكَ الَّتِي أَنْعَمْتَ عَلَيَّ وَعَلَىٰ وَالِدَيَّ

Чашм меандозад ба ин ҳама неъматҳо ва мавҳибатҳо, ки Худованд бар ӯ ва бар насли гузашта кардааст, мегӯяд: Худоё! Ба ман нерӯ бидеҳ, қувват бидеҳ, ки битавонам ҳақшиносӣ ва қадрдонӣ кунам, аз неъматҳои гузашта тибқи ризои ту истифода бикунам. Шукри ҳар неъмат ин аст, ки баҳрае, ки шоистаи он неъмат аст, аз ӯ гирифта бишавад.

Дигар ин ки аз Худованд тавфиқи амал ва кор мехоҳад. Рӯ ба кору амал оварда, он ҳам кори муфид, ки мавриди ризоят Худо аст:

وَأَنْ أَعْمَلَ صَالِحًا تَرْضَاهُ

Дигар ин ки тавачҷӯҳ дорад ба насли оянда ва салоҳ ва ислоҳи он насл. Мегӯяд:

وَأَصْلِحْ لِي فِي ذُرِّيَّتِي

Чаҳорум: ҳоли тавба ва бозгашт аз тақсирҳо ва кӯтоҳиҳое, ки дар гузашта сурат гирифта:

إِنِّي تُبْتُ إِلَيْكَ

Панҷум: ҳолати таслим ба Ҳақ ва муқаррароте, ки Худованд дар таквин ва ё ташреъ қарор додааст. Тахаллуф аз ин муқаррарот аст, ки сабаби нобудӣ ва ҳалокат аст.

وَإِنِّي مِنَ الْمُسْلِمِينَ

Дар бораи ин насл мефармояд:

أُولَٰئِكَ الَّذِينَ نَتَقَبَّلُ عَنْهُمْ أَحْسَنَ مَا عَمِلُوا وَنَتَجَاوَزُ عَنْ سَيِّئَاتِهِمْ فِي أَصْحَابِ الْجَنَّةِ ۖ وَعْدَ الصِّدْقِ الَّذِي كَانُوا يُوعَدُونَ

(*Сураи Аҳқоф, ояти* 16) Дар ин ҷо ба сурати ҷамъ зикр мекунад. Маълум аст, ки мақсуд як фарди билхусус нест. Мефармояд, ин гуна афрод ва ин гуна насл аст, ки мо аъмоли некӯи онҳоро мепазирем ва аз хатоҳои онҳо мегузарем ва аз аҳли биҳишт ҳастанд. Ваъдаи росте аст, ки ба онҳо дода мешавад.

Ояти баъд дар бораи як насли фосид ва мунҳариф аст. Мефармояд:

وَالَّذِي قَالَ لِوَالِدَيْهِ أُفٍّ لَكُمَا أَتَعِدَانِنِي أَنْ أُخْرَجَ وَقَدْ خَلَتِ الْقُرُونُ مِنْ قَبْلِي وَهُمَا يَسْتَغِيثَانِ اللَّهَ وَيْلَكَ آمِنْ إِنَّ وَعْدَ اللَّهِ حَقٌّ فَيَقُولُ مَا هَٰذَا إِلَّا أَسَاطِيرُ الْأَوَّلِينَ

(*Сураи Аҳқоф, ояти 17*) Як насли мағрур, як насли хом, як насли напухта, ду калима, ки ба гӯшаш расид, дигар ба ҳеч чиз побанд нест, Худоро банда нест. Ба падару модараш мегӯяд: уф бар шумо! Онҳоро таҳқир мекунад, ба афкор ва ақоиди онҳо механдад, мегӯяд:

أَتَعِدَانِنِي أَنْ أُخْرَجَ

Шумо ба ман ин мавҳумотро ваъда медиҳед ва мегӯед, қиёмате ҳаст, олами дигаре ҳаст, зиндагии дигаре ҳаст ва ҳол он ки наслҳое дар гузашта омаданд ва зиндагӣ карданд ва мурданд ва вафот шуданд. Падару модараш, ки мутадайинанд ва ҳозир нестанд ҳеч чиз бар хилофи дину имон бишнаванд ва аз он тараф ҳам мебинанд азизашон ин тавр ҳарф мезанад, нороҳат мешаванд мегӯянд:

وَيْلَكَ آمِنْ إِنَّ وَعْدَ اللَّهِ حَقٌّ

Вой бар ту! Инкор накун. Ваъдаи Худо ҳақ аст.

Яке аз дарднoктарин умур ин аст, ки падару модари мутадайин бибинанд фарзанди азизашон бедин шуда ва аз ӯ ридда ва иртидод ва куфр бибинанд. Дар ин вақт аст, ки фарёди истиғосаашон ба осмон баланд мешавад.

وَهُمَا يَسْتَغِيثَانِ اللَّهَ

Аммо ӯ мегӯяд:

مَا هَٰذَا إِلَّا أَسَاطِيرُ الْأَوَّلِينَ

Инҳо афсонаҳое аст, ки гузаштаҳо дуруст кардаанд.

Ин оёт мазҳари ду насли мухталиф буд: яке ҳолати як насли солеҳро баён мекунад ва яке ҳолати як насли фосидро. Ҳоло бибинем насли ҷавони мо чӣ тавр аст?

## Насли ҷавони имрӯз

Насли ҷавони мо имтиёзҳое дорад ва айбҳое. Зеро ин насл як навъ идрокот ва эҳсосоте дорад, ки дар гузашта набуд ва аз ин ҷиҳат бояд ба ӯ ҳақ дод. Дар айни ҳол як инҳирофоти фикрӣ ва ахлоқӣ дорад ва бояд онҳоро чора кард. Чора кардани ин инҳирофот бидуни дар назар гирифтани имтиёзҳо яъне идрокот ва эҳсосот ва ормонҳои олӣ, ки дорад ва бидуни эҳтиром гузоштан ба ин идрокот ва эҳсосот муяссар нест. Бояд ба ин ҷаҳот эҳтиром гузошт. Рӯдарбоистӣ надорад. Дар насли гузашта фикрҳо ин андоза боз набуд, ин эҳсосот бо ин ормонҳои олӣ набуд. Бояд ба ин ормонҳо эҳтиром гузошт. Ислом ба ин умур эҳтиром гузоштааст. Агар мо бихоҳем ба ин умур беэътино бошем, маҳол аст, ки битавонем ҷилави инҳирофҳои фикрӣ ва ахлоқии насли ояндаро бигирем. Равише, ки феълан мо дар муқобили ин насл пеш гирифтаем, ки равиши даҳонкаҷӣ ва интиқоди сирф ва мазаммат аст ва доиман фарёди мо баланд аст, ки синамо ин тавр, театр ин тавр, меҳмонхонаҳои байни Шамирон ва Теҳрон ин тавр, рақс чунин, истахр

чунон ва доиман вой-вой мекунем дуруст нест. Бояд фикри асосӣ барои ин инҳирофҳо кард.

## Дарди ин наслро бояд дарк кард

Фикри асосӣ ба ин аст, ки аввал мо дарди ин наслро бишносем, дарди ақлӣ ва фикрӣ, дарде, ки нишонаи бедорӣ аст, яъне он чизеро, ки эҳсос мекунад ва насли гузашта эҳсос намекард. Мавлавӣ мегӯяд:

*Ҳасрату зорӣ гаҳи беморӣ аст,*
*Вақти беморӣ ҳама бедорӣ аст…*
*Ҳар кӣ ӯ бедортар, пурдардтар,*
*Ҳар кӣ ӯ огоҳтар, рухзардтар.*

Дар гузашта дарҳо ба рӯйи мардум баста буд. Дарҳо, ки баста буд саҳл аст, панҷараҳо ҳам баста буд. Касе аз берун хабар надошт, дар шаҳри худ, ки буд, аз шаҳри дигар хабар надошт, дар мамлакати худ, ки буд, аз мамлакати дигар хабар надошт. Имрӯз ин дарҳо ва панҷараҳо боз шуда, дунёро мебинанд, ки рӯ ба пешрафт аст, илмҳои дунёро мебинанд, қудратҳои иқтисодии дунёро мебинанд, қудратҳои сиёсӣ ва низомии дунёро мебинанд, демукросиҳои дунёро мебинад, баробариҳоро мебинад, ҳаракатҳоро мебинад, қиёмҳо ва инқилобҳоро мебинад, ҷавон аст, эҳсосаш олӣ аст ва ҳақ ҳам дорад, мегӯяд, мо чаро бояд ақибмондатар бошем. Ба қавли шоир:

*Сухан дуруст бигӯям, наметавонам дид,*
*Ки май хӯранд ҳарифону ман назора кунам.*
(*Ҳофиз*)

Дунё ин тавр чаҳораспа ба тарафи истиқлоли сиёсӣ ва иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ва иззату шавкат ва ҳурмату озодӣ меравад ва мо ҳамин ҷур хоб бошем, ё аз дур тамошо кунем ва хамёза бикашем?! Насли қадим ин чизҳоро намефаҳмид ва дарк намекард. Насли ҷадид ҳақ дорад бигӯяд, чаро Японияи бутпараст ва Эрони мусалмон дар як сол ва як вақт ба фикр афтоданд, ки тамаддун ва санъати ҷадидро иқтибос кунанд ва Япония расид ба он ҷо, ки бо худи Ғарб рақобат мекунад ва Эрон дар ин ҳад аст, ки мебинем?!

*Мову Лайлӣ ҳамсафар будем андар роҳи ишқ,*
*Ӯ ба матлабҳо расиду мо ҳанӯз овораем.*

Оё насли ҷадид ҳақ дорад ин суолро бикунад ё на? Насли қадим сангинии бори тасаллутҳои хориҷиро рӯйи дӯши худ эҳсос намекард ва насли ҷадид эҳсос мекунад. Оё ин гуноҳ аст? Хайр, гуноҳ нест, балки худи ин эҳсос як паёми илоҳӣ аст. Агар ин эҳсос

набуд, маълум мешуд мо маҳкум ба азоб ва бадбахтӣ ҳастем. Ҳоло, ки ин эҳсос пайдо шуда, нишона ин аст, ки Худованд Таборак ва Таъоло мехоҳад моро аз ин бадбахтӣ наҷот бидиҳад.

Дар қадим сатҳи фикри мардум пойин буд, камтар дар мардум шакку тардид ва суол пайдо мешуд, ҳоло бештар пайдо мешавад. Табиӣ аст вақте, ки фикр каме боло омад, суолоте барояш тарҳ мешавад, ки қаблан матраҳ набуд. Бояд шакку тардидашро рафъ кард ва ба суолот ва эҳтиёҷоти фикрияш посух гуфт. Намешавад ба ӯ гуфт, баргард ба ҳолати авом! Балки ин худ заминаи муносибе аст барои ошно шудани мардум бо ҳақоиқ ва маорифи исломӣ. Бо як ҷоҳили бесавод, ки намешавад ҳақиқатеро ба миён гузошт. Бинобар ин дар ҳидоят ва раҳбарии насли қадим, ки сатҳи фикраш пойинтар буд, мо эҳтиёҷ доштем ба як тарзи хосси баён ва таблиғ ва як ҷур китобҳо, аммо имрӯз он тарзи баён ва он тарзи китобҳо ба дард намехӯрад, бояд ва лозим аст реформ ва ислоҳи амиқе дар ин қисматҳо ба амал ояд, бояд бо мантиқи рӯз ва забони рӯз ва афкори рӯз ошно шуд ва аз ҳамон роҳ ба ҳидоят ва раҳбарии мардум пардохт.

Насли қадим ин қадр сатҳи фикраш пойин буд, ки агар як нафар дар як маҷлис зидду нақиз ҳарф мезад, касе мутаваҷҷеҳ намешуд ва эътироз намекард, аммо имрӯз як бачча, ки то ҳудуди килоси 10 ва 12 дарс хонда, ҳаминки биравад пойи минбари як воиз, панҷ-шашто ва гоҳе даҳто эрод ба назараш мерасад. Бояд мутаваҷҷеҳи афкори ӯ буд ва намешавад гуфт, хафа шав, фузулӣ накун.

Дар қадим ин тавр набуд, як нафар дар як маҷлис ҳазор шеър ё насри зидду нақиз мехонд ва касе намефаҳмид, ки инҳо бо ҳам зидду нақиз аст. Масалан, як нафар мегуфт, ҳеч коре бидуни сабаб намешавад:

أبى الله أن يجري الأمور إلا بأسبابها

(“*Худованд ибо дорад, ки корҳоро ҷуз аз роҳи асбоб амалӣ созад.*”), ҳама мегуфтанд, дуруст аст ва агар пушти сараш мегуфт:

إذا جاء القدر عمي البصر

(“*Чун қадар ояд, дида кӯр шавад.*”) ва ин ҷумларо тавре тақрир мекард, ки асбоб, зоҳирӣ аст ва ҳақиқат надорад, боз ҳам ҳама тасдиқ мекарданд ва мегуфтанд саҳеҳ аст.

Мегӯянд, Тоҷи Нишопурӣ дар вақте, ки омада буд ба ҳамин Теҳрон, чун хушовоз буд, хеле пойи минбараш ҷамъ мешуданд, иҷтимоъҳои азиме ташкил мешуд. Як рӯз садри аъзами вақт ба ӯ гуфт, ҳоло, ки ин қадр мардум пойи минбари ту ҷамъ мешаванд, ту ҷаро чаҳор калима ҳарфи ҳисобӣ барои мардум намегӯӣ ва вақти мардумро талаф мекунӣ? Тоҷ гуфт, ин мардум қобили ҳарфи ҳисобӣ нестанд. Ҳарфи ҳисобиро бояд ба мардуме

гуфт, ки фикре дошта бошанд, инҳо фикр надоранд. Садри аъзам гуфт, хайр ин тавр нест. Тоҷ гуфт, ин тавр аст ва ман шарт мебандам ва як рӯз ба ту собит мекунам. Як рӯз, ки садри аъзам ҳузур дошт, Тоҷ равзаи вуруди аҳли байт ба Куфаро шурӯъ кард. Ашъоре мехонд бо оҳанги хуш ва сӯзнок ва мардум зиёд гиря мекарданд. Якмартиба гуфт: ором, ором, ором! Ҳамаро, ки ором кард ва сокит шуданд, гуфт, мехоҳам манзараи атфоли Абиабдуллоҳро дар Куфа хуб барои шумо баён кунам: вақте, ки аҳли байт вориди Куфа шуданд, ҳаво ба шиддат гарм буд, офтоби сӯзон мисли оташ бар сарашон меборид, атфол ташна буданд ва аз асари ташнагӣ дар он офтоби сӯзон месӯхтанд, онҳоро бар шутурҳои бараҳна савор карда буданд ва чун замин ях зада буд, шутурҳо рӯйи ях мелағзиданд ва баччаҳо аз болои шутур ба рӯйи замин меафтоданд ва мегуфтанд:

واعطشاه

Тоҷ ин ҷумлаҳоро пушти сар ҳам мегуфт ва мардум ҳам муҳкам ба сару сурати худ мезаданд ва гиря мекарданд. Баъд, ки пойин омад, гуфт: нагуфтам, ки ин мардум фикр надоранд? Ман дар они воҳид мегӯям сӯзи офтоб чунину чунон буд, боз мегӯям замин ях зада буд ва ин мардум фикр намекунанд, чӣ тавр мумкин аст, ки ҳам ҳаво ин тавр гарм бошад ва ҳам замин ях зада бошад? (Ин қиссаро аз марҳум Оятуллоҳ Садр (Ризвонуллоҳи алайҳ!) шунидам.)

Ба ҳар ҳол, мақсудам баёни асли куллӣ аст, ки насли ҷавон афкор ва идрокот ва эҳсосоте дорад ва инҳирофҳое. То ба дардаш яъне ба афкор ва идрокот ва эҳсосоташ расидагӣ нашавад, намешавад ҷилави инҳирофоташро гирифт.

## Иллатҳои гароиш ба мактабҳои илҳодӣ

Иттифоқан дигарон аз роҳи шинохтани дарди ин насл онҳоро мунҳариф кардаанд ва аз онҳо истифода кардаанд. Мактабҳои материалистӣ, ки дар ҳамин кишвар ба вуҷуд омад ва ашхосе фидокор дуруст кард барои мақосиди илҳодӣ, аз чӣ роҳ кард? Аз ҳамин роҳ. Медонист, ки ин насл эҳтиёҷ дорад ба як мактаби фикрӣ, ки ба суолоташ посух бидиҳад. Як мактаби фикрӣ ба ӯ арза кард, медонист, ки ин насл як силсила ормонҳои иҷтимоии бузурге дорад ва дар садади таҳаққуқ додан ба онҳост, худро бо он ормонҳо ҳамоҳанг нишон дод. Дар натиҷа афроди зиёдеро даври худ ҷамъ кард бо чӣ фидокорӣ ва самимияте. Башар ҳамин қадр, ки ба чизе эҳтиёҷ пайдо кард, чандон дар фикри хубу бадаш нест. Меъда, ки ба ғизо эҳтиёҷ пайдо кард, ба кайфият аҳаммият намедиҳад, ҳар чи пайдо кунад, худро сер мекунад. Рух ҳам агар ба ҳадде расид, ки ташнаи як мактаби фикрӣ шуд, ки рӯйи усули муайян ва мушаххасе ба суолоташ посух диҳад ва ҳамаи

масоили ҷаҳонӣ ва иҷтимоиро якнавохт барояш ҳал кунад ва ҷилаваш бигузорад, аҳаммият намедиҳад, ки мантиқан қавӣ аст ё нест. Башар он қадрҳо дунболи ҳарфи муҳкам ва мантиқӣ нест, дунболи як фикри муназзам ва омода аст, ки якнавохт дар муқобили ҳар суоле ҷавобе бигузорад. Мо, ки корамон фалсафа буд, медидем, ки он ҳарфҳо чӣ қадр сахиф аст, аммо чун он фалсафа дар як заминаи эҳтиёҷӣ арза шуда буд ва аз ин ҳайс як халаъ вуҷуд дошт, ҷойе барои худ боз кард.

## Нишонаи рушди фикрӣ

Бачча пас аз даврони ширхорагӣ, филҷумла, ки қувваҳои мағзӣ ва шуъуриаш рушд мекунад, ҳолати суол пайдо мекунад, дар бораи чизҳое, ки давру бараш ҳастанд, суолоте мекунад, бояд ба суолоташ тибқи фаҳми худаш ҷавоб дод, набояд гуфт, фузулӣ накун, ба ту чӣ? Худи ин суол аломати саломати мағз ва фикр аст, маълум мешавад қувваҳои маънавиаш рушд карда ва қувват гирифтааст. Ин суолот эъломи табиат аст, эъломи хилқат аст, дастгоҳи хилқат эҳтиёҷи ҷадидеро эълом мекунад, ки бояд ба он расид.
Ҳамин тавр аст ҳолати ҷомеа. Агар дар ҷомеа як эҳсоси нав ва идроки нав пайдо шуд, аломати як навъ рушд аст. Ин ҳам эъломи хилқат аст, ки эҳтиёҷи ҷадидеро нишон медиҳад. Инҳоро бояд бо ҳавову ҳавас ва шаҳватпарастӣ фарқ гузошт. Набояд иштибоҳ кард ва инҳоро ҳавову ҳавас донист ва фавран оёти марбут ба ин мавзӯъро хонд, ки:

وَإِنْ تُطِعْ أَكْثَرَ مَنْ فِي الْأَرْضِ يُضِلُّوكَ عَنْ سَبِيلِ اللَّهِ

(*Сураи Анъом, ояти 116*) (“*Ва агар аз аксарияти аҳли замин итоат кунӣ, туро аз роҳи Худо гумроҳ месозанд.*”) ё:

وَلَوِ اتَّبَعَ الْحَقُّ أَهْوَاءَهُمْ لَفَسَدَتِ السَّمَاوَاتُ وَالْأَرْضُ

(*Сураи Мӯъминун, ояти 71*) (*“Ва агар ҳақ аз ҳавоҳои нафсонии онон пайравӣ кунад, ҳар ойина осмонҳо ва замин фосид шаванд.*”)

## Қуръон ва маҳҷурияти он

Мо имрӯз аз ин насл гила дорем, ки чаро бо Қуръон ошно нест? Чаро дар мадрасаҳо Қуръон ёд намегиранд, ҳатто ба донишгоҳ ҳам, ки мераванд, аз хондани Қуръон оҷизанд? Албатта ҷойи таассуф аст, ки ин тавр аст. Аммо бояд аз худамон бипурсем, мо то кунун чӣ иқдоме дар ин роҳ кардаем? Оё бо ҳамин фиқҳ ва шаръиёт ва Қуръон, ки дар мадорис аст, таваққӯъ дорем насли ҷавон бо Қуръон ошноии комил дошта бошад?!

Аҷабо, ки худи насли қадим Қуръонро матрук ва маҳҷур карда, он вақт аз насли ҷадид гила дорад, ки чаро бо Қуръон ошно нест! Қуръон дар миёни худи мо маҳҷур аст ва тавaққӯъ дорем насли ҷадид ба Қуръон бичаспад. Алъон собит мекунам, ки чӣ гуна Қуръон дар миёни худи мо маҳҷур аст.

Агар касе илмаш илми Қуръон бошад, яъне дар Қуръон зиёд тадаббур карда бошад, тафсири Қуръонро комилан бидонад, ин одам чӣ қадр дар миёни мо эҳтиром дорад? Ҳеч. Аммо агар касе "Кифоя"-и Охунд Мулло Козими Хуросониро бидонад, як шахси мӯҳтарам ва бошахсияте шумурда мешавад. Пас Қуръон дар миёни худи мо маҳҷур аст ва дар натиҷа ҳамин эъроз аз Қуръон аст, ки ба ин бадбахтӣ ва никбат гирифтор шудаем. Мо машмули шикояти Расули Худо (с) ҳастем, ки ба Худо шикоят мекунад:

يَا رَبِّ إِنَّ قَوْمِي اتَّخَذُوا هَذَا الْقُرْآنَ مَهْجُورًا

(*Сураи Фурқон, ояти 30) ("Парвардигоро! Қавми ман ин Қуръонро маҳҷур сохтанд*.")

Яке аз фузалои худамон дар ҳудуди як моҳ пеш мушриф шуда буд ба атабот, мегуфт, хидмати Оятуллоҳи Хуӣ (Салламаҳуллоҳи Таъоло!) расидам, ба эшон гуфтам, чаро шумо дарси тафсире, ки собиқан доштед, тарк кардед? (Эшон дар ҳафт-ҳашт сол пеш дарси тафсире дар Наҷаф доштанд ва қисмате аз он чоп шуда.) Эшон гуфтанд, мавонеъ ва мушкилоте ҳаст дар дарси тафсир. Гуфт, ман ба эшон гуфтам: Аллома Таботабоӣ дар Қум, ки ба ин кор идома доданд ва бештари вақти худашонро сарфи ин кор карданд, чӣ тавр шуд. Эшон гуфтанд: оқои Таботабоӣ "тазҳия" (худро қурбон кардан) кардаанд. Яъне оқои Таботабоӣ худашонро қурбонӣ карданд, аз назари шахсияти иҷтимоӣ соқит шуданд. Ва рост гуфтанд.

Аҷиб аст, ки дар ҳассостарин нуқоти динии мо агар касе умри худро сарфи Қуръон бикунад, ба ҳазор сахтӣ ва мушкил дучор шавад, аз нон, аз зиндагӣ, аз шахсият, аз эҳтиром, аз ҳама чиз меафтад ва аммо агар умри худро сарфи китобҳое аз қабили "Кифоя" бикунад, соҳиби ҳама чиз мешавад. Дар натиҷа ҳазорҳо нафар пайдо мешаванд, ки "Кифоя"-ро чаҳорло баладанд, яъне худашро баладанд, дари "Кифоя"-ро ҳам баладанд, рад-ради ӯро ҳам баладанд, аммо ду нафар пайдо намешавад, ки Қуръонро ба дурустӣ бидонад! Аз ҳар касе дар бораи як ояти Қуръон суол шавад, мегӯяд бояд ба тафосир муроҷеа шавад.

Аҷабтар ин ки ин насл, ки ба Қуръон ин тавр амал карда, аз насли ҷадид тавaққӯъ дорад, ки Қуръонро бихонад ва Қуръонро бифаҳмад ва ба он амал кунад! Агар насли куҳан аз Қуръон мунҳариф нашуда буд, қатъан насли ҷадид мунҳариф намешуд.

Билохира мо коре кардаем, ки машмули нафарини Пайғамбар (с) ва Қуръон шудаем.

Расули Худо (с) дар бораи Қуръон фармуд:

إنه شافع مشفع وماحل مصدق

(*Кофӣ, ҷ.2 с.599*) Яъне Қуръон дар назди Худо ва дар пешгоҳи ҳақиқат висотат мекунад ва пазируфта мешавад ва нисбат ба баъзе, ки ба ӯ ҷафо кардаанд, сиъоят мекунад ва мавриди қабул воқеъ мешавад.

Ҳам насли қадим ва ҳам насли ҷадид ба Қуръон ҷафо карданд ва мекунанд. Аввал насли қадим ҷафо кард, ки ҳоло насли ҷадид ҷафо мекунад.

Дар раҳбарии насли ҷавон, беш аз ҳар чиз ду кор бояд анҷом шавад: яке бояд дарди ин наслро шинохт ва он гоҳ дар фикри дармон ва чора шуд. Бидуни шинохтани дарди ин насл ҳар гуна иқдоме бемаврид аст. Дигар ин ки насли куҳан бояд аввал худро ислоҳ кунад. Насли куҳан аз бузургтарин гуноҳи худ бояд тавба кунад ва он маҳҷур қарор додани Қуръон аст. Ҳама бояд ба Қуръон бозгардем ва Қуръонро пешопеши худ қарор диҳем ва дар зери сояи Қуръон ба сӯйи саодат ва камол ҳаракат кунем.

# Хитоба ва минбар (1)

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

الرَّحْمَٰنُ. عَلَّمَ الْقُرْآنَ. خَلَقَ الْإِنْسَانَ. عَلَّمَهُ الْبَيَانَ

(*Сураи Раҳмон, оятҳои 1 то 4) (“Худованди Раҳмон аст, ки Қуръонро таълим дод, инсонро офарид, баён ва сухан гуфтан ба вай омӯхт.”*)

Мавзӯъи сухан “хитоба ва минбар” аст. “Хитоба “яъне суханронӣ.

Бинобар ин мавзӯъи суханронӣ “суханронӣ” аст, яъне худаш мавзӯъи худаш аст ва суханронӣ ҳамон аст, ки аз лиҳози фаннӣ ва илмиӣ дар мантиқ “хитоба” мегӯянд. Хитоба яке аз фунуни панҷгонаи сухан ва калом аст. Дар мантиқ панҷ синоат, яъне панҷ ҳунари суханӣ қоил ҳастанд, ки ба онҳо “синоъоти хамса” мегӯянд ва аз Арасту расидааст, яъне табвиби онҳо аз Арасту аст. Яке аз онҳо фанни хитоба аст. Фурсате нест, ки дар таърихчаи хитоба ва дар бораи қисматҳои фаннӣ, ки роҷеъ ба хитоба гуфта шудааст сӯҳбат бикунам, хусусан баъзе аз мантиқийин хеле шарҳ додаанд. Агар танҳо хитобаи “Шифо”-и Бӯалиро дар назар бигирем, як китоби пурҳаҷме аст. Инҳоро намехоҳам баҳс кунам, зеро мехоҳам баҳсе карда бошем, ки танҳо ҷанбаи назарӣ надошта бошад, чун мавзӯъи сухан “хитоба ва минбар” аст ва минбар яъне суханронии динӣ. Бинобар ин сухани мо дар атрофи хитобаи динӣ аст, на соири ақсоми хитоба ва сухани имшаби ман роҷеъ ба пайванди суханронӣ бо ислом хоҳад буд.

## Пайванди хитоба бо ислом

Пайванди хитоба бо ислом аз чанд назар астЕ аввалан аз ин назар, ки хитоба як фанн аст, яъне як ҳунар аст ва ҳунар мутлақан метавонад ба кӯмаки як фикр ва ақида ва ё ба ҷанги як фикр ва ақида биёяд, яъне як фикр, як фалсафа, як дин, як ойинро мешавад ба василаи ҳунар ё санъат тақвият кард ва ҳамчунин мешавад ба василаи ҳунар ё санъат тазъиф кард. Ҳоло фарқи ҳунар ва санъат чист бимонад. Шумо агар масҷиди Шоҳи Исфаҳон бираведи ва агар гунбади масҷиди Шайх Лутфуллоҳро бибинед, мебинед, ки аз ҷоҳое аст, ки илм ва ҳунар ва санъат ба кӯмаки дин омадааст. Яъне эҳсосоти динӣ аз як тараф ва завқи ҳунарӣ аз тарафи дигар даст ба дасти ҳам додаанд ва як шиори мазҳабӣ дар либоси ҳунар ва санъат ба ҷилва даромадааст.

Худи “хатт“ як ҳунари синоъӣ аст. Катибаҳои хеле олии қуръонӣ мисли катибае, ки Бойсунқур дар айвони мақсураи Машҳад навиштааст, аз он ҷоҳое аст, ки ҳунар ва санъат ба эҳсосоти мазҳабӣ ёрӣ кардааст.

Хитоба аз он ҷиҳат, ки як ҳунар ва як фанн аст ва ҳунар ва фанн маъмулан метавонад асари иҷтимоӣ дошта бошад ва омили иҷтимоӣ ба шумор равад, як фикр ва як ақидаро тақвият ва ё тазъиф кунад, аз бузургтарин омилҳои иҷтимоӣ ба шумор меравад. Ҳеч ҳунаре ба андозаи ҳунари хитоба наметавонад асари иҷтимоӣ дошта бошад. Агар аз ин назар ба хитоба нигоҳ кунем, робитаи ҳунари хитоба бо ислом мисли бисёре аз ҳунарҳо ва синоъоти дигар аст.

Дар ислом ҳамон тавре, ки ҳаҷҷорҳо ва ҳаҷҷориҳо пайдо шуда, ойинакорҳо ва ойинакориҳо пайдо шуда, кошикорҳо ва кошикориҳо пайдо шуда, меъморҳо ва меъмориҳо пайдо шудааст, ҳамин тавр ислом дар домани худаш хатибони бисёр забардаст парвариш додааст, ки бисёре ба номи “Хатиб” маъруф мебошанд. Шумо дар китобҳои риҷол ва тароҷум, ашхоси зиёдеро мебинед, ки ба номи “Хатиб” маъруф будаанд; яке ба номи Хатиби Розӣ, яке ба ном Хатиби Мисрӣ, яке ба номи Хатиби Димишқӣ, яке ба номи Хатиби Табрезӣ, яке ба номи Хатиби Ҳасфакӣ. Инҳо ҳама мардуме будаанд, ки шӯҳраташон дар замони худашон ва замонҳои баъд ба унвони сухансаро будааст. Хушбахтона имрӯз ҳам мо хатибони динии бузург дорем. Марҳум Сайид Ҷамолуддини Асадободӣ илова бар соири фазоил, як хатиби забардасте буд, хитобаҳое дар Миср иншо мекард, ки мардумро мунқалиб мекард, мегирёнид, мардумро бар ҳоли худашон мегирёнид, на бар чизи дигар. Ислом хатибони бузурге дар домани худ парвариш дода ва ин ҳам худаш таърихчае дорад. Ҳамин қадр хостам ишорае карда бошам. Фурсати бештар аз ин нест.

Ба ҳар ҳол аз ин назар робитаи хитоба бо ислом мисли робитаи соири ҳунарҳост. Ислом дар домани худаш ақсоми ҳунармандҳо ва санъатгарҳо ба вуҷуд овардааст. Як табақаи онҳо ҳам табақаи хатибон ва сухансароён ва суханронон ҳастанд.

## Таъсири ислом дар таҳаввул ва такомули хитоба

Назари дигар дар бораи пайванди хитоба ва ислом, аз ҷанбаи таъсири мустақиме аст, ки ислом дар таҳаввул ва пешрафти хитоба кардааст. Ислом дар фанни хитоба таъсир дошт, хитобаро боло бурд, ҷилав бурд. Араб аз фунуне, ки марбут ба забон аст, яъне шеър ва хитоба ва нависандагӣ, шеърро албатта дошт, араб шоир аст, араби ҷоҳилият шоир буда ва ҳарчанд аз лиҳози маъно маҳдуд будааст, чун фикр ва маълумот ва иттилооташ маҳдуд будааст, вале дар ҳудуди маъное, ки дар дасташ буда, хуб шеър мегуфтааст. Аммо араб дар хитоба он қадрҳо қавӣ набудааст. Бо ин ҳама ашъоре, ки аз ҷоҳилият дорем, хитоба хеле кам дорем. Дорем, вале кам дорем. Фанни севвумаш, ки нависандагӣ

аст, аслан ҳеч аз араби ҷоҳилият асари китобат ва нависандагӣ боқӣ намондааст, китобе боқӣ намонда, ки асар ва навиштаи араби ҷоҳилият бошад.

Ислом, ки пайдо шуд, дар ҳар се қисмат таъсир кард; дар шеър таъсир кард, яъне ба маънои шеър вусъат дод. Ашъори исломӣ бо ашъори ҷоҳилӣ аз лиҳози маъно бисёр мутафовит аст. Дар хитоба таҳаввули азим эҷод кард ва китобат ва нависандагиро ибдоъ кард. Китобе ҳаст ба номи “Ҷамҳарату хутабил-араб”, маҷмӯае аст аз хутаби араб дар ҷоҳилият ва дар ислом. Агар ба хутбаҳои араби ҷоҳилӣ нигоҳ кунед аз лиҳози маъонӣ хеле содда ва басит мебинед, аммо ҳамин ки мерасид ба ислом, якмартиба як ҷаҳиш мебинед. Хутбаҳо ва калимоте аз давраи ҷоҳилият аз Аксам ибни Сайфӣ ва Азқас ибни Соъидаи Аёдӣ, хатиби маъруфи араб нақл шудааст. Вақте нигоҳ мекунед мебинед хеле басит аст. Ҳамин ки ворид мешавед ба ислом, хитобаҳои Расули Акрамро мебинед, мебинед таври дигаре аст, маънии дигаре дар кор омадааст, маориф ҳаст, маънавият ҳаст, масоили иҷтимоӣ ҳаст, ҳикматҳои бузург аст, масоили ахлоқӣ ҳаст ва инҳо дар хитобаҳои ҷоҳилит вуҷуд надоштааст. Ислом дар ҳар се қисмат таъсир кард. Бадеҳӣ аст вақте, ки Қуръони Карим худ намунаи эъҷози баён ва фасоҳат ва балоғат бошад ва баёнро яке аз бузургтарин неъматҳои илоҳӣ бишуморад:

الرَّحْمَٰنُ. عَلَّمَ الْقُرْآنَ. خَلَقَ الْإِنْسَانَ. عَلَّمَهُ الْبَيَانَ

— ва вақте, ки дар аввалин оёти нозил бар Пайғамбар аз қаламу китобат ва нависандагӣ ном бибарад:

اقْرَأْ بِاسْمِ رَبِّكَ الَّذِي خَلَقَ. خَلَقَ الْإِنْسَانَ مِنْ عَلَقٍ. اقْرَأْ وَرَبُّكَ الْأَكْرَمُ. الَّذِي عَلَّمَ بِالْقَلَمِ. عَلَّمَ الْإِنْسَانَ مَا لَمْ يَعْلَمْ

— хоҳ ноҳоҳ, ҳам дар хитоба ва баён таҳаввул ба вуҷуд меояд ва ҳам фанни китобат роиҷ ва шойеъ мегардад. Беҷиҳат набуд, ки мусалмонон, улуми забон ва билахасс илми фасоҳату балоғатро бо қоъидаҳои махсусаш ибтикор ва ибдоъ карданд. Ба илова шахси Расули Акрам (с) ва ҳамчунин Алӣ (а) аввал хатиб ба шумор мераванд. Феълан маҷол нест, ки ба унвони намуна, аз калимоти онҳо чизе бихонам ва махсусан бо калимоти араби ҷоҳилӣ муқоиса кунам.

## Хитоба дар матни дин

Матлабе, ки имшаб мехоҳам дар атрофи он матлаб сӯҳбат кунам, як пайванди қурстар ва муҳкамтаре аст байни ислом ва хитоба. Ва он ин аст, ки дар як маврид, хитоба ва суханронӣ ҷузъи матни дин қарор гирифтааст. Агар аз шумо суол бикунанд, оё

метавонед ҷавоб бидиҳед, ки он маврид куҷост ё на? Оре, дар як маврид, хитоба ва суханронӣ яке аз фароиз аст, назири намоз, рӯза, ҳаҷ, закот, хумс, амсоли инҳо. Он дар намози ҷумъа аст.

## Намози ҷумъа

Ислом як намози ҳафтагӣ дорад, ки номи он, намози ҷумъа аст. Дар худи Қуръони Маҷид аз ин намоз бахусус ёд шудааст ва он дар сураи Ҷумъа аст:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِذَا نُودِيَ لِلصَّلَاةِ مِنْ يَوْمِ الْجُمُعَةِ فَاسْعَوْا إِلَىٰ ذِكْرِ اللَّهِ وَذَرُوا الْبَيْعَ ۚ ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَكُمْ إِنْ كُنْتُمْ تَعْلَمُونَ

(*Сураи Ҷумъа, ояти* 9) (*“Эй касоне, ки имон овардаед! Чун дар рӯзи ҷумъа барои намоз нидо дода шавад, пас ба сӯйи зикри Худо биштобед ва хариду фурӯшро раҳо кунед, ки ин барои шумо беҳтар аст, агар бидонед.*”) Ба иттифоқи тамоми муфассирини шиъа ва суннӣ, мақсуд намози ҷумъа аст.

Намози ҷумъа чист? Намози ҷумъа ҳамон намози зуҳри рӯзи ҷумъа аст, вале бо соири намозҳо ихтилоф дорад. Аввалан ҳама намози зуҳрҳо чаҳор ракъат аст, аммо намози зуҳри рӯзи ҷумъа, ки исмаш намози ҷумъа аст, ду ракъат аст. Ҳоло чӣ тавр шудааст ду ракъат шудааст, баъд арз мекунам. Сонияи, воҷиб аст бо ҷамоат хонда шавад, вале соири намозҳо: намози аср ва намози зуҳр ва намози субҳ ва мағрибу ъишоъ, хонданашон бо ҷамоат воҷиб нест. Ва солисан, намози ҷумъа дар ҳар нуқтае, ки иқома шавад, то ду фарсах аз ҳамаи ҷавониб, бар мардум воҷиб аст, ки дар он ширкат кунанд, магар он ки узр дошта бошанд. Ва робеъан дар ҳар нуқтае, ки намози ҷумъа иқома шуд, то шуоъи як фарсах ҳаром аст намози ҷумъа дигаре иқома бишавад, фақат ҳамон як намози ҷумъа бояд бошад.

Бибинед, агар ҳамчу намозе иқома бишавад, чӣ намозе мешавад?! Агар масалан дар ин нуқта, ки мо ҳастем яъне дар Теҳрон, як намози ҷумъае ташкил бишавад, аз шуоъи ду фарсах яъне аз ин ҷо аз тарафи шимол то Шамирон ва аз ҷануб то шаҳри Рай ва аз ҳама ҷавониби шарқу ғарб ва миёни инҳо то фосилаи 12 километр, ки тақрибан ду фарсахи шаръӣ аст дар он ширкат кунанд ва то шуоъи шашкилометр намози ҷумъаи дигаре иқома нашавад ва мунҳасир ба ҳамон як намоз бошад, бибинед чӣ иҷтимоъи азиме он вақт ташкил дода мешавад!

Ин намоз бояд ду ракъат хонда шавад, на чаҳор ракъат. Чаро? Дар аҳодис ва ахбор бисёр ворид шуда ва аз мусалламот аст, ки:

وإنما جعلت الجمعة ركعتين لمكان الخطبتين

Яъне ин намози умумӣ; ин намозе, ки ҳама бояд дар як ҷо ҷамъ бишаванд ва мисли ин намози ҷамоатҳо мутафарриқ набошанд, фарз аст, ки қабл аз ин намоз ду хитоба иншо бишавад, ду хитоба эрод бишавад ва ҳамин ду хитоба ба ҷойи ду ракъат аст. Ин аст он матлабе, ки арз кардам, мо моддае дорем дар худи дини муқаддаси ислом, ки суханронӣ ҷузъи матни дин аст, ҷузъи намоз аст. Амирулмӯъминин мефармояд: хутба, намоз аст. Модоме, ки имом хитоба мехонад ва мардум гӯш медиҳанд, ҳамаи мардум бояд сукут бикунанд ва ҳарфи ӯро гӯш бикунанд ва модоме, ки ӯ аз курсӣ пойин наомадааст, ҳама мисли ин аст, ки дар ҳоли намоз мебошанд. Албатта бо як фарқҳое аз қабили ин ки рӯ ба қибла нишастан ва лоақал рӯ ба қибла будани худи имом, ки хутба мехонад, дар ин ҳол воҷиб нест. Ин ду хитобае, ки дар он ҷо фарз аст, ба ҷойи ду ракъат аз намози зуҳр аст.

## Манзури аслӣ аз иҷтимоъи ҷумъа

Аз ин дастурҳои исломӣ, ки ё нашунидаед ва ё хеле кам ба гӯши шумо хӯрдааст, таъаҷҷуб хоҳед кард ва хоҳед пурсид, чӣ манзуре аз ин ҳама иҷтимоъ ва одоб ва ташрифот ҳаст? Бештар таъаҷҷуб хоҳед кард агар бишнавед, ки манзури умда аз ин ҳама иҷтимоъ, шунидани ҳамон хитобаҳост. Пас он хитобаҳо чӣ қадр бояд дорои аҳаммият бошад ва ҷанбаи ҳаётӣ дошта бошад. Он қадр аҳаммият дорад, ки он гоҳ, ки овози муаззин ба Аллоҳу Акбар баланд мешавад, ҳар кас дар ҳар ҷо ҳаст ва ҳар коре дар дасташ ҳаст, бояд бигузорад ва биштобад ба сӯйи намози ҷумъа ва он ду хитобаро бишнавад ва сипас ду ракъат намозро ба ҷамоат бихонад ва он вақт озод аст.
Дар сураи муборакаи Ҷумъа ҳамин матлаб баён шуда он ҷо, ки мефармояд:

يَا أَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا إِذَا نُودِيَ لِلصَّلَاةِ مِنْ يَوْمِ الْجُمُعَةِ فَاسْعَوْا إِلَىٰ ذِكْرِ اللَّهِ وَذَرُوا الْبَيْعَ ۚ ذَٰلِكُمْ خَيْرٌ لَكُمْ إِنْ كُنْتُمْ تَعْلَمُونَ. فَإِذَا قُضِيَتِ الصَّلَاةُ فَانْتَشِرُوا فِي الْأَرْضِ

Инро ҳам бигӯям, ки зуҳрҳо, аввал азон гуфта мешавад ва баъд аз азон намоз хонда мешавад ва дар рӯзи ҷумъа истисно, агар бино бошад намози ҷумъа хонда бишавад, азонро қабл аз зуҳр мешавад гуфт, мешавад азонро чунон бигӯянд, ки аввали завол, ду хитоба тамом шуда бошад. Садои муаззин, ки баланд шуд барои намози ҷумъа, муомила кардани ҳаром аст:

وَذَرُوا الْبَيْعَ

Ин ҷиҳат, насси Қуръон аст ва аз мусалламоти ислом аст. Шиъа ва суннӣ дар ин замина ихтилофе надоранд, ки агар намози ҷумъаи саҳеҳе ташкил шавад ва азонаш гуфта шавад,

дар он ҳол масалан мағозадоре пушти тарозуи худаш нишаста ё истодааст ва муштарӣ омада ва аз ӯ масалан панир мехоҳад ва ӯ кордро бурда рӯйи панир, мехоҳад бибуррад ва дар он ҳол бонги муаззин баланд мешавад: Аллоҳу Акбар, воҷиб аст бар муштарӣ ва бар фурӯшанда, ки даст нигаҳ доранд ва биштобанд:

فَاسْعَوْا إِلَىٰ ذِكْرِ اللَّهِ وَذَرُوا الْبَيْعَ

Яъне биштобед ба сӯйи намоз ва муомиларо раҳо кунед. Муомила дар он вақт ҳаром аст, бояд биштобанд ва ин хитобаҳо, ин суханрониҳоро гӯш кунанд. Дар намози ҷумъа ду хитоба хонда мешавад, на яке. Ба ин тартиб, ки имом як хитоба иншо мекунад, баъд менишинад ва мухтасаре сукут мекунад, думартиба баланд мешавад барои хитобаи дуввум.

## Муҳтавои хитобаҳои ҷумъа

Ҳоло, ки хитобаи намози ҷумъа ин қадр аҳаммият дорад, ки манзури умда аз ин иҷтимоъ шунидани ҳамон хитобаҳост, оё дар он хитобаҳо ва суханрониҳо чӣ ҳарфҳое бояд зада бишавад? Аввал ҳамду санои илоҳӣ, дуввум дуруд бар Хотамуланбиё ва имомони дин, севвум мавъиза ва як силсила матолиби лозим, ки баъд ташреҳ мекунам, чаҳорум қироати сурае аз Қуръон. Ин моддае аст, ки он ҷо ҳаст, моддае аст, ки мо дар ислом дорем.

Боз барои ин ки бифаҳмед чӣ қадр ҳузур дар ин иҷтимоъ аҳаммият дорад, дар ривоят дорад, ки ҳатто воҷиб аст зиндониҳоро пулисҳо ва маъмурини зиндон бо худашон биёваранд ва ба ин намози умумии ҳафтагӣ ширкат бидиҳанд, онҳоро таҳтулҳифз ва бо муроқибати ин ки фирор накунанд, бо худ биёваранд. Яъне бояд зиндониро аз зиндон берун кашид ва овард, то намози ҷумъаашро бо иҷтимоъ бихонад ва хитобаи лозимро гӯш кунад ва сипас баргардад ба маҳалли худаш.

Имоме, ки ҷумъа мехонад, одобе дорад. Аз он ҷумла ин ки аммомае ба сар мебандад. Мақсуд ин аст, ки як шоли кӯчак, ки ду село дошта бошад, ба сар бибандад, монанди аммомаи Пайғамбар.

Худо ҳифз кунад оқои Ҳоҷоқо Раҳими Арбоби Исфаҳониро! Шояд бисёре аз шумо эшонро бишносед. Эшон аз уламои тирози аввали мо дар фиқҳ ва усул ва фалсафа ва адабиёти араб ва қисмате аз риёзиёти қадим мебошанд, шогирди ҳакими маъруф марҳум Ҷаҳонгирхони Қашқоӣ будаанд ва мисли марҳум Ҷаҳонгирхон ҳанӯз ҳам кулоҳи пӯстӣ ба сар мегузоранд. Зийи (либоси) эшон аз ҳар лиҳоз монанди соири уламост, аз або ва қабо ва қиёфа, фақат кулоҳи пӯстӣ ба сар мегузоранд. Эшон аз касоне ҳастанд, ки

мӯътақид ба намози ҷумъаанд ва худи эшон дар Исфаҳон иқомаи ҷумъа мекунанд, аммо чун мардум навъан мӯъмин ва мӯътақид ба намози ҷумъа нестанд, як намози ҷумъаи бошукӯҳе он тавр, ки манзури ислом аст ташкил намешавад. Эшон вақте, ки барои намози ҷумъа ҳозир мешаванд, як аммомаи кӯчак яъне як шоли ду селое ба сар мебанданд.

Ёдам ҳаст дар фарвардини 39 дар Исфаҳон хидмати эшон расидам ва мавзӯъм намози ҷумъа ба миён омад. Эшон мегуфтанд, намедонам шиъа чӣ вақт мехоҳад ори тарки намози ҷумъаро аз гардани худ бардорад ва ҷилави шамотати соири фирақи исломиро, ки моро ба унвони торики ҷумъа маломат мекунанд бигирад. Эшон орзу мекарданд ва мегуфтанд, эй кош дар ин масҷиди аъзами Қум, ки чанд миллион тумон харҷаш мешавад, як намози ҷумъаи бошукӯҳе хонда шавад.

Дигар ин ки имом меояд ва ҳангоми хитоба меистад ва истода хитоба мехонад. Дар ояти карима он ҷо, ки мефармояд:

وَإِذَا رَأَوْا تِجَارَةً أَوْ لَهْوًا انْفَضُّوا إِلَيْهَا وَتَرَكُوكَ قَائِمًا ۚ قُلْ مَا عِنْدَ اللَّهِ خَيْرٌ مِنَ اللَّهْوِ وَمِنَ التِّجَارَةِ ۚ وَاللَّهُ خَيْرُ الرَّازِقِينَ

Яъне ин мардуми тарбиятнаёфта, ки ҳанӯз хӯю одоти ҷоҳилиятро доранд, ҳамин ки чашмашон ба молуттиҷора ё табл ва шайпуре меафтад, туро ҳамон тавр, ки истодаӣ, мегузоранд ва ба дунболи онҳо меравад, ишора ба достоне аст, ки дар ҳоле, ки Пайғамбар истода буд хитобаи ҷумъа мехонд ва сӯҳбат мекард, ба овози табле, ки аломати вуруди як миқдор колои тиҷоратӣ буд, мардум аз тарси ин ки тамом бишавад, натавонанд таҳия кунанд, рафтанд ва даври Пайғамбарро раҳо карданд.

Ғараз, ишора ба ин нукта буд, ки фармуд:

وَتَرَكُوكَ قَائِمًا

Ҳамон тавре, ки истодаӣ, яъне дар ҳоли истода хитоба мехонӣ, туро танҳо мегузоранд. Мегӯянд, нишастан ҳангоми хитоба бидъате аст, ки Муовия эҷод кард. Ин ки оё имоми ҷумъа ва хатиб бояд як нафар бошад ё мешавад яке хатиб бошад ва дигаре имоми ҷамоат?, ин худ масъалае аст. Аксар ё ҳама қоиланд, ки як нафар бояд ҳам хатиб бошад ва ҳам имоми ҷамоат ва ба ақидаи иддае, шарти аслии имоми намози ҷумъа ин аст, ки битавонад ва қодир бошад, ки хутба эрод кунад. Дар ривоятҳои зиёде унвони матлаб имом яхтуб (хитоба мехонад) аст. Дигар ин ки имом дар ҳоле, ки барои хитоба истодааст, ба шамшер ё найза ё асое такя мекунад ва дар ин ҳол ба иншои хутба мепардозад.

## Ривояти имоми ҳаштум дар бораи хутбаи ҷумъа

Дар хутбаи ҷумъа илова бар ҳамду санои илоҳӣ ва зикри Расули Акрам ва имомони дин ва як сураи Қуръон, лозим аст хатиб мавъиза кунад ва ҳангоми лузум матолиби лозимеро барои мусалмонон бигӯяд. Роҷеъ ба ин ки он матолиби лозим чӣ навъ матолибе хуб аст бошад, аз як ривоят истифода мекунам. Дар ”Васоилуш-шиъа“ (ҷ.1, с.457) дар зимни аҳодиси марбут ба хутбаи ҷумъа, ҳадисе аз китоби “Илалуш-шаройеъ” ва “Ъуюн ал-ахборир-Ризо” нақл карда. Ин ҳадисро Фазл ибни Шозони Нишопурӣ, ки аз акобир ва сиқоти ровиёни мост, аз ҳазрати Ризо алайҳис-салом нақл мекунад. Дар он ҷо дорад:

وإنما جعلت خطبتين ليكون واحدة للثناء على الله والتحميد والتقديس لله عز وجل، والاخرى للحوائج والإعذار والإنذار والدعاء لما يريد أن يعلمهم من أمره ونهيه وما فيه الصلاح والفساد

Яъне иллати ин ки хутба дар рӯзи ҷумъа қарор дода шуда ин аст, ки рӯзи ҷумъа аз назари ислом рӯзи иҷтимоъи умумӣ аст ва ҳама бояд дар иҷтимоъи рӯзи ҷумъа ҷамъ шаванд.

فأراد أن يكون للأمير سبب الى موعظتهم وترغيبهم في الطاعة وترهيبهم من المعصية

Худованд бо ташреъи ин дастур хостааст, ки ин василае бошад барои раис ва пешвои ҷамъият, ки онҳоро мавъиза кунад, ба тоъат тарғиб кунад ва аз маъсият ва гуноҳ, онҳоро битарсонад.

وتوقيفهم على ما أراد من مصلحة دينهم ودنياهم

Дигар ин ки мардумро огоҳ кунад ба маслиҳатҳои динӣ ва маслиҳатҳои дунёияшон, масолеҳи воқеии мардумро ба онҳо бигӯяд.

ويخبرهم بما يرد عليهم من الآفاق من الأحوال التي فيها المضرة والمنفعة

Дигар ин ки он чи дар офоқи дурдаст аз қазоёи хубу бад, ба ҳоли мусалмонон воқеъ мешавад, ба онҳо бигӯяд ва ба иттилоъи онҳо бирасонад ва онҳоро дар ҷараён бигузорад. Ҳаводисе барои олами ислом пеш меояд, як вақт аз навъи навид ва башорат аст, пешрафте ҳосил шуда барои ислом ва ифтихоре ба даст омадааст ва хуб аст мардум мутталеъ шаванд. Ва як вақт аст ҳодисаи суе барои олами ислом пеш омада, боз бояд мусалмонон аз ҳоли якдигар огоҳ бишаванд, масалан бидонанд, ки дар ин ҳафта бар сари бародаронашон дар Алҷазоир ё дар нуқтаи дигари дунё чӣ омадааст.

Ҳоло чаро бояд ду хитоба иншо бишавад? Чаро як хутба кофӣ нест? Ва оё фарқ аст байни он ду хутба? Дар ҳамин ҳадис зикр шуда:

وإنما جعلت خطبتين ليكون واحدة للثناء على الله والتحميد والتقديس لله عزوجل، والأخرى للحوائج والإعذار والإنذار والدعاء لما يريد أن يعلمهم من أمره ونهيه وما فيه الصلاح والفساد

Яъне иллати ин ки ду хутба фарз шуда ин аст, ки дар яке ба ҳамду сано ва тақдиси илоҳӣ пардохта шавад ва дар яке дигар ба зикри ҳавоиҷи мардум ва иршод ва мавъизаи онҳо пардохта шавад.

Аммо ҳамон тавре, ки соҳиби ”Васоилуш-шиъа“ гуфта ин ҷиҳат, ҳама вақт зарурат надорад. Имшаб ба муносибати баҳси хитоба ва минбар ва ишора ба ин ки мо дар ислом моддае дорем, ки ба ҳасби он модда, хитоба дар матни дин қарор гирифта вориди ин баҳс шудам ва аммо ин ки чаро дар шиъа хонда намешавад, матлаби дигаре аст. Ман худам шахсан аз касоне ҳастам, ки натавонистаам бовар кунам, ки ин намози пурбаракат ва боаҳаммият он қадр шароити сангин ва маҳдуде дошта бошад, ки натиҷааш ин бошад, ки амалан мансух ва матрук шавад.

## Мавъиза дар ислом

Як матлаби дигар ҳам дорем ва он масъалаи мавъиза аст. Мавъиза бо хитоба фарқ дорад. Хитоба синоъат аст ва ҷанбаи фаннӣ ва ҳунарӣ дорад ва ба илова, ҳадафи хитоба таҳрики эҳсосот ва авотиф аст ба наҳве аз наҳвҳо, аммо мавъиза сирфан ба манзури таскини шаҳавот ва ҳавоҳои нафсонӣ аст ва бештар ҷанбаи манъу радъ дорад. Агар ҳадафи хитобаро мутлақи иқноъ (қонеъсозӣ) бидонем, ваъз ва мавъиза ҳам қисме аз хитоба аст. Ба ҳар ҳол, мавъиза дар ҷойе гуфта мешавад, ки калимаҳое ва ҷумлаҳое илқо шавад ба манзури радъу манъ ва таскини шаҳват ва ғазаб дар мавориде, ки лозим аст таскин дода шавад. Роғиби Исфаҳонӣ мегӯяд:

الوعظ زجر مقترن بالتخويف

Яъне мавъиза манъе аст, ки макрун бошад ба бим додан, яъне ба бим додан аз авоқиби кор. Он гоҳ аз Халил ибни Аҳмад — луғавии маъруф — нақл мекунад:

هو التذكير بالخير فيما يرق له القلب

Яъне мавъиза ёдоварии қалб аст нисбат ба хубиҳо дар умуре, ки мӯҷиби риққати қалб гардад. Мавъиза суханоне аст, ки мӯҷиби нармӣ ва риққати қалб бишавад. Манъи мардум аз ҳавопарастӣ ва шаҳватпарастӣ ва рибохорӣ ва риёкорӣ ва тазаккури марг ва қиёмат ва натоиҷи аъмол дар дунё ва охират, мавъиза аст.

Аммо хитоба ақсоме дорад, мумкин аст ҳамосӣ ва ҷангӣ бошад, мумкин аст сиёсӣ бошад, мумкин аст қазоӣ бошад, мумкин аст динӣ ва ахлоқӣ бошад, гоҳе ба манзури таҳрики

ҳисси силаҳшӯрӣ ва сарбозӣ аст, ки дар ҷангҳо ва майдонҳои мубориза эрод мешавад, гоҳе ба манзури ошно кардани мардум аст ба ҳуқуқи сиёсӣ ва иҷтимоиашон ва гоҳе ба манзури барангехтан ҳисси тараҳҳум аст мисли хитобаҳое, ки аҳёнан вакилони додгустарӣ барои ҷалби тараҳҳуми қозиҳо нисбат ба муҷрим ва маҳкуме эрод мекунанд, барои тахфифи ҷурм ва истирҳом кӯшиш мекунанд, гоҳе хитоба ба манзури таҳрик ва бедор кардани шуъури динӣ ва ахлоқӣ ва виҷдони мардум аст.

## Чаро дар миёни мо мавъиза аз хитоба роиҷтар аст?

Дар миёни мо мавъиза аз хитоба бештар роиҷ аст, бо ин ки дар ислом ҳамон тавре, ки арз кардам, анвоъи хитобаҳо вуҷуд доштааст. Ва шояд иллати ин ки дар миёни мо мавъиза тавониста ҷо боз бикунад ва роиҷ гардад ва маҷолиси мо бештар ҷанбаи мавъиза дорад ин аст, ки маҷолиси хитобаӣ, ки аз намози ҷумъа ношӣ мешавад ва метавонад ҷомеъи анвоъи хитобаҳо бошад, дар миёни мо матрук шуда.

Ин чизе, ки алъон дар миёни мо ба номи маҷолиси ваъз боқӣ аст, аз боқоёи маҷолисе аст, ки мутасаввифа ибтикор кардаанд. Яъне ин ки маҷлисе расман ташкил шавад ва иддае барои шунидан ҷамъ бишаванд ва як нафар ба унвони воъиз ва андарзгӯ расман барои мардум сӯҳбат бикунад, алаззоҳир аввалин бор ба василаи мутасаввифа ибтикор шуда ва кори хубе буда ва баъд дигарон ҳам назири он маҷолисро ташкил додаанд. Бинобар ин мо аз қарнҳо пеш китобҳое дорем ба унвони маҷолиси мавъиза, ки аз мутасаввифа боқӣ монда мисли маҷолисе, ки аз Саъдӣ дар даст аст ва маҷолиси Мавлоно ва ғайри онҳо. Ин, кори хубе буда ва баъд дигарон ҳам назири ин маҷолисро ташкил додаанд. Шиъа махсусан дар маҷолиси расо ва азодории Сайидушшуҳадо ин корро шойеъ карданд ва чӣ хуб карданд! Гумон мекунам чун маҷолиси ваъз ибтидо аз мутасаввифа тақлид шуда ва бинои тасаввуф бар радъу манъ ва заҷри нафс ва таҳзиб ва тазкияи нафс аст ва бо ваъз созгортар аст, хатибони мо ҳам бо ин ки сӯфӣ нестанд, бештар ба каломи худашон ҷанбаи зуҳд ва тарк ва мубориза бо ҳавову ҳавас медиҳанд, бештар ба ин ҷанба мепардозанд.

## Ваъз ва хитоба дар “Наҳҷул-балоға”

“Наҳҷул-балоға”, ки шомили қисмате аз хитобаҳои Амирулмӯъминин аст, анвоъи хитобаҳо дорад; ҳам мавъизаҳои балиғ дорад ва ҳам хитобаҳои ҳамосӣ ва иҷтимоӣ. Шайх Муҳаммад Абдуҳ, муфтии бузурги Миср, шарҳи мухтасаре дорад бар “Наҳҷул-балоға” ва муқаддимае бар он навишта. Дар он ҷо менависад, як тасодуф сабаб шуд, ки

ман фароғате пайдо кунам ва ба мутолеаи “Наҳҷул-балоға” бипардозам. Вақте, ки ба мутолеаи ин китоб пардохтам, анвоъи суханон дар он ёфтам ва сахт маро таҳти таъсир қарор дод. Худро дар вақти мутолеаи ин китоб дар ҳоле медидам, ки доиман аз саҳнае вориди саҳнаи дигар мешавад, пардаҳо мураттаб иваз мешуд. Як вақт саҳнае дар баробарам муҷассам мешуд ва гӯиё мардонеро ҷилави чашми худ медидам, ки пӯсти шеру паланг ба тан кардаанд ва омодаи ҳамла ҳастанд. Худро дар ҳоле медидам, ки чунон таҳти таъсир ҳастам, ки моилам ба майдони ҷанг биравам, хуни душманро бирезам ва хунам рехта шавад. Боз медидам сафҳа ва саҳна иваз шуд бо як воъиз ва музаккир рӯ ба рӯ ҳастам, ки бо суханони худ ба дил нармӣ ва риққат ва латофат мебахшад, сафо медиҳад. Ҷойи дигар парда ва саҳна иваз мешуд чунин ҳис мекардам, ки як хатиби иҷтимоӣ ва сиёсӣ истода ва аз масолеҳи умумӣ сухан мегӯяд. Ҷойи дигар мисли ин буд, ки фариштаеро медидам аз олами боло даст дароз карда ва мехоҳад мардумро ба сӯйи олами боло бикашонад.

Бале, ин тавр аст “Наҳҷул-балоға”, анвоъи сухан ва анвоъи хитоба дар он ёфт мешавад. Мавъиза ҳаст, тавҳид ва маърифат ҳаст, хутбаи сиёсӣ ҳаст, ҳамоса ҳаст. Барои намуна, қисмати кучаке аз як хутбаи ҳамосӣ нақл мекунам. Дар вақте, ки лашкари Алӣ (а) ва лашкари Муовия дар Сиффин ба якдигар мерасанд, ба Алӣ хабар медиҳанд, ки Муовия пешдастӣ кардааст ва шариъа яъне маҳалли вуруд дар обро гирифта ва моро дар мазиқаи беобӣ гузоштааст, иҷоза бидиҳед фавран вориди ҷанг бишавем ва шариъаро пасбигирем. Фармуд, на, сабр кунед, балки битавонем бо музокира қазияро ҳал кунем. Номае навишт ба Муовия ва тавассути як нафар фиристод, ки мо ин ҷо омадаем балки битавонем бидуни ин ки эҳтиёҷи ба кор бурдани аслиҳа бошад, бо музокира ихтилофотро ҳал кунем ва ту қабл аз ҳар чиз пешдастӣ кардаӣ ва обро бар лашкариёни ман бастаӣ, дастур бидеҳ ҷилави онҳоро бозбигузоранд.

Аммо Муовия гӯш накард ва инро барои худ шонсе ба ҳисоб овард. Амр ибни Ос, ки вазири мушовири Муовия буд, ба ӯ гуфт, рост мегӯяд Алӣ. Дастур бидеҳ мухолифат накунанд ва ба илова, Алӣ марде нест, ки ташна бимонад ва натавонад шариъаро аз ту пасбигирад.

Муовия қабул накард. Билохира баъд аз чанд бор рафту омади пайкҳо, Алӣ (а) ночор шуд, ки дастур диҳад юриш бибаранд ва сипоҳи Муовияро ақиб биронанд. Ин ҷост, ки бояд хунҳоро ба ҷӯш оварد ва ғайратҳо ва ҳамиятҳоро таҳрик кард. Омад дар муқобили сипоҳи худ истода ва бо се чаҳор ҷумла чунон ҷӯшу хурӯше ба вуҷуд овард, ки тӯле накашид Муовия ва ёронаш аз даври об ба каноре ронда шуданд. Ман ҳар вақт ба ин

ҷумлаҳо мерасам, мисли ин аст, ки иртиъоше (ларзае) дар баданам пайдо мешавад. Он ҷумлаҳо ин аст:

قد استطعموكم القتال

Яъне ин ҷамъият пешқадам шудаанд ва монанди гуруснае, ки ғизо бихоҳад, хоҳони набарди шумоянд.

فاقروا على مذلة، وتأخير محلة، أو رووا السيوف من الدماء ترووا من الماء

Бинобар ин ду роҳ бештар нест: ё ба ин зиллат ва пастӣ ва таъаххур боқӣ бимонед, ё ин шамшерҳоро аз хуни ин нобакорҳо сероб кунед, то битавонед аз об сероб гардед.

فإن الحياة في موتكم قاهرين والموت في حياتكم مقهورين

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 51*) Зиндагӣ дар ин аст, ки бимиред аммо ғолиб ва қоҳир ва пирӯз ва мурдан дар ин аст, ки зинда бошед аммо мақҳур ва мағлуб.

Ин чаҳор ҷумла ғайратҳо ва ҳамиятҳоро ба ҳаракат овард. Тӯле накашид, ки ёрони Муовия ба шиддат ба ақиб ронда шуданд.

Яке ду ҷумла аз хитобаҳои фарзанди азизи Алӣ, Ҳусайн ибни Алӣ (а) низ ба унвони намуна зикр мекунам. Мо ҳарчанд феълан хитобаи ҷумъа надорем, вале аз баракати вуҷуди Ҳусайн (а) хитобаҳо ва минбарҳо доир аст. Дар соири кишварҳои исломӣ ҳам хитоба ҳаст, аммо дар кишвари мо хитобаҳои динӣ рӯйи пояи азодории Ҳусайн ибни Алӣ (а) аст.

## Хитобаҳои ҳусайнӣ

Абӯабдуллоҳ (а) намунаи падари бузургвораш буд дар ҳар ҷиҳат, аз он ҷумла дар хитоба. Барои Абӯабдуллоҳ фурсате пеш наомад. Он андоза аз фурсати кам ҳам, ки барои Амирулмӯъминин дар давраи хилофат пеш омад, барои Абӯабдуллоҳ пеш наомад. Фурсате, ки барои Абӯабдуллоҳ пеш омад, ҳамон сафари кӯтоҳ буд аз Макка то Карбало ва дар он муддати ҳаштрӯзӣ, ки дар Карбало буд, ҷавҳари Ҳусайн ибни Алӣ дар ин муддати кӯтоҳ намоён шуд. Хитобаҳое ҳам, ки аз он ҳазрат боқӣ монд, бештар дар ҳамин муддат иншо шудааст. Хитобаҳои Ҳусайн ибни Алӣ намунае аст аз хитобаҳои падараш Алӣ. Ҳамон руҳ ва ҳамон маъонӣ дар инҳо мавҷ мезанад.

Худи Алӣ фармуд: забон олат ва абзоре аст барои руҳ. Агар маъонӣ ба тарафи забон сарозер нашавад, аз забон чӣ коре бармеояд ва агар ҳам маънӣ дар руҳ мавҷ бизанад, забон наметавонад ҷилавашро бигирад. Фармуд:

وإنا لأمراء الكلام، وفينا تنشبت عروقه، وعلينا تهدلت غصونه

(*"Наҳҷул-балоға", хутбаи 231*) Амири сухан мойем, решаҳои сухан яъне маъонӣ ва матолиб дар замини вуҷуди мо давидааст ва шохҳҳои сухан бар сари мо соя афкандааст. Аввалин хитобаи Ҳусайн ибни Алӣ, ки дар камоли фасоҳат ва балоғат эрод шуд ва рашодат ва шуҷоат ва баландназарӣ ва имон ба ғайб дар он мавҷ мезанад, хитобае аст, ки дар Макка ҳангоми азимат ба Карбало эрод кард. Тасмими қотеъи худро ба мӯҷиби ин хитоба эълом кард ва зимнан иттилоъ дод, ҳар кас бо мо ҳамфикр ва ҳамақида ва ҳамгом аст, озим буда бошад. Фармуд:

خط الموت على ولد آدم مخط القلادة على جيد الفتاة، وما أولهني الى أسلافي اشتياق يعقوب الى يوسف

Марг бар фарзанди Одам навишта шуда ва зинат қарор дода шуда он андоза, ки гарданбанд барои зани ҷавон зинат аст. Марг дар роҳи Ҳақ мояи ифтихор ва мубоҳот аст. Ман чӣ қадр ошиқам ва волаҳам, ки мулҳақ шавам ба пешинёни бузургворам. Шавқ ва ишқи ман ба мулоқоти пешиниёни бузургворам он андоза аст, ки Яъқуб муштоқи мулоқоти Юсуф буд, то ки фармуд:

من كان باذلا فينا مهجته، موطنا على لقاء الله نفسه فليرحل معنا، فإني راحل مصبحا إن شاءالله

(*Луҳуф, с.25 ва 26*) Ҳар кас, ки тасмим дорад ва омода аст як чизи мухтасаре дар ин роҳ бибахшад, чӣ бибахшад? Ҳамон хуне, ки дар ҳуфраҳои қалбаш ҳаст. Ҳар кас, ки омода аст тир барои қалби худ бихарад ва тасмим дорад ба мулоқоти парвардигораш биравад, омода бошад, ки ман фардо субҳ ҳаракат хоҳам кард.

# Хитоба ва минбар (2)

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

الرَّحْمَٰنُ. عَلَّمَ الْقُرْآنَ. خَلَقَ الْإِنْسَانَ. عَلَّمَهُ الْبَيَانَ

Дар ҷаласаи пеш дар бораи пайванди хитоба бо ислом ва таҳаввуле, ки ислом дар хитоба эҷод кард ва баъд дар бораи дастуре аз ислом, ки дар он дастур, хитоба ва суханрониро бо тартиби махсусе ҷузъи матни дастурҳои исломӣ қарор дода сӯҳбат кардам ва мавзӯъи намози ҷумъаро пеш кашидам. Ҳам ба ин муносибат буд, ки вақте бихоҳам дар атрофи хитоба ва минбар яъне яке аз бузургтарин осори ҳодисаи Ошуро ва бузургтарин падидаи иҷтимоии мавҷуди ношӣ аз Ошуро дар кишвари мо сӯҳбат кунам, ночорам аз ин мавзӯъот ҳам баҳс бикунам ва ба илова махсусан мавзӯъи хитобаи ҷумъаро бо баъзе дастуруламалҳои махсус, ки барояш расида зикр кардам барои ин ки барои мисли имшабе, ки дар атрофи хитоба боз сӯҳбат мешавад, пешниҳод кунам, ки ҳамон дастурҳое, ки дар он ҷо ворид шудааст, мо имрӯз дастуруламали худамон қарор бидиҳем.

## Пайванди хитоба дар шиъа бо ҳодисаи Ошуро

Арз кардам, хитоба ва минбар дар кишвари мо мавлуди ҳодисаи Ошурост. Чӣ тавр мавлуди ҳодисаи Ошурост? Имом Ҳусайн (а) дар замони худаш алайҳи ҷараёне қиём кард ва шаҳид шуд ба ҳамон тартибе, ки медонем. Ривоятҳое ҳам дар заминаи азодорӣ барои он ҳазрат ворид шудааст, ки барои як нафар шиъамазҳаб имкон надорад, ки он ривоятҳоро инкор кунад. Яъне аз мусалламоти мазҳаби шиъа аст.

Аз ноҳияи имомон атҳор алайҳимус-салом тавсия ва таъкиди фаровон ба эҳёи суннати Ошуро шудааст ва ба ашхосе, ки шоир будаанд, бисёр тавсия шуда, ки дар ин мавзӯъ шеър бигӯед ва эҳсososти мардумро таҳрик кунед. Нисбат ба ашхосе, ки дар маҷолиси иқомаи суннати Ошуро мутаассир мешаванд ва ашк мерезанд, тақдис расидааст. Аҳодиси зиёде ҳаст роҷеъ ба савоби гиря бар Сайидушшуҳадо Саломуллоҳи алайҳ. Ин аҳодисро имшаб намехоҳам бихонам, вале иҷмолан ҳамин қадр арз мекунам, барои як нафар шиъамазҳаб ҷойи тардид нест, ки ин дастур дар мазҳаби мо ҳаст.

Ин ҷо ду матлаб аст, ки лозим аст тарҳ шавад: яке ин ки фалсафаи қиёми Имом Ҳусайн чӣ буд? Чаро Имом Ҳусайн қиём кард? Ангезаи қиём чӣ буд? Дигар ин ки фалсафаи ин дастур аз тарафи пешвоёни дин, ки мавзӯъи қиёми Имом Ҳусайн барои ҳамеша боқӣ бимонад ва зинда бимонад ва фаромӯш нашавад, чист? Фалсафаи ин ки суннати Ошуро

зинда бимонад чист? Мутобиқи ақидаи мо, ки шиъа ҳастем, ҳеч дастуре аз дин, холӣ аз ҳикмат ва фалсафа нест. Ин ду то бояд маълум бишавад. Агар ин ду то маълум шуд, он вақт маълум хоҳад шуд, ки ин дастур чӣ дастури бузурге аст ва чӣ қадр бояд аз ҳодисаи Ошуро ва аз дастуре, ки дар бораи он расида истифода кард.

Аммо ин ки Имом Ҳусайн чаро қиём кард? Инро се ҷур метавон тафсир кард: яке ин ки бигӯем, қиёми Имом Ҳусайн як қиёми оддӣ ва маъмулӣ буд ва Алаёзу биллоҳ барои ҳадафи шахсӣ ва манфиати шахсӣ буд. Ин тафсир аст, ки на як нафар мусалмон ба он розӣ мешавад ва на воқеиёти таърих ва мусалламоти таърих онро тасдиқ мекунад.

Тафсири дуввум ҳамон аст, ки дар зеҳни бисёре аз авомуннос ворид шуда, ки Имом Ҳусайн кушта шуд ва шаҳид шуд барои ин ки гуноҳи уммат бахшида шавад. Шаҳодати он ҳазрат ба унвони каффораи гуноҳони уммат воқеъ шуд, назири ҳамон ақидае, ки масеҳиён дар бораи ҳазрати Масеҳ пайдо карданд, ки Исо ба дор рафт барои ин ки фидои гуноҳони уммат бишавад. Яъне гуноҳон асар дорад ва дар охират домангири инсон мешавад, Имом Ҳусайн шаҳид шуд, ки асари гуноҳонро дар қиёмат хунсо кунад ва ба мардум аз ин ҷиҳат озодӣ бидиҳад.

Дар ҳақиқат, мутобиқи ин ақида бояд гуфт, Имом Ҳусайн алайҳис-салом дид, ки Язидҳо ва Ибни Зиёдҳо ва Шимру Синонҳо ҳастанд, аммо иддаашон кам аст, хост коре бикунад, ки бар иддаи инҳо афзуда шавад, хост мактабе бисозад, ки аз инҳо баъдан зиёдтар пайдо шаванд, мактаби Язидсозӣ ва Ибни Зиёдсозӣ барпо кард.

Ин тарзи фикр ва ин тарзи тафсир бисёр хатарнок аст. Барои беасар кардани қиёми Имом Ҳусайн ва барои мубориза бо ҳадафи Имом Ҳусайн ва барои беасар кардан ва аз байн бурдани ҳикмат дастурҳое, ки барои азодории Имом Ҳусайн расида, ҳеч чизе ба андозаи ин тарзи фикр ва ин тарзи тафсир муассир нест.

Бовар кунед, ки яке аз иллатҳо (гуфтам, яке аз иллатҳо, чун иллатҳои дигар ҳам дар кор ҳаст, ки ҷанбаи қавмӣ ва нажодӣ дорад), ки мо мардуми Эронро ин миқдор дар амал лоқайду лоуболӣ карда ин аст, ки фалсафаи қиёми Имом Ҳусайн барои мо каҷ тафсир шуда; тавре тафсир кардаанд, ки натиҷааш ҳамин аст, ки мебинем. Ба қавли ҷаноби Зайд ибни Алӣ ибни Ҳусайн дар бораи мурҷиъа (мурҷиъа тоифае буданд, ки мӯътақид буданд, имон ва эътиқод кофӣ аст, амал дар саодати инсон таъсир надорад, агар ақида дуруст бошад, Худованд аз амал ҳар андоза бад бошад мегузарад):

هؤلاء أطمعوا الفساق في عفو الله

Яъне инҳо коре карданд, ки фуссоқ дар фисқи худ ба тамаъи афви Худо ҷарӣ шуданд. Ин ақидаи мурҷиъа буд дар он вақт. Ва дар он вақт ақидаи шиъа дар нуқтаи муқобили

ақидаи мурҷиъа буд, аммо имрӯз шиъа ҳамонро мегӯяд, ки дар қадим мурҷиъа мегуфтанд. Ақидаи шиъа ҳамон буд, ки насси Қуръон аст:

الَّذِينَ آمَنُوا وَعَمِلُوا الصَّالِحَاتِ

Ҳам имон лозим аст ва ҳам амали солеҳ.

Тафсири севвум ин аст, ки авзоъу аҳволе дар ҷаҳони ислом пеш омада буд ва ба ҷойе расида буд, ки Имом Ҳусайн алайҳис-салом вазифаи худашро ин медонист, ки бояд қиём кунад, ҳифзи исломро дар қиёми худ медонист. Қиёми ӯ қиём дар роҳи Ҳақ ва ҳақиқат буд. Ихтилоф ва низоъи ӯ бо халифаи вақт бар сари ин набуд, ки ту набошӣ ва ман бошам, он коре, ки ту мекунӣ, накун, бигузор ман бикунам, ихтилофе буд усулӣ ва асосӣ. Агар каси дигаре ҳам ба ҷойи Язид буд ва ҳамон равиш ва корҳоро медошт, боз Имом Ҳусайн қиём мекард, хоҳ ин ки бо шахси Имом Ҳусайн хушрафторӣ мекард ё бадрафторӣ. Язид ва аъвону ансораш ҳам агар Имом Ҳусайн мутаъарризи корҳои онҳо намешуд ва рӯйи корҳои онҳо сиҳҳа мегузошт, ҳозир буданд ҳама ҷур мусоидатро бо Имом Ҳусайн бикунанд, ҳар ҷоро мехост, ба ӯ медоданд, агар мегуфт, ҳукумати Ҳиҷоз ва Яманро ба ман бидиҳед, ҳукумати Ироқро ба ман бидиҳед, ҳукумати Хуросонро ба ман бидиҳед, медоданд, агар ихтиёри мутлақ ҳам дар ҳукуматҳо мехост ва мегуфт, ба ихтиёри худам ҳар чи пул вусул шуд ва дилам хост бифиристам ва мефиристам ва ҳар чи дилам хост, харҷ мекунам, касе мутаъарризи ман нашавад, боз онҳо ҳозир буданд.

Ҷанги Ҳусайн ҷанги маслакӣ ва ақидаӣ буд, пойи ақида дар кор буд, ҷанги ҳаққу ботил буд. Дар ҷанги ҳаққу ботил дигар Ҳусайн аз он ҷиҳат, ки шахси муайян аст таъсир надорад. Худи Имом Ҳусайн бо ду калима матлабро тамом кард. Дар яке аз хутбаҳои байни роҳ, ба асҳоби худаш мефармояд: (Зоҳиран дар вақте аст, ки Ҳурр ва асҳобаш расида буданд ва бинобар ин ҳамаро мухотаб қарор дод)

ألا ترون أن الحق لا يعمل به، والباطل لا يتناهى عنه، ليرغب المؤمن في لقاء الله محقا

Оё намебинед, ки ба ҳақ рафтор намешавад ва аз ботил ҷилавгирӣ намешавад? Пас мӯъмин дар якчунин авзоъе бояд тан бидиҳад ба шаҳодат дар роҳи Худо. Нафармуд:

ليرغب الحسين

Вазифаи имом ин аст дар ин мавқеъ омодаи шаҳодат шавад. Нафармуд:

ليرغب الحسين

Вазифаи шахси Ҳусайн ин аст, ки омодаи шаҳодат гардад. Фармуд:

Вазифаи ҳар мӯъмин дар якчунин авзоъу аҳвол ин аст, ки маргро бар зиндагӣ тарҷеҳ диҳад. Як мусалмон аз он ҷиҳат, ки мусалмон аст ҳар вакт, ки бибинад ба ҳақ рафтор намешавад ва ҷилави ботил гирифта намешавад, вазифааш ин аст, ки қиём кунад ва омодаи шаҳодат гардад.

Ин се ҷур тафсир: яке он тафсире, ки як душмани Ҳусайн бояд тафсир бикунад. Яке тафсире, ки худи Ҳусайн тафсир кардааст, ки қиёми ӯ дар роҳи ҳақ буд. Яке ҳам тафсире, ки дӯстони нодонаш карданд ва аз тафсири душманонаш хеле хатарноктар ва гумроҳкунандатар ва дуртар аст аз руҳи Ҳусайн ибни Алӣ.

Аммо қисмати дуввум, ки чаро имомони дин ин ҳама таъкид карданд, ки маҷлиси азо бапо доред? Ин ҳам ба ҳамин далел, ки арз кардам, чун Имом Ҳусайн кушта нашуд барои манфиати шахсӣ, Имом Ҳусайн кушта нашуд барои ин ки худашро фидои гуноҳони уммат карда бошад, Имом Ҳусайн дар роҳи ҳақ кушта шуд, дар роҳи мубориза бо ботил кушта шуд, имомони дин хостанд мактаби Ҳусайн дар дунё боқӣ бимонад, шаҳодати Ҳусайн ба сурати як мактаб, мактаби муборизаи ҳақ бо ботил барои ҳамеша боқӣ бимонад, вагарна чӣ фоида ба ҳоли Имом Ҳусайн, ки мо гиря бикунем ё накунем ва чӣ фоида ба ҳоли худи мо дорад, ки сирфан биншинем як гиряе бикунем ва баланд шавем ва биравем?! Имомони дин хостанд, қиёми Имом Ҳусайн ба сурати як мактаб ва ба сурати як машъали фурӯзон ҳамеша боқӣ бимонад.

Ин як чароғе аст аз ҳақ, аз ҳақиқатдӯстӣ, аз ҳақиқатхоҳӣ. Ин як нидое аст аз ҳақталабӣ, аз ҳуррият, аз озодӣ. Ин мактаби ҳуррият ва ин мактаби озодӣ ва ин мактаби мубориза бо зулмро хостанд барои ҳамеша боқӣ бимонад.

Дар замони худи имомони атҳор, ки ин дастур содир шуд, сабаб шуд, ки ҷараёни зинда ва фаъол ва инқилобӣ ба вуҷуд ояд. Номи Имом Ҳусайн шиори инқилоб алайҳи зулм гашт. Як идда шоири инқилобӣ ба вуҷуд омад: Кумайти Асадӣ ба вуҷуд омад, Диъбили Хузоъӣ ба вуҷуд омад.

Диъбили Хузоъӣ медонед кист? Кумайти Асадӣ медонед кист? Инҳо ду нафар равзахонанд, аммо на мисли равзахонии ман. Ду нафар шоиранд, марсиягӯ, аммо на мисли марсиягӯиҳои Мӯҳташам ва ғайра. Дилам мехоҳад шумо ашъори Кумайти Асадӣ, ашъор Диъбили Хузоъӣ ва ашъори Ибни ар-Румӣ ва ашъори Абӯфироси Ҳамдонӣ, ки ба арабӣ аст, бо ҳамин ашъори Мӯҳташам, ки ҳазор то хоб барояш нақл мекунанд муқоиса кунед ва бибинед онҳо куҷо ва инҳо куҷо! Онҳо доранд мактаби Ҳусайнро нишон медиҳанд. Кумайти Асадӣ бо ҳамон ашъораш аз як сипоҳ бештар барои Банӣ Умайя

зарар дошт. Ин мард кӣ буд? Як равзахон буд, аммо чӣ равзахоне? Оё равзахоне буд, ки биёяд чаҳор то шеъри муфт бихонад ва пул бигирад ва биравад? Шеър мегуфт, ки такон медод дунёро, такон медод дастгоҳи хилофати вақтро.

Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Алӣ маъруф ба Абдуллоҳи Маҳз, таҳти таъсири шеърҳои Кумайт қарор гирифт, ба унвони силаи он абёти ҷондор, санади мазраъаи худро овард дод ба Кумайт. Кумайт гуфт, маҳол ва мумтанеъ аст, ки бигирам, ман марсияхони Сайидушшуҳадо ҳастам, ман барои Худо марсия гуфтаам, пул намегирам. Исрори фавқулъода кард. Билохира гирифт. Баъд аз муддате омад пеши Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Алӣ ва гуфт, ман хоҳише дорам аз ту, оё қабул мекунӣ? Гуфт, албатта қабул мекунам, аммо ман, ки намедонам чист. Гуфт, аввал бояд қавл бидиҳӣ, ки амал мекунӣ, баъд мегӯям. Қавл дод ва шояд қасам ҳам хӯрд. Ҳамин ки қавл аз ӯ гирифт, санадро овард пасдод, гуфт, ман наметавонам инро бигирам. Вақти дигар Банӣ Ҳошим барояш пул ҷамъ карданд ва доданд, ҳар коре карданд, қабул накард ва гуфт, маҳол ва мумтанеъ аст, ки бигирам.

Ин мард ба хотири ҳамин ашъор ва ҳамин навъ марсияхонӣ чӣ сахтиҳо кашид ва чӣ рӯзгорҳо дид ва ба чӣ вазъ ӯро куштанд! Ин мардро гирифтанд ва дар хонаи Юсуф ибни Умари Сақафӣ, ки ҳокими он рӯзи Куфа буд, ҳашт нафар рехтанд ба сараш, шамшерҳо ба баданаш заданд. Охирин ҳарфе, ки дар охирин нафас гуфт ин буд:

اللهم آل محمد، اللهم آل محمد

Худоё аҳли байти пайғамбар, Худоё аҳли байти пайғамбар. Ин охирин калимае буд, ки ба забони ин мард омад.

Диъбил ибни Алии Хузоъиро оё мешиносед? Худаш мегуфт, 50 сол аст, ки дори худамро рӯйи дӯш гирифтаам ва роҳ меравам.

Бибинед арзиши адабии ин ду нафар марсиягӯ, ки имомони дин инҳоро дуруст карданд, чӣ буда. Бибинед инҳо сирфан як марсиягӯ ҳастанд, марсияхон ҳастанд. Онҳо марсия гуфтаанд, аммо на ба сурати ”амма ман ғарибам”. Ҳамосаҳо гуфтаанд, чӣ ҳамосаҳое! Як қасидаи онҳо ба андозаи як силсила мақолот, ки як нафар муфаккири инқилобӣ бинависад, асар дорад. Инҳо дар зери чатри марсияи солори шаҳидон, Имом Ҳусайн (а), чӣ интиқодҳои лозеъ ва газандае аз Банӣ Умайя ва аз Банӣ Аббос карданд ва чиҳо бар сари онҳо оварданд!

Шумо мешунавед Мутаваккил дастур дод, қабри Ҳусайн ибни Алиро об банданд ва касе наравад ба зиёрати Ҳусайн ибни Алӣ, агар касе меравад, дасташро бибурранд, агар касе исми Ҳусайн ибни Алиро бибарад, чунину чунон бикунанд. Лобуд хаёл мекунед ин одам

яъне Мутаввакил фақат гирифтори як уқдаи руҳӣ буд, як душманӣ ва як кинаи бемантиқе бо номи Ҳусайн ибни Алӣ дошт. На оқо, он рӯз номи Ҳусайн ибни Алӣ дар асари тавсия ва таъкидҳои имомон ба азодорӣ ва дар асари ба вуҷуд омадани амсоли Кумайтҳо ва Диъбил ибни Алиҳо, падари Мутаваккилро дармеовард. Мутаввакил медид ҳар як аз инҳо ба андозаи як сипоҳ алайҳи ӯ муассир ҳастанд, медид номи Ҳусайни мурда аз худи Ҳусайни зинда барои ӯ ва амсоли ӯ камтар музоҳим нест. Чун имомони дин дар асари ҳамин тавсия ва дастурҳо нагузоштанд Ҳусайн ибни Алӣ бимирад, ба сурати як фикр, ба сурати як идея, ба сурати як ақидаи мубориза бо зулм, Ҳусайнро зинда нигаҳ доштанд.
Мутаввакил ҳам дар ҳисоби худаш хуб ҳисоб карда буд, ҳисоб карда буд балки битавонад ин фикрро ва ин зикрро ва ин идеяро ва ин ақидаро аз байн бибарад, вагарна хеле ҳам одами оқиле буд, одами муқаддасмаобе ҳам буд, ҳеч уқдаи руҳӣ ва шахсӣ надошт дар бораи Ҳусайн ибни Алӣ, вале медид Ҳусайн бо ҳамин марсияхониҳо ба сурати як мактаб даромадааст, ки дигар Мутаввакил наметавонад Мутаввакил бошад.
Боз ҳам мо достонҳо дорем. Агар касе дар ин замина ҷамъоварӣ бикунад ва бибинад марсияҳои марсияхонҳои Сайидушшуҳадо то он вақте, ки аз таълимоти имомон пайравӣ мекарданд, чӣ нақше дар иҷтимоъ дошт, мавриди эъҷоб хоҳад буд.
Пас агар ин ду чиз дониста бишавад — ва бояд дониста бишавад — метавон аз ҳамин азодориҳо истифодаҳои хуб бурд.
Инро ҳам бигӯям: бо ҳамаи нақоисе, ки алъон дар кор аст, хушбахтона мардум, эҳсосоти бисёр пок ва эҳсосоти воқеӣ нисбат ба Сайидушшуҳадо Саломуллоҳи алайҳ доранд. Баъзе аз ашхос, ки албатта нияти суъ надоранд, чун мебинанд аз ин қазия суистифода мешавад, ақидаашон ин шуда, ки бояд ба куллӣ ин қазия аз байн биравад, мегӯянд, мардум, ки гиря мекунанд, ба иллат ин аст, ки шунидаанд гуноҳонашон ба ин гиряҳо бахшида мешавад, вагарна гиря намекарданд. На оқо, ин иштибоҳ аст. Воқеан ин тавр нест. Магар мешавад мардумро бо татмеъ гирёнд?! Агар ин ҷур аст, шумо биёед ба як идда мардум бигӯед дар як ҷо ҷамъ бишаванд ва бигӯянд ба ҳар як аз шумоҳо чеки ҳазортумонӣ медиҳем ба шарти ин ки биншинед ним соат барои фалон шахс, масалан барои Шоҳ Аббос гиря бикунед. Агар гиря карданд?! Магар мешавад чунин чизе?! Гиря эҳсосот мехоҳад. Инсон то мутаассир нашавад, гиря намекунад. Ё бояд ҳузн дошта бошад ё бояд шавқ дошта бошад. Дар мардум воқеан як навъ эҳсосоти ҳақиқӣ нисбат ба Сайидушшуҳадо ҳаст, воқеан Имом Ҳусайнро дӯст доранд ва ба ӯ ишқ меварзанд ва аз сӯзи дил барояш ашк мерезанд.
Дар ин Муҳаррам ва Сафар харворҳо ашк аз мардум рехта мешавад, дар ғайри Муҳаррам ва Сафар чӣ қадр рехта мешавад! То ҳузне набошад, то андӯҳе набошад, то ишқе

набошад, то шавқе набошад, то эҳсосоте набошад, ки гиря намеояд. Ин эҳсосот қимат дорад, хеле ҳам қимат дорад. Аммо ҳоло он тавре, ки бояд ва шояд истифода накардаем ва истифодаи мо истифодаи комил нест, матлаби дигаре аст ба ҷой худ. Мо хеле чизҳо дорем, ки истифода накардаем. Мо рӯди Корун дорем то ҳоло аз он истифода накарда будем, пас бояд бигӯем рӯди Корун ба дард намехӯрад?! Мо солҳо ва қарнҳо дар зери замин нафт доштем ва аз он истифода накарда будем, пас бигӯем нафт бад аст?! Ҳазорон маъдани дигар ва захираи дигар мо дар ин кишвар доштаем ва дорем ва истифода намекунем. Агар ин кишвар бихоҳад ислоҳ бишавад, агар бихоҳад дар ҷоддаи тараққӣ биафтад, дар ҷоддаи таъолӣ биафтад, дар ҷоддаи илм биафтад, дар роҳи санъат биафтад, дар роҳи ҳуррият ва озодихоҳӣ биафтад, беҳтарин роҳ ва наздиктарин роҳ — агар нагӯям роҳи дигаре нест — беҳтарин роҳ ва наздиктарин роҳ ҳамин аст, ки аз ҳамин эҳсосоти содиқонаи мардум дар бораи Ҳусайн ибни Алӣ, ки ҳақиқат дорад ва воқеият дорад ва дар бораи шахсе аст, ки шоистаи ин эҳсосот аст ва соҳиби як мактаби бисёр бузург ва олӣ аст, истифода кунем. Чаро аз дастури дин ва мазҳаби худамон пайравӣ накунем?! Хеле дастури хубе аст бояд аз он истифода кард.

Ба ҳар ҳол, ин хитоба ва минбар, ки алъон дар миёни мо шойеъ аст, мавлуди ҳодисаи Ошуро ва тавсияи имомони атҳор ба иқомаи азои Сайидушшуҳадо аст, аз баракоти азодории Сайидушшуҳадо аст. Ашхоси оқил ва фаҳмида ва мутадайин гуфтанд, ҳоло, ки маҷлисе ба номи Сайидушшуҳадо алайҳис-салом ташкил мешавад, ҳоло, ки мардум ба номи Имом Ҳусайн ҷамъ мешаванд, чаро мо ба ин васила аз як асли дигар истифода накунем? Чаро зимнан асли дигареро иҷро накунем? Ва он, асли амр ба маъруф ва наҳй аз мункар аст. Бинобар ин Ҳусайн ибни Алӣ соҳиби ду курсӣ шуд: яке курсии марсияхонӣ ва курсии ибрози эҳсосот ба суди мазлум ва алайҳи золим, ки агар ба тарзи саҳеҳе иҷро шавад, он ҳама осори азим дорад, ки қаблан арз кардам.

Ва дигар курсии амр ба маъруф ва наҳй аз мункар. Дар ин кишвар, он чи иршод ва ҳидоят ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункари қавлӣ ва забонӣ мешавад, бо номи муқаддаси Ҳусайн ибни Алӣ мешавад. Ва чӣ кори хубе ва чӣ суннати хубе буда, ки ба амал омадааст, чӣ хуб карданд, ки курсии Ҳусайн ибни Алиро зимнан курсии амр ба маъруф ва таълимоти усули дин ва фурӯъи дин қарор доданд, аз эҳсосоти мардум нисбат ба Ҳусайн ибни Алӣ, ки эҳсосоти воқеӣ аст истифодаи хуб карданд. Мардум он қадр, ки ба номи Ҳусайн ибни Алӣ ҷамъ мешаванд, ба номи дигаре ҷамъ намешванд. Хуб истифодае карданд, ки чунин суннате барқарор карданд.

Ҳоло дар ин қисмат, чӣ ҷур амал мешавад, он дигар бастагӣ дорад ба вазъи гӯянда ва шоистагии ӯ. Ӯ метавонад усули ақоид бигӯяд, маъолими динро бигӯяд, мавъиза кунад,

мардумро ба ҳалолу ҳаром огоҳ кунад, масолеҳи дин ва дунёи мардумро бигӯяд. Мардум ба ҳар ҳол аз баракати Ҳусайн ибни Алӣ омодаанд. Ин дигар бастагӣ дорад ба ин ки гӯянда шоистагии баёни ин ҳақоиқро дошта бошад ё надошта бошад.
Ҳоло, ки ин чур аст, пас бояд дар бораи ин қазия фикр кард ва нақоиси онро ислоҳ кард, ҳам аз чанбаи марсияхонӣ ва ҳам аз чанбаи иршод ва ҳидояти мардум.

## Зарурати ислоҳи вазъи марсияхонӣ

Бояд касоне, ки марсияхонӣ мекунанд, таваччӯҳ дошта бошанд ба фалсафаи қиёми Сайидушшуҳадо ва ба фалсафаи дастуроте, ки имомони атҳор дар бораи азодорӣ додаанд. Бечиҳат дастуре надодаанд. Бояд фалсафаи қиёми Сайидушшуҳадо ва ҳам фалсафаи азодории он ҳазратро ба мардум бигӯянд ва мардумро огоҳ кунанд. Бояд мукаррар ин матлабро бигӯянд, на як бор ва ду бор ва даҳ бор ва сад бор, ҳамеша бояд ба гӯши мардум хонда шавад.
Бояд гӯяндагони басире бошанд, то битавонанд ҳақоиқи наҳзати ҳусайниро бигӯянд, на ин ки маълумоташон мунҳасир бошад ба чанги оқо, ё маъхаз ва мадракашон — ба истилоҳи худи аҳли минбар — лисонуззокирин ва садрулвоъизин бошад; ҳарфҳое бошад, ки аз якдигар шунидаанд. Мегӯянд, фалонӣ ин матлабро аз кучо нақл мекард? Чавоб медиҳанд, аз лисонуззокирин ё аз садрулвоъизин. Мақсудашон ин аст, ки дар китобе надида, аз забони ину он шунидааст. Достонҳо дар ин замина ҳаст ва агар тӯл намекашид, баъзе аз онҳоро имшаб барои шумо нақл мекардам, ки чӣ гуна як дурӯғ, ки як нафар дар як чо чаъл карда, ба суръат ривоч гирифта ва аз ин ба он расида ва кам-кам аз шаҳре ба шаҳре ва аз минтақае ба минтақае рафтааст. Қазоёи таърихиро бояд аз китобҳои мӯътабари таърих ва аз қавли муаррихини мӯътабар нақл кард.
Ҳамин Оятӣ як муаррихе аст нисбат ба таърихи садри ислом. Ман ба чуръат метавонам бигӯям, дар ҳамаи Теҳрон ва шояд ҳамаи кишвар касе надорем, ки ба таърихи садсолаи аввали ислом мисли Оятӣ иҳота дошта бошад. Касе мисли ӯ нест, ки ба чузъиёти ин қисмат аз таърих иҳота ва иттилоъ дошта бошад. Ин мард бар тамоми мутуни таърихии ин қисмат мусаллат аст ва чузъиёташро медонад. Агар масалан аз чанги Бадр бипурсед, як-як одамҳояшро мешиносад. Ҳатто гоҳе мегӯяд, падараш кист, модараш кист, хешу табораш кистанд. Ҳарфе, ки ин мард бигӯяд, санад аст.
Шумо, мардуми Теҳрон одат накардаед, ки ҳарфи таҳқиқӣ бишнавед, чӣ бояд кард?! Эшон охирин асаре, ки таълиф кардаанд ва донишгоҳ чоп кардааст, китобе аст дар таърихи Андалус ба номи "Таърихи Андалус". Китоби бисёр хубе аст ва дар бораи

ҳодисаи исломии бузурге аст, ки мо мусалмонон ва билахасс эрониҳо дар мавзӯъи ин ҳодиса хеле тақсир кардаем. Ин таърихро бигиред ва бихонед.

Ба ҳар ҳол бояд фалсафаи қиёми ҳусайнӣ мукаррар дар манобир гуфта шавад, фалсафаи азодориҳо гуфта шавад, ҳамон асар ва манзур ҳосил шавад, ки Имом Зайнулобидин ва Имом Боқир ва Имом Содиқ ва Имом Козим тавсия мекарданд ва Кумайтҳо ва Диъбили Хузоъиҳо ба вуҷуд меомад ва осоре бар марсиягӯиҳои онҳо мутараттиб буд. Набояд коре кард, ки эҳсосоти мардум дар ин замина хомӯш шавад, бояд тундтар ва тезтар кард, бояд коре кард, ки эҳсосоти мардум ва ишқу алоқаи мардум нисбат ба ҳақ тезтар шавад ва нисбат ба ботил мутлақан эҳсосоти нафратомез дошта бошанд. Муборизаи ҳаққу ботил ҳамеша дар дунё буда ва ҳаст.

Мӯсо ва Фиръавн ҳамеша дар дунё ҳаст, Иброҳим ва Намруд ҳамеша дар дунё ҳаст, Муҳаммад ва Абӯҷаҳл ҳамеша дар дунё ҳаст. Алӣ ва Муовия ҳамеша дар дунё ҳаст, Ҳусайн ва Язид ҳамеша дар дунё ҳаст. Манзур ин нест, ки ҳамеша дар дунё ашхосе ба мақом ва дараҷаи Иброҳим ва Мӯсо ва Исо ва Муҳаммад ва Алӣ ва Ҳусайн ҳастанд. Мақсуд ин аст, ки ҳамеша ҳаққу ботил дар баробари якдигар ҳастанд, ҷомеа ҳамеша бар сари дуроҳии ҳаққу ботил аст. Ин ҷанбаи аввал ва қисмати аввал яъне марсияхонӣ ва равзахонӣ.

## Зарурати ислоҳи амр ба маъруфҳо

Аммо қисмати дуввум яъне иршод ва ҳидоят ва амр ба маъруф ва наҳй аз мункар. Дар ин ҷо бояд чӣ кард ва чӣ гуна амал кард? Ба назари ман, бояд ба ҳамон дастуре, ки дар бораи хитобаи ҷумъа расида ва дишаб ривояте дар ин замина аз ҳазрати Ризо (а) нақл кардам, амал кард. Бисёр дастури ҷомеъе аст. Мо, ки намози ҷумъа надорем, ки он дастурро дар хитобаи ҷумъа мавриди истифода қарор диҳем, пас лоақал дар ҳамин манобир ва хитобаҳо, ки аз баракати Ҳусайн ибни Алӣ (а) бапост, ба он дастур амал кунем.

## Вазоифи хатиб

Ривояте, ки дишаб аз ҳазрати Ризо (а) хондам, вазифаи хатибро дар се қисмат баён карда буд. Дар қисмати аввал фармуд:

إنما جعلت الخطبة يوم الجمعة لأن الجمعة مشهد عام فأراد أن يكون للأمير سبب الى موعظتهم وترغيبهم في الطاعة وترهيبهم من المعصية

Яьне дар рӯзи ҷумъа ҳама ҳозир мешаванд ва як маҷмаъи умумӣ аз мусалмонон ташкил мегардад. Ислом мехоҳад, ки ин барои пешво ва заъими мусалмонон василае бошад, ки мардумро мавъиза кунад, ба тоъати Худо ташвиқ ва аз гуноҳон барҳазар дорад.

## Мавъиза

Яке аз вазоифи хитоба ва минбар, мавъиза аст. Мавъиза ҳамон тавр, ки дишаб арз кардам, каломе аст, ки ба дил нармӣ ва риққат медиҳад, қасватро аз дил мебарад, хашму шаҳватро фурӯ менишонад, ҳавоҳои нафсониро таскин медиҳад, ба дил сафо ва ҷило медиҳад. Ҳеч кас нест, ки аз мавъиза бениёз бошад ва ҳеч ҷомеае ҳам нест, ки эҳтиёҷ ба мавъиза надошта бошад. Мавъизаи воқеӣ, ки ростӣ дар дил асар кунад, ҷуз ба василаи дин мумкин нест. Мавоъизи дин аст, ки метавонад бар рӯйи дилҳо асар бигузорад ва ба дилҳо хушӯъ бидиҳад. Албатта гузашта аз ин ки мавъиза бояд аз забони дин гуфта шавад, худи воъиз низ бояд аз суханони худ мутаассир бошад ва аз дил мавъиза кунад.
Ҳеч фарде аз мавъиза бениёз нест. Мумкин аст фарде аз таълими шахси дигаре бениёз бошад, аммо аз мавъиза ӯ бениёз нест. Зеро донистан, як матлаб аст ва мутазаккир шудан ва таҳти таъсири талқини як нафар воъизи мӯъмини муттақӣ қарор гирифтан, матлаби дигар аст. Мегӯянд, Алӣ (а) ба яке аз асҳобаш мефармуд:

عظني

Маро мавъиза кун ва мефармуд, дар шунидан асаре ҳаст, ки дар донистан нест. Бояд ҳамеша гурӯҳе шоиста мардумро мавъиза кунанд, ба ёди Худо биёваранд, аз ғафлате, ки аз марг доранд берун биёваранд, мардум мутаваҷҷеҳи осори гуноҳонашон бошанд ва чанд калима аз мавоъиз бидонад, метавонад мавъиза кунад ва мавъизааш то ҳамон ҳадд муфид бошад. Дар мавъиза агар худи шахс аҳли амал бошад ва ихлос дошта бошад, ҳамон бозгӯ кардани калимоти бузургон кофӣ аст ва аммо ин ки шахс бихоҳад масолеҳи олияи динӣ ва дунёии мардумро бигӯяд ва онҳоро ба он масолеҳ огоҳ кунад, хеле мушкил аст.
Ду ишкол дар ин кор ҳаст. Яке ин ки илму иттилоъи зиёд мехоҳад. Дигар ин ки ихлоси бисёр лозим аст, ки он чиро аз масолеҳи олияи динӣ ва дунёъӣ мефаҳмад, ҳамонҳоро ба мардум бигӯяд.

## Огоҳии динӣ ва огоҳии иҷтимоӣ

Аммо илму иттилоъ: аввалан бояд илму иттилоъаш ба мабонии дин кофӣ бошад, бояд исломро комилан бишносад, ба руҳи таълимоти исломӣ огоҳ бошад, зоҳири ислом ва ботини ислом, пӯстаи ислом ва ҳастаи ислом, ҳамаро дар ҳадди худ ва ҷойи худ бишносад, то бифаҳмад маслиҳати дин яъне чӣ?

Сонияи, танҳо донистан ва шинохтани дин барои маслиҳатгӯӣ кофӣ нест, ҷомеаро бояд бишносад, ба авзоъи дунё бояд огоҳ бошад, бояд бифаҳмад, ки дар дунё чӣ мегузарад ва имрӯз маслиҳати ҷомеаи исломӣ дар баробари ҷараёнҳои мавҷуди дунё чӣ иқтизо мекунад ва мардумро ба он ҷараёнҳо ва масолеҳи воқеии онҳо огоҳ бикунад.

Мутаассифам, ки бояд бигӯям, мо аз ин ҷиҳат заъифем. Мо дар ҷанбаи мавъиза заъиф набудаем ва нестем ва лоақал хеле заъиф нестем, аммо дар ин қисмат хеле заъифем, дар ин ҷиҳат камтар мутолеа дорем.

Ин каломи Имом Ризо (а) хеле қимат дорад. Фармуд, мардумро ба маслиҳати дин ва дунёи онҳо огоҳ бикунед. Одаме, ки сару кораш фақат бо чанд китоби муайян дар як илми бахусус масалан фиқҳ, адабиёт, фалсафа ва ғайра бошад ва дар кунҷи мадраса ба сар барад, наметавонад бифаҳмад дар ҷомеа чӣ мегузарад ва чӣ бояд кард. Инсон дар кунҷи мадраса наметавонад масолеҳи ҷомеаро ташхис бидиҳад. Илму иттилоъ ба авзоъи ҷорӣ ва мутағайири ҷаҳон лозим аст. Шоммаи тез мехоҳад, ки ҳатто ҳаводисе, ки дар оянда воқеъ мешавад, аз ҳоло пешбинӣ кунад ва ҷомеаро тавре аз он ҳодиса убур диҳад, ки бо хатаре мувоҷеҳ нашавад. Ҳидоят бидуни қудрати пешбинӣ имконпазир нест.

## Ҳидоят яъне чӣ?

Ҳидоят яъне чӣ? Ҳидоят яъне роҳнамоӣ. Қофилае дар роҳе ба сӯйи мақсаде ҳаракат мекунад, аз як нафар мепурсанд, роҳи фалон мақсад куҷост ва ӯ нишон медиҳад; мегӯяд, аз ин тараф бирав ё аз он тараф. Ин, роҳнамоӣ аст, ки фаръ бар роҳбаладӣ аст. Чӣ касе метавонад роҳнамои қофила бошад? Касе, ки бифаҳмад, қофила чӣ масире дорад ва ба куҷо меравад.

Ҷомеа монанди қофилаи ҳамеша дар ҳоли ҳаракат аст. Мо чӣ бихоҳем ва чӣ нахоҳем ин қофила дар ҳаракат аст. Мо бояд бифаҳмем, ки ин қофиларо чӣ гуна савқ бидиҳем, монанди як ронандаи автомобил, ки пушти автомобил менишинад ва автомобилро ҳидоят мекунад, фармон бояд дар дасташ бошад, мотор дар ихтиёраш бошад, як ҷо бояд мошинро хомӯш кунад ва мутаваққиф созад, ҷойи дигар баръакс бояд газ бидиҳад ва бар

суръат биафзояд, як ҷо бояд фармонро бипечад, як ҷо бояд данда иваз кунад ва як ҷо тормоз кунад.

Ҳамаи инҳо дар ҳидоят падид омада, бар сари як печ қарор гирифта, дар баробари як дастандоз қарор гирифта ва бояд ба роҳатӣ ва бехатар аз он бигузарад. Бояд андаке фармонро печ дод, то аз хатар бираҳад. Деворе дар баробари мо қарор гирифта ва бояд аз он девор бипечем ва бигузарем ва ба роҳи худамон идома диҳем. Набояд чашмбаста рӯйи ҳамон хатте, ки ҳаракат мекардем, ҳаракат кунем. Собиқан девор набуд, ҳоло деворе дар ҷилави мо ҳаст, дастандозе набуд, ҳоло дастандоз пайдо шуда, ба рӯдхона расидаем, ба дара ва кӯҳ расидаем.

Ба ҳар ҳол, ҳодии иҷтимоъ бояд бифаҳмад дар куҷо ҷомеаро бипечад ва дар масири ҷадиде биандозад ва ба сӯйи мақсади аслии худ ҳаракат кунад.

Ҳамчунин бояд бидонем куҷо газ бидиҳем ва бар суръат биафзоем. Як ҷо майдони мусобиқа аст ва ҳама кӯшиш мекунанд, ки мусобиқаро бибаранд ва пеш бифтанд. Бояд бар нерӯ ва суръат афзуд. Имрӯз дунё майдони мусобиқаи илму санъат шудааст. Ҳоло, ки чунин мусобиқае дар дунё ҳаст, бояд кӯшиш кард ва ҷомеаро ба ҳаракат овард, ки дар ин мусобиқа ақиб намонад.

Бинобар ин, нишастан ва мудом интиқод кардан ва эрод гирифтан; ин корро накун, он корро накун, исмаш ҳидоят нест. Як рӯз дар мадрасаи Марвӣ бо чанд нафар аз оқоёни туллоб ҳамин матлабро дар миён гузошта будам ва мегуфтам: оқоён! Маънии ҳодии қавм будан ин нест, ки мо танҳо ҳолати манъ ва таваққуф ба худ гирифтаем, ба ҳар коре, ки мерасем, мегӯем инро накун, онро накун ва мардумро гирифтор кардаем. Як ҷо ҳам бояд мардумро ташвиқ кард ва ба ҳаракат овард. Ҳамин мисоли автомобилро зикр кардам ва гуфтам, ки мо бояд мисли ронандаи автомобил бошем, як ҷо ба автомобил газ бидиҳем, як ҷо фармонро бипечем, як ҷо тормоз кунем, як ҷо кори дигар, масалан чароғ бидиҳем, ҳар мавқеияте иқтизои дорад. Баъд шӯхӣ кардам ва гуфтам, мо, ки набояд ҳамеша “оқо шайх! Тормоз“ бошем, ҳама ҷо тормоз бикунем. Танҳо тормоз кардан кофӣ нест, як ҷо ҳам бояд “оқо шайх! Фармон“ бошем, як ҷо “оқо шайх! Мотор“ бошем. Яке аз туллоб гуфт, мо ҳеч кадом нестем, мо “оқо шайх! Данда ақаб“ ҳастем.

Ба ҳар ҳол, хеле илму иттилоъи васеъе мехоҳад, ки мавоқеъи мухталифро бишавад ташхис дод. Шахс бояд бифаҳмад, куҷо сангар ҳаст, сангарро бигирад, чӣ фурсате пеш омада, аз фурсат истифода кунад. Расули Акрам — Саллаллоҳу алайҳи ва олиҳ – фармуд:

### إن لربكم في أيام دهركم نفحات ألا فتعرضوا لها

Яъне насимҳои раҳмати илоҳӣ гоҳ бегоҳ мевазад. Раҳмати илоҳӣ мисли насим аст, хабар намекунад, ки кай ва чӣ соате меойем. Ҳушёр бошед, ки аз он насимҳо истифода кунед. Фурсатҳо мисли насим зудгузар аст, агар аз даст рафт, ба чанг намеояд.

Мутаассифона мо дар ҳоле ҳастем, ки рӯз ба рӯз фурсатҳоро аз даст медиҳем.

Моддимаслакҳо дар кишвари мо, ё он дастаи гумроҳе, ки номи мазҳаб рӯйи маслаки худашон гузоштаанд, чӣ қадр хушёранд, ки постҳо ва сангарҳои иҷтимоиро аз дасти мо мегиранд ва мураттабан ин ҷо ва он ҷоро аз дасти мо мегиранд, марокизи ҳассосро мегиранд ва ба ҳадафи худашон мерасанд ва мо нишастаем ва дилхушем доиман бигӯем ин корро накун, он корро накун, мудом тормоз, тормоз, тормоз. Ин ҷумлаи:

### وتوقيفهم على ما أراد من مصلحة دينهم ودنياهم

— ки манзур ин аст: мардумро ба масолеҳи дин ва дунёи онҳо огоҳ кунем, ҳамон тавре, ки арз кардам, ду шарт дорад: илм ва ихлос. Илму иттилоъ ҳам дар ду қисмат, ҳам дар бораи худи дин, ки воқеан исломшинос бошад ва ҳам дар бораи авзоъи дунё ва ҷараёнҳои иҷтимоӣ ва сайру таҳаввуле, ки табъан дар олам ҳаст.

## Ихлос

Аммо ихлос: Ҳоҷӣ Нурӣ — Алайҳир-раҳма — китобе навиштаанд ба номи “*Луълуъ ва марҷон*”, ки ман исми ин китобро шунида будам ва то имсол нахонда будам. Ин китоб роҷеъ ба марсияхонҳо ва марсияхонӣ аст, марбут ба ваъзу воъиз ва хутба ва хатиб нест. Эшон дар он китоб ду мавзӯъро шарти аввали марсияхонӣ зикр мекунанд: яке ихлоси ният, дигаре сидқ ва ростгӯӣ ва дар атрофи ҳар ду матлаб бисёр олӣ баҳс мекунанд.

Инсоф ин аст, ки ман имсол, ки ин китобро хондам, хеле хушам омад ва бар иродатам бар марҳум Ҳоҷӣ Нурӣ, ки марди муҳаддиси бисёр мутатаббеъи муттақӣ буда ва устоди марҳум Ҳоҷӣ шайх Аббоси Қумӣ – Аълаллоҳу мақомаҳумо — будааст афзуда шуд. Ҳоҷӣ марди бисёр мутатаббеъе буда ва худи марҳум Ҳоҷӣ шайх Аббос ва касони дигар эътироф доранд, ки пояи татаббӯъашон ба устодашон намерасад. Ман китобҳои муҳимми эшонро хонда будам ва аз собиқ ба эшон иродатманд будам, аммо инсофан хондани ин китоби кӯчак ба иродати ман афзуд.

Дар муқаддимаи ин китоб аз яке аз уламои Ҳинд бо таҷлил ном мебаранд ва менависанд, эшон ба ман номае навишта ва шикоят карда аз вазъи равзахонӣ дар Ҳиндустон, ки равзахонҳои ин ҷо зиёд дурӯғ мехонанд ва аз ман хостаанд, китобе дар ин замина бинависам, ки ҷилави дурӯғгӯиҳои онҳо гирифта шавад. Баъд Ҳоҷӣ изофа мекунанд ва

менависанд, ин олими ҳиндӣ гумон карда, ки фақат дар Ҳинд равзахонҳо дурӯғ мехонанд ва дар Атабот (Ироқ) ва Эрон хабаре аз ин дурӯғҳо нест, дар ин ҷо ҳама равзаи саҳеҳ ва мӯътабар мехонанд! Намедонад, ки маркази пахши равзаи дурӯғ ин ҷоҳост ва аз ин ҷо ба Ҳинд рафтааст. Ин ҳарфе аст, ки Ҳоҷӣ Нурӣ мегӯяд.

Баъд мегӯяд, ин ҳам тақсири уламост, ки интиқод ва эътироз намекунанд ва ”*агар аҳли илм мусомеҳа намекарданд ва муроқиби тамйизи саҳеҳу сақим ва сидқу кизби гуфтор ин тоифа мешуданд ва аз гуфтани акозиб наҳй мекарданд, кори харобӣ ба ин ҷо намерасид ва ба ин ҳадд бебок ва мутаҷаррӣ намешуданд ва ба ин қисм акозиби возеҳаи маълума нашр намекарданд ва мазҳаби ҳаққаи имомия ва аҳлаш ба ин дараҷа мавриди сухрия ва истеҳзо намешуданд ва ин маҷолиси шарифа ба ин андоза беравнақ ва баракат намешуд.* “ (*Айни иборати Ҳоҷӣ Нурӣ дар муқаддимаи китоби “Луълуъ ва марҷон”*)

Ба ҳар ҳол, китоби бисёр хубе аст дар мавзӯъи худаш ва ман таъаҷҷуб мекунам, ки чаро ин китоб он тавр, ки шоиста аст, маъруф ва роиҷ нашудааст. Дар ин китоб ду шарт зикр мекунад: ихлос ва сидқ. Дар бораи ҳар ду хуб баҳс мекунад, махсусан роҷеъ ба сидқу ростӣ ва дар бораи анвоъу ақсоми дурӯғ хеле хуб баст медиҳад ва мерасонад, ки ин мард чӣ андоза ба ахбор ва аҳодис иҳота доштa.

Ман то кунун дар ҷойе надидаам дар бораи ин мавзӯъ ба ин тафсил баҳс шуда бошад.

Эшон дар бораи ихлос, ки баҳс кардаанд, мавзӯъи уҷрат ва пул гирифтанро пеш кашидаанд. Ихлос яъне ин ки амал фақат барои Худо бошад ва ағрози дигаре ворид нашавад. Ҳоло барои ғайри Худо бошад, чанд ҷур аст. Як ҷураш ин аст, ки барои пул бошад. Ҷурҳои дигар ҳам ҳаст. Ман ҷурҳои дигаршро зикр мекунам.

Ва ба назари ман, имрӯз аҳаммияти инҳо аз аҳаммияти масъалаи уҷрат ва пул хеле бештар аст, хатараш бисёр зиёдтар аст.

## Даллолии шахсиятҳо

Яке аз инҳо ин ки касе, ки рӯйи курсии хитоба, рӯйи курсии Ҳусайн ибни Алӣ қарор мегирад, ба ҷойи ин ки ҳодии дин ва мубаллиғи дин бошад, даллоли шахсиятҳо бошад, минбарро василаи даллолӣ барои шахсиятҳо қарор диҳад.

Мутаассифона якчунин чизе дар ҷомеаи мо ҳаст ва чунин истифодаҳое аз минбарҳо мешавад. Даллолии шахсиятҳо, ки гуфтам, фарқ намекунад, ки он шахсиятҳо чӣ шахсиятҳое бошанд, шахсиятҳои сиёсӣ бошанд ё руҳонӣ ё шахсияти дигар, даллоли соҳиби маҷлис ва бонии маҷлис бошад ё даллоли пешнамоз бошад ё даллоли болотар аз

пешнамоз бошад. Тамоми инҳо бар хилофи шуъун ва ҳайсиёти минбар аст. Албатта ҳар касе, ки коре мекунад, метавонад як тавҷеҳу таъвиле ҳам барои кори худаш битарошад, аммо бидонед яке аз чизҳое, ки курсии хитобаи моро заъиф ва камарзиш ва хароб кардааст, ҳамин даллолиҳо аст, ҳамин аст, ки курсии даллолии шахсиятҳо шуда. Бояд минбар аз ин олудагӣ пок шавад.

## Мизоҷгӯӣ

Яке дигар ин ки агар бино бошад ба мисдоқи:

وتوقيفهم على ما أراد من مصلحة دينهم ودنياهم

— маслиҳатгӯӣ бишавад, бояд бидонем, ки маслиҳатгӯӣ ғайр аз мизоҷгӯӣ аст, ғайр аз ин аст, ки чизе бигӯем, ки мардум хушашон биёяд ва моро таҳсин кунанд ва баҳ-баҳ бигӯянд. Ҳеҷ медонед чаро мардум бо пайғамбарони замони худашон мухолиф будаанд? Чаро ҳар пайғамбаре, ки пайдо мешавад, зиёд мухолиф пайдо мекунад? Чаро пайғамбарҳо дар замони худашон аз мо камтар мурид доштаанд? Ин қазия, рамзе дорад. Рамзаш ин аст, ки онҳо бо нуқоти заъфи мардум мубориза мекарданд ва мо аз нуқоти заъфи мардум баҳрабардорӣ мекунем. Онҳо мехостанд, он айбҳо ва он нуқоти заъфро ислоҳ кунанд ва аз байн бибаранд ва мо маъмулан мехоҳем аз ҳамон айбҳо ва ҳамон нуқоти заъф баҳрабардорӣ кунем. Барои ин ки бонии маҷлисро розӣ кунем, барои ин ки мустамеъинро розӣ кунем, мутобиқи майлашон ҳарф мезанем, на мутобиқи маслиҳаташон. Мо мефаҳмем фалон қисса дурӯғ аст ва ба илова, сабаби гумроҳӣ ва залолат ва ғурури беҷойи мардум мешавад, аммо чун фикр мекунем, агар бигӯем, назари мустамеъинро ҷалб мекунем, мегӯем.

Масалан, бо ин ки медонем, ин ҳикоят афсона аст ва афсонасозҳо сохтаанд, нақл мекунем, ки фалон насронӣ гунаҳкор буд, чунину чунон карда буд. Иттифоқ афтод, ки дар асари ҳодисае бо зоирони Карбало ҳамроҳ шуд ва дар беруни дарвоза, зоирон пойин омаданд ва рафтанд ба зиёрат ва насронӣ чун мусалмон набуд, вориди шаҳр нашуд, беруни дарвоза монд ва рӯйи асосия хобид. Қофилаҳои зоирон меомаданд ва мерафтанд ва ғубори қофила рӯйи бадани ин насронӣ менишаст. Насронӣ хоб мебинад, ки рӯзи қиёмат аст ва мардум даста-даста аз ҳазрати Сайидушшуҳадо бароти озодӣ мегиранд, малоика меоянд ва даста-даста муаррифӣ мекунанд, ки инҳо масалан дастаи синазанҳо, инҳо занҷирзанҳо ҳастанд, инҳо қаҳвачии маҷолиси равзахонӣ будаанд, инҳо чӣ будаанд ва чӣ будаанд ва Сайидушшуҳадо ба инҳо даста-даста бароти озодӣ медиҳад, то тамом мешаванд ва сурате пеши малоика боқӣ намемонад. Баъд ҳазрат мефармояд, як нафар аз

қалам афтода, шумо ӯро муаррифӣ накардед. Арз мекунанд: хайр, касе боқӣ намонда, мо малоика ҳастем, иштибоҳ намекунем, дафтарҳои мо мазбут аст. Мефармояд: хайр, иштибоҳ кардаед, як нафар насронӣ дами дарвоза хобида ва дар вақте, ки хоб буд, қофилаи зоирон убур кардаанд ва бар рӯйи либосҳои ӯ гарду ғубори зоирони ман нишаста ва касе, ки гарду ғубори зоирони ман рӯйи либосаш ё баданаш биншинад, набояд ба ҷаҳаннам биравад. Як бароти озодӣ ҳам ба насронӣ медиҳанд! Аз ин қабил қиссаҳо.

Инҳо ҳамон тавре, ки арз кардам, баҳрабардорӣ аз нуқтаи заъф ва аз ҷаҳолат ва авоммии мардум аст, кӯмак кардан ба гумроҳии мардум ва ғурурҳои беҷойи мардум аст. Пайғамбарон ин тавр намекарданд, сахт бо нуқоти заъфи мардум меҷангиданд, маслиҳати мардумро риоят мекарданд, на майл ва ризои онҳоро. Ин буд, ки дар замони худашон камтар мурид пайдо мекарданд.

Хулосаи ин қисмат ин шуд, ки маслиҳатгӯии мардум ба ҳукми:

وتوقيفهم على ما أراد من مصلحة دينهم ودنياهم

— ду чиз мехоҳад: яке илму иттилоъ ва дигаре ихлос. Илму иттилоъ ҳам дар ду қисмат бояд бошад: яке илму иттилоъи комил аз худи дин, дигар илму иттилоъ аз авзоъи ҷаҳон ва ҷараёнҳои иҷтимоӣ. Дар боби ихлос ҳам ду матлаб зикр кардам, ки мавриди эҳтиёҷи рӯз мо аст: яке ин ки минбар курсии даллолӣ барои шахсиятҳо қарор нагирад, дигар ин ки василаи мубориза бо нуқоти заъфи иҷтимоъ бошад, на василаи баҳрабардорӣ аз нуқоти заъфи он.

## Хатиб бояд мардумро дар ҷараёни вақойеъ бигузорад

Қисмати севвуми дастури Имом Ризо алайҳис-салом ин буд:

ويخبرهم بما ورد عليهم من الآفاق من الأحوال التي فيها المضرة والمنفعة

Яъне онҳоро огоҳ кунад ба ҷараёнҳои хуб ё баде, ки дар офоқи дурдаст барои олами ислом иттифоқ меафтад. “Офоқ“ ҷамъи уфуқ аст, мақсуд нуқтаи дурдаст аст. Ҷараёнҳое дар нуқоти дурдасти ҷомеаи исломӣ воқеъ мешавад ва мардум бехабаранд ва намедонанд чӣ гузашта аст, хатиб бояд онҳоро ба мардум бигӯяд.

Хулосаи калом, авзоъи хориҷӣ ва дохилии дурдастро ба мардум бигӯяд.

Оё шумо иттилоъ доред, ки дар дунё бар сари мусалмонон чӣ меояд? Оё аз сиёсати хориҷии олами ислом як калима бохабаред? Ҳамаи инҳоро бояд хатиб ба мардум бигӯяд. Масалан, ҳодисаи Алҷазоир пеш омада, ин ҳодисаро аввалин бор хатибон бояд ба иттилоъи мардум бирасонанд, на ин ки хатибон сукут кунанд ё агар ҳам бигӯянд, баъд

аз ин бошад, ки дунёро пур карда ва рӯзномаҳо ҳар рӯз менависанд. Онҳо бояд намояндаи махсус ба Алҷазоир бифиристанд ва ахбори дасти аввалро бигиранд. Лоақал онҳо бояд дасти аввали хабарҳоро аз хабаргузориҳо бигиранд. Ҷиноёти артиши сиррии Фаронсаро бигӯянд. Артиши сиррӣ мисли лашкари Язид аст, чӣ фарқ мекунад?! Ҷиноёти лашкари Язидро, ки мегӯянд, ҷиноёти инҳоро ҳам бояд бигӯянд.

Инҳо дар шақоват аз онҳо камтар нестанд. Инҳо ҳам бар ҳеч чизе ибқо накарданд, ба зану бачча ибқо накарданд, китобу китобхона оташ заданд, ободиҳоро вайрон карданд, киштҳоро аз байн бурданд, наслро аз байн бурданд, ҳамон тавре, ки Қуръон дар бораи баъзеҳо фармуд:

وَإِذَا تَوَلَّىٰ سَعَىٰ فِي الْأَرْضِ لِيُفْسِدَ فِيهَا وَيُهْلِكَ الْحَرْثَ وَالنَّسْلَ

(*Сураи Бақара, ояти 205*) (*"Ва чун пушт кунад, кӯшиш мекунад, ки дар замин фасод кунад ва зироъат ва наслро нобуд созад…"*)

Достони Имом Ҳусайн, ки мо бояд онро зинда нигаҳ дорем, дар ҳақиқат ҳушёрбош ва бедорбоше аст, ки оҳ! Дидӣ чӣ бар сари ислом омад! Мо бояд дар асари таҷдиди ёдбуди ин қазия ҳамеша ҳушёр бошем, ки мабодо дигар аз ин мусибатҳо бар ислом ворид шавад. Ва мо баръакс чунин истифодае накардаем.

Мусибатҳои бузургтар аз Алҷазоир бар ислом ворид шуда ва аҳаде аз мо "ох "нагуфтааст.

## Фоҷеаи Андалус

Чанд вакт пеш бо яке аз уламои бузург, ки аз мароҷеъи тақлид ҳастанд, роҷеъ ба фоҷеаи Андалус сӯҳбат мекардам, ба эшон гуфтам, 500 сол пеш чунин фоҷеаи бузурге бар ислом ва мусалмонон ворид шуд. Дар ҳудуди санаи 900. Дар соли 898 хотима пайдо кард. Яке аз марокизи тамаддуни исломӣ аз онҳо гирифта шуд. Ин ҳама одам кушта ва сӯзонида шуд. Масеҳиҳо якҷо 3 ҳазор нафарро сӯзонданд ва оташ заданд. Аз як иддаи 200 ҳазор нафарии мусалмон, ки мехостанд муҳоҷират кунанд ва худи масеҳиҳо ба онҳо иҷозаи муҳоҷират дода буданд, 100 ҳазор нафарашонро дар байни роҳ куштанд. Гюстав Лебон, ки худаш масеҳӣ аст мегӯяд: ҷиноёте, ки дар Испания масеҳиҳо ба мусалмонҳо карданд, дар таърихи дунё назир надорад. Ҷинояте ба ин азамат рух медиҳад ва аз он тараф дар тамоми китобҳое, ки аз он замон то имрӯз эрониҳо навиштаанд, чӣ арабӣ ва чӣ форсӣ, дар ҳар қисмате, ки китоб навиштаанд, як нафар исм набурда, ки чунин ҳодисае бар олами ислом ворид шуд, то чӣ расад ба ин ки ҳамдардӣ шуда бошад ва изҳори таассуфе шуда бошад. Як нафар набуд, ки мардумро дар ҷараёни ин хабар бигузорад. Зоҳиран

аввалин китобе, ки дар таърихи Андалус дар Эрон навишта шуда, ҳамин китоби ”Таърихи Андалус” аст, ки ахиран оқои Оятӣ таълиф кардаанд ва донишгоҳ чоп кардааст.

## Бародарони мусалмон дар нуқоти мухталифи ҷаҳон

Бояд дар манобир, ин гуна қазоё ба иттилоъи мардум расонда шавад. Оё алъон шумо медонед, ки бар сари бародарони мусалмони шумо дар шаҳрҳое, ки собиқан ҷузъи Эрон буд ва имрӯз ҷузъи кишварҳои коммунистӣ аст чӣ мегузарад? Оё медонед, дар Туркистони Шарқӣ бар мусалмонон чӣ мегузарад? Оё медонед, вазъи мусалмонон дар Кашмир чӣ гуна аст? Оё аз оворагони Фаластин иттилоъе доред? Оё медонед, ки Исроил имрӯз чӣ хатари бузурге барои олами ислом аст?

Мо имрӯз ду хатари бузург дорем; ду хатари бузург мутаваҷҷеҳи олам ислом аст. Қазияи Алҷазоир бо ҳамаи аҳаммияте, ки дорад, ҷанбаи маҳаллӣ дорад, аммо ин ду хатар, ки арз мекунам, умумӣ аст ва аз лиҳози сиёсати хориҷии олами ислом фавқулъода аҳаммият дорад. Он ду хатар яке коммунизм аст ва дигар саҳюнизм, яъне хатари ҷуҳуд, яке куфри сареҳ аст ва дигаре нифоқ. Ин ду дар тамоми кишварҳои исломӣ басоти ҷосусии худро паҳн кардаанд. Худо медонад, ки дар сол чанд миллион доллар барои ин кор сарф мешавад. Ин ду то шоҳраги исломро мезананд, мисли ду теғаи қайчӣ ба кор афтодаанд, ки решаи исломро бибурранд. Мусалмонон бояд комилан ҳушёр бошанд ва ба ин ду хатар таваҷҷӯҳ дошта бошанд. Шумо мешунавед, дар кишварҳои арабӣ равобити фалон давлат бо фалон давлат чӣ шуд, Сурия бо Миср чӣ тавр, Ӯрдун бо Сурия чӣ тавр, Арабистони Саудӣ чӣ тавр, бидонед, ки дар ҳамаи ин қазоё ангушти Исроил дар кор аст. Ин хатарро бояд ба мардум гуфт. Бояд мардумро ҳушёр ва огоҳ кард.

Кӣ бояд бигӯяд? Оё давлат бояд бигӯяд? Давлат, ки вазифаи худ намедонад. Оё аҳзоби сиёсӣ бигӯянд? Онҳо, ки чунин чизҳо дар маромномаҳо ва асосномаҳояшон нест. Инҳоро бояд хатибон бигӯянд; онҳое бояд бигӯянд, ки сухангӯи ислом ба шумор меранд.

## Хатиб, сухангӯи ислом

Ҳар давлате ва мақоме сухангӯе дорад. Мегӯянд, имрӯз сухангӯи давлат чунину чунон гуфт, ё сухангӯи Кохи сафед ин тавр гуфт. Дини ислом ҳам бояд сухангӯ дошта бошад. Сухангӯи дин, хатибон ва аҳли минбаранд. Имом Ризо фармуд:

ويخبرهم بما ورد عليهم من الآفاق من الأحوال التي فيها المضرة والمنفعة

Он чи дар нуқоти дурдаст, он чи дар зери парда мегузарад, ба мардум бигӯянд. Каломи Имом Ризо ҷиддӣ аст. Мо бояд бидонем, материалисм чӣ фаъолиятҳо дорад, саҳюнизм чӣ фаъолиятҳо дорад. Иттилоъ ва огоҳӣ аз инҳо ва гуфтан ва бозгӯ кардани инҳо воҷиб аст. Курсии Ҳусайн ибни Алӣ алайҳис-салом агар ин тавр бошад, метавонад ҳофизи ислом бошад. Фалсафаи озодории Ҳусайн ибни Алӣ инҳост, вагарна чӣ фоидае ба ҳоли Ҳусайн ибни Алӣ, ки бароящ гиря бикунем? Ӯ чӣ эҳтиёҷе дорад ба гиряи мову шумо? Ҳусайн ибни Алӣ мехоҳад номи ӯ, мактаби ӯ зинда бошад, дар мактаби ӯ бо ҳар ботиле биҷангем, бо коммунизм биҷангем, бо зулм, бо беадолатӣ, бо фасод, бо фаҳшо, бо қимор, бо мускирот мубориза кунем.

أشهد أنك قد أقمت الصلاة، وآتيت الزكاة، وأمرت بالمعروف، ونهيت عن المنكر، وجاهدت في الله حق جهاده

Боз ҳам магар зикри ту ва номи ту ва ёди ту моро ба ҳаракат дароварад.

يا ليتنا كنا معكم، فنفوز معكم

Орзуи ширкат дар ҳодисае, ки аз он 1320 сол гузашта, маънӣ надорад, инҳо барои ин аст, ки мо ҳамеша ба худамон талқин кунем ва Ҳусайн ибни Алиро ба сурати як мактаб зинда ҳифз кунем. Агар шахси Ҳусайн ибни Алӣ мурд, мактаби ӯ зинда аст, дар мактаби Ҳусайн ва дар зери ливои Ҳусайн мубориза кунем, дар сояи Ҳусайн дар роҳи ҳақ қадам бардорем.

# Мушкили асосӣ дар созмони руҳоният

(*Ин мақола дар соли 1341 (мусодифи 1962 мелодӣ) дар китоби “Баҳсе дар бораи марҷаъият ва руҳоният “чоп ва мунташир шудааст.*)

بِسْمِ اللَّهِ الرَّحْمَٰنِ الرَّحِيمِ

## Алоқа ва масъулият

Касоне, ки орзуи эътилоъи ойини мубини исломро дар сар доранд ва дар бораи иллатҳои тараққӣ ва инҳитоти мусалмонон дар гузаштаи дуру наздик меандешанд, наметавонанд дар бораи дастгоҳи раҳбарии он яъне созмони муқаддаси руҳоният наандешанд ва орзуи тараққӣ ва эътилоъи онро дар сар надошта бошанд ва аз мушкилот ва нобасомониҳои он ранҷ набаранд.

Зеро қадри мусаллам ин аст, ки ҳар гуна салоҳ ва ислоҳе дар кори мусалмонон рух диҳад, ё бояд мустақиман ба василаи ин созмон, ки симати расмии раҳбарии дини мусалмононро дорад сурат бигирад, ё лоақал ин созмон бо он ҳамоҳангӣ дошта бошад. Агар ба фарз, ҳаракати ислоҳӣ ва динӣ, аз ноҳияи фард ё афроде оғоз гардад ва созмони руҳоният омодагӣ ва ҳамоҳангӣ надошта бошад, гумон намеравад муваффақияти зиёде насиб гардад.

Аз хусусиёти дини муқаддаси ислом ин аст, ки масъулияти муштарак ба вуҷуд овардааст. Ҳама масъули ҳифз ва риоят ва роҳнамоӣ ва ҳидояти якдигаранд. Ҳар кас, ки худро дар баробари ислом масъул мешуморад, худ ба худ нисбат ба созмони раҳбарии он эҳсоси масъулият мекунад.

Бархе аз андешмандони иҷтимоии мо, ба воситаи адами алоқа ва эътиқод, мумкин аст ҳеч гоҳ дар бораи созмони руҳоният ва мушкилоти он ва роҳи ҳалли онҳо наандешанд, ҳамон тавре, ки ҳамаи алоқамандони кӯтоҳфикр ва бехабар низ ҳеч гоҳ ин гуна андешаҳо дар мағзи соддаашон роҳ намеёбад. Аммо алоқамандони равшанандеши ислом, яке аз муҳимтарин мавзӯъот, ки фикри онҳоро ба худ машғул медорад, ҳамин мавзӯъ аст.

Ин банда, ки ҳамаи ифтихораш ин аст, ки дар силки ин табақа мунсалик аст ва хӯшачине аз ин хирман ба шумор меравад ва дар хонаводае руҳонӣ рушду нумӯ ёфта ва дар ҳавзаҳои улуми динӣ умри хешро ба сар бурда, то он ҷо, ки ба ёд дорад, аз вақте, ки метавониста андаке дар масоили иҷтимоӣ биандешад, дар атрофи ин мавзӯъ фикр мекардааст.

# Решаи аслӣ

Дар ҳудуди сездаҳ сол пеш, шабе дар Қум, дар як маҳфили дӯстона мураккаб аз гурӯҳе аз асотид ва фузало, ки инҷониб низ ифтихори ҳузур дар он ҷаласаро дошт, сухан аз мушкилот ва навоқиси созмони руҳоният ба миён омад.

Сухан дар ин буд, ки чаро дар гузашта ҳавзаҳои илмӣ ва руҳонии мо, аз лиҳози риштаҳои мухталифи улум аз тафсир, таърих, ҳадис, фиқҳ, усул, фалсафа, калом, адабиёт ва ҳатто тиб ва риёзӣ, ҷомеъ ва мутанаввеъ буд ва дар давраҳои ахир тадриҷан ба маҳдудият гароидааст ва ба истилоҳ, дар гузашта ба сурати ҷомеъ ва донишгоҳ буд ва ахиран ба сурати куллия ва донишкадаи фиқҳ даромада ва соири риштаҳо аз расмият афтодааст? Чаро афроди бекор ва музоҳим ва алафи ҳарза дар муҳити муқаддаси руҳоният зиёд аст, ба тавре, ки як заъими руҳонӣ маҷбур аст барои об додани як гул, хорҳо ва алафи ҳарзҳоеро ҳам об бидиҳад? Чаро асосан дар миёни мо сукуту сукун ва тамовуту мурдавашӣ, бар ҳуррият ва таҳаррук ва зиндасифатӣ тарҷеҳ дорад ва ҳар кас бихоҳад мақому мавқеъи худро ҳифз кунад, ночор забон дар ком мекашад ва пой дар доман мепечад? Чаро барномаҳои таҳсилии мо мутобиқи эҳтиёҷот танзим намешавад? Чаро таснифу таълифу нашрия ва маҷалла ба қадри кофӣ надорем? Чаро бозори алқобу ановин ва жесту қиёфа ва оростани ҳайкал дар миёни мо ин қадр роиҷ аст ва рӯз ба рӯз мутаассифона зиёдтар ва роиҷтар мегардад? Чӣ рамзе дар кор аст, ки зуъамои солеҳ ва равшанфикри мо ҳамин ки дар раъси корҳо қарор мегиранд, қудрати ислоҳ аз онҳо салб мегардад ва мисли ин аст, ки андешаҳои қаблии худро фаромӯш мекунанд ва ғайра?

Пас аз порае гуфтугӯҳо, сухан аз иллати асосии мушкилот ба миён омад. Қарор шуд, ки ҳар кас назари худро дар бораи иллати асосии ин мушкилот изҳор кунад. Ҳар кадом чизе гуфтанд, ин банда низ назари худро гуфт, вале яке аз дӯстон назаре иброз дошт, ки ман назари ӯро бар назари худам ва соири назарҳо тарҷеҳ додам ва акнун низ бар ҳамон ақидаам.

Ӯ гуфт, иллати аслӣ ва асосии навоқис ва мушкилоти руҳоният, низоми молӣ ва тарзи иртизоқи руҳониҳост. Иборате, ки ӯ адо кард ин буд: “Иллатул илали ҳамаи харобиҳо, саҳми имом аст”.

Албатта мақсуди ӯ ва мақсуди ман ин набуда ва нест, ки иллатул илали навоқиси мо вазъ ва ташреъи моддае дар дину мазҳаб ба номи саҳми имом аст. Ба ақидаи ман, вазъ ва ташреъи инчунин моддае барои чунон манзуре — яъне ибқо ва эҳёи дин ва эълои калимаи ислом — бисёр ҳакимона аст. Баъдан хоҳем гуфт, ин модда беҳтарин зомини

қудрат ва истиқлоли созмони руҳоният аст. Ва низ мақсуд ин нест, ки мутасаддиёни он дар анҷоми вазифаи худ кӯтоҳӣ мекунанд.
Мақсуд, суннат ва равише аст, ки тадриҷан дар тарзи иҷро ва истифода аз ин модда маъмул шуда ва ба дастгоҳи руҳонияти мо созмони махсусе дода ва дар натиҷа, ин тарзи созмон, маншаъи мушкилот ва навоқиси фаровони шудааст.

## Созмон ва низоми солеҳ

Ибтидо чунин ба назар мерасад, ки салоҳ ва фасоди иҷтимоъи бузург ё кӯчак, танҳо ба як чиз бастагӣ дорад: салоҳ ва адами салоҳи афроди он иҷтимоъ ва билахасс зуъамои онҳо. Яъне фақат афроданд, ки ҳамаи масъулиятҳо мутаваҷҷеҳи онҳост.
Бисёре аз афрод инчунин фикр мекунанд ва бар ин поя назар медиҳанд. Ин даста ҳангоме, ки мутаваҷҷеҳи бархе мафосиди иҷтимоӣ мешаванд, чораи корро заъими солеҳ медонанд ва ба истилоҳ, асолати фардӣ ҳастанд. Аммо касоне, ки бештар ва амиқтар мутолеа кардаанд, ба ин натиҷа расидаанд, ки таъсир ва аҳаммияти созмон ва ташкилот ва режими иҷтимоӣ аз таъсир ва аҳаммияти зуъамо бештар аст. Дар дараҷаи аввал, бояд дар бораи созмони солеҳ андешид ва дар дараҷаи дуввум дар бораи зуъамои солеҳ.
Афлотун назарияи иҷтимоии маъруфе дорад, ки ба номи ”Мадинаи фозилаи Афлотун” маъруф аст. Дар миёни ҳукамои исломӣ, ҳаким Абӯнасри Форобӣ аз Афлотун пайравӣ карда ва назариёте иброз доштааст. Ин ду ҳаким асоси назари худро салоҳияти афрод қарор додаанд ва асолати фардӣ андешидаанд. Тамоми таваҷҷӯҳи худро ба ин нукта маътуф кардаанд, ки зимоми умури иҷтимоъро чӣ афроде бояд дар даст бигиранд, он афрод бояд дорои чӣ фазоили илмӣ ва амалӣ буда бошанд.
Аммо ин ки ташкилот ва низомоти иҷтимоӣ бояд чӣ гуна буда бошад ва он афроди “идеол“ дар чӣ низомоте зимоми умурро дар даст бигиранд, чандон мавриди таваҷҷӯҳи ин ду ҳаким воқеъ нашудааст.
Бар ин назария, интиқодоте шуда, аз ҷумла ин ки таъсири шигарф ва азими созмон дар афкор ва аъмол ва руҳияи афрод (ва аз он ҷумла худи зуъамо) мавриди таваҷҷӯҳ воқеъ нашудааст. Ин нукта мавриди таваҷҷӯҳ қарор нагирифта, ки агар низом солеҳ буд, камтар фарди носолеҳ қудрат тахаттӣ дорад. Ва агар носолеҳ буд, фарди солеҳ камтар қудрати амал ва иҷрои манвиёти худро пайдо мекунад ва аҳёнан манвиёт ва афкори худро мебозад ва ҳамранги созмон мешавад.
Яке аз донишмандон дар мақоми интиқоди назари Афлотун мегӯяд: ”*Афлотун бо баёни масъалаи шуми “чӣ касе бояд бар ҷомеа ҳукумат кунад?“, як иштибоҳ ва хатари*

*пурдавоме дар фалсафаи сиёсӣ эҷод кардааст. Масъалаи оқилонатар ва халлоқтар ин аст, ки: чӣ гуна метавонем созмонҳои иҷтимоиро чунон тартиб диҳем, ки зуъамои баду носолеҳ натавонанд асбоби зарару зиёни вай шаванд?*”

Аҳаммияти зуъамои солеҳ фақат аз назари тарзи тафаккуре аст, ки дар мавриди ислоҳ ва беҳбуд ва тағйири созмонҳои ичтимоӣ доранд. Ва аммо зуъамои солеҳе, ки тарзи тафаккурашон дар асос ва ташкилот бо носолеҳҳо яке аст ва тафовуташон аз лиҳози ахлоқӣ ва шахсӣ аст ва биност ҳамагӣ дар як қолаб кор кунанд, асари вуҷудиашон бо носолеҳҳо он қадр зиёд нест ва маншаъи таҳаввулоти иҷтимоии қобили таваҷҷӯҳ нахоҳанд гашт.

Агар бихоҳем назари Афлотун ва Форобиро тавҷеҳ кунем, бояд бигӯем: онҳо ба он афроди солеҳ аҳаммият додаанд, ки ҳоким бар созмонҳои иҷтимоӣ мебошанд, на маҳкуми онҳо. Ташкилот ва низомоти иҷтимоӣ нисбат ба афроди иҷтимоъ, ба манзилаи хиёбонҳо ва кӯчаҳо ва хонаҳои як шаҳр аст нисбат ба мардум ва васоили нақлияе, ки дар он шаҳр ҳаракат мекунанд. Ҳар шаҳре ба ҳар наҳв, ки хиёбонкашӣ ва кӯчасозӣ шуда бошад, мардуми шаҳр маҷбуранд аз печу хами ҳамон хиёбонҳо ва лобалои ҳамон кӯча-паскӯчаҳо ва аз ҳамон чаҳорроҳҳо ҳаракат кунанд. Ҳадди аксари озодии амали мардуми он шаҳр ин аст, ки дар миёни ҳамон хиёбонҳо ва ҳамон кӯчаҳо ҳар кадом, ки наздиктар ё хилваттар ё покизатар ва босафотар аст интихоб кунанд.

Агар фарз кунем, ки он шаҳр бидуни нақша ва ҳисоб тадриҷан тавсиъа пайдо карда бошад, на рӯйи усули шаҳрсозӣ, дар чунин шаҳре афрод чорае надоранд аз ин ки зиндагӣ ва рафту омади худро бо вазъи мавҷуд татбиқ диҳанд. Рафту омад ва ронандагӣ ва идораи умури чунин шаҳре душвор хоҳад буд. Бо вуҷуди чунин тартибе дар сохтмони он шаҳр, аз афрод, коре сохта нест. Танҳо коре, ки сохта ҳаст ин аст, ки тағйироте дар вазъи хиёбонҳо ва кӯчаҳо ва манзилҳои он шаҳр бидиҳанд ва худро роҳат кунанд.

Агар фарз кунем, зуъамои солеҳе дар раъси созмонҳое қарор бигиранд, ки дорои навоқисе мебошанд, ҳудуди тафовути кори онҳо бо дигарон ҳамон андоза аст, ки як нафар бихоҳад аз миёни хиёбонҳои пурпечу хам ва номуназзам ва кӯчаву паскӯчаҳои бетартиб, беҳтарин ва наздиктарини роҳҳоро интихоб кунад.

## Имтиёзҳои ҳавзаҳои улумии динии мо

Муҳити ҳавзаҳои улуми динии мо имтиёзот ва мушаххасоти махсус ба худ дорад, ки дар соири муҳитҳо назири онро наметавон ёфт. Муҳити ҳавзаҳои улуми динӣ, муҳити сафо ва самимият ва ихлос ва маънавият аст. Яъне он руҳи умумӣ, ки бар ин ҳавзаҳо ҳукумат

мекунад, ҳамин руҳ аст, афроди фоқиди ин хусусиёт афроди истисноӣ ва мухолифи руҳи ин ҳавзаҳо шумурда мешаванд. Имтиёзе, ки туллоб барои якдигар мешиносанд, ҷуз имтиёзи илмӣ ва тақвоӣ нест. Тақаддум ва эҳтироми воқеии як талаба нисбат ба дигарон, ҷуз бар мабнои таҳсилот ва қудс ва тақво наметавонад бошад. Дар миёни туллоб, фақир ва ғанӣ, деҳотӣ ва шаҳрӣ, баччаи амала ва тоҷирзода ва оқозода ҳаст, дар қадим аз табақоти ашроф ва шоҳзодагон ҳам буданд, аммо ҳама чиз арзиши худро аз даст медиҳад ва танҳо имтиёзоти таҳсилӣ ва маънавӣ аст, ки эҳтироми туллобро нисбат ба як фарди бахусус ҷалб мекунад ва арзиши ӯро дар назари онҳо боло мебарад.

Муҳити ҳавзаҳои улуми динӣ муҳити зуҳду қаноат аст, аз исроф ва айёшӣ ва маҷолиси шабнишинӣ, ки дар соири табақот аст ва аҳёнан донишҷӯёни ғайри риштаи улуми динӣ дар он маҷолис ширкат мекунанд, хабаре нест. Ва ҳатто андешаи ин гуна умур низ дар димоғи як муҳассили динӣ пайдо намешавад. Ва агар касе кӯчактарин тамоюле ба ин умур нишон бидиҳад, сукуташ қатъӣ аст. Рӯйи ҳам рафта, туллоб, мардуме қонеъ ва камхарҷанд ва таҳмиле бар будҷаи мардум ба шумор намераванд.

Равобити устод ва шогирд дар миёни туллоб, самимӣ ва эҳтиромомез аст. Шогирдон, эҳтироми устодони худро дар ҳузур ва ғиёб бо камоли адаб риоят мекунанд ва ҳатто баъд аз фавти онҳо ҳамвора онҳоро ба некӣ ва дуои хайр ёд мекунанд. Ин андоза ҳифзи ҳурмати устод, махсуси муҳассилини улум динӣ ва мавлуди таълимоте аст, ки аз авлиёи дин дар бораи қадосати илм ва эҳтироми муаллим расидааст.

Дар соири муҳитҳои таҳсилӣ — чунонки медонем — ин умур камтар вуҷуд дорад. Одати туллоб бар ин аст, ки рӯйи дарсе, ки аз устод мегиранд, баъд худашон фикр кунанд. Аз ин рӯ дарси худро аз рӯйи китоб мутолеа мекунанд. Ба илова, баъд бо яке аз ҳамдарсҳои худ он дарсҳоро мубоҳиса мекунанд. Дар дарсҳои олӣ он чиро аз устод дар маҷлиси дарс фаро мегиранд, ба зеҳн месупоранд ва шаб менависанд. Бинои туллоб бар ҳифз кардан ва тӯтивор ёд гирифтан нест, чунонки одати маъмулии муҳассилини ҷадид аст, бар таъаммуқу тафаккур ва таҷзияву таҳлил аст.

Ва чун ҳаққи тадрис, инҳисорӣ нест ва интихоби устод бо худи шогирдон аст, барои ҳар касе, ки истеъдоде дошта бошад, муяссар аст, ки китобҳои пойинтарро тадрис кунад. Аз ин рӯ як нафар донишҷӯи динӣ дар айни ҳол, ки донишҷӯст ва дарс мехонад, мумкин аст тадрис ҳам бикунад.

Имтиёзи методи таҳсилии туллоб нисбат ба соири методҳо ҳамин аст, ки туллоб, дарсеро, ки аз устод фаро мегиранд, дақиқан мутолеа мекунанд ва сипас мубоҳиса мекунанд ва менависанд ва дар ҳамон ҳоли дуруси дигарро тадрис мекунанд.

Ин ҷиҳот сабаб мешавад, ки туллоб дар ҳудуди таҳсилоти худ амиқ мегарданд. Ҳадафи туллоб таҳсили донишнома нест. Нумароти устод муаррифи мақоми шогирд нест. Маҷолиси мубоҳиса ва ишколу эроди шогирд дар ҳавзаи тадриси устод ва ҳавзаи тадриси худи ӯ ва таваҷҷӯҳи қаҳрии устодон ва туллоби пойинтар, беҳтарин муаррифи як донишҷӯи улуми динӣ аст.

Туллоби улуми динӣ мақомоти тадрисӣ ва устодиро хеле ба таври табиӣ тай мекунанд. Таъйини устод интихобӣ аст, на интисобӣ, яъне фақат худи туллоб ҳастанд, ки дар зимни озмоишҳо ва ихтиёрҳо устоди беҳтарро интихоб мекунанд. Бинобар ин як навъ озодӣ ва демукросӣ дар ҳавзаҳои улуми динӣ вуҷуд дорад, ки дар ҷоҳои дигар нест. Аз ин назар, дар миёни онҳо қонуни интихоби аслаҳ ҳукмфармост.

Дар муассисоти фарҳангии ҷадид таъйини устод барои килосҳо, аз тариқи интисоб аз тарафи мақомоти болост ва ба ҳамин далел бисёр иттифоқ меафтад, ки устоди марбут, мутаносиб бо килоси тадриси худ нест, лоиқи дарсе болотар ё пойинтар аст, шогирдҳои онҳо мумкин аст на розӣ бошанд ва на эҳтиром қоил бошанд, фақат ба хотири тарс аз нумра надодан ва мардуд шудан — дар айни адами ризоят — аз он устод тамкин ва итоат кунанд.

Ин гуна беназмиҳо ва беҳисобиҳо дар таҳсилоти килосик ба таври фаровон вуҷуд дорад, аммо дар таҳсилоти улуми динии мо асаре аз ин гуна беназмиҳо ва беҳисобиҳо вуҷуд надорад.

Рӯйи ин асл ҷилав афтодани афрод дар ҳавзаҳои улуми динӣ, тибқи номуси табиии интихоби аслаҳ сурат мегирад, ҳамон тавр, ки Алӣ алайҳис-салом дар васфи уламои илоҳӣ мефармояд:

فكانوا كتفاضل البذر ينتقي فيؤخذ منه ويلقى، قد ميزه التخليص، وهذبه التمحيص

(*“Наҳҷул-балоға”, хутбаи 212*) Яъне монанди базри интихобшуда ва тасфияшуда мебошанд, ки беҳтарин ва холистарини онҳо барои коштан интихоб мешаванд.

Туллоб, пилла-пилла рӯйи ҳамин номус боло мераванд то пиллаи моқабли охирин пилла, ки марҷаъият аст. То қабл аз пиллаи охир фақат завқ ва ақидаи туллоб аст, ки асотидро боло мебарад, вале ҳамин ки пиллаи охир расид, пойи вуҷуҳот ва саҳми имом ва тақсим ва шаҳрия ба миён меояд, фақат дар ҳамин ҷост, ки гоҳе ҳисобҳо баҳам мереазд ва дигар қонуни интихоби аслаҳ ҳукмфармо нест.

Инҳо имтиёзҳое аст, ки дар зиндагӣ ва тарзи таҳсили туллоби улуми динӣ ҳаст.

Зимнан навоқисе ҳам ҳаст, ки бояд гуфта шавад.

## Навоқис

Навоқисе ҳам (дар дастгоҳи руҳоният) ҳаст, ки бояд гуфта шавад. Туллоби улуми динӣ имтиҳони вурудӣ надоранд ва аз ин рӯ мумкин аст касе, ки салоҳияти вуруд дар ин муассисаи муқаддасро надорад ворид шавад ва чун имтиҳоне дар кор нест, туллоб дар боло рафтан аз китоби пойинтар ба китоби болотар озоданд ва бадеҳӣ аст, ки бисёр иттифоқ меафтад, ки афроде пеш аз он ки маротиби пойинтарро тай кунанд, гом ба боло мегузоранд ва таҳсилоташон мутаваққиф ва худашон дилсард мегарданд.

Туллоб, истеъдодёбӣ намешванд ва дар натиҷа мумкин аст касе, ки истеъдоди фақоҳат ё фалсафа ё калом ё адабиёт ё таърих ё тафсир ва ғайра дорад, дар ғайри риштае, ки истеъдод дорад биафтад ва истифодаи комил аз вуҷудаш нашавад.

Риштаҳои таҳсили улуми динӣ ахиран бисёр ба маҳдудият гароида ва ҳамаи риштаҳо дар фақоҳат ҳазм шуда ва худи риштаи фиқҳ ҳам дар маҷрое афтода, ки аз сад сол пеш ба ин тараф аз такомул бозистодааст.

Яке аз навоқиси дастгоҳи руҳоният озодии беҳадду ҳасри либоси руҳоният аст.

Тадриҷан руҳониҳо аз лиҳози либос бо дигарон мутафовит шудаанд ва либоси махсус пайдо кардаанд ҳамчунон ки сипоҳён ва низомиён ва бархе аснофи дигар низ либоси махсус доранд.

Дар ташкилоти руҳонӣ — бар хилофи соири ташкилот — ҳар касе бидуни монеъ метавонад аз либоси махсуси он истифода кунад. Бисёр дида мешавад, ки афроде, ки на илм доранд ва на имон, ба манзури истифода аз имтиёзҳои ин либос ба ин сурат дармеоянд ва мӯҷиби обрӯрезӣ мегарданд. Дар ҳавзаҳои улуми динӣ адабиёти араб хонда мешавад, аммо бо методи ғалате. Натиҷа, туллоби улуми динӣ пас аз солҳо таҳсили адабиёти араб бо он ки қоъидаҳои забони арабро ёд мегиранд, худи забони арабро ёд намегиранд; на метавонанд бо он такаллум кунанд ва на метавонанд аз арабии фасеҳ истифода кунанд ё ба арабии фасеҳ бинависанд.

Ифрот дар мубоҳиса ва шуюъи илми усул, дар айни ин ки як навъ қудрат ва ҳушёрӣ дар андешаи туллоб эҷод мекунад, як накс дорад. Ва он ин аст, ки тарзи тафаккури туллобро аз воқеъбинӣ дар масоили иҷтимоӣ дур мекунад ва ба восита ин ки ҳатто мантиқи таъаққулии арастуӣ низ ба қадри кофӣ таҳсилу тадрис намешавад, равиши фикрии туллоб бештар ҷанбаи ҷадалӣ ва баҳсӣ дорад. Ва ин бузургтарин омиле аст, ки сабаб мешавад туллоб дар масоили иҷтимоӣ воқеъбинӣ надошта бошанд.

Муҳимтарин наксе, ки дар дастгоҳи раҳбарии динии мо феълан ба вуҷуд омада марбут ба будҷа ва маъош ва низоми молӣ ва тарзи иртизоқи руҳониҳост.

# Масъалаи будҷа

Дар ин ки маъоши руҳониҳо беҳтар аст аз чӣ роҳ таъмин шавад, чанд наҳв метавон назар дод:

а) Ақидаи баъзе ин аст, ки руҳоният будҷаи махсус намехоҳад, афроди руҳонӣ бояд монанди соири табақоти мардум кору шуғл ва манбаъи даромаде аз барои худ дошта бошанд, аз дастранҷи шахсии худ зиндагӣ кунанд, қисмате аз вақти худро сарфи таҳияи амри маъош ва қисмати дигарро сарфи шуъуни руҳонӣ аз таҳсилу таҳқиқу таълифу тадрису ифтоъ ва иршод ва таблиғ бинамоянд.

Ин идда мӯътақиданд, ки руҳоният ва шуъуни руҳоният дар ислом як шуғл ва ҳирфаи махсус нест, ки бишавад барои ӯ будҷаи махсусе дар назар гирифт; ҳар кас, ки қодир аст зимни таъмини амри маъоши худ ӯҳдадори шуъуни руҳонӣ бишавад, ҳақ дорад ворид бишавад. Ва агар касе мехоҳад ин шуъунро ба ӯҳда бигирад ва он гоҳ калл бар иҷтимоъ гардад, беҳтар ин аст, ки аз аввал вориди чунин муҷоҳидае нашавад.

Истидлоли ин идда ин аст, ки дар садри ислом яъне замони Расули Акрам (с) ва замони имомони атҳор (а) ашхосе буданд, ки ҳамин вазоифро ба ӯҳда доштанд, ҳалолу ҳаром таълим мекарданд, насиҳат ва мавъиза мекарданд, дар ҳавзаҳои дарс ширкат мекарданд ва худашон ҳавзаи дарс доштанд, дар айни ҳол, ҳар кадом аз онҳо шуғлу ҳирфае барои зиндагӣ доштанд. Бисёре аз онҳо бо унвони шуғлу ҳирфаи худ аз қабили таммор, аттор, баззоз, хаззоз, таҳҳон, саммон, ҳаззоъ ва ғайра дар китобҳои ҳадис ва фиқҳ ва таърих шинохта мешаванд. Ҳеч дида нашуда, ки Расули Худо ё имомони атҳор як ё чанд нафарро дастур дода бошанд, аз ҳама корҳо даст бикашанд ва мунҳасиран ба машоғиле, ки имрӯз машоғили руҳонӣ номида мешавад аз қабили ифто ва тадрис ва имомати ҷамоат ва ваъзу таблиғ ва ғайра бипардозанд. Ин аст назари иддае.

Ҳақиқат ин аст, ки агар афроде зиндагии худро аз роҳи дигар таъмин ва бо ин ҳол мутасаддии шуъуни руҳонӣ бишаванд бисёр хуб аст, ҳамеша афроди каме аз ин қабил буда ва ҳастанд, аммо наметавон гуфт, ҳамаи афрод бояд инчунин бошанд ва дар ғайри ин сурат ворид нашаванд, зеро бо тағйироте, ки дар вазъи зиндагии мардум нисбат ба садри ислом пайдо шуда ва бо тавсиъаи рӯзафзуни улум ва эҳтиёҷот, зарурат дорад гурӯҳе ҳамаи умр мумаҳҳаз бошанд барои таҳсил ва идораи шуъуни динии мардум ва ночор будҷаи махсусе лозим аст, ки бо тарзи саҳеҳе дар ин роҳ масраф шавад. Дар садри ислом эҳтиёҷ ин қадр набуда, укдаҳо ва шубҳаҳо ва ҳамчунин муъондин ва душманони ислом ин қадр набудаанд. Зарурат дорад ҳамеша гурӯҳе мумаҳҳаз барои дифоъ аз ислом ва ҷавобгӯӣ ба эҳтиёҷоти динии мардум буда бошанд.

Оре, инсоф ин аст, ки бархе шуъуни руҳонӣ, ки феълан маъмул аст аз қабили имомати ҷамоат, на як шаъни махсуси руҳонӣ аст ва на касе ҳақ дорад онро баҳона қарор дода ва даст аз ҳар кору шуғл ва хидмате бикашад ва дар интизори мавқеъи намоз бимонад ва масҷиде биравад ва баргардад ва зинати маҷолиси хатм бошад ва инҳоро шуғли шоғили худ қарор диҳад ва умре калл бар иҷтимоъ буда бошад.
Ба ҳар ҳол, ин ҷумуди фикрӣ аст, ки сирфан ба ҳукми ин ки як чизе дар садри ислом набуда, акнун ҳам, ки эҳтиёҷ ва зарурат эҷоб мекунад набошад.
б) Фарзи дигар ин аст, ки руҳоният будҷаи махсуси худро аз авқоф ва садақоти ҷория истифода кунад. Шояд ҳамаи дастгоҳҳои руҳонии ҷаҳон — ғайр аз шиъа — будҷаашон мунҳасиран аз роҳи мавқуфот ва садақоти ҷория бошад.
Дар аксари шаҳристонҳои Эрон мадориси улуми динӣ сохта шуда ва амлоки зиёд бо оидот саршори вақфи он мадорис шуда. Дар гузашта мавқуфоти он мадорис дар Теҳрон ва Исфаҳон ва Машҳад ва Табрез ва Шероз ва соири шаҳристонҳо кӯмаки бузурге ба таҳсили улуми динӣ будааст. Аммо мутаассифона феълан ба иллатҳое, ки наметавон шарҳ дод, бисёре аз ин мавқуфот ба сурати милки шахсӣ даромада ва баъзе дигар, ки ба номи вақф боқӣ аст, дар ихтиёри руҳонинамоёне аст, ки ба нафъи дастгоҳҳо алайҳи масолеҳи олии ислом ва мусалмонон фаъолият мекунанд ва баъзе ҳам дар ихтиёри авқоф аст ва ба шакли дигаре тазйеъ мегардад.
Фақат мавориди каме боқӣ монда, ки ба масрафи ҳақиқӣ ва шаръӣ мерасад. Мавқуфоте, ки мумкин аст ё лозим аст дар ихтиёри созмони руҳоният қарор бигирад, мунҳасир ба мавқуфоти мадорис нест, қаламҳо ва рақамҳои дурушттаре ҳаст, ки шаръан ҷоиз ё лозим аст дар ихтиёри созмони руҳоният қарор бигирад.
То кунун борҳо ин масъала байни мақомоти олии руҳонӣ ва мақомоти давлатӣ матраҳ шуда, ки ин будҷа дар ихтиёри созмони руҳоният қарор бигирад, вале ба иллатҳое, ки бар мо маҷҳул аст, ба натиҷа нарасидааст. Агар вазъи авқоф сару сурате пайдо кунад ва созмони маъқул ва муназзаме пайдо намояд, на танҳо будҷаи оддии руҳониятро таъмин хоҳад кард, балки ба таври куллӣ кӯмаки бузурге ба дин ва фарҳанг ва тарбият ва ахлоқи умумӣ хоҳад буд. Ва аммо агар ба шакле бошад, ки ҳаст, мояи бузурге аст барои фосидпарварӣ ва тақвияти афроде, ки амалан ҳамеша монеъи ҳар ислоҳ ва садди роҳи пешрафти ҷомеаи исломӣ мебошанд.
в) Фарз ва сурати дигар, истифода аз саҳми Имом алайҳис-салом аст. Аз адёни дигар иттилоъе надорам, ки оё дар матни он адён, қонуни молӣ вазъ шуда, ки бо зиндагии руҳониҳо ва идораи созмони раҳбарии динии онҳо қобили интибоқ бошад ё на? Аммо

дар ислом тибқи назари шиъа аз ояти муборакаи (мабут ба) “хумс” чунин қонуне истифода мешавад.
Хумс таъаллуқ мегирад ба ғаноими ҷангӣ ва маъодин ва фоидаҳои холиси солона ва баъзе чизҳои дигар, ки як панҷуми онҳоро ҳар касе бояд баъд аз вазъи ҳазинаи шахсӣ, дар ихтиёри дастгоҳи имомат ва раҳбарии динӣ қарор диҳад. Ниме аз хумс, саҳми Имом номида мешавад, ки ба ҳасби назари фуқаҳои шиъа, масрафаш ҳифз ва ибқои дин аст.
Дар ҳоли ҳозир ягона будҷае, ки амалан созмони руҳонияти моро мечархонад ва низоми руҳонии мо рӯйи он бино шуда ва руҳонияти мо тарзу сабки созмонии худро аз он дарёфта ва таъсири зиёде дар ҳамаи шуъуни динии мо дорад, “саҳми Имом” аст. Руҳониҳо ва муҷтаҳидин барои вусули ин будҷа, ки навъе молиёт аст, ҳеҷ гуна илзом ва иҷборе ба вуҷуд намеоваранд, ин худи мардуми мӯъмини мусалмонанд, ки бо камоли ризоят ва тиби хотир, ба руҳониҳое, ки мавриди эътимод ва итминонашон ҳаст, мурочеа мекунанд ва ин молиёти шаръиро мепардозанд.
Руҳониҳо, созмони мумайизе барои ин молиёт надоранд, худи мардум ба ҳукми виҷдон ва имон, вуҷухе, ки ба молашон таъаллуқ мегирад, чӣ кам ва чӣ зиёд, аз рақамҳои кӯчак гирифта то рақамҳои сад ҳазортумонӣ ва чандсад ҳазор тумонӣ мепардозанд. Имтиёзи руҳии саҳми Имом бар будҷаи авқоф, замима шудани авотиф ва тавозӯъ ва изҳори иродати пардохткунандагон аст. Таваҷҷӯҳи саҳми Имом аз тарафи оммаи мардум ба касе, тобеъи ташхис ва ҳусни занни онҳост. Ва аммо ин ки тараф воқеан салоҳият дорад ё надорад, тобеъи ин аст, ки оммаи мардум то чӣ андоза дар ташхиси худ иштибоҳ накарда бошанд ва омилҳое ғайр аз салоҳияти воқеии тараф дахолат накарда бошанд.
Ба ҳар ҳол, барандаи ниҳоӣ, саҳми Имом аст. Як силсила илалу маълули муназзам байни муаррифӣ шудани касе ва сипас ҳусни занни мардум ва баъд расидани саҳми Имом ва он гоҳ дар даст гирифтани заъомат ва риёсат барқарор аст.

## Тамаркуз ва қудрат

То сад сол пеш, ки тамаддуни ҷадид ба Эрон наомада буд ва васоили иртибот байни шаҳрҳо камтар буд, мардуми ҳар шаҳре маъмулан вуҷуҳоти худро ба уламои ҳамон шаҳр мепардохтанд ва ғолиби он вуҷуҳ дар ҳамонҷо масраф мешуд. Вале дар як қарни ахир дар асари пайдоиши васоили ҷадиди иртиботот ва наздик шудани минтақаҳо ба якдигар, одат бар ин шуд, ки вуҷуҳот ба ҳамон касе дода шавад, ки марҷаъи тақлид аст. Марочеъи тақлид аз ин пас илова бар ин ки маркази таваҷҷӯҳи авотиф буд ва амрашон мутоъ буд,

дар натиҷаи расидани саҳми имом, имконоти ҷадиде дар идораи ҳавзаҳои илмия ёфтанд ва ҳавзаҳо тавсиъа ёфт.

Маҷмӯъан дар асари тавсиъаи иртиботот ва издиёди рафту омадҳо ва мулоқоти мардум бо мароҷеъ аз наздик ва тавсиъаи ҳавзаҳо ва зиёдтар шудани муҳассилин ва фориғуттаҳсилон, ки тадриҷан шаҳрҳо ва деҳотро зери пӯшиши худ қарор дод, риёсатҳо ва заъоматҳо ва қудратҳои бузург ба вуҷуд омад.

Шахсияте, ки барои аввалин бор дар қарни ахир риёсат ва заъомати куллӣ пайдо кард ва васоили иртиботии ҷадид кӯмаки бузурге шуд барои тавсиъаи доманаи риёсат ва заъомати вай, муҷтаҳиди бузург марҳум Оятуллоҳ Ҳоҷӣ Мирзо Муҳаммадҳасани Шерозӣ — Аълаллоҳу мақомаҳ! — буд. Аввалин мазҳари ин қудрат ва риёсат, фатвои маъруфи эшон дар мавриди қарордод маъруфи танбоку буд. Баъд аз эшон низ барои ахлофашон каму беш ҳамчу заъоматҳо ва риёсатҳо пеш омадааст.

Тарзи вусули саҳми имом ҳамон тавре аст, ки гуфта шуд. Кайфияти масрафи расондани он ҳам тибқи суннати маъмул сад дар сад бастагӣ дорад ба назари шахсе, ки ба дасти ӯ расидааст. То кунун маъмул набуда, ки дафтар ва ҳисоб ва расидагӣ дар кор бошад. Хуб ба масраф расидани он бастагӣ дошта ба мизони зуҳд ва тақво ва худотарсии шахси марҷаъи вуҷуҳот ва дигар ҳусни ташхис ва иштибоҳ накардани ӯ, севвум имконот ва қудрати ҳусни иҷрои вай.

## Нуқтаи қувват ва нуқтаи заъф

Саҳми имом ба тарзе, ки алъон ҷорӣ ва маъмул аст, маҳосине дорад ва айбҳое. Ҳуснаш аз ин ҷиҳат аст, ки пуштвонааш фақат имон ва ақидаи мардум аст. Муҷтаҳидини шиъа будҷаи худро аз давлат дарёфт намекунанд ва азлу насбашон ба дасти мақомоти давлати нест. Рӯйи ҳамин ҷиҳат ҳамвора истиқлолашон дар баробари давлатҳо маҳфуз аст, қудрате дар баробари қудрати давлатҳо ба шумор меравандва аҳёнан дар мавориде, сахт музоҳими давлатҳо будаанд.

Ҳамин будҷаи мустақил ва такя ба ақидаи мардум аст, ки сабаб шуда дар мавоқеъи зиёде бо инҳирофи давлатҳо муъориза кунанд ва онҳоро аз пой дароваранд. Вале аз тарафи дигар, нуқтаи заъфи руҳонияти шиъа низ ҳамин аст. Руҳониҳои шиъа иҷбор ва илзоме надоранд, ки аз давлатҳо итоат кунанд, аммо ногузиранд салиқа ва ақидаи авомро риоят кунанд ва ҳусни занни онҳоро ҳифз намоянд. Ғолиби мафосиде, ки дар руҳонияти шиъа ҳаст, аз ҳамин ҷост.

## Руҳонияти шиъа ва руҳонияти суннӣ

Агар руҳонияти Эронро бо руҳонияти Миср ва заъомати динии Ҷомеъи Азҳар муқоиса кунем, мебинем, ки ҳар кадом аз ин ду аз назари созмон, имтиёзе бар дигаре дорад.

Дар Миср ба иллатҳои хоссе, ки муҳимтарини онҳо надоштани будҷаи мустақил ва дигар тарзи тафаккуре аст, ки дар бораи улуламр доранд, раисм Ҷомеъи Азҳар бо интихоби раисиҷумҳур таъйин мегардад. Раиси Ҷомеъи Азҳар дар Миср аз ин назар монанди додситони кулли кишвар аст дар ташкилоти давлатии мо, ки бо фармони шахси аввали мамлакат таъйин мешавад. Аммо дар руҳонияти Эрон чунин чизе нест, балки агар тамоюли мақомоти давлатӣ нисбат ба риёсат ва заъомати шахсе муҳраз гардад, мӯҷиби шикаст ва суқути ӯ хоҳад буд.

Дар се сол пеш дар яке аз рӯзномаҳо акси аллома шайх Маҳмуд Шалтут, муфтии аъзам ва раиси Ҷомеъи Азҳарро дар утоқи кори худаш дидам, дар ҳоле, ки болои сараш акси Ҷамол Абдунносир буд. Дар Эрон мумкин нест ҳатто дар утоқи муҳаққари як талаба касе акси яке аз мақомотро бибинад. Заъими руҳонии Миср ҳаргиз он қадр қудрат пайдо нахоҳад кард, ки дар қазияе монанди қазияи танбоку ҳукумати вақтро аз по дароварад. Чаро? Чун муттакӣ ба давлат аст.

Вале аз тарафи дигар, руҳонии мисрӣ чун зиндагӣ ва маъош ва мақоми худро дар дасти мардум намебинад ва муттакӣ ба авом нест, худ ба худ ҳурияти ақида дорад; маҷбур нест ба хотири авом ҳақоиқро кетмон кунад. Баъид ба назар мерасад як заъими руҳонии шиъа, дар вазъи ҳозир, ҳар андоза равшанзамир ва ислоҳталаб ва мухлис бошад, битавонад фатвое монанди фатвои ду сол пеши шайх Шалтут, ки як тилисми ҳазорсоларо шикаст, содир кунад ва қадаме монанди қадам ва балки хеле кӯчактар аз қадами ӯ бардорад.

Дар қуруни аввалияи исломӣ, ки уламои динии Эрон ва Миср аз назари маъош вазъи мушобеҳе доштанд, руҳониҳои Эрон аз лиҳози равшанбинӣ ва таълифоти мутанаввеъ дар риштаҳои мухталиф ва ибтикор дар улум, аз мисриҳо ақиб набуданд, балки ба эътирофи худи мисриҳо, эрониён дар ҳамаи улуми исломӣ ҷилав буданд.

Аммо имрӯз кор ба акс аст; равшанфикрони мусалмони Эрон чашмашон ба донишмандони Миср аст, ки дар масоили иҷтимоии исломии мавриди ниёзи рӯз, таълифи ҷадиде берун диҳанд, аз руҳониҳои худашон маъюсанд, зеро дар вазъ ва шароити ҳозир, аз инҳо ҷуз рисолаи илмия, ки ба кори авом мехӯрад ва ё таълифоти сатҳӣ, ки аз ҳудуди фикри авом таҷовуз намекунад, наметавон интизор дошт. Танҳо дарси чиҳил соли ахир аст, ки гурӯҳе зубда ва мухлис, худро аз будҷаи умумии руҳоният

буридаанд ва дар заминаи ниёзҳои рӯзи ҷомеаи исломӣ ба таҳқиқ ва таълиф пардохтаанд.

Соҳибназарон эътироф доранд, ки осор ва таълифоте, ки дар зарфи ин чанд сол аз тарафи фориғуттаҳсилҳои ҳавзаҳои шиъа нашр ёфта, аз осори донишмандони мисрӣ басе амиқтар ва муҳаққиқонатар аст.

## Қудрат ва ҳуррият

Агар такяи руҳонӣ ба мардум бошад, қудрат ба даст меоварад, аммо ҳурриятро аз даст медиҳад. Ва агар муттакӣ ба давлатҳо бошад, қудратро аз каф медиҳад, аммо ҳуррияташ маҳфуз аст, зеро маъмулан тӯдаи мардум мӯътақид ва боимонанд, аммо ҷоҳил ва мунҳатт ва бехабар ва дар натиҷа бо ислоҳот мухолифанд ва аммо давлатҳо маъмулан равшанфикранд, вале золим ва мутаҷовиз. Руҳонияти муттакӣ ба мардум, қодир аст бо мазолим ва таҷовузоти давлатҳо мубориза кунад, аммо дар набард бо ақоид ва афкори ҷоҳилонаи мардум, заъиф ва нотавон аст. Вале руҳонияти муттакӣ ба давлатҳо дар набард бо одобу афкори ҷоҳилона нерӯманд аст ва дар набард бо таҷовузот ва мазолими давлатҳо заъиф.

Ба назари мо сирфи иттикои будҷаи руҳонияти Эрон ба ақидаи мардум сабаби заъфи он нашудааст, балки созмон надоштани ин будҷа сабаби ин нақси бузург шудааст ва метавон бо созмон додани ин будҷа ин нақси бузургро рафъ кард, то руҳонияти шиъа, ҳам қудрат дошта бошад ва ҳам ҳуррият. Ҳадафи аслии ин мақола ҳамин аст ва руҳонияти идеали мо чунин руҳонияте аст. Баъдан таҳти унвони “роҳи ислоҳ” тавзеҳи бештаре хоҳем дод.

## Авомзадагӣ

Ҷомеа дар бисёре аз ҳолот монанди фард аст. Аз он ҷумла дар офатзадагӣ. Албатта офати иҷтимоъ мутаносиб ва махсус ба худи иҷтимоъ аст. Ҳар ҷомеае низ як навъ офати махсус ба худ дорад.

Офате, ки ҷомеаи руҳонияти моро фалаҷ карда ва аз по даровардааст, ”авомзадагӣ” аст. Авомзадагӣ аз селзадагӣ, зилзилазадагӣ, мору ақрабзадагӣ болотар аст. Ин офати азим маълули низоми молии мост.

Руҳонияти мо дар асари офати авомзадагӣ наметавонад чунонки бояд, пешрав бошад ва аз ҷилави қофила ҳаракат кунад ва ба маънии саҳеҳи калима, ҳодии қофила бошад, маҷбур аст дар ақиби қофила ҳаракат кунад.

Хоссияти авом ин аст, ки ҳамеша бо гузашта ва он чи ба он хӯ гирифта паймон бастааст, ҳаққу ботилро тамйиз намедиҳад. Авом, ҳар тозаеро бидъат ё ҳавову ҳавас мехонад, номуси хилқат ва муқтазои фитрат ва табиатро намешиносад, аз ин рӯ бо ҳар наве мухолифат мекунад ва ҳамеша тарафдори ҳифзи вазъи мавҷуд аст.

Мо ҳамакнун мебинем, ки авомуннос ба масоиле ҷиддӣ аз навъи тавзеъи одилонаи сарват, адолати иҷтимоӣ, таълимоти умумӣ, ҳокимияти миллӣ ва амсоли ин масоил, ки пайванди ногусастанӣ бо ислом доранд ва ислом аст, ки унвонкунандаи ин ҳақоиқ ва мудофеъи онҳост, ба он чашм нигоҳ мекунанд, ки ба як ҳаваси кӯдакона.

Руҳонияти авомзадаи мо чорае надорад аз ин ки он гоҳ, ки масъалае иҷтимоӣ мехоҳад унвон кунад, ба дунболи масоили сатҳӣ ва ғайри усулӣ биравад ва аз масоили усулӣ сарфи назар кунад ва ё тавре нисбат ба ин масоил изҳори назар кунад, ки бо камоли таассуф аломати таъаххур ва мансухияти ислом ба шумор равад ва василa ба дасти душманони ислом бидиҳад.

Афсӯс, ки ин офати азим дасту поҳоро бастааст, вагарна комилан равшан мешуд, ки ислом дар ҳар асру замоне воқеан тоза аст:

لا تفني غرائبه ولا تنقضي عجائبه

(*“Наҳҷул-балоға”, хутба 150) (“Ғароиби он тамом намешавад ва шигифтиҳои он аз байн намеравад.*”), маълум мешуд, ки ҳатто амиқтарин системаҳои иҷтимоии қарни мо қодир нест бо он чи ислом оварда рақобат кунад.

Руҳонияти авомзадаи мо чорае надорад аз ин ки ҳамвора сукутро бар мантиқ, сукутро бар таҳаррук, нафйро бар исбот тарҷеҳ диҳад, зеро мувофиқи табиати авом аст.

Ҳукумати авом маншаъи ривоҷи фаровони риё ва муҷомала ва тазоҳур ва кетмони ҳақоиқ ва ороиши қиёфа ва пардохтан ба ҳайкал ва шуюъи ановину алқоби боло-баланд дар ҷомеаи руҳонияти мо шуда, ки дар дунё беназир аст. Ҳукумати авом аст, ки озодмардон ва ислоҳталабони руҳонияти моро дилхун карда ва мекунад.

Дар солҳои иқоматам дар ҳавзаи илмияи Қум, ки ифтихори ширкат дар маҳзари дарси пурфайзи марҳум Оятуллоҳ оқои Буруҷердӣ (Аълаллоҳу мақомаҳ!)-ро доштам, як рӯз, дар зимни дарси фиқҳ, ҳадисе ба миён омад ба ин мазмун, ки аз ҳазрати Содиқ алайҳис-салом суоле кардаанд ва эшон ҷавобе додаанд. Шахсе ба он ҳазрат мегӯяд, қаблан ҳамин масъала аз падари шумо Имом Боқир (а) суол шуда, эшон таври дигар ҷавоб додаанд, кадом як дуруст аст? Ҳазрати Содиқ (а) дар ҷавоб фармуд, он чи падарам гуфта дуруст аст. Баъд изофа карданд:

إن الشيعة أتوا أبي مسترشدين فأفتاهم بمر الحق، وأتوني شكاكا فأفتيتهم بالتقية

Яъне шиъаён он вақт, ки суроғи падарам меомаданд, бо хулуси ният меомаданд ва қасдашон ин буд, ки бибинанд ҳақиқат чист ва бираванд амал кунанд, ӯ ҳам айни ҳақиқатро ба онҳо мегуфт. Вале инҳо, ки меоянд аз ман суол мекунанд, қасдашон ҳидоят ёфтан ва амал нест, мехоҳанд бибинанд аз ман чӣ мешунаванд ва басо ҳаст, ки ҳар чи аз ман мешунаванд, ба ин тарафу он тараф бозгӯ мекунанд ва фитна бапо мекунанд. Ман ночорам, ки бо тақия ба онҳо ҷавоб бидиҳам.

Чун ин ҳадис мутазаммини тақия аз худи шиъа буд, на аз мухолифини шиъа, фурсате ба дасти он марҳум дод, ки дарди дили худашонро бигӯянд. Гуфтанд: ”*Таъаҷҷуб надорад, тақия аз худамонӣ, муҳимтар ва болотар аст. Ман худам дар аввали марҷаъити омма гумон мекардам аз ман истинбот аст ва аз мардум амал, ҳар чи ман фатво бидиҳам, мардум амал мекунанд, вале дар ҷараёни баъзе фатвоҳо (ки бар хилофи завқу салиқаи авом буд), дидам матлаб ин тавр нест*.”

Албатта навъи тақияе, ки дар матни ҳадис аст, бо навъи тақияе, ки эшон фармуданд, яке нест, ду навъ аст. Он навъ тақия, ки дар ҳадис аст, ба муҳити руҳонии мо ихтисос надорад, дар ҳама ҷойи дунё маъмул аст ва чорае аз он нест, вале навъи тақияе, ки дар муҳити руҳонии мо маъмул аст, аз ихтисосоти тарзи ташкилоти мост, ки ахиран пайдо шуда. Эшон ҳам ба як муносибати кӯчаке хостанд дарди дили худро изҳор кунанд.

Марҳум Оятуллоҳ Ҳоҷӣ шайх Абдулкарими Ҳоирии Яздӣ (Аълаллоҳу мақомаҳ!), муассиси ҳавзаи илмияи Қум, ба фикр афтоданд як идда аз туллобро ба забони хориҷӣ ва баъзе улуми муқаддамотӣ муҷаҳҳаз кунанд, то битавонанд исломро дар муҳитҳои таҳсилкардаи ҷадид балки дар кишварҳои хориҷ таблиғ намоянд. Вақте, ки ин хабар мунташир шуд, гурӯҳе аз авом ва шибҳиавоми Теҳрон рафтанд ба Қум ва ултиматум доданд, ки ин пуле, ки мардум ба унвони саҳми имом медиҳанд, барои ин нест, ки туллоб забони куффорро ёд бигиранд, агар ин вазъ идома пайдо кунад, мо чунину чунон хоҳем кард! Он марҳум ҳам дид, ки идомаи ин кор мӯҷиби инҳилоли ҳавзаи илмия ва хароб шудани асоси кор аст, муваққатан аз манзури олии худ сарфи назар кард.

Дар чанд сол пеш дар замони заъомат ва риёсати марҳум Оятуллоҳ оқо Сайид Абулҳасани Исфаҳонӣ (Аълаллоҳу мақомаҳ!) иддаи мӯътано биҳи аз уламо ва фузалои боризи Наҷаф, ки дар замони ҳозир баъзе аз онҳо марҷаъи тақлиданд, ҷаласа карданд ва пас аз табодули назар иттифоқ карданд, ки дар барномаи дуруси туллоб таҷдиди назаре намоянд ва эҳтиёҷоти рӯзи мусалмононро дар назар бигиранд, махсусан масоилеро, ки ҷузъи усули ақоиди мусалмонон аст, ҷузъи барномаи дарсии туллоб қарор диҳанд ва

хулоса, ҳавзаи Наҷафро аз инҳисори фақоҳат ва рисолаи амалиянависӣ хориҷ кунанд. Ҷараён ба иттилоъи муаззамун лаҳ расид. Муаззамун лаҳ, ки қаблан дарси худро аз ҷараёне, ки барои марҳум Оятуллоҳ Ҳоирӣ пеш омада буд ва аз назоири он ёд гирифта буданд, пайғом доданд, ки то ман зинда ҳастам, касе ҳақ надорад даст ба таркиби ин ҳавза бизанад, изофа карданд саҳми имом, ки ба туллоб дода мешавад, фақат барои фиқҳу усул аст, на чизи дигар. Бадеҳӣ аст, ки амали эшон дарси омӯзандае буд барои он оқоён, ки зуъамои феълии ҳавзаи Наҷаф ҳастанд.

Бо ин тавзеҳ маълум шуд, ки чаро шахсиятҳои барҷастаи мо ҳаминки рӯйи кор меоянд, аз анҷоми манвиёти худ оҷизанд. Ва бо ин ки хуни дил мехӯранд ва андешаи ислоҳро ҳамвора дар дил мепарваронанд, дар амал қудрати иҷро надоранд.

Чаро ҳавзаҳои илмияи мо аз сурати донишгоҳи динӣ ба сурати “донишкадаи фиқҳ “даромада? Чаро уламо ва фузалои мо ҳаминки маъруфу машҳур шуданд, агар маълумоти дигаре ғайр аз фиқҳу усул доранд, рӯйи онҳоро мепӯшонанд ва мункири онҳо мешаванд? Чаро бекора ва алафи ҳарза дар муҳити муқаддаси руҳонии мо зиёд аст ба тавре, ки як заъими руҳонӣ маҷбур аст барои об додани як гул, хорҳо ва алафи ҳарзаҳои зиёдеро об бидиҳад? Чаро дар муҳити йруҳонии мо сукут ва сукун ва тамовут бар мантиқ ва таҳаррук ва зиндасифатӣ тарҷеҳ дорад? Чаро ҳуррияти фикру ақида дар миёни мо камтар вуҷуд дорад? Чаро барномаи таълимоти туллоб ва муҳассилини улуми динӣ мутобиқи эҳтиёҷоти рӯз танзим намешавад? Чаро руҳониҳои мо ба ҷойи он ки пешрав ва пештоз ва ҳодии қофилаи иҷтимоъ бошанд, аз дунболи қофила ҳаракат мекунанд? Чаро? Чаро? Чаро?

## Роҳи ислоҳ

Роҳи ислоҳ ин нест, ки руҳонияти мо будҷаи умумӣ надошта бошад ва ҳар кас аз дастранҷи шахсии худ зиндагӣ кунад.

Роҳи ислоҳ ин нест, ки руҳонияти мо монанди руҳонияти Миср тобеъи давлат бишавад.

Роҳи ислоҳ як чиз аст: созмон додан ба будҷаи феълии руҳоният.

Дар ҳоли ҳозир ҷараёни саҳми имом шабеҳи ин аст, ки филмасал давлат молиёте барои таъмини зиндагии фарҳангиён вазъ кунад ва худи онҳоро маъмур кунад, ки бо ҷалби назари мардум ин будҷаро таъмин кунанд ва ҳар кас ба ҳар андоза метавонад, аз мардум бигирад, лекин виҷдонан муваззаф аст, ки зоид бар эҳтиёҷоти шахсии худро ба дигарон бидиҳад.

Бадеҳӣ аст, ки дар ин сурат, вазъи фарҳанг ва таълиму тарбият ба чӣ шакле дармеояд. Он муаллимон баччаҳоро он тавр таълиму тарбият мекунанд, ки писанди хотири авлиёи атфол, ки навъан авом ҳастанд бошад.
Ин тарзи амал сабаб мешавад, ки авомфиребони онҳо ҷилав биафтанд ва соҳибназарон ва ислоҳталабони фарҳангӣ ҳазф шаванд, бозори риёкорӣ ва муҷомала ва кетмони ҳақоиқ ва зоҳирсозӣ ва билохира ҳамаи айбҳое, ки ба ҷалби авом бастагӣ дорад, дар миёни онҳо роиҷ гардад.
Ин тарзи амал сабаб мешавад, ки муаллим ба авлиёи атфол ба чашми як ”мустағилл“ бингарад ва ҳамаи тадобире, ки як соҳиби милк ё соҳиби корхонае дар баҳрабардорӣ барои суди бештар ба кор мебарад, ӯ дар мавриди авлиёи атфол ба кор бибарад. Ҳам мафосиди ҷалби авом пайдо хоҳад шуд аз қабили риё ва зоҳирсозӣ ва кетмони ҳақоиқ ва гадомаслакӣ ва ҳам мафосиди тақсим нашудани одилонаи сарват аз қабили кинаҳо ва душманиҳо ва укдаҳо ва бадбиниҳо.
Будҷаи руҳонияти мо айнан чунин ҳолатеро дорад. Роҳи ислоҳаш мунҳасиран созмон додан ба ин будҷа аст аз роҳи эҷоди сандуқи муштарак ва дафтар ва ҳисоб дар марокизи руҳоният ба тавре, ки аҳаде аз руҳониҳо мустақиман аз дасти мардум иртизоқ накунад. Ҳар кас ба таносуби хидмате, ки анҷом медиҳад, аз он сандуқ, ки дар ихтиёри мароҷеъ ва руҳониҳои тирози аввали ҳавзаҳои илмия хоҳад буд, маъош худро дарёфт кунад.
Агар ин кор бишавад, мардум ба ҳукми ақида ва имоне, ки доранд, вуҷуҳи моли худро мепардозанд ва зимнан тасаллути авом соқит ва гиребони руҳониҳо аз чанголи авомуннос халос мегардад.
Ҳамаи он мафосид ношӣ аз ин аст, ки руҳониҳо мустақиман аз дасти мардум иртизоқ мекунанд; аз ин аст, ки ҳар касе шахсан бояд бо вуҷуҳотдиҳандагон иртибот пайдо кунад ва назари ӯро ҷалб намояд. Ҳар марҷаъи тақлиде мудирияташ баста ба саҳми имом аст, ки бигирад ва ба туллоби ҳавзаҳои илмия бидиҳад, бояд шахсан ҷалби эътимод кунад ва ин будҷаро таъмин ва таҳсил намояд. Дар вазъ ва шароити ҳозир, руҳониҳои шаҳристонҳо чорае надоранд аз ин ки руҳониятро ҳирфа ва масҷидро маҳалли касбу кори худ қарор диҳанд.
Агар ин вазъ ислоҳ шавад, ҳеч шахсе мустақиман бо мардум сару кор нахоҳад дошт, мароҷеъи олиқадри тақлид озод хоҳанд гашт, масоҷид аз сурати даккаи касб хориҷ ва ба ин вазъи таассуфовари масоҷид хотима дода хоҳад шуд. Дигар дар масоҷиди бузург ва ҷомеъе монанди Ҷомеъи Гавҳаршод даҳҳо нафар ҳар кадом дар гӯшае иқомаи ҷамоат нахоҳанд кард ва мавриди эътирози ҳар одами фаҳмидае нахоҳад шуд…

## Маъишат

Кори маъишатро наметавон содда гирифт, як рукн аз аркони асосии ҳаёт аст, агар мухтал бошад, дар соири шуъуни ҳаёт асар мегузорад. Аз ҷумлаи мухтассоти ислом ин аст, ки нақши муассири амри маъошро ба диққат мавриди таваҷҷӯҳ қарор додааст, то он ҷо, ки бархе пиндоштаанд, ислом назарияи зербино будани иқтисодро гардан ниҳодааст.

Мактаби воқеъбин ва воқеъгарои ислом иқтисодро зербино намедонад, аммо нақши асосии онро низ нодида намегирад. Ислом ислоҳи амри маъошро дар ҳамаи созмонҳои бузургу кучаки иҷтимоӣ шарти лозим мешуморад, на шарти кофӣ. Ин аст, ки мегӯем: кори маъишатро наметавон содда гирифт, як рукн аз аркони асосии ҳаёт аст. Агар мухтал бошад, дар соири шуъуни ҳаётӣ асар мегузорад.

Як нафар руҳонии мутадайинро фарз кунед, ки бо чанд сар оила, пас аз чанд сол таҳсил, дар яке аз шаҳристонҳо раҳли иқомат афканда ва масҷид ва меҳроберо ишғол кардааст. Ин фард аз он назар, ки мутадайин аст, дар ҳудуди имконоти худ фаъолиятҳое мекунад: масъала мегӯяд, мавъиза мекунад, ахлоқ ва тафсир ва таърихи ислом мегӯяд ва аз он назар, ки як башар аст ва харҷ дорад ва аз марокизи руҳоният зиндагияш таъмин намешавад ва дар ҳоли ҳозир роҳи зиндагияш мунҳасиран ин аст, ки аз дасти мардум мустақиман иртизоқ кунад, ночор аст, ки ба муридони худ ба чашми ”мустағилл“ нигоҳ кунад ва чун афроди дигаре назири худи ӯ мумкин аст дар ҳамон шаҳр бошанд ва онҳо ҳам аз ҳамин роҳ зиндагӣ мекунанд, табъан ба ҳукми номуси хилқат як навъ рақобат дар ”муриддорӣ“ ба вуҷуд меояд.

Рақобат, эҳтиёти бештареро дар риояти ҷониби салиқаи мардум эҷоб мекунад. Вақте, ки ин бечора бибинад мухолифат бо авом сабаб мешавад, ки аз ҳастӣ соқит гардад, мумкин аст пеши худ фикр кунад, ки наҳй аз мункар вақте воҷиб аст, ки мӯҷиби зарару зиёне нагардад, агар мӯҷиби зарару зиёне гардад, таклиф соқит аст.

Бастагии маъишати ин фард ба мардум, эҳсос ва андешаи таклифи шаръии ӯро ҳам иваз мекунад. Ман эътироф дорам, ки афроди истисноӣ ҳамвора буда ва ҳастанд, ки алорағми шароити сахти иқтисодӣ, ба вазоифи худ амал карда ва мекунанд, аз рақобат ва муриддорӣ муназзаҳанд, вале сухан дар вазъи афроди оддӣ ва маъмулӣ аст. Зарурате надорад, ки мо вазъе ба вуҷуд оварем, ки фақат “нухба”-ҳо қодир бар ҳусни анҷоми вазифа бошанд.

## Асари имон ва тақво

Мумкин аст хонандаи мӯҳтарам тасаввур кунад, ки мо асари шигифтангези имон ва тақворо дар ислоҳи корҳо фаромӯш кардаем ва масоилро танҳо аз даричаи умури маъошӣ таҷзия ва таҳлил кардаем, бинобар ин гуфтаҳои гузашта фақат дар мавриди созмонҳои иҷтимоии дунёӣ содиқ аст, на дар мавриди созмони руҳонӣ, ки аз афроди муназзаҳ ва муттақӣ ташкил шуда ва сару корашон бо маънавиёт аст. Дар созмонҳои руҳонӣ руҳи имон ва маънавият ҷойи назм ва ташкилот ва созмони мураттаб ва ҳар навъ муҳкамкориро мегирад.

Арз мекунам, чунин нест. Ман ба асари шигифтангези имон ва тақво мӯътарифам. Имон ва тақво бисёре аз мушкилотро ҳал мекунад ва ҷойи бисёре аз муҳкамкориҳоро мегирад. Агар чунин будҷае бо ҳамин озодӣ ва бидуни масъулият ва дафтару ҳисоб дар ихтиёри як созмони ғайрируҳонӣ бигузоранд, маълум мешавад чӣ хабар аст. Дар созмонҳои давлатӣ бо ҳамаи ташкилоти тавилу ариз ва масъулиятҳо ва муҷозотҳо ва маҳоким ва бо ин ҳама расидагиҳо ва бозрасиҳо, боз ҳар рӯз мебинем, ки парвандаҳои ихтилоси чанд сад миллионӣ дар додгустарӣ матраҳ аст.

Қудрати дин ва маънавият аст, ки бо ин ҳама беназмӣ ва беҳисобӣ, руҳонияти моро нигаҳдорӣ карда ва монеъи муталошӣ шуданаш шудааст. Дар муҳити муқаддаси руҳоният, зуъамое монанди марҳум Ҳоҷӣ шайх Муртазо Ансорӣ пайдо шудаанд, ки ба қавли худ ӯ, ба вуҷуҳот ба он чашм нигоҳ мекардаанд, ки ба оби чиркини ташти либосшӯӣ, ҳангоми мунтаҳои зарурат ва эҳтиёҷ, андаке аз он истифода мекардаанд. Дар миёни муҳассилини улуми динӣ ҳамвора афроде буда ва ҳастанд, ки бо зуҳду қаноат ва маноъати беназире зиндагӣ карда ва мекунанд, ҳатто устодон ва ҳамдарсон ва наздиктарин дӯстони худро аз фақри худ бехабар мегузоранд. Мисдоқ ин ояти карима ҳастанд:

يَحْسَبُهُمُ الْجَاهِلُ أَغْنِيَاءَ مِنَ التَّعَفُّفِ

(*Сураи Бақара, ояти 273*) (“*Аз бас иффат меварзанд, шахсе, ки аз вазъи онон иттилоъ надорад, чунин пиндорад, ки онҳо ағниё ҳастанд*.”)

## Арзиши назму низому созмон

Мо мӯътарифем, ки ҳеч чизе ҷойи тақво ва имонро намегирад ва имону тақво бисёре аз камбудҳоро ҷуброн мекунад, вале аз тарафи дигар бино нест, ки имон ва тақворо ҷонишини ҳама чиз бидонем. Аз ҳар чизе фақат асари худашро бояд интизор дошт. На

маънӣ ҷойи моддаро ба таври комил пур мекунад ва на модда ҷойи маъниро. Дар миёни маънавиёт ҳам ҳеч кадом ҷойи дигареро ба таври комил пур намекунад. Масалан, на илм метавонад ҷонишини имон бишавад ва на имон метавонад ҷонишини илм гардад.

Назм ва инзибот ва ташкилот ҳам яке аз усули муқаддаси зиндагии башарӣ аст. Агар мебинем, ки маънавият ва имон баъзе аз мафосиди беназмӣ ва беинзиботиро аз байн бурда бошад, таваҷҷӯҳ дошта бошем, ки беназмӣ ва беташкилотии маъишати руҳониҳо ва ба миқёси бештаре аркони имон ва маънавиятро мутазалзил карда ва муҳити фосид ба вуҷуд овардааст.

Мӯҷиби мунтаҳои таассуф аст, ки мардум ҷилави чашми худ бибинанд, ки авлоду аҳфоду ҳавошии бархе аз мароҷеъи тақлиди бузург он қадр аз ҳарҷу марҷ ва беназмиҳои будҷаи руҳоният ихтилос мекунанд, ки солҳои мутамодӣ дар камоли исроф харҷ мекунанд ва тамом намешавад.

Оё ҳеч фикр кардаед, ки ин ҷараёнҳо чӣ қадр ба олами руҳонит латма ворид оварда ва меоварад?! Як мушкили бузурги ҷомеаи руҳонияти мо, вуҷуди руҳонинамоёне аст, ки сохтаи дастгоҳҳое ҳастанд, он дастгоҳҳо ба инҳо қудрат медиҳанд, будҷаҳое дар ихтиёри инҳо мегузоранд, инҳо бо зарангӣ ва ё татмеъ ва ё васоили дигар иддаи дигарро бо худ мувофиқ мекунанд ва ҳамеша ба нафъи онҳо ва бар зарари мусалмонон дар фаъолиятанд. Ман намехоҳам дар ин мақола дар атрофи ин палидҳо ва мафосиде, ки бар вуҷудашон мутараттиб аст баҳсе карда бошам, ҳар касе каму беш аз он огоҳ аст. Дар ин ҷо ҳамин қадр мегӯям, ки оё қатъи ин решаи фасод ҷуз бо созмон додани саҳеҳ ба ташкилоти руҳонии мо муяссар аст?

## Ваъз ва таблиғ

Ваъз ва таблиғ ва хитоба ва минбар яке аз риштаҳои вобаста ба руҳонияти мост. Агар бино шавад дар бораи ин қисмат аз лиҳози вазифае, ки ба ӯҳда дорад ва хадамоте, ки анҷом дода ва медиҳад ва нақоисе, ки дошта ва дорад баҳс шавад, мақолаи мустақилле хоҳад шуд. Дар ин ҷо ба муносибати матолиби гузашта ҳамин қадр мегӯям, ки дастгоҳи ваъз ва таблиғи мо ба навъе дигар гирифтори авомзадагӣ аст. Ин дигар ба вуҷуҳот ва саҳми имом марбут нест, марбут ба ин аст, ки ин кор расман ба сурати як шуғл ва кору касб даромада ва унвони уҷрат ва музд бигирад пайдо кардааст. Яъне ҳамон мавзӯе, ки ҳамаи анбиё ба нақли Қуръони Карим дар мавориди мутаъаддида аз он имтиноъ мекарданд дар миёни мо ҷорӣ ва маъмул аст.

Бадеҳӣ аст ба ҳукми қонуни мусалламӣ арза ва тақозои ҳар чизе, ки ҷузъи масоили иқтисодӣ қарор гирифт ва аз қабили арза доштани коло барои фурӯш шуд, тобеъи майл ва хостаи масрафкунанда аст, на тобеъи маслиҳати вай.

Агар колое, ки ҳамаи табақоти дигар барои фурӯш ворид мекунанд, фақат ба хотири маслиҳат ворид мешаванд, метавон фарз кард, ки ваъз ва таблиғҳои ҳирфаии мо низ дар ҷиҳати масолеҳи ислом ва мусалмонон сурат мегирад.[2]

Ман мункири вуҷуди хатибони солеҳ ва маслиҳатандеш ва хадамоти гаронбаҳое, ки анҷом дода ва медиҳанд нестам ва ҳам тарафдори ин назар нестам, ки якбора вазъи мавҷуд иваз гардад ва тартиби дигаре дода шавад, балки тарафдори ин назар ҳастам, ки худи созмони руҳоният гурӯҳе хатиб ва воъиз бо барномаи саҳеҳ тарбият кунад ва зиндагии онҳоро идора кунад ва онҳо музду аҷре аз рисолати худ нахоҳанд. Ин идда хоҳанд тавонист озод биандешанд, вобастагӣ надошта бошанд. Вуҷуди ин идда кофӣ аст, ки дигарон ҳам аз онҳо пайравӣ кунанд. Дастгоҳи ваъзу таблиғи мо низ монанди худи созмони руҳоният ҳуррият надорад, дар набард бо ҷаҳолат авоми заъиф ва нотавон аст.

## Ҳушдор ва инзор

Агар ба хости Худо мушкили молии созмони руҳонияти мо ҳал гардад, соири навоқис ба дунболи он ҳал хоҳад шуд. Агар мо накунем, рӯзгор хоҳад кард. Чизе, ки бисёр мояи умедворӣ аст, вуҷуди шахсиятҳои лоиқ ва бузургвор ва мухлис ва ислоҳталаб дар миёни ҳамаи табақоти руҳониҳои мо аз тирози аввал ва мароҷеъи тақлид ва хатибони дараҷаи аввал гирифта то туллоб ва муҳассилин ва вуъози ҷавон аст.

Он чи дар ин мақола гуфта шуд, ба маънии ин нест, ки Худой нахоста дар афроди руҳонии мо нисбат ба соири табақот нақисае ҳаст, балки худи ин мақола далел ин аст,

---

[2] *Марҳум Ҳоҷӣ Нурӣ (Алайҳир-раҳма!) дар китоби "Луълуъ ва марҷон "дар ин мавзӯъ баҳс кардаанд. Мавлавӣ дар ҷилди дуввуми Маснавӣ мегӯяд:*

*Гар тамаъ дар ойина барҷостӣ,*

*Дар нифоқ он ойина чун мостӣ.*

*Гар тарозуро тамаъ будӣ ба мол,*

*Рост кай гуфтӣ тарозу васфи ҳол?*

*Ҳар набие гуфт бо қавм аз сафо:*

*Ман нахоҳам музди пайғом аз шумо.*

ки нависанда ҳар интизори ислоҳе дорад, аз ин силсилаи ҷалила аст. Манзури нависанда ин аст, ки бо созмони саҳеҳ додан ба руҳоният, дасти шахсиятҳои лоиқ ва барҷастаи мо бозтар бишавад ва роҳи амалӣ шудани ҳадафҳои муқаддаси онҳо фароҳам гардад.

Ба назари нависанда, модоме, ки ислоҳи асосӣ сурат нагирифта, вазифаи афроди ислоҳталаб ин аст, ки зиндагии худро аз тариқи як шуғл ва ҳирфа, ки зимнан камтар вақти онҳоро бигирад таъмин ва аз дастранҷи худ зиндагӣ кунанд, то битавонанд озод фикр кунанд ва озод бигӯянд ва дар як сангари озод аз ислом ҳимоят кунанд ва муқаддамоти як ислоҳи асосиро фароҳам намоянд.

Руҳониҳои бузурги мо бояд ба ин нукта таваҷҷӯҳ кунанд, ки бақо ва давоми руҳоният ва мавҷудияти ислом ба ин аст, ки зуъамои дин ибтикори ислоҳоти амиқе, ки имрӯз зарурӣ ташхис дода мешавад, дар даст бигиранд. Имрӯз онҳо дар муқобили миллате нимабедор қарор гирифтаанд, ки рӯз ба рӯз бедортар мешавад. Интизороте, ки насли имрӯз аз руҳоният ва ислом дорад, ғайр аз интизороте аст, ки наслҳои гузашта доштаанд. Бигузарем аз интизороти хом ва нобихрадонае, ки баъзе доранд, аксарияти он интизорот машрӯъ ва баҷост. Агар руҳонияти мо ҳар чи зудтар наҷунбад ва гиребони худро аз чанголи авом халос ва қувваҳои худро ҷамъу ҷур накунад ва равшанбинона гом барнадорад, хатари бузурге аз ноҳияи ислоҳталабони беалоқа ба диёнат мутаваҷҷеҳаш хоҳад шуд.

Имрӯз ин миллат ташнаи ислоҳоти нобасомониҳост ва фардо ташнатар хоҳад шуд; миллате аст, ки нисбат ба соири милал эҳсоси ақибафтодагӣ мекунад ва аҷала дорад ба онҳо бирасад. Аз тарафе муддаъиёни ислоҳталабӣ, ки бисёре аз онҳо алоқае ба диёнат надоранд зиёданд ва дар камини эҳсосоти нав ва баланди насли имрӯзанд.

Агар ислом ва руҳоният ба ҳоҷатҳо ва хостаҳо ва эҳсосоти баланд ин миллат посухи мусбат надиҳанд, ба сӯйи он қиблаҳои навзуҳур мутаваҷҷеҳ хоҳанд шуд. Фикр кунед, оё агар сангари ислоҳотро ин афрод ишғол кунанд, мавҷудияти ислом ва руҳоният ба хатар нахоҳад афтод? Аммо ин ки агар бино шавад ба ҳавлу қувваи илоҳӣ сару сомоне ба руҳонияти мо дода шавад, рӯйи чӣ асос ва бо чӣ барномае бояд сурат бигирад, бояд муфаккирини қавм биншинанд ва тартиби корро аз ҷанбаи барномаҳои таҳсилӣ ва аз ҷанбаи равиш ва тарзи идора ва қисматҳои дигар бидиҳанд. Инҷониб ёддоштҳое дар ин замина таҳия кардаам ва барои он ки ин мақола беш аз ин тӯлонӣ нашавад, аз дарҷи онҳо сарфи назар мекунам.

## Умед ва интизор

Ман худам медонам гурӯҳе ин афкор ва ин орзуҳоро беҳуда ва ғайриамалӣ медонанд. Ба ақидаи онҳо, сару сомон додан ба созмони руҳоният дар ин асру замон чизе шабеҳи зинда кардани мурда ва лоақал наҷот додани як бемори маҳкум ба марг аст. Аммо ман дуруст дар нуқтаи муқобил фикр мекунам, руҳониятро аз лиҳози ҳастаи аслӣ зиндатарин дастгоҳҳо медонам, ақида дорам фақат ғулу занҷирҳои ба дасту пойи ин мавҷуди зинда ва фаъол басташуда ва бояд ӯро аз қайдҳо ва занҷирҳо озод кард.

Ҳамвора гуфта ва мегӯям, ки руҳонияти мо дарахти асил ва боарзиш ва зиндаи офатзада аст, ки худашро бояд ҳифз кард ва бо офоташ мубориза намуд. Назарияи афроде, ки онро дарахти хушк ва пӯсидае медонанд, ки бояд решакан шавад, сад дар сад мардуд ва зиёнбор медонам. Тези "ислом минҳои руҳоният"-ро ҳамвора як тези истеъморӣ дониста ва медонам. Мӯътақидам ҳеч чиз наметавонад ҷонишини руҳонияти мо бишавад. Ҳомилони фарҳанги асил ва амиқ ва зиқимати исломӣ танҳо дар миёни ин гурӯҳ ёфт мешаванд. Он тақвоҳо, имонҳо, маънавиятҳо, ихлосҳо ва он ҷӯшишҳо ва ҷунбишҳо ва фидокориҳо, ки рамзи аслии бақои миллати мост, танҳо дар ин сарзамини муқаддас сар мезанад. Ақида ва умед ба ислоҳи руҳониятро аз мутолеоте, ки дар бораи ислом ва маорифи ғании он дорам ва аз иттилооте, ки дар бораи шахсиятҳои лоиқи ин дастгоҳ дорам илҳом гирифтаам. Бинобар ин на танҳо ислоҳ ин дастгоҳро воҷиб ва лозим мешуморам ва амалан онро мустабъад намедонам, балки комилан наздик ва қарибулвуқӯъ медонам.

* * *

*Поёни китоб*